210221

Абдулқодири

# БЕДИЛ

*Абдулқодири*

# БЕДИЛ

**ОСОР**

**дар хашт ҷилд**



**ДУШАНБЕ**
**«АДИБ»**
**2004**

*Абдулқодири*

# БЕДИЛ

**ОСОР**

**чилди чаҳорум**

## ҒАЗАЛИЁТ



ДУШАНБЕ
«АДИБ»
2004

ББК 84(0)9

**Ин китоб бо дастгирии
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
мӯҳтарам Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов
ба табъ расидааст.**

Ҳозиркунандаи чоп **Саҳобиддин Сиддиқов**

Муҳаррири масъул **Бобобек Раҳимӣ**

Муҳаррир **Юсуфҷон Аҳмадзода**

Абдулқодири Бедил. Осор иборат аз ҳашт ҷилд.
Ҷилди чаҳорум. Ғазалиёт.
Душанбе «Адиб» 2004. 438 саҳ.

Ҷилди чаҳоруми осори ҳаштҷилдаи Абдулқодири Бедил (1644-1720) аз ғазалҳои шӯрангезу дилнишин иборатанд. Дар Тоҷикистон ин осори нодири шоири форсизабони Ҳиндустон бори аввал чоп мешавад. Хонандаи тоҷик ба ин васила ба назокати сухан, ҳикмат ва ҷаҳонбинии осори суханвари бузурги Шарқ ба пуррагӣ шинос мешавад.

4702540102-32
Б ——————— 2004
М 503

ББК 84(0)9

...ХОНАИ ДАВЛАТИИ
...ТОЧИКИСТОН
210221

© Нашриёти «Адиб», 2004

Анҷум чу тукма рехт зи банди никоби субҳ.
Чандин хумори ранг шикаст аз шароби субҳ.
Аз захми мову ламъаи теги ту диданист
Хамёзакории лаби махмуру оби субҳ.
Ғайр аз хаёли теги ту гардан ба ҷайб дӯхт.
Бемағзро чу кӯҳ гарон аст хоби субҳ.
Аз чоки дил раҳ ба хаёли ту бурдаем.
Ҷуз офтоб чеҳра надорад никоби субҳ.
Аз чашми навхатон ба ҳаё медамад нигоҳ.
Гармӣ наҷӯшад он қадар аз офтоби субҳ.
Ҷамъияти ҳавос ба пирӣ тамаъ мадор.
Шерозаи нафас чӣ кунад бо китоби субҳ?
Рафтему ҳеҷ чо нарасидем, вой умр.
Гум шуд ба шабнами арақ охир шитоби субҳ.
Чун соям сиёҳии дил доғ кардааст.
Шабҳо гузашту ман накушудам никоби субҳ.
Ҳастист бори хотири аз хеш рафтанам.
Сад кӯҳ бастаам зи нафас бар рикоби субҳ.
Бедориам ба хоби дигар ноз мекунад.
Пошидаанд бар рухи шамъам гулоби субҳ.
Дар арзи ҳастиям араки шарм хун гирист.
Шабнам тарӣ кашид зи мавҷи сароби субҳ.
Бедил, зи сайри гулшани имкон гузаштаем.
Як ханда беш нест гули интихоби субҳ.

Халқе аз паҳлуи қудрат тоқу айвон кард тарҳ.
Мо, заифон, тарҳ кардем, он чӣ натвон кард тарҳ.
Сар ба зонуи дил аз бедастгоҳӣ хуфтаем.
Ҷомаи урёнии мо ин гиребон кард тарҳ.
Бетааллуқ оламе домони дашти оз дошт.
Орзуи хонумонпардоз зиндон кард тарҳ.
То куҷо аз табъи саркаш бояд эмин зистан?
Чун камон ин ҷангҷӯ дар хона майдон кард тарҳ.
Кам нагардад чун нафас бе инқитои зиндагӣ
Судани дасте, ки табъи нопушаймон кард тарҳ.
Сахт дилкӯб аст мазмунёбии тадбири ризқ.
Гандуми бисёр барҳам хӯрд, то нон кард тарҳ.
Осмон бо шӯри дилҳо нисбати куҳсор дошт.
Шишае ҳар ҷо ба санг омад, найистон кард тарҳ.
Бе тасаннуъ хомаи наққоши офоти замон
Хост тӯфон нақш бандад, рафту нисон кард тарҳ.
Кулбаи мо созу барги чашм пӯшидан надошт.
Бӯрё хобонд паҳлуе, ки мижгон кард тарҳ.
Ҳеҷ кас дар чордеворӣ ҷасад осуда нест.
Ё раб, ин манзил кадомин хонавайрон кард тарҳ?
Дилнишини мо нашуд, Бедил, аз ин тоқу саро
Ҷуз ҳамин нақши кафи дасте, ки дандон кард тарҳ.

Ҷон хечу часад хечу нафас хечу бако хеч.
Эй ҳастии ту нанги адам, то ба кучо хеч?
Дидӣ адами ҳастиву чидӣ аламн дахр.
Бо ин хама ибрат, надамид аз ту хаё хеч.
Мустакбали авқом чӣ миқдор чунун дошт.
Рафтему накардем нигохе ба кафо хеч.
Оинаи имкон ҳавасободи хаёл аст.
Тимсол чунун ар накунад, зангу сафо ҳеч.
Зинхор хазар кун зи фусункории иқбол.
Ҷуз бастани дастат накушояд зи ҳино хеч.
Манзил Адаму чода нафас, мо хама рахрав.
Ранчи абасе мекашад ин қофила бо хеч.
То чанд кунад чораи урёнии моро?
Гардун, ки надорад ба чуз ин кӯхнаридо хеч.
Бедил, агар ин аст сару барги камолат,
Таҳқиқи маонӣ галату фикри расо хеч.

Умрест, ки дар ҳасрати он лаъли гуҳармавҷ
Дил мезанадам бар мижа аз лахти ҷигар мавҷ.
Гар шӯхии зулфат фиканад соя ба дарё.
Аз оби равон даста кунад сунбули тар мавҷ.
Дар ҳасрати он турраи шабгун аҷабе нест.
К-аз ҷони дили шона занад файзи саҳар мавҷ.
Он ҷо, ки кунад ҷилвагат эҷоди таҳайюр.
Дар ҷавҳари оина занад саъйи назар мавҷ.
Мушкил, ки барад раҳ ба дилат нолаи ушшоқ.
Дар табъи гуҳар реша давонад чӣ қадар мавҷ?
Бематлабӣ оинаи ороми нафасхост.
Дорад зи сафо ҷоми эҳроми гуҳар мавҷ.
Мутриб нафасат замзамаи лаъли кӣ дорад?
Дар нолаи най мезанад имрӯз шакар мавҷ.
Ваҳшат мадеҳ аз даст ба афсонаи роҳат.
З-ин баҳр касе сарфа набурдаст, магар мавҷ.
Офатҳаваси ғайриву ғофил, ки дар ин баҳр
Бар завраки осоиши хеш аст хатар мавҷ.
Аз хилвати дил шӯхии аҳвом бурун нест.
Дар баҳр шикастаст пару боли сафар мавҷ.
Фарёд, ки ҷуз ҳасрат аз ин варта набурдем.
То чанд занад домани дарё ба камар мавҷ.
Бедил, карам аз тинати мумсик натавон хост.
Чун баҳр ба соҳил натаровад зи гуҳар мавҷ.

Азбаски хӯрдаам ба хами зулфи ёр печ,
Тӯмори нолаам ҳама ҷо рафта морпеч.
Золи фалак тилисми амалҳеш ҳастиям
Бастаст чун калова ба чандин ҳазор печ.
Эй ғофил аз хиҷолати сайёдии ҳавас,
Рав, анкабутвор ҳаворо ба тор печ.
Пеш аз ту завқи ҷонкание дошт Кӯҳкан,
Чанде ту ҳам чу нола дар ин кӯҳсор печ.
Уммед дар қаламрави беҳосилӣ расост,
Аз ҳарҷӣ ҳаст, бигсилу дар интизор печ.
Ранҷи ҷаҳон ба ҳиммати мардони роҳат аст,
Гар бор мекашӣ, камарат устувор печ.
Бар як ҷаҳон амал дами пирӣ чӣ метанӣ?
Дастори субҳ беҳ, ки бувад ихтисорпеч?
Афсурда гир шуълаи мавҳуми нафас,
Дуди диле, ки нест, ба шамъи мазор печ.
Мавҷе, ки сарфи кори гуҳар гашт, гавҳар аст,
Сар то ба пои худ ба саропои ёр печ.
Сад хоби ноз ташнаи забти ҳавоси туст,
Бар хеш ғунча гарду лиҳофи баҳор печ.
Бедил, мабош мунфаили ҷаҳди норасо,
Ин як нафас инон зи раҳи ихтиёр печ.

Умрест сиришке назад аз дидаи тар мавч.
Ин бахр нихон кард дар оғӯши гухар мавч.
Тахрики нафас офати дилхои хамӯш аст.
Бар киштии мо арра бувад чунбиши хар мавч.
Доно самари ходисаро сахл нагирад.
Дар дидаи дарёст хамон тори назар мавч.
Сармояи лофи ману мо гарди шикастест.
Ҷуз ачз надорад пари парвози дигар мавч.
Пайдост, ки дар васл хам осудагие нест.
Бехуда ба дарё назанад даст ба сар мавч.
Барбоди фано гир, чи офок, чи ашё.
Як чӯши гудоз аст, агар бахру агар мавч.
Огохи кидам майли худусаш чи хаёл аст?
Гар махрами дарё шуда бошй, мангар мавч.
Моро тапиши дил нарасонид ба чое.
Пайдост, ки як катра занад то чй кадар мавч.
То бар сари хокистари хастй нанишастем,
Чун шамъ наем эмин аз ин ашки шарармавч.
Мушкил, ки нафас бо дили маъюс наларзад.
Дорад зи хубоб оина дар пеши назар мавч.
Бедил, дами изхори хаёпеша хамӯшист.
Аз хушклабй чора надорад ба гухар мавч.

Мабод чашмаи шавқи маро фусурдани мавч.
Чу ашк арзи гуҳар дидаам ба домани мавч.
Ҷахон зи ваҳшати ман ранги амн мебозад.
Муҳит бисмили яъс аст аз тапидани мавч.
Адаб зи тинати саркаш маҷӯ ба осонӣ.
Хамидааст ба чандин шикаст гардани мавч.
Кушоди кори гуҳар сахт мушкил аст ин ҷо.
Бурида медамад аз чанги баҳр нохани мавч.
Зи хеш рафтаӣ, андешаи каноре хаст.
Бағал кушода зи дарё бурун давидани мавч.
Фасодҳо ба таҳаммул салоҳ мегардад.
Сипар зи тег кашидаст оромидани мавч.
Забон ба ком кашидан фусуни иззат дошт.
Дамид қатраи мо гавҳар аз шикастани мавч.
Чу аҷз даст ба саррриштаи нафас задаем.
Шунидаем, шиканпарвар аст домани мавч.
Нафас масӯз ба забти инони ваҳшати умр.
Ниёзи барқи зи худ рафтанест хирмани мавч.
Димоғи сайри муҳити ман об шуд, ё раб.
Хати шикаста дамад аз баёзи гардани мавч.
Хамӯш, Бедил, агар роҳат орзу дорӣ.
Ки хаст камнафасӣ монеи тапидани мавч.

То зи пайдоӣ ба гӯшам хонд афсун эхтиёч.
Рӯзи аввал чун дилам хобонд дар хун эхтиёч.
Ҳусну ишке нест чуз икболу идбори зухур.
Лайлии ин базми истигност Мачнун эхтиёч.
Нагмаи конуни ин махфил салои чуди кист?
Оламеро аз адам оварда берун эхтиёч.
То нашуд хокистар, аз оташ сиёхӣ гум нашуд.
Тирабахтихо маро хам кард собун эхтиёч.
Сайди найранги таваххумро чӣ хастӣ, ку адам?
Пеш аз ин хунам гано мехӯрд, акнун эхтиёч.
Дархури чох аст ибромн фузулихои табъ.
Симу зар чун беш шуд, мегардад афзун эхтиёч.
Бо лаимон гар чунин хирси гадотабъат хуш аст.
Бовдат зери замин бурдан ба Қорун эхтиёч.
Гар лаб аз изхор бандӣ, ашк мижгон медарад.
То кучо бовд нухуфт ин ноламавзун эхтиёч.
Субхи ин вайрона бо он беталлук зистан.
Мебарад аз як нафас хастӣ ба гардун эхтиёч.
Арзи матлаб кармии гуфтор иншо мекунад.
Ҳарфи номавзуни моро кард мавзун эхтиёч.
Ҳамчу ахли кабр, Бедил, бенафас бошӣ, хуш аст.
То набандад риштаат бар сози гардун эхтиёч.

Ба ибрат об шав, эй ғофил аз хамидани мавҷ.
Ки худсарӣ чӣ қадар гашта бори гардани мавҷ.
Дар ин муҳит кӣ дорад иқоматороӣ?
Кашидааст ҳуҷуми шикаст домани мавҷ.
Инон зи ҷанги ҳавас воситон, ки бар рухи баҳр
Ҳавост боиси шамшер баркашидани мавҷ.
Ба аҷз созу тараб кун, ки дар муҳити ниёз
Шикастагист либоси ҳарир бар тани мавҷ.
Ғубори шиква зи равшандилон намеболад.
Дар оби чашмаи оина нест шевани мавҷ.
Накард улфати мижгон илоҷи ваҳшати ашк,
Ба мушти хас кӣ тавонад гирифт домани мавҷ?
Суроғи умр зи гарди рами нафас кардем.
Муҳит буд таҳайюрнишони рафтани мавҷ.
Маро ба фикри лабат кард ғунчаи гирдоб
Нафас-нафас ба лаби баҳр бӯса додани мавҷ.
Зи беқарории мо фориғ аст хотири ёр.
Дили гуҳар чӣ хабар дорад аз тапидани мавҷ?
Ба баҳри ишқ киро тоби гарданафрозист?
Ҳамин шикастагие ҳаст пеш бурдани мавҷ.
Зи бедилон машав эмин, ки тири оҳи ҳубоб
Ба як нафас гузарад аз ҳазор ҷавшани мавҷ.
Тавон ба забти нафас маънии дил иншо кард.
Ҳубоб шиша нуҳуфтаст дар шикастани мавҷ.
Чу гавҳар аз дами таслим кун сипар, Бедил.
Дар ин муҳит, ки тег аст сар кашидани мавҷ.

Раҳи мақсаде, ки гум асту бас ба хаёл месипарӣ абас.
Ту ба ҳеч шӯъба намерасӣ, чи нишаста мегузарӣ абас?
Зи фасонасозии ину он кӣ расад ба маънии бенишон?
Нашикаста болу пари чунон ба ҳавои ӯ напарӣ абас.
Чамани сафову кудуратӣ, майи чоми маъниву суратӣ.
Ҳамаӣ, вале ба хаёли худ, ки туӣ, ҳамин кадари абас.
Зи забони шамъи хаёлагин суханест ибрати анчуман.
Ки дар ин ситамкада хори по накашида гул ба сари абас.
Ҳаваси чаҳони тааллукӣ, сару барги ҳирсу тамаллукӣ.
Чу якин занад дари имтиҳон, ба гурур пайсипарӣ абас.
Нигаҳат ба худ чу фаро расад, ба ҳакикати ҳама ворасад.
Дили шиша гар ба сафо расад, натанад ба ваҳми парӣ абас.
Чу ҳаво зи кисвати шабнамӣ, на шикастаӣ, на фароҳамӣ.
Чӣ кадар ситамкаши мубҳамӣ, ки чабин нанию тарӣ абас.
На ҳакикати ту якиннишон, на мачозат ойнаи гумон.
Чӣ ташаххусӣ, чӣ тааййунӣ, ки худӣ ғалат, дигарӣ абас.
Ба ҳаво макаш чу саҳар алам, ба хаё фусуни ҳавас мадам.
Адамӣ адам, адамӣ, адам, зи адам чӣ парда дарӣ абас.
Хичилам зи нанги ҳакикатат, ки чу ҳарфи Бедили безабон
Ба назар нанию ба гӯшҳо зи фасона дарбадарӣ абас.

Бемагзиву дорӣ ба мани сӯхтачон баҳс.
Эй пунба, макун ҳарза ба оташйафасон баҳс.
Аз як нафасат ин ҳама шӯри ману мост.
Бар як раги гардан чӣ кадар чида дукон баҳс?
Бо чарх далерӣ бувад асбоби надомат.
Эй дидаварон, сарфа надорад ба духон баҳс.
Дар тарки тааммул алами шӯру шарс нест.
Булбул нанамояд ба чаман фасли хазон баҳс.
Аз мадраса дам нозада бигрез, вагарна.
Бархост раги гардану омад ба миён баҳс.
Дар нусхаи марг аст, гар инсоф тавон ёфт.
То илми фано нест ҳамон баҳсу ҳамон баҳс.
Аз очизии ман чигари хасм кабоб аст.
Бо об кунад оташи сӯзанда чӣ сон баҳс?
Зеру бами ин анчуман офотхурӯшаст.
Ҳар дам задан ин чо дами тег асту фасон баҳс.
Бо санг чунун мекунад андози шарорам.
Умрест, ки дорад ба нигаҳ хоби гарон баҳс.
Дар маъракаи хуш, ки хун бод бисоташ.
То ранг нагардад, нагардонад инон баҳс.
Гар дарси хамӯшӣ сабаки ҳоли ту бошад.
Бедил, нарасад бар ту зи абнои замон баҳс.

Натавон бурд зи оинаи мо занги худус.
Шишае дошт кидам омада бар санги худус.
Сайри болу пари аҳвом бихишт аст ин ҷо.
Ҳама товуси хаёлем зи найранги худус.
Баҳру осудагӣ, амвоҷу тапишфарсой.
Инак, оинаи сутки кидаму ҷанги худус.
Дайру нокуси наво, Каъбаю лаббайки садо
Ришта бастаст нафас ин ҳама бар ҷанги худус.
Масазад ҳар нафасам пои нафас бӯсидан,
К-а адабгоҳи кидам мерасад ин ланги худус.
Субҳ, то дам занад, аз хеш бурун меояд,
Ба даридан нарасад пираҳани танги худус.
Ду ҷаҳон ҷилва зи огӯши тахайюл ҷӯшид,
Чӣ қадар оина дорад асари банги худус?!
Узри бехосилии мо арақе мехоҳад,
То хиҷолат накашӣ, об шав аз ранги худус.
Ғайб ғайб аст, шаҳодат чӣ хаёл аст ин ҷо?
Бедил, аз сози кидам нашнавӣ оҳанги худус.

Шапки дидораму дар чашми касон роҳи ман аст.
Ҳар кучо гарди нигоҳест, камингоҳи ман аст.
Доғи таъсири вафоям, ки ба он афсурдан
Ҷигари беасарӣ сӯхтан оҳи ман аст.
Аҷзи рангам ба фалак нози ҳумой дорад.
Каҳкашон сояи иқболи пари коҳи ман аст.
Ҳайратам обилапо кард, ки чун мавҷи гуҳар
Ҳар тараф гом ниҳам, дил ба сари роҳи ман аст.
Ҳарфи найранг мапурсед, ки чун шамъи хамӯш
Рафтаам аз худу вомондагӣ афвоҳи ман аст.
Бӯи ҳастӣ калафандуди ғуборам дорад.
Софии оинаам, аз нафас икроҳи ман аст.
Дар ғаму айш тафовут нагирифтам, ки чу шамъ
Хандаву гиря ҳамон оташи ҷонкоҳи ман аст.
Маҳви нисёнкадаи олами гумгаштагиям.
Ҳар кӣ аз худ ба тағофул занад, огоҳи ман аст.
Мавҷи гавҳар сари мӯе ба баландӣ нарасид.
Шӯхии чини хиҷил аз домани кӯтоҳи ман аст.
Бедил, он беҳ, ки занад решаи ман дар дили хок.
Варна чун ток ҳазор обила дар роҳи ман аст.

Анкосару баргем, мапурс аз фукаро хеч.
Олам хама афсонаи мо дораду мо хеч.
Зеру бами вахм аст, чи гуфтан чи шунидан.
Тӯфони садоем, дар ин созу садо хеч.
Бар заллаи ин монда харчанд танидем,
Чуз хирс начидем чу кашкӯли гадо хеч.
Халкест намудор дар ин арсаи мавхум
Мардиву заний бохта чун кочасаро хеч.
Сар то сари офок, як огӯши адам дошт,
Чуз хеч нагунчид дар ин тангфазо хеч.
З-ин кисвати ибрат, ки муаммои хубоб аст,
Окир накушудем ба чуз банди кабо хеч.
Дй катраи ман дар талаби бахр чунун кард,
Гуфтанд ба ин моя «бирав» пучу «биё» хеч.
Моро чӣ хаёл аст ба он чилва расидан?
Ӯ хастиву мо нестӣ, ӯ чумлаву мо хеч.
Ё раб, ба чи сармоя кашам домани нозаш?
Дастам, ки надорад ба сад уммеди дуо хеч.
Чун сифр на бо нуктаам имост на бо хат.
Номуси хисоби адамам, дар хама чо хеч.
Мавхумии ман чун даханаш ном надорад.
Гар аз ту бипурсанд, бигӯ, номи Худо, хеч.
Обам зи хичолат, чи гуруру чи таайюн?
Бедил, маталаб чуз арак аз шахси хаё хеч.

Шаб, ки ҳуснаш бар арақ печид сомони қадаҳ,
Нози мастӣ буд гулбози чароғони қадаҳ.
Маҳви он кайфиятем, аз мо ба ғафлат нагзарӣ,
Олами обест сайри чашми гирёни қадаҳ.
Ҳар куҷо дар ёди чашмат гиря сар мекунем,
Медарем аз ҳар намӣ ашке гиребони қадаҳ.
Дар хароботе, ки мастон зарфи ҳиммат чидаанд,
Нӯҳ фалак як шиша аст аз тоқи нисёни қадаҳ.
Фурсат ин ҷо гардиши чашме ву аз худ рафтанист,
Ин қадар мастӣ намеарзад ба даврони қадаҳ.
Бӯи ранге бурдаӣ, гирди сараш гардо-да гир.
Бодаат як паризанвор аст меҳмони қадаҳ.
Машраби инсофи мо хиҷлаткаши ҳамёза нест,
Лаб намесояд ба ҳам аз шукри эҳсони қадаҳ.
Чашм агар бе нам шуд, уммеди гудози дил кавист.
Шиша дорад гардане дар раҳни товони қадаҳ.
Гар дил аз тангӣ барояд, лофи озодӣ куҷост.
Нози машраб нест ҷуз бар дасту домони қадаҳ.
Майкашон пур бенавоянд, аз бизоатҳо мапурс,
Мекунад воми арақ аз шиша урёни қадаҳ.
Истиороти хаёле чанд бар ҳам бастаем,
Умрҳо шуд мепарад анқо ба мижгони қадаҳ.
Фурсати муфт аст, Бедил, чанд ғофил зистан,
Чашмаке дорад ҳавои наргисистони қадаҳ.

Ҷигаре обила зад, тухми ғаме пайдо шуд,
Диле ошуфт, ғубори аламе пайдо шуд.
Сафҳаи содаи ҳастӣ хати найранг надошт,
Ҳирагӣ кард назарҳо, рақаме пайдо шуд.
Нағмаи пардаи дил мухталифоҳанг набуд,
Нола дуздид нафас, зеру баме пайдо шуд.
Боз оҳам пайи тороҷи тасаллӣ бархост,
Сафи бетобии дилро аламе пайдо шуд.
Баски дорам арақ аз хиҷлати парвоз чу абр,
Гар ғуборам ба ҳаво рафт, наме пайдо шуд.
Адамам дод зи ҷавлонгаҳи дилдор суроғ,
Хоки раҳ гаштаму нақши қадаме пайдо шуд.
Рашки он барҳаманам сӯхт, ки дар фикри висол,
Гум шуд аз хешу зи ҷайби санаме пайдо шуд.
Фурсати айши ҷаҳон ҳайрати чашми оҳуст,
Мижа бар ҳам задане кард, раме пайдо шуд.
Қади пирӣ самари оқибатандешии мост,
Зиндагӣ зери қадам дид, хаме пайдо шуд.
Баски дар гулшани мо ранги ҳаво сӯхтааст,
Бе нафас буд, агар субҳдаме пайдо шуд.
Ҳастии сирф ҳамон ғафлати огоҳӣ буд,
Хабар аз хеш гирифтам, адаме пайдо шуд.
Хоби по бурд зи мо заҳмати ҷавлон, Бедил,
Машқи бекории моро қаламе пайдо шуд.

Нуктаи дил гирди худ гашту хати паргор шуд.
Гардиши ин субҳа то ҳамвор шуд, зуннор шуд.
Сози истеъдоди ин маҳфил таҳайюрнағма буд.
Қулқули мино ба табъи зоҳид истиғфор шуд.
Сафҳае дар ёди он барқи нигоҳ оташ задам.
Шӯхии як наргисистон чашмакам бедор шуд.
З-он лаби хандон ба хокам орзуҳо хуфтааст.
Чун саҳар хоҳад ғубори ман табассумзор шуд.
Нола гул нокарда нагзаштам зи ибратгоҳи дил.
Тангии ин кӯчаам чун най хиромафшор шуд.
Ҷуз ғурури мову ман ин дашт полағже надошт.
То нафас дар лаб шикастам, роҳи дил ҳамвор шуд.
Ҳасрати парвоз ранги дастгоҳи нола рехт.
Болу пар то фоле аз ҳамёза зад, минқор шуд.
Шӯри дилҳои гирифтор аз асар навмед нест.
Дар хами он зулф хоҳад шона мусиқор шуд.
Орзу дар дил шикастам, хоби роҳат мавҷ зад.
Мӯи ин чини ба фарқам сояи девор шуд.
Аз нафас ҷамъияти кунҷи адам барҳам задам.
Ҷуръате лағзид дар дил, хоби по рафтор шуд.
Хотирам аз кулфати афсонаи ҳастӣ гирифт.
Чашм мепӯшам кунун, гарди нафас бисёр шуд.
Ҷом дар кун зан чу гул, Бедил, дигар ибром чист?
Дар бисоти ранг натвон беш аз ин мухтор шуд.

Охир аламу айши гулу дор намонад.
Рангест дар ин боғ, ки бисёр намонад.
Ҷуз ғафлати дил мояи эҷоди амал нест.
Ин уқда агар во шавад, он тор намонад.
Дар олами найранг иқомат чӣ хаёл аст?
Ин ҷо чу садо сурати кӯҳсор намонад.
Дар Тӯр гар имрӯз зи Мӯсо асаре нест.
Фардост, ки аз Тӯр ҳам осор намонад.
Афсона шуд он давр, ки Исо ба фалак рафт.
Ин қисса ҳам охир шавад, адвор намонад.
Парвозкаминанд, чи тоир чи нишеман.
Мансур намондасту сари дор намонад.
Бехуд ҳамаро бояд аз ин кӯча гузаштан.
Хуш дор, ки дар майкада ҳушёр намонад.
Бар гардиши ранг он ҳама фурсат натавон чид.
Имсол ҳамон аст, ки чун пор намонад.
Фурсатшумори туст, чи имрӯзу чи фардо.
Ҳар гаҳ, ту намондӣ, ҳама якбор намонад.
Рамзи ду ҷаҳон басту кушоди мижаи туст.
Саҳро дамад аз хона, чу девор намонад.
Бе мояи ғафлат чи фурӯғ аст ҳавасро?
Шамъ асту сиёҳӣ, чу шаби тор намонад.
Аздод тааммулкадаи нозу ниёз аст.
Ку ёру чӣ дилдор? Чу ағёр намонад.
Коре дигарат гар набувад, судани дасте.
Дар олами бекор, ки бе кор намонад!
Бедил, ба тамошокадаи ҳайрати имкон
Мову гули рангс, ки ба гулзор намонад.

Мозиву мустақбали ин базм ҳайратҳол буд.
Шахси аз худ рафта дар оинаҳо тимсол буд.
Сӯхтан ҳамчун сипанд аз нанги эҷодам раҳонд.
Варна ҳастӣ бар лаби арзи нафас табхол буд.
Баски яъси нотавонӣ дар мизоҷам реша кард.
Бар забони хома ҳарфи муддаоям лол буд.
Ҳар қадар бар ҷо фусурдам, ваҳшатам сомон гирифт.
Чун ғубори ранг дар сози шикастам бол буд.
Ғайри ҳасрат аз ҷаҳони ҷустуҷӯ гард накард.
Корвони мо нигоҳи вопасиндунбол буд.
Халқро дар тирборони ҳуҷуми эҳтиёҷ
Обрӯ то буд, вақфи чашмаи ғирбол буд.
Ҳар куҷо фоли шукуфтан зад баҳори ғунчааш,
Субҳ аз эҷоди табассум чини рӯи зол буд.
Бенасибон чашм дар гарди дурангӣ бохтанд.
Варна ҳуснашро саводи ҳар ду олам хол буд.
Ғайрро дар дил шукӯҳи ишқ ғунчонаш надод.
Хонаи хуршед аз хуршед моломол буд.
Ҷилваи айшу алам яксар ба мавҳумӣ гузашт.
Умрро кайфияти тасвири моҳу сол буд.
Моҷарои соя аз хуршед ҳам равшан нашуд.
Рафтанам аз хешро он ҷилва истиқбол буд.
Бедил, аз бедардии рӯзи видоат сӯхтам.
Сина мекандӣ, чӣ мешуд, гар забонат лол буд?

Бар тамаъ табъи хасисе, ки тафохур дорад.
Обрӯро араки саъй тасаввур дорад.
Бо бахилон на ҳамин табъи гадо нософ аст.
Кисаи худ ҳам аз ин қавм диле пур дорад.
Гули ин боғ агар бехабар аз фурсат нест,
Хандаи ранг ба рӯйи кӣ тамасхур дорад?
Табъи шаҳватнасаб аз сайри гиребон орист.
Гардани хар сари таҳқиқ ба охур дорад.
Хок шав, маънии мавҳуми ҳастӣ дарёб.
Фаҳми розат ба адам ҷайби тафаккур дорад.
Не зи мастӣ хиҷилам, не зи ҷунун мунфаилам.
Табъи бесохтаи шавқ чӣ унсур дорад?
Аз шикаст аст раги гардани амвоҷ баланд.
Оҷизӣ ҳам чӣ қадар нозу такаббур дорад.
Қиллати моя арақ мекашад аз табъи карим.
Абр ҳар ҷо тунук афтод, тақотур дорад.
Худгудоз аст шароре, ки ба ҷое нарасад.
Нола дар бесарӣ сахт таассур дорад.
Маҳв гардидани мо он ҳама номавзун нест.
Сактаи мисраи наззора таҳайюр дорад.
Бедил, аз ҷаҳл маяндеш, ки дар мактаби ишқ
Гар ҳама тифли сиришкест, табаҳҳур дорад.

Зи ҷурғаи суханам хомушӣ бадар дорад.
Фишори лаб ба ҳам овардан ин асар дорад.
Зи дастгоҳи гаронҷониям магӯю мапурс.
Даме, ки нола кунам, кӯҳсор бардорад.
Сухан ба хок маяндоз, дар тааммул кӯш.
Ба риштае, ки гуҳар мекашӣ, ду сар дорад.
Ба ҳам зан улфати асбоби худнамоиро,
Шикасти оина оинаи дигар дорад.
Таназзуҳ оинадори баҳори ноз хуш аст.
Ҳино мабанд ба дасте, ки ранг бардорад.
Ба дӯши ашк равонем, то куҷо бирасем.
Чу шамъ маҳфили ушшоқ чашми тар дорад.
Ба марг ҳам натавон растан аз уқубати дил
Қафасшикастани мо байза зери пар дорад.
Ба ҳар чӣ менигарам, шӯхии табассуми туст.
Ҷаҳони рӯзу шабам шаш ҷиҳат саҳар дорад.
Ғубори ғайр надорам, ба хеш сохтаам.
Диле, ки соф шуд, оина дар назар дорад.
Нарехт дида сиришке, ки ман қадаҳ назадам.
Гудози дил чӣ қадар нози шишагар дорад.
Зи субҳи ин чаман огоҳ нест гарраи ҷоҳ.
Кушоди бол ҳамон хандаи дигар дорад.
Ба нақши по чӣ расад, Бедил, аз навозиши чарх?
Ба бод медиҳадам, гар зи хок бардорад.

Субҳ шуд дар арсаи гардун, магӯ, хандон сафед.
Каф ба лаб овардааст ин бухтии кӯҳонсафед.
То куҷо равшан шавад аҷзи тараддудҳои халқ?
Баҳр ҳам дархурди гавҳар мекунад дандон сафед.
Ҷодапаймон адаб будему кас маҳрам набуд.
Ин раҳи хобида шуд аз лағзиши мижгон сафед.
Шубҳаи таҳқиқ нақше мезанад бар рӯи об.
Ҷуз сиёҳӣ ҳеҷ натвон шуд дар ин майдон сафед.
Занг дорад ҷавҳари оинаи арзи камол.
Дар калаф хобид. ҳар ҷо шуд маҳи тобон сафед.
То нагардад сахтҷонӣ дастгоҳи инфиол.
Устухон дар пайкари мо мешавад пинҳон сафед
Базми май гарм аст. аз дамсардии воиз чӣ бок?
Барф натвонад шудан дар фасли тобистон сафед.
Зери гардун чун саҳар дар як нафас гаштем пир.
Мешавад мӯи асирон зуд дар зиндон сафед.
Роҳи ғурбат як қадам, ранҷаш кам аз сад сол нест.
Ашкро аз дида дурӣ кард то мижгон сафед.
Интизори теғи нозаш инфиол овард бор.
Чун арақ гардид охир хуни муштоқон сафед.
Менавиштам номаи бематлаби қурбониён.
Ҷӯши навмедӣ зи бас каф кард, шуд унвон сафед.
Корвони интизор охир ба ҷое мерасад.
Бедил, аз чашми тарам роҳест то Канъон сафед.

Ба ин аҷзам чӣ аз хоки ҳаёпарвард бархезад?
Магар муште арақ аз ман ба ҷои гард бархезад.
Магӯ, сахл аст ошиқро ба навмедӣ алам гаштан,
Чиҳо аз по нишинад, то як оҳи сард бархезад.
Ба мақсад бурд шӯри як ҷарас сад корвон маҳмил,
Мабош аз нола ғофил, гар ҳама бе дард бархезад.
Ҳаёловарон дашти ҳавои ӯст аҷзоям,
Мабодо, ҳасрате з-ин хоки бодовард бархезад.
Дар он водӣ, ки домони тасарруф бишканад рангам,
Чу авроқи хазон нақши қадам ҳам зард бархезад.
Аз ин доми таалluқ баски душвор аст ворастан,
Таҳайюр нақш бандад, гар нигоҳе фард бархезад.
Агар ин аст найранги асар захми муҳаббатро,
Нафас аз сина чун субҳам қафаспарвард бархезад.
Ба қадри эътибор оина дорад ҷавҳари ҳар кас,
Зи ҷуръат гир, агар мӯ бар тани номард бархезад.
Зи амлоки ҳавас дил ном кулфатмазраъ дорам,
Чу зихм он ҷо ҳама гар ханда корам, дард бархезад.
Зи сомони ҷунун ҷӯши саҳар хоҳам задан, Бедил,
Гиребон медарам чандон, ки аз ман гард бархезад.

Замингирӣ зи ҷавлонам чӣ имкон аст, во дорад.
Бурун рафтан зи худ чун шамъ дар ҳар узв по дорад.
Хати тӯмори яъс орониши мӯҳри ҷафо дорад.
Ба ранги шохи гул оҳам саропо доғҳо дорад.
Дар он водӣ, ки ман дорам камини интизори ӯ,
Ғуборе гар тапад, овози пои ошно дорад.
Зи гул бояд суроғи ғунчаи гумгашта пурсидан,
Ки аз чашми таҳайюр рафтани дил нақши по дорад.
Фанопарвардагонем, аз мизоҷи мо чӣ мепурсӣ?
Фазои олами мавҳуми ҳастӣ як ҳаво дорад.
Сироятнағмаи аҷзем сози офаринишро,
Дар ин маҳфил шикаст аз ҳар чӣ бошад, ранги мо дорад.
Қади пирон тавозӯъ мекунад айши ҷавониро,
Пул аз баҳри видои сел пушти худ дуто дорад.
Зи ҳоли гӯшагири фикр, эй мунъим, машав ғофил,
Ки хоби махмалӣ дар раҳни нақши бӯрё дорад.
Зи хубу зишти имкон софдил тангӣ намечинад,
Ба базми оина акс агар раҳ бурд, ҷо дорад.
Зи олам нагзарӣ бе дастгириҳои озодӣ,
Касе бархезад аз дунё, ки аз ваҳшат асо дорад.
Ҷаҳоне сархуши огоҳияст аз гардиши ҳолам,
Шикасти ранги ман чун хандаи мино садо дорад.
Ба ранги об сайри барг барги ин чаман кардам,
Гули доғ аст, Бедил, он ки бӯе аз вафо дорад.

Баҳори айши имкон ранги вахшатзидае дорад.
Шукуфтан чун гул ин чо домани барчидае дорад.
Агар чун шамъ хоҳӣ чораи дарди сари ҳастӣ,
Гудози устухонҳо сандали соидае дорад.
Ту, ҳар мазмун ки меҳоҳад дилат, назри тааммул кун,
Лаби ҳайраткаломон номаи печидае дорад.
Зи асрори лабаш огаҳ наям, лек ин қадар донам
Дами теғи табассум ҷавҳари болидае дорад.
Қадам фаҳмида неҳ, то аз диле гарде наангезӣ,
Кафи ҳар хоки ин водӣ нафасдуздидае дорад.
Зи ҳастӣ то асар дорӣ, чӣ гуфтугӯ, чӣ хомӯшӣ,
Нафас субҳи қиёмат зери лаб хандидае дорад.
Гар аз асбоб дар ранҷӣ, чаро афкандӣ аз дӯшаш,
То одам нестӣ, охир, фалак ҳам дидае дорад.
Хазонфарсо мабод андешаи аҳли вафо, ё раб,
Ки ин гулзор ранги гирди дил гардидае дорад.
Зи олам чашм агар бастӣ, ба манзилгоҳи роҳат рав,
Нигаҳ дар лағзиши мижгон раҳи хобидае дорад.
Чу мавҷи гавҳар аз ман як тапиш ҷуръат намеболад,
Ҷунуни нотавонон шӯри оромидае дорад.
Ризои дӯст меҷӯям, тариқи саҷда мепӯям,
Сари таслими хубон пои лағзидае дорад.
Ба ҳар оина зангори ҷигар дорад камин, Бедил,
Зи мижгон бастан эмин нест, ҳар кас дидае дорад.

Чи мумкин аст, ки ошиқ гулу суман гӯяд,
Магар ба ёди ту хун гиряду чаман гӯяд.
Забони ҳайрати дидор сахт мавҳум аст,
Нафас дар оина гирем, то сухан гӯяд.
Ба ишқ айни талаб шав, ки дидаи Яъқуб
Сафед ношуда саҳл аст, пираҳан гӯяд.
Тамизи кори муҳаббат зи хеш бехабарист,
Вафо нахост, ки парвона сӯхтан гӯяд.
Касе надид дар ин дайри ошиносой
Бараҳмане, ки буташ низ барҳаман гӯяд.
Зи ҳарфу савт ба он ранг маҳви маънӣ бош,
Ки чон ба гӯш хӯрад, гар касе бадан гӯяд.
Баҳона чуст чунун дар камингаҳи гурбат,
Мабод, бехабаре ҳарфе аз ватан гӯяд.
Зи лофи ишқ ҳазар кун, фасона бисёр аст,
Чӣ лозим аст, касе ҳарфи хун шудан гӯяд.
Қабои ноз наярзад ба ваҳми урёнӣ,
Ки чашм аз ду чаҳон пӯшаду кафан гӯяд.
Маоли кори ману мо хамӯшияст ин чо,
Зи шамъ мешунавам, он чӣ анчуман гӯяд.
Зи бас ба ишқи ту гумгаштаи худам, Бедил,
Ба ёди хеш кунам нола, ҳар кӣ ман гӯяд.

Ҳамчу мино гунчаи розам боҳороҳанг шуд.
Партаве аз хуни дил берун давиду ранг шуд.
Баски дар ёдат ба чандин ранги хасрат сӯхтам.
Чун пари товус догам олами найранг шуд.
Кӯҳи тамкине ба ин афсурдагиҳо ҳайрат аст.
Баски зери бори дил мондам, садо хам санг шуд.
Дар тилисми бастани мижгон фазое доштам.
То нигаҳ огӯш пайдо кард, олам танг шуд.
Пайкарам дар чустучӯят рафт хамдӯши нафас.
Риштаи ин соз аз фарсудагӣ оханг шуд.
Дар шиканчи пириям хар мӯ забони нолаест.
Аз хамидаиҳо саропоям тараф бо чанг шуд.
Он кадар вомондаам, к-аз улфатам натвон гузашт.
Ашк хам дар пои ман афтоду узри ланг шуд.
Ҷавхари хат охир аз оинаат майгун дамид.
Дуд хам аз шӯълаи хусни ту оташранг шуд.
Касби огохӣ кудуратхонатаъмир асту бас.
Ҳар кадар оина шуд дил, зери машқи занг шуд.
Ҳеч кас хасраткаши бемехрии хубон мабод.
Орзӯ бишкаст моро, то дили ӯ санг шуд.
Бедил, аз дарди ватан хун гашт завки гурбатам.
Баски ёди ошён кардам, кафас хам танг шуд.

Ҷамъе, ки пар ба фикри хунар даршикастаанд.
Оинахо ба зинати ҷавҳар шикастаанд.
Ҷуръатситони химмати арбоби факр бош,
К-аз гарди орзӯ сафи махшар шикастаанд.
Бо шавкати ҷунун хаваси тахти Ҷам кирост?
Девонагон дар обила афсар шикастаанд.
Бемории маводи тамаъро илоҷ нест.
Сафрои хирс дар ҷигари зар шикастаанд.
Дар махфиле, ки офати созиш саломат аст,
Осоиш аз диле, ки мукаррар шикастаанд.
Камфурсатӣ кафили шикасти хумор нест,
То шиша саркагун шуда, соғар шикастаанд.
Тағйири вазъи мо асарҷоди вахшатест.
Домони гул ба ранг баробар шикастаанд.
Аз гарди намсиришта чӣ хезад ба ғайри аҷз?
Моему пахлӯе, ки ба бистар шикастаанд.
Андешаи ғубори дили мо кӣ мекунад?
Хубон хазор оина дар бар шикастаанд.
Махмилкашони барки нафасро суроғ нест.
Гарди сахар ба олами дигар шикастаанд.
Гардун ғубори дидаи химмат намешавад.
Ушшок домани мижа бартар шикастаанд.
Парвози кас ба домани новат намерасад.
Гулхои ин ҷаман чӣ кадар пар шикастаанд?
Бедил, хамин на мову ту навмеди матлабем.
З-ин бахр катрахо хама гавхар шикастаанд.

Шуд лаби ширинадояш бо ман аз ибром талх.
Аз такозои ҳавас кардам майи ин ҷом талх.
Пухтагӣ дар табъи ноқис бедимоғи тӯҳмат аст.
Дуд меояд бурун аз чӯбҳои хом талх.
Имтидоди умр бурд аз чашми мо завқи нигоҳ.
Кӯҳнагиҳо кард охир мағзи ин бодом талх.
Душмани амн аст мавқеъношиноси дам задан.
Зиндагӣ бар худ макун чун мурғи беҳангом талх.
Ҳирси зар он гаҳ ҳаловат? Ихтироъ ваҳми кист?
Комҳо дар ҷӯши сафро мешавад ноком талх.
Бесудос нест шӯҳратҳои иқболи ҷаҳон.
Мавҷи чин зад, баски шуд оби ақиқ аз ном талх.
Ҷавҳари фитрат макун ботил ба тамҳиди ғараз.
Эй басо мадҳе, ки шуд з-ин шева чун дашном талх.
Баски дорад табъи халқ аз ҳақгузорӣ инфиол.
Додани ҷон нест ин ҷо чун адои вом талх.
Интизори сайди матлаб сахт роҳатдушман аст.
Хоб натвон ёфт чун дар дидаҳои дом талх.
Гар зи идбор огаҳӣ, бигзар зи иқболи ҳавас.
Тарки огози ҳаловат нест чун анҷом талх.
Мекунад, Бедил, табассум заҳри чашмашро илоҷ.
Пистааш хоҳад намак зад, гар шавад бодом талх.

Бинои ранги фитрат бар мизочи дун намебошад.
Замини хонаи хуршед чуз гардун намебошад.
Шикасти кори дунё нест ташвиши димоги ман.
Хаёли мӯи чинӣ дар сари Мачнун намебошад.
Каманди ҳимматам гироне дорад, ки чун гардун
Сари ман низ аз фитроки ман берун намебошад.
Ба домони киёмат пок натвон кард мижгонам.
Нами чашме, ки ман дорам, ба сад Ҷайхун намебошад.
Кӣ дорад токати санги тарозуи адам будан?
Камам чандон, ки аз ман ҳеч кас афзун намебошад.
Дами такрир агар гохе нафас дуздам, макун айбам.
Ба таври ахли маънӣ сакта номавзун намебошад.
Саводи ростбинӣ кардан аст, эй бехабар, равшан.
Хати тарсо хам ин чон кадар вожун намебошад.
Ба сомони либос аз саъйи расвоӣ табарро кун.
Иборат чуз гиребончокии мазмун намебошад.
Ҳазар кун аз шукуфтан, то набозӣ ранги чамъият.
Ҷарохатхо чуз огӯши видои хун намебошад.
Дар ин ибратфазо то кай бисоти карруфар чидан?
Замоне беш гарди сел дар хомун намебошад.
Зару мол он кадар хуштар, ки хокаш кам хӯрад, Бедил.
Талоши ганч чуз сарманзили Қорун намебошад.

Шаб, ки аз шӯри шикасти дил асар пурзӯр шуд,
Ҳамчу чинӣ тори мӯе косаи танбӯр шуд.
Барқи офат гар чунин дорад камини эътибор,
Хирмани мо оқибат хоҳад нигоҳи мӯр шуд.
Айши сад доно зи як нодон мунаггас мешавад,
Рабти мисраъ барҳам аст, он ҷо ки ҳарфе кӯр шуд.
Нафсро тарки ҳаво рӯҳи муқаддас мекунад,
Шӯълае, к-аз дуд фориғ гашт, айни нур шуд.
Гар намакдонат чунин дар дидаҳо дорад асар,
Об дар оина ҳамчу ашк хоҳад шӯр шуд.
Дил шикаст, аммо касе бар нолаи мо пай набурд,
Мӯи чинӣ ҷавҳари оинаи Фағфур шуд.
Кош, чун нақши қадам бо оҷизӣ месохтам,
Баски саъйи мо расой кард, манзил дур шуд.
Соғари ишқи маҷозам нашъаи таҳқиқ дод,
Мушти хунам ҷӯши Маҷнун мезаду Мансур шуд.
Чун саҳар кам нест, гар арзи ғуборе додаем,
Беш аз ин натвон ба сомони нафас мағрур шуд.
Умрҳо шуд, Бедил, эҳроми хамӯшӣ бастаам,
Охир ин забти нафас хоҳад суруши сур шуд.

Рагигулостиншўхе камини сайди мо дорад,
Ки зери санг даст аз сояи ранги ҳино дорад.
Агар дар арзи хеш оинаам орист, маъзурам,
Ки умре шуд хаёли ӯ маро аз ман ҷудо дорад.
Нагардад сояи боли ҳумо доми фиреби ман,
Ҳанӯзам устухон ҷавҳар зи нақши бӯрё дорад.
Ба ранги соям ибратнамои чашми мағрурон,
Маро ҳар кас, ки мебинад, нигоҳе зери по дорад.
Намебошад зи ҳам мумтоз нуқсону камол ин ҷо,
Хати паргор дар ҳар ибтидое интиҳо дорад.
Ҳаёти ҷовидон хоҳӣ, гудози ишқ кун ҳосил,
Ки дил дар хун шудан хосияти оби бақо дорад.
Ба ибрат чашм хоҳӣ во кунӣ, наззораи мо кун,
Ғубори хоксорон обрӯи тӯтиё дорад.
Ба дил то гарди уммедест, аз завқи талаб магсил,
Ҷаҳонеро гадо дар сояи дасти дуо дорад.
Агар мавҷем ё баҳрем, агар обем ё гавҳар,
Дуӣ нақше намебандад, ки моро аз ту во дорад.
Ба фикри изтироби мавҷ кам мебояд афтодан,
Тапиш дар тинати мо хайрбоди муддао дорад.
Ману тоби висолу тоқати дурӣ! Чӣ ҳарф аст ин!
Асиреро, ки ишқат хонд Бедил, дил куҷо дорад?

Ҳар кучо ушшоқро дарди талаб манзур шуд.
Рафтани ранги ду олам хуни як носур шуд.
Ранги миннат барнамедорад дили аҳли сафо.
Субҳ захми хешро худ марҳами кофур шуд.
Баски дидам улфати офоқ лабрези газанд.
Дидан аҳзоб бар ман хонаи занбӯр шуд.
Тарки инсоф аз русуми интизом эмин наяст.
Баски чашм аз маъниям пӯшид ҳосил, кӯр шуд.
Бекоронат димоғи ҳасрате месӯхтанд.
Як шарар аз парда берун зад, чароғи Тӯр шуд.
Дил чӣ сомон, к-аз шикасти орзу бар ҳам начид?!
Баски мӯ овард ин чинӣ, сари Фағфур шуд.
Буд бетаъмирие сарфи инои коинот.
Дил харобӣ кард, к-ин вайронаҳо маъмур шуд.
З-ин ҳама ҳасрат, ки мардум дар хумораш мурдаанд.
Ҷамъ шуд ҳамёзае чанду даҳони гӯр шуд.
Обила бе саъйи номардӣ намесояд ба даст.
Решаи ток аз давидан соҳиби ангур шуд.
Меҳнати пирист, Бедил, ҳосили айши шабоб.
Ҳар кӣ шаб май хӯрд, хоҳад субҳдам махмур шуд.

Гахе бар сар, гахе дар дил, гахе дар дида чо дорад.
Губори рохи чавлони ту бо ман корхо дорад.
Чу шамъ аз куштанам пинҳон нашуд доги таманноят.
Ба базми хасратам сози хамӯшӣ ҳам садо дорад.
Мабод офат тамошохонаи гулзори хасратро.
Ки он чо рангҳои рафта ҳам рӯ бар кафо дорад.
Дар ин водӣ, ки катъи улфат аст асбоби чамъият.
Бинолад бекасӣ, бар ҳар кӣ чашм аз ошно дорад.
Кӣ мегӯяд ба он сайёд пайгоми гирифторон?
Қафас бар тоири мо гар на рохи нола во дорад
Ба ин оворагихо гирдбоди дашти тавхидам.
Бинои ман ба гирди хеш гардидан бало дорад.
Хаёле мекунад шӯхӣ, кадом изхору ку ҳастӣ?
Ҳанӯз ин накшхо дар хомаи наккош чо дорад.
Шарар дар санг мераксад, май андар ток мечӯшад.
Таҳайюр риштаи соз асту хомӯшӣ садо дорад.
Бахори ин чаман вахшист, аз фурсат машав гофил.
Ки ишрат дар шукуфтанҳои гул овози по дорад.
Ба андози тагофул пеш бояд бурд савдое.
Ки чинси чилва урён асту чашми мо хаё дорад.
Ҳазар кун аз тамошогохи найранги чахон, Бедил.
Ту табъи нозуке дориву ин гулшан ҳаво дорад.

Боз бетобиям эҳроми чӣ дар мебандад?
К-аз ғуборам нафаси субҳ камар мебандад.
Фикри ҷавлон ҳама ташвиши иборатсозист,
Фитрати обила мазмуни дигар мебандад.
Ғайри дил гӯшаи амне, ки тавон ёфт, куҷост?
Ба чӣ уммед нафас рахти сафар мебандад?
Арзи ҷавҳар надиҳӣ, бе ҳасаде нест фалак,
Варна чун оина дастат ба ҳунар мебандад.
Най далел аст, ки эй ҳарзадароёни талаб,
Болу пар рехтани нола шакар мебандад.
Резиши мода бар аҷзои заиф аст ин ҷо,
Осмон санг ба домони шарар мебандад.
Ваҳшати умр каминшефтаи фурсат нест,
Субҳ аз домани афшонда камар мебандад.
То ба кай қиссаи мустақбалу мозӣ хондан?
Бохабар бош, ки афсона назар мебандад.
Аҷзам аз саъйи вафо ҷавҳари тоқат гул кард,
Об дар кисвати ёқут ҷигар мебандад.
Касби ҷамъияти дил ташнаи забти нафас аст,
Тангии қофияи мавҷ гуҳар мебандад.
Шамъи ин маҳфилам, аз доғи дилам нест гузир,
Он чӣ дар по фиканам, аҷз ба сар мебандад.
Нолам доғ шуд аз беасариҳо, Бедил,
Тег чун мунфаил афтод, сипар мебандад.

Агар маъшуқ бемеҳр асту гар ошиқ вафо дорад,
Тамошо муфти диданҳо, муҳаббат рангҳо дорад.
Ба вомондан накардам қатъи уммеди зи худ рафтан,
Шикасти бол агар парвоз гум карда, садо дорад.
Зи бас матлуби ҳар кас бе талаб омодааст ин ҷо,
Иҷобат инфиол аз шӯхии дасти дуо дорад.
Дар ин маҳфил забунем он қадар аз сустии толеъ,
Ки ранги нотавонӣ ҳам шикасти кори мо дорад.
Ба сад ҷо карда саъйи норасо манзилтарошиҳо,
Вагарна ҷодаи дашти талаб кай интиҳо дорад?!
Кӣ меҳоҳад тасаллӣ аз ғубори ваҳшатолудам?
Ки чун субҳ ин кафи хокистар оташ зери по дорад.
Сабаб кам нест, гар барҳам занӣ рабти таалуқро,
Чу мижгон ҳар кӣ бархезад зи худ, ҷандин асо дорад.
Ҳақиқатвокашии найранги ҳар созест мизробе,
Ту нохун ҷамъ кун, то захми мо бинӣ, чиҳо дорад.
Ба хиҷлат то набояд воми маъзурӣ адо кардан,
Намози маҳрамон пеш аз қазо гаштан қазо дорад.
Зи ҳирси мунъимон ҳирси гадо ҳам кам мадон, Бедил,
Ки хок аз баҳри хӯрдан беш аз оташ иштиҳо дорад.

Оҳи навмедам, куҷо таъсири ман пайдо шавад?
Хок гардам, то нишони тири ман пайдо шавад.
Сад гулӯ бандад ҷунун чун ҳалқа дар паҳлӯи ҳам,
То садои бисмил аз занҷири ман пайдо шавад.
Рангҳо гум кардаам дар хомаи наққоши аҷз,
Хори пое гар кашӣ, тасвири ман пайдо шавад.
Чун ҳаё шӯхӣ надорад ҷавҳари эҷоди ман,
Бар арақ зан, то гили таъмири ман пайдо шавад.
Дар китоби эътиборам яккалам ҳарфи магуст.
Гар нафас дуздад касе, тафсири ман пайдо шавад.
Мегузорад бар димоғи як ҷаҳон маънӣ қадам
Лағзише, к-аз хомаи таҳрири ман пайдо шавад.
Нест ҷуз қатъи тааллуқ ҳазрати урёниам,
Ҷавҳаре мехоҳам аз шамшери ман пайдо шавад.
Сафҳаи коғаз надорад тоби ҷавлони шарор,
Оҳ аз он даште, к-аз ӯ нахчири ман пайдо шавад.
Тавбае дигар намехоҳад гудози ваҳму зан(и),
Май ба соғар рез, то иксири ман пайдо шавад.
Дар хаёли ӯ баҳорафсонае сар кардаам,
Бош, то хоби гул аз таъбири ман пайдо шавад.
Умрҳо шуд, Бедил, эҳроми сабӯҳӣ бастаам,
Ку хати паймона, то шабгири ман пайдо шавад!

Дар ин водӣ кафи пое зи осоиш хабар дорад.
Ки болинхои нарми обила дар зери сар дорад.
Намегардад фурӯғи оряат шамъи раҳи мастон.
Ба нури бода чашми чом сомони назар дорад.
Ба дил рӯ кун, агар сармандили амне ҳавас дорӣ.
Нафас дар хонаи оина ороми сафар дорад.
Саломат нест сози дил чи дар саҳро, чи дар манзил.
Матои ранги мо сад корвон офат ба бар дорад.
Муриди номро набвад гузир аз хуни дил хӯрдан.
Нигин доим зи нақши хеш дандон бар ҷигар дорад.
Кадомин дастгоҳ оинаи ноз аст дарёро?
Ки аз афсурдагиҳо хоки соҳил ҳам гуҳар дорад.
Дубиниҳост, аммо дар шуҳуди ғайр, аҳволро.
Ба худ гар мекушояд чашм, аз ваҳдат хабар дорад.
Намедонам, чӣ ошӯбӣ, ки дар базми тамошоят
Нигоҳ аз мавҷи мижгон ҳар тараф дасте ба сар дорад.
Ба оҳе метавон рахти ҷаҳон хокистарӣ кардан.
Ки гулханҳо ба сомон аст гар дил як шарар дорад.
Таҳайюр нақши найранги ду олам сӯхт дар чашмам.
Чароғи хонаи оинаам барке дигар дорад.
Ба ин бедаступоӣ кист, гардад дастгири ман?
Магар ҳамчун сипанд аз ҷой хешам нола бардорад.
Ҳубоб аз ҳайрати камфурсатиҳои замон, Бедил.
Нигоҳе ҷонибӣ дарё ба пушти чашми тар дорад.

Мабош ғарра ба сомони ин бино, ки нарезад.
Ҷаҳон тилисми ғубор аст, аз куҷо, ки нарезад?
Макаш зи ҷуръати изҳор шарми тӯхмати шӯхӣ,
Арақ дамс шавад оинаи хаё, ки нарезад.
Ба ҷид гирифтани тадбири интиқом чӣ лозим?
Ҳамон қадар дами тегат тунук намо, ки нарезад.
Қадаҳ ба хок задем аз талоши сӯҳбати дунон,
Надошт он ҳама мавҷ обрӯи мо, ки нарезад.
Ба гӯши мунтазирони таронаи ғами ишқат
Фасонаи шаби кун дорад он садо, ки нарезад.
Ба бод рафтаму бар табъи кас нахӯрд ғубором,
Дигар чӣ сеҳр кунад хоки беасо, ки нарезад?
Дили ситамкаши беҳосиле чу обила дорам,
Касе куҷо барад ин дона жери по, ки нарезад?
Нисори роҳи ту дидам чакидан оина ашке,
Гирифтам аз мижаам бар кафи дуо, ки нарезад.
Хамид пайкарам аз интизору ҷон ба лаб омад,
Қадаҳ ба ёди ту каҷ кардаам, биё, ки нарезад.
Ба ин хино, ки гирифтаст хуни халқ ба гардан,
Агар ту даст фишонӣ, чӣ рангҳо, ки нарезад.
Ғами муруввати қотил гудохт пайкари Бедил,
Мабод хуни кас арзад ба ин баҳо, ки нарезад.

Димоғи булбули мо кай ҳавои болу пар дорад?
Зи авроқи китоби ранги гул ҷузве ба бар дорад.
Чӣ имкон аст, гирад баҳрае шавқ аз хати хубон?
Нигоҳи булҳавас аз сурма ҳам хоке ба сар дорад
Чу барги гул, к-аз осеби насиме ранг мебозад.
Тани нозукмизоҷи ӯ зи бӯи гул хатар дорад.
Тавон аз нармии дил маҳрами дарди ҷаҳон гаштан,
Ки табъи мӯмиёӣ аз шикастанҳо хабар дорад.
Ба ғайр аз хок гардидан паноҳе нест золимро,
Ки теғи шӯъла дар хокистар уммеди сипар дорад.
Мабод аз суҳбати оина ногаҳ мунфаил гардӣ,
Ки он густохрӯи сангдил домони тар дорад.
Шудам хоку зи ваҳшат барнамеояд ғубори ман,
Ба хокистар ҳанӯз ин шӯълаи афсурда пар дорад.
Дили осуда ташвиши балои дигар аст ин ҷо,
Садаф эмин набошад аз шикастан, то гуҳар дорад.
Ба ғайр аз худгудозӣ чист дар бунёди маҳрумӣ?
Дили ошиқ ҳамин хун гаштане дорад, агар дорад.
Ба навмедӣ зи уммеди самар барги қаноат кун,
Ки нахли боғи фурсат реша дар табъи шарар дорад.
Зи нохунҷории мағрури ҷоҳ эмин машав, Бедил,
Лагадандозие дар парда дорад, ҳар кӣ хар дорад.

Гулдастаи назокати ҳуснат чӣ бастааст?
К-аз бори ҷилва ранги баҳорат шикастааст?
Аз заъфи интизори ту дар дидаи тарам
Сарриштаи нигоҳ чу мижгон гусастааст.
Ҳаргиз начидаем ҷуз ошуфтагӣ гуле.
Сунбул ба боғи толеи мо даста-даста аст.
Бе ҷилваи ту, зӣ чаманорон интизор,
Ҷавҳар ба чашми оина, мижгон шикастааст.
Аз қатра то муҳит тасаллисуроғ нест.
Осудагӣ зи кишвари мо бор бастааст.
Аз санг барнаёмада зиндонии ҳавос.
Ё раб, шарори ман ба чи уммед ҷастааст?
Рангам чи орзу шиканад, к-аз шикасти дил
Дар гӯши ин шикаста садое нишастааст.
Бар ноҳуни ҳилоли фалак пур ҳино мабанд,
Рангиниш ба хуни ҷигарҳои хаста аст.
Бигзар зи доми ваҳм, ки гулдастаи мурод
Бо риштаҳои тӯли амал кас набастааст.
Айш аз ҷаҳон махоҳ, ки чун нолаи сипанд
Ин мурғ дар камини рамидан нишастааст.
Бедил, хамӯш бош, ки то лаб кушудаӣ,
Фурсат ба кисвати нафас аз дом ҷастааст.

То ҷилваи беранги ту бар қалби сувар зад,
Тимсол гирифт оина дар дасту ба дар зад.
Ҳиммат ба саводи талабат гарди ҷунун дошт,
Нӯҳ чарх ба болидани як обила сар зад.
Рафтиву нафсуд губорам, чӣ тавон кард?
Бар оташи ман нози ту домони саҳар зад.
Бе рӯи ту аз сайри чаман сарфа набурдам,
Ҳар лола, ки дидам, шабехунам ба назар зад.
З-ин собиту сайёр суроғам чӣ хаёл аст?
Гардидани рангам ба дари чархи дигар зад.
Бе барги тараб кард маро комати пирӣ,
Ҳам гаштани ин нахл ба сад шох табар зад.
Афсуни шуур аз нафасам дуд баровард,
Обе, ки ба рӯ мезадам, оташ ба ҷигар зад.
Бе кас дил аз фикри ватан барнагирифтам,
То обилапо гашт гуҳар, фоли сафар зад.
Парвози нигоҳе ба тамошо нарасондам,
Чун шамъ зи сар то қадамам як мижа пар зад.
Мижгони баҳамбаста саропардаи дил буд,
Ҳайратзадаам, домани ин хайма кӣ барзад?
Фарёд, ки рафтему ба ҷое нарасидем,
Субҳ аз нафаси сӯхта доман ба камар зад.
Моро зи баҳорат чӣ расад ғайри таҳайюр?
Тимсол гуле буд, ки оина ба сар зад.
Дашноме аз он лаъл шунидам, ки мапурсед.
Мехост, ба сангам занад, охир ба гуҳар зад.
Бедил, дили моро нигаҳе бурд ба ғорат.
Он гул, ки ту дидӣ, чамане буд, назар зад.

Эй сози кудс, дил ба чахони наво мабанд.
Яктост риштаат, ба хар овози по мабанд.
Тимсоли гайру оинаат? Ин чӣ тӯхмат аст?
Ранги шикаста бар чамани кибриё мабанд.
Эй бениёзи коргахи иттифок сунъ,
Бори хаёл бар дили бемуддао мабанд.
Пур кӯтах аст саъйи амал бо расоият,
Эй нагмаи баланд, ба харришта по мабанд!
Бегонагӣ зи вазъи чахон мавч мезанад.
Оина чуз мукобили он ошно мабанд.
Басту кушоди хукми казоро чи чора аст?
Натвон хаёл баст, ки макшой ё мабанд.
Дорад дили шикаста дар ин дайри бесабот
Мазмуни ибрате, ки барои Худо, мабанд.
Сомони шабнами чаманат орамидагист,
Ин махмили вифок ба дӯши хаво мабанд.
Номуси обрӯи таназзух нигох дор.
Ранги арак тарист, ба сози хаё мабанд.
З-он дасти бенигор, ки дар остини туст,
Зинхор, шарм дор, хаёли хино мабанд.
Ин укдаи умед, ки дил накш бастааст,
Бедил, ба риштае, ки тавон кард во, мабанд.

Тадбир инони мани пуршӯр нагирад,
Ҳар пунба сари шишаи Мансур нагирад.
Дорад зи сару барги ғано домани фақрам
Чине, ки ба мӯе сари Фағфур нагирад.
Дар халқ хиҷолаткаши таҳсили камолам,
Бар хирмани ман хурда магар мӯр нагирад.
Бо ман чу калаф тахти сиёҳест, ки сад сол
Дар моҳаш агар ғута диҳам, нур нагирад.
Наздиктар оед, саробам? На муҳитам,
Меъёри камолам касе аз дур нагирад.
Маҳрумии (ин) шавқи (арим) сахт азобест,
Ҷаҳде, ки хурӯши ту раҳи Тур нагирад.
Урёнӣ аз асбоби ҷаҳон муғтанам ангор,
То банди гиребони ту ҳар кӯр нагирад.
Қатъи амали улфати дил ақди муҳол аст,
Чандон бибур аз ток, ки ангур нагирад.
Эй мурдадил, оромиши марқад чӣ тамаинност?
Номи ту ҳамон беҳ, ки лаби гӯр нагирад.
Бар мунтазири васл мафармо мижа бастан,
Инсоф қадаҳ аз кафи махмур нагирад.
Бедил ҳадафи навоки офот бузургист,
Маҳ, то ба камолаш нарасад, нур нагирад.

Бедилон, чанд хаёли гулу шамшод кунед?
Хун шавед он ҳама, к-аз худ чаман эҷод кунед.
Ку фазое, ки тавон ним тапиш бол афшонд?
Эй асирони қафас, хидмати сайёд кунед.
Мо ҳам аз гулшани дидор гуле мечидем,
Ҳар куҷо оина бинед, зи мо ёд кунед.
Ёрро бояд аз оғӯши нафас кард суроғ,
Он қадар дур матозед, ки фарёд кунед.
Гарди ором дар ин дашти тапишхез куҷост?
То ба пое бирасед, обила бунёд кунед.
Вазъи номунфаилӣ сахт хиҷолат дорад,
Кош, аз харзадавиҳо арақ эҷод кунед.
Мавҷам аз машқи тапиш рафт ба тӯфони гудоз,
Як гуҳар маънии афсурдаам иршод кунед.
Умрҳо шуд арақолуди талоши суханам,
Ба насими нафаси сӯхтаам ёд кунед.
Бӯи гул то нашавам, ранги раҳоӣ накашам,
Нестам сарв, ки по дар гилам озод кунед.
Сурати новакиш аз дил накашад ҷуръати ман,
Ба такаллуф агарам ҳомаи Беҳзод кунед.
Наргиси ёр ба ҳолам чӣ назарҳо, ки надошт,
Маънии мунтахабам, бар сари ман сод кунед.
Мани Бедил сабақи мадрасаи нисёнам,
Ҳар чӣ гардид фаромӯш, маро ёд кунед!

Он чо, ки ачз мумтахани чуну чанд буд.
Чун мўй соя хам зи сари мо баланд буд.
Хасратпарасти чошнии он табассумем.
Бар мо мукаррар он чи намуданд, канд буд.
Саъйи губори субх хавон чи сайд дошт -
То осмон кушодани чини каманд буд.
Зохид набурд як сари мў бўйи инфиол.
Дар шона хам хазор дахан ришханд буд.
Ошуфт гунчае, ки гулаш кард доманий.
Сайри бахори ами гиребонписанд буд.
Дар водие, ки дошт заифй салон чахl.
Дастам ба кадри обилан по баланд буд.
Мурдему зад нафас дари афсуни офият.
Пирй чу мор халкатилисми газанд буд.
Афсонахо ба бастани мижгон тамом шуд.
Кўтохии амал ба хамин укда банд буд.
Бедил, ба ним нола дил аз даст додаем.
Кўхи тахаммуле, ки ту дидй, сипанд буд.

Хок шуд ранги таназзуҳ, гули осор дамид.
Ҷавҳари оина восӯхт, ки зингор дамид.
Дил тиҳӣ гашт зи худ, кавну макон доира баст.
Нукта то сифр баромад, хати паргор дамид.
Дидаи баста кушодан дари таҳқиқе дошт.
Мижа бардоштаму сурати девор дамид.
Тухми дил ин қадар афсуни амал бор овард.
Сабзае кошта будам, ҳама зуннор дамид.
Чашми ҳайрон чи қадар чашмаи маъниасар аст.
Об дод оина чандон, ки хати ёр дамид.
Ҳар куҷо рехт вафо хуни шаҳиди ту ба хок.
Сабза ҳамчун раги ёқут чигардор дамид.
Нафаси сӯхта машқи адаб аз хатти ту дошт.
Нолаи мо ба қади сабза зи кӯҳсор дамид.
Вазъи бесохтан сои кабобам дорад.
Ба такаллуф натавон ин ҳама ҳамвор дамид.
Асари файз зи маъдумии фурсат хиҷил аст.
Субҳи ин боғ нафас дар паси девор дамид.
Фурсати нози шарар оинаи ибрати мост.
Зин адабгоҳ набоист ба як бор дамид.
Боз андешаи пинҳон кӣ дорӣ, Бедил.
Ки хат аз килки ту чун нола зи минқор дамид.

Агар сур асту гар мотам, дили маъюс менолад.
Дар ин нух дайри кулфатхез як нокус менолад.
Надорад осиёи чарх ғайр аз даври нокомӣ.
Ҳама гар ранг гардонӣ, кафи афсус менолад.
Дар ин маҳфил наафшондаст бол оҳанги озодӣ,
Ба чандин ҷеру бам навмедии маҳбус менолад.
Фурӯғи шамъ дидӣ, фаҳми асрори хамӯшон кун,
Ба қадри ришта ин ҷо пардаи фонус менолад.
Пайи мақсад қадам нанҳода бояд хок гардидан,
Даройи саъйи мо чун ашк пурмаъкус менолад.
Ба хомӯшӣ зи афсуни суханчинон мабош эмин,
Нигаҳ беш аз нафас дар дидан ҷосус менолад.
Ғараз ҳеҷу тазаллум синақӯби арзи бемағзӣ,
Иёри фитрати ёрон гирифтам, кӯс менолад.
Чунин лабрези найранги хаёли кист аҷзоям,
Ки рангам то шикаст иншо кунад, товус менолад.
Вафо мушкил, ки хоҳад хомушӣ аз сози муштоқон,
Нафас дуздӣ, арақ бар чабҳаи номус менолад.
Зи худ рафтем, аммо маҳрами мо кас нашуд, Бедил,
Даройи маҳмили дил сахт номаҳсус менолад.

Аз ғубори ҷилваи ғайри ту то бастам назар,
Чун сафи мижгон ду олам маҳв шуд дар якдигар.
Бастаам маҳмил ба дӯши яъсу аз худ меравам,
Боли парвозе надорад субҳ ҷуз чоки ҷигар.
Хидмати мӯи миёнат то киро бошад насиб -
Гулрухонро з-ин ҳавас зуннор мебандад камар.
Чун гуҳар з-ин пеш сомони сиришке доштам,
Ин замонам нест ҷуз ҳайрат суроғи чашми тар.
Ваҳшати ҳастӣ ба ин камфурсатӣ маҳмури кист?
Сурати ҳамёза дорад чини домони саҳар.
Оламеро аз тағофул рабти улфат додаем,
Нест мижгон қобили шероза бе забти назар.
Ин таносоӣ далели ваҳшати саршор нест,
Ҳар қадар афсурда гардад санг, мебандад камар.
Гар фалак беэътиборат кард, ҷои шиква нест,
Бар ҳаловат бастаӣ дил чун гиреҳ дар найшакар.
Фикри фардо чанд аз ин хоки ғуборомодат?
Ҳам ту хоҳӣ буд субҳи хеш ё субҳи дигар.
Сайри рангу бӯ ҳавас дорӣ, зи гул ғофил мабош.
Шӯхии парвоз натвон зад чуз дар болу пар.
Чанд бояд шуд ҳавасфарсуди касби эътибор?
Марҳам, эй ғофил, намесозад ба чандин дарди сар.
Манзили саргаштагони роҳи ақл афтодагист,
То дили хок аст, Бедил, ашкро ҳадди сафар.

Булҳавас аз сабуксарӣ ҳифзи сухан намекунад.
Дар қафаси ҳубобҳо ёди ватан намекунад.
Лаб макушой чун садаф, то гуҳар оварӣ ба каф.
Гӯш талаб, ки кори гӯш ҳеч даҳан намекунад.
Қатра муҳит мешавад, чун зи саҳоб шуд ҷудо.
Рӯҳ зи ваҳми худ абас тарки бадан намекунад.
Ҳастии худгудози ман шамъушарарбаҳонаест.
Лек касе нигоҳи гарм ҷониби ман намекунад.
Хуни умед мехӯрад бе ту дили шикастаам.
Турраи саркашат чаро ёди шикан намекунад?
Бас ки ҳавои ғурбатам чун нафас аст дилнишин.
Ҷавҳари ман дар оина фикри ватан намекунад.
Нест ба олами ҷунун гардиши ранги офият.
Ҳеч кас аз барахнагӣ ҷома куҳан намекунад.
Пунбаи доғи ошиқон нест ба ғайри сӯхтан.
Мурдасифат чароғи мо сар ба кафан намекунад.
Дида ба сад ҳазор ишқ маҳви нисори мақдамест.
Оҳ, ки он Суҳайли ноз ёди Яман намекунад.
Манъи ғанои дилбарон нест ба ҷаҳди ошиқон.
Булбул агар ба хун тапад, ғунча сухан намекунад.
Аз ғазабе ба табъи худ ҷамъ макун маводи нанг.
Шавҳари хеш мешавад мард, ки зан намекунад.
Нола ба шуъла метанад, ҳалқаи доғ, гӯ, мабош.
Шамъи бисоти бекасон сози лаган намекунад.
Захми ту он чи мекунад бо дили хастагони ишқ.
Субҳ накарда бо ҳаво, гул ба чаман намекунад.
Сояи дур аз офтоб муттаҳами худ асту бас.
Толиби васли ӯ шудан сарфаи ман намекунад.
Нест даме, ки шонавор дар хами фикри зулфи ёр
Бедили синачоки мо сайри Хутан намекунад.

Шаб, ки ёди ҷилваат чашми хаёлам об дод,
Ҳайрати бетобиям оина бар симоб дод.
Дар муҳаббат худгудозӣ ҳам нишоти дигар аст,
Ҳар қадар дил об кардам, ёдам аз маҳтоб дод.
Бо қазо ғайр аз заифӣ пеш бурдан мушкил аст,
Панҷаи хуршедро натвон ба кӯшиш тоб дод.
То кай аз вазъи ҳасад хоҳӣ мушавваш зистан?
Офият бар бод доданро набояд об дод.
Чини абрӯ ранги амни мавҷро дарҳам шикаст,
Тангчашмӣ хору хас дар дидаи гирдоб дод.
То тавонӣ, лаб фурӯ банд аз фусуни мову ман,
Ришта бе соз аст, натвон заҳмати мизроб дод.
Гар ҳама дар базми хоки тира борат додаанд,
Соявор аз каф набояд домани одоб дод.
Ғафлати ҳастист ин ҷо, сози бедорӣ куҷост?
Ҳамчу махмал боядам то марг доди хоб дод.
Шаш ҷиҳат роҳи ман аз гарди тазаллум баста шуд,
Бар дари дил мебарам аз матлаби ноёб дод.
Поси номуси вафоям дил ба дард овардааст,
Пеши худ бояд ҷавоби хотири аҳбоб дод.
Бедил, аз лаълаш ба чандин ранг маҳви ҳасратам,
Ин намакдон доди оромам ба чашми хоб дод.

Нақшам аз заъф ба андешаи дидан нарасад.
Номам аз гумшудагиҳо ба шунидан нарасад.
З-ин хумистони ҳавас нашъаи ваҳме дорам,
Ки ба тартиби димоғам нарасидан нарасад.
Табъи озоди маро з-офати даврон ғам нест.
Пайкари сарв зи пирӣ ба хамидан нарасад.
Боли маънӣ накашад кӯшиши ҳар бесарупо,
Ашкро мансаби биниш ба давидан нарасад.
Ғайри навмедӣ аз ин боғ чӣ гул хоҳам чид,
Ранги афсурдаи ман гар ба паридан нарасад.
Бисмили нози ту гар бол кашад, ваҳшат ку!
Ҷавҳари оина ҳаргиз ба тапидан нарасад.
Тору пуди нафаси субҳ ҳамон боби фаност.
Хирқаи ҳастии мо ҷуз ба даридан нарасад.
Ғунчасон қатраи ашки мижаи шохи гулем,
Саъйи мо хун шавад, аммо ба чакидан нарасад
Ҳар куҷо пой ниҳӣ, хок ба зери қадам аст.
Мо нарафтем ба ҷое, ки расидан нарасад.
Чашми равзан магар аз бенигаҳӣ дарёбад.
Варна ин зарра, ки моем, ба дидан нарасад.
Чӣ кунад бо ду ҷаҳон бори надомат, Бедил,
Қуввати ман, ки ба як нола кашидан нарасад.

То арақгулбарги ҳуснат як-ду шабнам об дод.
Хонаи хуршед рахти ноз бар селоб дод.
Кас ба забти дил чӣ пардозад, ки [illegible] ҷилваат,
Ҳайрати оинаро ҳам ҷавҳари симоб дод.
Дар муҳаббат ғофил аз одоб натвон зистан.
Ҳуси гӯши ҳалқаҳои зулфро ҳам тоб дод.
Наргиси масти бутонро во накард аз хоби ноз
Он ки ошиқро чу шабнам дидаи бехоб дод.
Ҳарзаҷавлон буд  саъйи ҷустуҷӯҳои умед.
Яъс гул карду суроғи матлаби ноёб дод.
Метапад халқе ба хун дар ёди истиғнои ноз.
Беш аз ин натвон дами теғи тағофул об дод.
Хоби амн дар ҷаҳони бетамизӣ доштам.
Чашм во кардан сарам дар олами асбоб дод.
Дошт ғофил саркашиҳои шабоб аз тоатам.
Қомати хамгашта ёд аз гӯшаи меҳроб дод.
Изтироби шуъла арзи маснади хокистар аст.
Ҳар ки рафт аз хеш, ибрат бар мани бетоб дод.
Истиқомат дар мизоҷи офият хун кардам.
Риштаи уммеди ман нагсаста натвон тоб дод.
Бетаровват буд, Бедил, кӯчабоғи интизор.
Гиряи навмедӣ охир чашми моро об дод.

Ушшок чун фасонаи таҳқиқ сар кунанд.
Оина бишкананду сухан мухтасар кунанд.
Ҳарчанд барқ шуъла занад аз нигоҳашон.
Яксар чароғи хонаи оина бар кунанд.
Бар ҷавҳари ҳаё напасанданд инфиол.
Сад айбро ба як мижа бастан ҳунар кунанд.
Шӯхӣ зи чашмашон набарад сарфа ҷуз арақ.
Гулро ҳамон ба дидан шабнам назар кунанд.
Афсуни чоҳашон накунад ғофил аз адаб.
Дарё агар шаванд, камини гуҳар кунанд.
То ғайр аз вафо набарад бӯи огаҳӣ.
Аз ёр шикваe, ки муҳол аст, сар кунанд.
Аз инфиоли номабарони румузи ишқ
Ранги паридаро ба арақ боли тар кунанд.
Базми ҳузурашон нақашад интизори шамъ.
Ашке чило диҳанду шаберо саҳар кунанд.
То ҷазбаи талаб гузарад дар хаёлашон.
Мокарди шабнам обиларо болу пар кунанд.
Чун мавҷ ҳар куҷо пайи таҳқиқ гум шаванд.
Фикри суроғи худ ба дили якдигар кунанд.
Хуршед манзаре, ки бар он соя афкананд.
Фирдавс манзиле, ки дар он ҷо гузар кунанд.
Пои сабот марказн паргори доман аст.
Ҳарчанд то ба ҳашр чу гардун сафар кунанд.
Саъйи вафо ҳамин, ки чу Бедил шаванд хок.
Шояд зи нақши пои касе сар бадар кунанд.

Гузашт умру дил аз ҳирс сар наметобад.
Касе инонам аз ин роҳ барнаметобад.
Даройи маҳмили фурсат хурӯши сур гирифт.
Ҳанӯз гӯши мани бехабар наметобад.
Ҷаҳон зи маги хирад пунбазори авҳом аст.
Чӣ суд? Барқи ҷунун як шарар наметобад.
Назокатест дар оинахонаи ҳастӣ.
Ки чун ҳубоб ҳавои назар наметобад.
Ғубори аҷзи ману домани хати таслим.
Зинофитодагӣ аз ҷода сар наметобад.
Наметавон зи кафи хоки ман ғубор ангехт.
Ҷабини аҷз ба ҷуз саҷда барнаметобад.
Нигоҳам аз камари ёр фарқ натвон кард.
Касе ду ришта ба ҳам ин қадар наметобад.
Нишони ман магар аз бенишон тавонӣ ёфт.
Вагарна ҳастии ошиқ асар наметобад.
Нигоҳ бар мижа доманфишони истиғност.
Димоғи ваҳшати ман болу пар наметобад.
Хурӯши даҳр баланд аст, бар тағофул зан.
Ки ин фасона ба ҷуз гӯши кар наметобад.
Шабе ба рӯз расондан камоли фурсати мост.
Чу шамъ кавкаби мо ҳар саҳар наметобад.
Зи хеш меравам, инак, ту ҳам биё, Бедил.
Ки қосид омаду ҳушам хабар наметобад.

Дил хоки сари кӯи вафо шуд, чӣ бачо шуд!
Сар дар рахи теғи ту фидо шуд, чӣ бачо шуд!
Ашкам, ки диле дошт гирех бар сари мижгон,
Дар кӯи ту аз дида чудо шуд, чӣ бачо шуд!
Моро ба бисоте, ки ту чун фитна нишастӣ,
Бархостан аз хеш асо шуд, чӣ бачо шуд!
Чун соя ба хоки кадамат чабхаи моро
Як сачда ба сад шукр адо шуд, чӣ бачо шуд!
Ин дида, ки хасраткадаи шавки тамошост,
Эй хушнигахон, чони шумо шуд, чӣ бачо шуд!
Аз хасрати дидори ту ашки ҳавасолуд
Имшаб нигахи чашми ҳаё шуд, чӣ бачо шуд!
Чашмат ба ғалат сӯи ман андохт нигохе,
Тире, ки аз ин шаст хато шуд, чӣ бачо шуд!
Дар базми ту охир нигахи шӯъланонам
Чун шамъ зи ашк обилапо шуд, чӣ бачо шуд!
Лахти чигаре бар сари хар ашк фишондам,
Ҳакки намаки гиря адо шуд, чӣ бачо шуд!
Гарде, ки ба уммеди ту додем ба бодаш,
Оропиш сад дасти дуо шуд, чӣ бачо шуд!
Чун соя сари рохи дурангӣ нагирифтем,
Рӯзи сияхи мо шаби мо шуд, чӣ бачо шуд!
З-ин як-ду нафас умр миёни ману дилдор
Гирам, ки адоҳон бачо шуд, чӣ бачо шуд!
Бедил хаваси нашъаи оворагие дошт,
Чун ашк кунун бесару пошуд, чӣ бачо шуд!

Ҳавас намонд, зи бас ишқи он нигорам сӯхт.
Хушам, ки шӯълаи ин шамъ хор-хорам сӯхт.
Ба базми ёр ҷунун кардам, эй адаб, маъзур.
Сипанд сӯхт ба ваҷде, ки ихтиёрам сӯхт.
Чу мум дурам аз ҷилвагоҳи шаҳди висол
Ишорасте, ки бояд ҷудо зи ёрам сӯхт.
Баҳори бесамарӣ ҷумла боби сӯхтан аст.
Хаёли маслиҳатандешии чинорам сӯхт.
Чу шамъи кушта-нарафтам ба доғи миннати ғайр.
Фатилаи нафасе буд, бар мазорам сӯхт.
Сиришки ҳар мижа андозаш он сӯи назар аст.
Шарарниҳонии ин тифли найсаворам сӯхт.
Тилисми огаҳиям буттаи гудози худ аст.
Фурӯғи дидаи бедор шамъворам сӯхт.
Насиме аз чамани сайдгоҳи ишқ вазид.
Кабоби кист, надонам, дили шикорам сӯхт.
Ҳавои васл ба хоки сияҳ нишонд маро.
Ба ранги доғи ҷунун накҳати баҳорам сӯхт.
Ҳанӯз аз кафи хокистарам асар боқист.
Гудози ишқ чӣ миқдор шармсорам сӯхт.
Диле зи паҳлуи доғам надид гармии шавқ.
Муҳаббати ту, надонам, пайи чӣ корам сӯхт?
Дигар мапурс зи таъсири оҳи бесарам.
Ба оташе, ки надорад, ҳазор борам сӯхт.
Ғубори дашти муҳаббат суроғи ғайр надошт.
Ба барқи ҷилваи ӯ ҳар кӣ шуд дучорам, сӯхт.
Мабод шоми касе маҳрами саҳар, Бедил.
Димоғи нашъа дар андешаи хуморам сӯхт.

Он ҷангҷӯ ба зоҳир агар пушт додааст,
Пинҳон дари зи фатҳи намоён кушодааст.
Аз баски саъйи ҳиммати мардон фурӯтанист,
Пушти сипаҳ қавӣ ба савори пиёда аст.
Маҳви қафост оинапардозии сафо,
Аз ришдор ҳеч мапурсед, сода аст.
Тифлӣ чӣ мумкин аст равад аз мизоҷи шайх?
Ҳарчанд мӯ сафед кунад, пирзода аст.
Аз иллати машоиху атворашон мапурс,
Билфеъл тинати нари ин қавм мода аст.
Ҳар ҷо музайянест, ба ҳукми салоҳи шаръ,
Дар риши мӯҳтасиб бачалашро ниҳодааст.
Ин ҷо хаёли гунбади аммома ҳеч нест,
Бори сурин ба гардани воиз фитодааст.
Зоҳид куҷову тоати яздонаш аз куҷо?
Дар ваъзи саҷда шеваи хосаш ирода аст.
Раъноии имом надорад сари намоз,
Менозад аз асо, ки ба дасташ чӣ додаст.
Иқболи халқ баски ба идбор баста аҳд,
Пеш ӯфтодаасту қафо истодааст.
Пастӣ кашид домани ин ҳезтинатон
Чандон, ки номашон ба забонҳо фитодааст.
Мулло ҳазор бор ба ангуштхон даҳл
Таҳ карда дарсу гарми талоши нидода аст.
Номарду мард то накашад заҳмати гувоҳ,
Қозӣ дар ин муқаддима гавриш зиёда аст.
Бедил, чӣ зиллат аст, ки гардуни мунқалиб
Дар табъи мард хосияти зан ниҳодааст?!

Бе муҳобо бар мани маҷнун маяфшон пушти даст.
Чун сипар ғофил мазан бар теғи урён пушти даст.
Бори ҳар дӯше ба қадри дастгоҳи қудрат аст.
Барнамедорад ба ғайр аз захми дандон пушти даст.
Хок гардам, к-аз ғубори сарнавишт оям бурун,
Чун нигин натвон задан бар ном осон пушти даст.
Чашми дунёдор ҳар ҷо мекушояд доми ҳирс,
Менихад бар хок кашкӯли гадоён пушти даст.
Дахл дар кори ҷаҳон кам кун, ки монанди ҳилол
Мешавад аз нохунат охир намоён пушти даст.
Маънии иқболу идбори ҷаҳон фаҳмиданист.
Бо вуҷуди ганҷ дар даст асту урён пушти даст.
Чашмвокардан дар ин маҳфил шугуни хуш надошт,
Хӯрд ҷар то пои шамъ охир ба мижгон пушти даст.
Аз мукофоти амал ғофил набояд зистан.
Мерасад аз пушти даст охир ба дандон пушти даст.
Тинати таслимхӯён нест боби инқилоб.
Ҳаст дар басту кушоди панҷа яксон пушти даст.
Дидаи ҳақбин ба ваҳми ғайр мепӯшӣ чаро?
Бар чӣ олам мезанӣ, эй хонавайрон, пушти даст?
Бе ҷамолат ҳар куҷо бастем эҳроми чаман,
Бозгаштем аз надомат гул ба домон пушти даст.
Дар ғубори ҳоҷат истиғнои мо маҳҷуб монд.
Каф кушудан аз назарҳо карда пинҳон пушти даст.
Бедил, аз худ рангу бӯи эътибор афшондаем.
Ҳамчу гул мосму домаи то гиребон пушти даст.

Ҳам макун дар арзи ҳоҷат, то тавонӣ, пушти даст.
Ин қадарҳо барнамедорад гаронӣ пушти даст.
Шавкати мулку малак то авҷи иқболи фалак
Ҷумла помол аст, ҳар гаҳ мефишонӣ пушти даст.
То кай аз тарки кулоҳ ороиш андешиданат?
Маъние дорад на сурат, он чӣ хонӣ пушти даст.
Даъвии қудрат ҷаҳонеро зи по афкандааст,
Паҳлавонӣ, бар замин гар мерасонӣ пушти даст.
Аз баёзи чашми қурбонӣ чӣ истиғно дамид,
К-ин варақ афшонд бар лафзу маонӣ пушти даст.
Саъйи озодӣ ҳарифи домгоҳи ваҳм нест,
То куҷо гирад нёри парфишонӣ пушти даст?
Ӯҳдаи кори надомат бори дӯшам кардаанд,
Умрҳо шуд мегазам аз нотавонӣ пушти даст.
Омаду рафти нафас шуғлест аз тамҳиди яъс,
Андак-андак мезанам бар зиндагонӣ пушти даст.
Қатъи осори надомат нест мумкин з-ин бисот,
Ҳирс дандон дораду дунёи фонӣ пушти даст.
Ғайри истиғно илоҷи заҳмати асбоб нест.
Пушти пое гар набошад, то тавонӣ, пушти даст.
Умрҳо шуд интизори зулфи парӣ мекашам,
То занам аз пайкари ҳам бар ҷавонӣ пушти даст.
Аз кафам, Бедил, намедонам, чӣ гул доман кашид,
К-аз надомат кардам оҳир арғувонӣ пушти даст.

Ҳазар зи роҳи муҳаббат, ки пур хатарнок аст.
Ту мушти хори заифию шуъла бебок аст.
Тавон ба бекасӣ эмин шуд аз мазаррати даҳр.
Самуми ҳодисаро бахти тира тарёк аст.
Ба ихтиёр нарафтем, ҳар куҷо рафтем.
Ғубори мову нафас ҳукми сайду фитрок аст.
Чӣ гуна кам шавад аз мо маломати зоҳид.
Ки сад забони дарозаш ба чӯби мисвок аст.
Аз ин муҳит, ки дар бенамист тӯфонаш.
Касе, ки оби рухе бурд, гавҳараш пок аст.
Ғубори ҳодиса ҳис нест нотавононро.
Каманди мавҷи хатар ноҳудони хошок аст.
Зи хеш рафтани мо раҳбаре намехоҳад.
Далели қофилаи субҳ синаи чок аст.
Наёмадаст шаробе ба арзи шӯхии ранг.
Ҷаҳон ҳанӯз сияҳмасти сояи ток аст.
Чӣ вонамоямат аз чашмбанди олами ваҳм.
Ки худнамоии оина дар дили хок аст.
Замона качманишонро ба бар кашад, Бедил.
Касе, ки рост бувад, хори чашми афлок аст.

Чашми бедор тарабмояи сомони гул аст.
Дар назар обат агар сӯхт, чароғони гул аст.
Обу ранги дигар аз файзи ҷунун ёфтаем.
Арзи расвоии мо чоки гиребони гул аст.
Ишрати рафта дар ин боғ тамошо дорад.
Хандаҳои саҳар оғӯши парешони гул аст.
Як нигаҳ машқи тамошои тараб муфти ҳавас.
Ғунча дар маҳд ба пардози дабистони гул аст.
Доғи бетоқатии қоғази оташзадаем.
Рафтан аз худ чӣ қадар сайри хиёбони гул аст.
Ашки мо мавҷи табассумкадаи шӯхии ӯст.
Шӯри шабнам намаке аз лаби хандони гул аст.
Фурсати айш дар ин боғ начидаст бисот.
Ранг гардест зи пое, ки ба домони гул аст.
Нашъаи беҳуда тӯҳматкаши ҷамъияти дил.
Ғунча ҳам дар шикани бастани паймони гул аст.
Ту ҳам аз нолаи булбул нанишастан омӯз.
Саҳни ин боғ пур аз хонабадӯшони гул аст.
Рангу бӯ дар назарат чанд нақоб орояд?
Бохабар бош, ҳамин сурати урёни гул аст.
Ёди мо ҳусни туро оинаи истиғност.
Нолаи булбули Бедил алами шони гул аст.

Дўш дар роҳи хаёлат аҷаб шавқ оҳанг дошт
Саъйи ҷавлоне, ки гардишҳо ба пои ланг дошт.
Дил ба завқи ҷилваат бо оламе кардаст сулҳ,
Варна ин шахси ҷунун бо сояи худ ҷанг дошт.
Дар гулистоне, ки ҳайрат фарши ҷавлони ту буд,
Чашми ҳар барги гул ошўб аз ғубори ранг дошт.
Бе ту аз ҳар қатра ашкам рехт ранги нолае,
Орзў дар пардаи чашмам аҷаб оҳанг дошт.
Ин ҳама доми хаёлоте, ки бар ҳам чидаем,
Нест ҷурми мову ту, маъҷуни ҳастӣ банг дошт.
Ҷаври гардун ҳам накард ислоҳи сахтиҳои дил.
Осиё з-ин дона, гўӣ, зери дандон санг дошт.
Бо ҳама шўри ҳавас беҳтар аз оинаем.
Ҳайрати он ҷилва моро ин қадарҳо динг дошт.
Дил шикастам, шўри тўфони ҳавасҳо оромид.
Шишаи нохўрда бар санг анҷуманро танг дошт.
Умр ҳамчун соя дар андешаи ғафлат гузашт,
То намуде доштам, оинаи ман занг дошт.
Пойи таъзими моро гирдоб оина аст.
Ҳар кӣ домон аз бисоти хок чид, авранг дошт.
Шаб, ки ҳуснаш буд, Бедил, ғоратандеши баҳор,
Ғунча то бедор гаштан домане дар ҷанг дошт.

Ханда субхест, ки дар банди гиребони гул аст.
Айш мавчест, ки саргаштаи тӯфони гул аст.
Ғунчаро бӯи дилафзо сухани зерилабист.
Хулқи хуш абчади тифлони дабистони гул аст.
Махви рангинии гулзори тамошои туам.
Аз нигаҳ то мижаам арзи хиёбони гул аст.
Баски сад ранг чунун зинда шуд аз бӯи баҳор.
Дами Исо хичил аз чунбиши домони гул аст.
Дар гулистони вафо саъйи касе зоеъ нест,
Ранг ҳам гар равад аз худ, паи сомони гул аст.
Оламе чашм ба гарди рами мо равшан кард.
Дами субҳ оинапардози чароғони гул аст.
Эй хуш он дида, ки дар анчумани нозу ниёз
Боли булбул ба назар дораду ҳайрони гул аст.
Даври беҳушии моро қадахе лозим нест.
Гардиши ранг ҳамон лағзиши мастони гул аст.
Ғунчасон ғафлати мо боиси чамъияти мост.
Варна бедории гул хоби парешони гул аст.
Мотаму сури чаҳон оинаи якдигаранд.
Мактаи охи саҳар матлаи девони гул аст.
Дидае во куну найранги тахайюр дарёб.
Ин гулистон ҳама як захми намоёни гул аст.
Бедил, аз ёди рухаш ғӯта ба гулшан задаем.
Сари андешаи мо махви гиребони гул аст.

Дари хаёл мазан фаҳми хеш сози ту нест.
Чу шамъ чайби ту чуз буттаи гудози ту нест.
Зи коргоҳи хаёлат касе чй парда дарад,
Ки фитрати ту ҳам аз маҳрамони рози ту нест.
Ба гайри нестй аз эътибори олами ранг
Ба ҳар чй фахр кунй, боби имтиёзи ту нест.
Ба соя низ надорад гурури хок ҳисоб,
Нишеби ҳар чй кунй фаҳм, чуз фарози ту нест.
Зи дастгоҳи тасаннўъ тарй ба об мабанд,
Ҳақиқате, ки ту дорй, ба чуз мачози ту нест.
Ба гайри сачда зи хоки заиф мунфаилист,
Зи часту хез баро, ин қадар намози ту нест.
Тараддуди ду чаҳон орзўи мақсади халқ
Ба арсаест, ки як гоми ҳарзатози ту нест.
Ба пардаи тапиши дил ҳазор мизроб аст,
Ту гар нафас назанй, даҳр нагмасози ту нест.
Зи чашм бастани худ гофилй, амал то чанд
Ҳарифи ним гиреҳ риштаи дарози ту нест?
Зи ихтиёр дар ин базм дам мазан, Бедил,
Ҷаҳон чаҳони ниёз аст, чон нози ту нест.

Умрест ба чашмам зи нами ашк асар нест.
Эй дил, ту кучой, ки губорат ба назар нест?
Махрумии гафлатназариро чй илоч аст?
Халкест дар ин хона буруни дару дар нест.
Вахм онкаи халк ба зангор гирифтаст.
Гар чашм кушой, мижаат пеши назар нест.
Токат хамаро дар доми шамшер нишондаст.
То сина дар ин маърака бокист, сипар нест.
Бо лаъли бутон сахл мадон даъвии ёкут.
Кам нест дами лоф хамонро, ки чигар нест.
Ташвиши тараддуд макаш аз фикри миёнаш.
Дасти ту гар ин чо нашавад халка, камар нест.
Бедардии мо зери фалак сахт гариб аст.
Дар хонаи дудему касеро мижа тар нест.
Уммеди вафо низ дар ин базм фузулист.
Эй шамъ, дар ин чо хама шом асту сахар нест.
Чун шишаи соат ба фусунхонаи гардун
Зери кадам он хок насйбй, ки ба сар нест.
Меъёри барўмандии ин бог гирифтем.
Сархо ба сари дор расидаст, самар нест.
Ҷону часади ишку хавас чумла сароб аст.
Кас нест кунад фахм, ки хастй чй кадар нест?
Эй гарди парафшони сахар, дар чй хаёлй?
Чин куи зехи доман, ки гиребони дигар нест.
Номахрами парвози фановем, чй тавон кард?
Чин ранг паре дораму сар дар тахи пар нест.
Бедил, агар ин аст сару барги шуурат.
Ҳарчанд ба он чилва расй, гайри хабар нест.

То зи ҳусни ӯ гулистони тамошо ранг дошт,
Ҳайрат аз оинаам дасте ба зери санг дошт.
Ёди он айше, ки аз найранги ҷавлони касе
Гарди ман дар парда чун субҳи баҳорон ранг дошт.
То нафас боли фиғон зад, ранги саҳро рехт дил.
Умрҳо ин шамъи хомӯш кулбаамро танг дошт.
Комрониҳо бало шуд, варна аз беҳосилӣ
Дасти барҳамсудаи ман домане дар чанг дошт.
Об мегаштем кош аз арзи софиҳои дил,
К-он таназзулҷилва аз оинадорон нанг дошт.
Тарки тамкин ҷавҳари идроки мо барбод дод,
Оташи мо эътибори обрӯ дар санг дошт.
Ишқ ҳам дорад талофиҳо, ки чун минои май
Ҳар қадар хун буд дар дил, чеҳраи мо ранг дошт.
То кай аз шарми тамошо боядам гардид об?
Эй хуш он оина, к-аз ҳастӣ ниқоби занг дошт.
Баски мо, бечорагон, офатнасиб афтодаем,
Ранги мо бишкаст агар, дил бо тапидан ҷанг дошт.
Мунфаил аз даъвии нашвунамои ҳастием,
Сози ман дар хок, Бедил, беш аз ин оҳанг дошт.

Бар тапиданхои дил хам дидае во карданист.
Ракси бисмил оламе дорад, тамошокарданист.
Ё ба худ оташ тавон зад, ё диле бояд гудохт.
Гар димоги ишқ бошад, ин кадархо карданист.
Аз варакгардонии шому сахар гофил мабош.
Зери гардун он чи имрӯз аст, фардо карданист.
Ҳар кафи хоке ба ҷӯши сад гудоз омода аст.
Як калам ачзои ин майхона сахбо карданист.
Хоки мо хун гашту хунхо об гардиду ханӯз
Ишқ медонад, ки бе рӯят чӣ бо мо карданист.
Ҳашри ороме дигар дорад губори бехудӣ.
Як киёмат аз шикасти ранг барпо карданист.
Бенишонӣ мезанад мавч аз тилисми коинот.
Гар хама рангест, хам парвози анко карданист.
Ҳайрате дорам сурог аз пардаи зангори чисм.
Шояд ин оина дил бошад, мусаффо карданист.
Машраби дарди ту дорам, сайри олам кардаам.
Гар хама як катраи хун аст дил, чо карданист.
Изтиробам дар гирех дорад кафи хокистаре.
Чун сипанд аз нолаи ман сурма иншо карданист.
Қомати хамгашта мегӯянд огӯши фаност.
Нохуне гул кардаам, ин укда хам вокарданист.
Шахси тасвирем, Бедил, аз камоли мо мапурс.
Ҳарфи мо ногуфтаниву кори мо нокарданист.

Ҳумосурогаму зери фалак магас ҳам нест.
Чӣ ҷон кас, ки дар ин хона ҳеч кас ҳам нест.
Ба ваҳм хуи машав, эй дил, ки матлабат анқост.
Ба оламе, ки тавон сӯхт, мушти хас ҳам нест.
Зи бекарории мурғи асир донистам,
Ки ҷон як нафас ором дар қафас ҳам нест.
Фасоди мо асарҷоди ҳукми таҳдид аст.
Агар зи дузд наёбӣ нишон, асас ҳам нест.
Зи хеш рафтани мо нолае ба бор надошт.
Фиғон, ки қофилаи аҷзо ҷарас ҳам нест.
Гузаштааст зи ҳам гарди корвони вуҷуд,
Касе, ки пеш наафтодааст, пас ҳам нест.
Шарори ман ба чӣ уммед фоли шуъла занад?
Ки доманам тахи санг омаду нафас ҳам нест.
Ба дарди бекасиям хуи шав, эй пари парвоз,
К-аз ошён бадарам кардиву қафас ҳам нест.
Ба ин дурӯза тамошои зиндагӣ, Бедил,
Кадом шавқу чӣ ишқ? Ин қадар ҳавас ҳам нест.

Чун саҳар тӯмори чоки синаам во карданист.
Орӯҷи мастурие дорад, ки расво карданист.
Чун ҳубобам доғ дорад ҳайрати тактифи шавқ,
Дида маҳруми нигоҳу сайри дарё карданист.
Аз нафас дуздидани бӯи гулам ғофил мабош,
Домани печидае дорам, ки саҳро карданист.
Нестам беҳудагарди чорсӯи эътибор,
Мушти хоке дораму бо бод савдо карданист.
Хоҳише ку, то тавонам фоли навмедӣ задан,
Сухтанро низ хошоке муҳайё карданист.
Ҷайби ноз медарад субҳи баҳори ҷилвае,
Мужда, эй оина, ранги рафта пайдо карданист.
Аҷз мегӯяд ба овози ҳазин дар гӯши ман,
К-аз пари вомонда сайри офиятҳо карданист.
Мекунад ҳокистаре гард аз ниқоби ахгарам,
Қумрие дар байза менолад, тамошо карданист.
Қайди ҳастӣ барнатобад ҷӯши истиғнои ишқ,
Чун ҳаво гармӣ кунад, банди ҳабо во карданист.
Киштии мавҷе ба тӯфони шикастан додаем,
То нафас боқист, дасти аҷз боло карданист.
Пайкари хокӣ надорад чора аз арзи ғубор,
Нусхаи мо баски беробт аст, иҷзо карданист.
Лутфи маънӣ беш аз ин, Бедил, надорад эътибор,
Аз хаёли нозукат бӯи гул иншо карданист.

Ишратфурӯзи анҷумани ҳастиям ҳаёст.
Чун шабнами гулам арақ оинаи бақост.
Бошад, ки накҳате ба машоми асар расад.
Умрест нақди дасти ниёзам гули дуост.
Ку муштарӣ, ки сурмаи ибрат кашад ба чашм,
Яъне шикасти қиматам аҷзои тӯтиёст.
Он гавҳари шикастадилам, к-андар ин муҳит
Гирдоби баҳри донаи ман санги осиёст.
Меҷӯшам аз табиати офоти рӯзгор,
Ҳар ҷо шикаст мавҷ занад, ҳасрати садост.
Айбас гузаштаам зи фиреби ҷаҳони ранг,
Оина гар ба пеш кашам, акс бар қафост.
Гумкардагони чашмаи оби ҳаётро
Дар дашти аҷз теғи ту ангушти раҳнамост.
То чашм боз кардаӣ, аз худ гузаштаӣ,
З-ин баҳр то канор ҳамин як бағал шиност.
Чинӣ шавад хамӯш ба як мӯи сурмаранг,
Бо сад ҳазор мӯй хурӯши сарат чарост?
Маҳви ҷамол нанги фузулӣ намекашад,
Наззора дар қаламрави оина норасост.
Мо дарди сар зи афсари давлат чаро кашем?
Бахти сиёҳи мо чӣ кам аз сояи ҳумост?
Умрест дар тилисми кудурат нишастаем,
Бедил, ғубори хотири мо ошёни мост.

Умрест ба ҳайрат нафаси сӯхта ром аст.
Ин мастии осуда, надонам, зи чӣ ҷом аст?
Ғофил машав, эй бехабар, аз шӯриши ин баҳр.
Омад-шуди амвоҷи нафас маргпаём аст.
Бетоқати шавқему ҷабин доғи суҷудест,
Бутхона дар ин роҳ чиву Каъба кадом аст?
Чун ғунча ба ҳар атсаи беҷо мадеҳ аз даст
З-он гул майи бӯе, ки ба минои машом аст.
Шабнамсифат аз бас ки дар ин боғ заифем,
Бар тоири мо бӯи гуле печиши дом аст.
Мо бебасарон нози маориф чӣ фурӯшем?
Нури назари шабпараҳо зулмати шом аст.
Аз чоки дилу доғи ҷигар чора надорад
Он кас, ки ба олам чу нигин толиби ном аст.
Ҳарчанд ҳама шӯъла таровад зи лаби шамъ,
Дар мактаби мо соҳиби як мисраи хом аст.
Бетоби фано он ҳама кӯшиш напсандад,
Осудагӣ аз ҷодаи бисмил ду-се гом аст.
Гардун на ҳамин санг ба минои дил андохт,
Он ранг, ки нашкаст дар ин боғ, кадом аст?
Бедил, агар огаҳ шавӣ аз илм, ҳамӯшӣ,
Таҳсили камоли ту ба як ҳарф тамом аст.

Рафтани умр зи рафтори нафасҳо пайдост.
Ваҳшати мавҷ тамошои хироми дарёст.
Гирдбоде, ки ба худ дудсифат мепечад,
Нафаси сӯхтаи синаи чоки саҳрост.
Ҷавҳари оина афсурда зи кайди ватан аст.
Аксро гарди сафар оби руҳи нашвунамост.
Аз гуҳар мавҷ муҳол аст таровад берун.
Гиреҳи тори назар чашми ҳаёпешаи мост.
Қатъи саррииштаи парвози талаб натвон кард.
Бол агар силсила кӯтоҳ кунад, нола расост.
Наргиси масти туро дар чамани ҳусни адо
Майи шӯхӣ ҳама дар соғари лабрези ҳаёст.
Баски бе обила гоме нашумурдам ба раҳат.
Оби оина зи накши кадамам чеҳракушост.
Эътибори ба худ оташ заданам сахл магир.
Қади шамъ аз ҳама кас як сару гардан болост.
Эй таманно, макун аз хиҷлати ҷавлон обам.
Умрҳо шуд чу гуҳар катраи ман обилапост.
Ҳеҷ кас нест забондони хаёлам, Бедил.
Нағмаи пардаи дил аз ҳама оҳанг ҷудост.

Сози ту ҳаминнағмаи бедоди шикастест.
Дар шишаи ин ранг паризоди шикастест.
Гавҳар зи ҳубоб он ҳама тафриқ надорад.
Ҳар ҷост саре, дар гиреҳи боди шикастест.
Тасвири саҳар ранги саломат нафурӯшад.
Суратгари мо ҳомаи Беҳзоди шикастест.
Печухами аҷзем, чӣ нозу чӣ таайюн?
Болидани амвоҷ ба имдоди шикастест.
Чун ранг чӣ болам ба ғуборе, ки надорам?
Айшфаромӯшии ман ёди шикастест.
Танҳо дили ошиқ тапиши ваъс надорад.
Ҳар шиша тунукмашраби фарёди шикастест.
Бедил, наҳӯрӣ ишваи таъмири саломат.
Вайронии буниёди ту ободи шикастест.

Шавк то гарминон нест, фусурдан барчост.
Гар ба рохат назанад, сохили мо хам дарёст.
Рохате дар кафаси ваъзи кудурат дорем,
Занги мижгон ба хам овардани оинаи мост.
Чашми хосил чӣ тавон дошт, ки дар мазраи умр
Чун шарар донафишонӣ хама бар рӯи хавост.
Зиндагӣ нест матое, ки ба тамкин арзад.
Корвони нафаси мо хама чо харзадарост.
Дасти гул домани бӯе натавонист гирифт.
Рафт гирой аз он панча, ки дар банди хиност.
Ҳама вомондаи ачзем, агар кор афтад.
Нафаси сӯхта ин чо зирехи зери кабост.
То сари кӯи ту, ё раб, кӣ шавад рахбари ман?
Нола хори кадаме дораду ашк обилапост.
Сохиле ку, ки дихам арзи худоронхо?
Ҳар кучо гавхари ман чилва фурӯшад, дарёст.
Чораандешиям аз файзи алам махрумист.
Фикри бедардӣ агар рах назанад, дард давост.
Ҳама чо гумшудагон оинаи рози хаманд.
Ман зи худ рафтааму куръа ба номи анкост.
Нагмаи анчумани яъс ба шӯхӣ назанад.
Судани дасти надоматзадагон нармсадост.
Бедил, аз бодакашон вахшии ишрат нарамад.
Доми мургони тараб риштаи мавчи сахбост.

Масти ирфонро шароби дигаре даркор нест.
Ҷуз тавофи хеш даври согаре даркор нест.
Саъйи парвозат чу бӯйи гул гар аз худ рафтан аст.
То шикасти ранг бошад, шаҳпаре даркор нест.
Субҳро изҳори шабнам хандаи дандоннамост.
Синачоки шавқро чашми таре даркор нест.
Ҳиффату тамкини ҳичоби нашъаи ворастагист.
Баҳр агар бошӣ, ҳубобу гавҳаре даркор нест.
Шона гар машшотаи зулфат набошад, гӯ мабош.
Дафтари ошуфтагиро мистаре даркор нест.
Оташи хуршедро набвад кавокиб ҷуз сипанд.
Ҳусн чун саршор бошад, зеваре даркор нест.
Сӯхтан чун шамъ авҷи пояи иқболи мост.
Дог манзур аст ин ҷо, ахтаре даркор нест.
Шӯълаҳо дар пардаи саъйи ҷаҳон хобидааст.
Гар нафас сӯзад касе, оташгаре даркор нест.
Изтироби дил зи ҳар мӯям чакидан мекашад.
Чун раги абри баҳорам наштаре даркор нест.
Олами аҷз аст ин ҷо, ҷоҳ ку, шавкат кадом?
То тавонӣ, нола кун, карруфаре даркор нест.
Хишти бунёди ту бар ҳам чидани мижгон бас аст.
Дар тагофулхона бому манзаре даркор нест.
Зуҳду тақво ҳам хуш аст, аммо такаллуф бартараф.
Дарди дилро бандаам, дарди саре даркор нест.
Ҳирс қонеъ нест, Бедил, варна аз сози маош
Он чӣ мо даркор дорем, аксаре дар кор нест.

Дил музтариби ҷӯшу нафас нолабачанг аст.
Дарёб, ки хуни раги сози ту чӣ ранг аст.
То роҳи саломат сипарӣ, маҳви адам бош,
Осудагии шиша ҳамон дар дили санг аст.
Эй нола, мабодо, ба хаёлам равӣ аз хеш,
Чун ашк димоғи тапишам шиша ба чанг аст.
Оина ба сайқал зан, агар ҳавсала хоҳӣ,
Дар қулзуми таҳқиқ сафои ту наҳанг аст.
Ҳар гаҳ мижа во шуд, чу шарар рафтаӣ аз хеш,
Аз чашми баҳамбаста шитоби ту даранг аст.
Дил то ба кай аз забти нафас об нагардад?
Бар санг ҳам аз ҷӯши шарар қофия танг аст.
Аз ваҳшати ин базм ба ишрат натавон зист,
Ҳарчанд чароғон-ш кунӣ, пушти паланг аст.
Эмин машав аз хоҳиши хунношуда дар дил,
Мавҷе, ки ба гавҳар нахазидаст, наҳанг аст.
Он ҷо, ки фузулӣ рами нахчири мурод аст,
Аз кеши адаб он чӣ начастаст, хаданг аст.
Куфре батар аз ғафлати худбинии мо нест,
Дар олами динпешагӣ оина Фаранг аст.
Дар ёди туам нест ғам аз кулфати имкон,
Гарде, ки бувад дар раҳи гулшан, ҳама ранг аст.
Бедил, шарарам нози таайюн чӣ фурӯшад?
Мову сари таслим, ки умрест ба санг аст.

Нафаси булхавасон бар дили равшан тег аст.
Шамъи афрўхтаро чунбиши доман тег аст.
Шишаро саркашии хеш нишондаст ба хун.
Гардани бедабоиро раги гардан тег аст.
Миннати сояи икбол зи оташ кам нест,
Гар хумо бол кушояд ба сари ман, тег аст.
Хоки таслим ба сар кун, ки дар ин дашти халок
Ту надорӣ сипару дар кафи рахзан тег аст.
Натавон аз нафаси сўхтагон эмин буд,
Дуди ин хона чу барчаст зи равзан, тег аст.
Акс хунест фурў рехта аз пайкари шахс,
Гар хама оина созанд зи охан, тег аст.
Зулфикори дигар аст, он ки кунад катъи амал,
Варна микроз хам аз бахри буридан тег аст.
Сатри хуне зи парафшонии бисмил хондем,
Ки гар аз хеш равӣ, чодаи равшан тег аст.
З-ин надомат, ки ба васле нарасидам, Бедил,
Хар нафас дар чигарам то дами мурдан тег аст.

Изтироби набзи дил тамҳиди оҳанги фаност.
Шуъла дар ҳар парфишондан андаке аз худ ҷудост.
Шахси пирӣ нафйи ҳастӣ мекунад, хушёр бош,
Сурати қадди дуто оинаи таркиби лост.
Ҷ-ин чаман бар дастгоҳи ранг натвон дӯхт чашм,
Ғунча то нохун ба хуни дил нашӯяд, беҳиност.
Ҳеч кас чун мо асири бетамизиҳо мабод,
Мушти хоке дар гиреҳ дорем, к-ин оби бақост.
Хок гаштему ғубори мо ҳавое дарнаёфт,
Он ки бар ҳамёза ҳасрат мекашад, оғӯши мост.
Ҳосили кавнайн помоли надомат кардан аст,
Донаи кишти амалро судани даст осиёст.
Рашҳаи абри ниёзам, ғофил аз аҷзам мабош,
Саҷдаи ман реша дорад, ҳар куҷо муште гиёст.
Шавқ даркор аст, вазъи ину он манзур нест,
Бо нигаҳ ҳар барги ин гулшан ба ранге ошност.
Банд-бандам фикри он мӯи миён дарҳам шикаст,
Нотавонӣ ҳар куҷо зӯр оварад, зӯразмост.
Доғ мебояд, ки дил хилватгаҳи ҷамъият аст,
Нола меноляд, ки ин ҷо ҷои осоиш куҷост?
Раҳравон тамҳиди парвозе, ки меояд аҷал,
Дудҳо аз худ бурунтозе, ки оташ дар кафост.
Бедил, аз найранги асбоби маю мо ғофилӣ,
Ин ки субҳи зиндагӣ фаҳмидаӣ, рӯи қазост.

Олам тилисми ваҳшати чашми сиёҳи ӯст,
То заррае, ки мерамад аз худ, нигоҳи ӯст.
Моему посбонии хилватсарои чашм.
Берун рав, эй нигоҳ, ки ин хобгоҳи ӯст.
Шабнам ба ним чашм задан ҷавҳари ҳавост,
Озода Бедиле, ки ҳамон ашк оҳи ӯст.
Бетоби ишқ агар ҳама реги равон шавад,
То сар ба ҷост, обилаи по ба роҳи ӯст.
Аз оҳу нола дил ба ғалат пай намебарад,
З-ин дашт ҳар чӣ гард барорад, сипоҳи ӯст.
Ҳайратнигоҳи шавкати навмедии худам,
К-ин ҳафт арса як кафи бедастгоҳи ӯст.
Дар водие, ки ҳасрати мо об мехӯрад,
Мавҷи нигоҳи ташна ҳуҷуми гиёҳи ӯст.
Бо маҳрамони аҷз ҳаводис чӣ мекунад?
Сарҳои ҷайбулфати мо дар паноҳи ӯст.
Таҳҷуръаи шароби ғурурест аҷзи мо,
Ранги шикаста сози тарфи кулоҳи ӯст.
Дилдор, то ту рафтаӣ аз худ, расидааст,
Бедил, гузаштание, ки ҳамин шоҳроҳи ӯст.

То табассум бо лаби гулшанфиребат ошност.
Аз хичолат гунчаро пироҳани хуби кабост.
Не ҳамин ошуфтае чун зулф дорӣ рӯ ба рӯ.
Ҳамчу кокул низ як чамъи парешон дар кафост.
Умрҳо шуд, к-аз таманнои баҳори чилваат
Булбулонро дар чаман ҳар барги гул дасти дуост.
Куштаи теги таманнюро дар ин гулзори шавк
Ҳамчу гул як хандаи захми шаҳодат хунбаҳост.
Ғунча то дам мезанад, мавчи шикаст оина аст.
Донаи дилро хаёли гардиши ранг осиёст.
То зи чашми илтифоти теги ӯ афтодаам,
Бахяро бар рӯи захмам хандаи дандонномост.
Ғофил аз ибратфурӯшиҳои олам нестам.
Ҳар кафи хоке аз ин саҳро ба чашмам тӯтиёст.
Равшан аст аз банд-бандам ваҳшати аҳволи дил.
Ҳар гиреҳ дар кӯчаи най нолаеро нақши пост.
Очизиро пешвои саъйи максад кардаем.
Бештар нақши қадам моро ба манзил раҳнамост.
Ҳамчу дандон сахтрӯён санги минои худанд.
Чун забон нармӣ мулоимтиниатонро мӯмиёст.
Пай ба ишрат бурдан аст аз сахтгириҳои даҳр.
Номро нақши нигине нест, нақби хандаҳост.
Гар на махмури гирифторист зулфи маҳвашон,
Бедил, аз ҳар ҳалқа дар ҳамёзаи ҳасрат чарост?

Ёр дур аст зи мо, то ба нигар наздик аст.
Имтиёз оинаи дурии ҳар наздик аст.
Мегазад ҷавҳари оина кафи дасти тиҳӣ.
Бохабар бош, ки ифлосу ҳунар наздик аст.
Агар аз неъмати алвон натавон ком гирифт,
Муғтанам гир, ки дандон ба ҷигар наздик аст.
Чун нафас ним нафас дар қафаси оинаем,
Роҳати манзили мо пур ба сафар наздик аст.
Дуди дил муждаи хокистари мо доду гузашт.
Яъне, ин шаб, ки ту дидӣ, ба саҳар наздик аст.
Дар ибодаткадаи дил, ки адаб маҳрами ӯст,
Ҳар дуое, ки накардам, ба асар наздик аст.
Ғайри бисмил ҳама кас ҷусту надоданд суроғ
Ошёне, ки ба афшондани пар наздик аст.
Ҳами таслим ҳам аз вазъи ниёзам бипазир,
Ҳалқа ҳарчанд бурун аст зи дар, наздик аст.
Дурии обу гуҳар бар мани дилдор мабанд,
Он қадар нест, ки гӯям, чӣ қадар наздик аст.
Бедил, оина бипардоз, ғами дурӣ чанд?
Осмон низ ба андоми назар наздик аст.

Эй адампарварда, лофи ҳастият чон ҳаёст.
Бенишонро нишон фаҳмидай, ғират хатост.
Соиро ваҳми бақо дар аҷз хобонидааст.
Варна як гом аз худат он сӯ ҷаҳони кибриёст.
Бе ҳамидан аз замин натвон гуҳар бардоштан.
Он чӣ бардорад дилат з-ин хокдон, қадди дутост.
Нуқси биноист касби ибрат аз аҳволи марг.
Чашм агар бошад, ғубори зиндагӣ ҳам тӯтиёст.
Худсариҳо аз мақоми имн дур афтодан аст.
Нола то андози шӯхӣ мекунад, аз дил ҷудост.
Ҷуз фано сурат набандад эътибори зиндагӣ.
Гӯ, бинолад ё ба худ печад, нафас ҷузви ҳавост.
Ҳайрҳоро ҷилваи шар медиҳад чархи дуранг.
Пушти коғаз дар назар чап менамояд нақши рост.
Авҷи давлат сифлатабъонро ду рӯзе беш нест.
Хок агар имрӯз бар чарх аст, фардо зери пост.
Нозанинон фориғ аз ороиши машшотаанд.
Ҳусни маъниро ҳамон рангинии маънӣ ҳиност.
Ҳарфи сарде кӯҳи тамкинро зи ҷо бармеканад.
Аз насиме хонаи бетобии зарё ба пост.
Шабнами ин боғ мижгоне надорад дар назар.
Гар ту бархезӣ зи худ, бархостанҳоят асост.
Аҷзи тоқат садди роҳи рафтан аз хешам нашуд.
Бедил, аз вомондагӣ сар то ба пои шамъ пост.

Дӣ ҳарфи хиромаш ба лабам болкушо рафт.
Дил дар бари ман буд, намедонам, ба куҷо рафт.
Худдориву побӯси чанобаш чӣ хаёл аст?
Мебоядам аз дасти худ он ҷо чу ҳино рафт.
Мову гули ин боғ ба ҳам сохта будем.
Фурсат тунук афтод, сару барги вафо рафт.
Пеши кӣ гиребон дарам, эй вой, чӣ созам?
К-он тангқабо аз барам оғӯшкушо рафт.
Дар мулки хаёл омаду рафти нафасе буд.
Акнун хабари дил кӣ диҳад, қосиди мо рафт?
Фурсатшумори ваҳми амал чанд тавон зист?
Эй ваъдаи дидор, қиёмат ба куҷо рафт?
Мақдурӣ агар нест, чӣ ҳосил зи ҳидоят?
Хуш дор, ки бе по натавон раҳ ба асо рафт.
Ҳар хор, ки дидам, мижаи ашкфишон буд.
Ҳайронам, аз ин дашт кадом обилапо рафт?
Даъватхавасон сахт таколифкаминанд.
Эй оби рухи шарм, нахоҳӣ ҳама ҷо рафт.
Бар мо ҳаваси боли ҳумо соя наяфканд.
Сад шукр, ки ин занг зи оинаи мо рафт.
Мӯ кард сиёҳӣ дами хомӯшии чинӣ.
Шуд сурма хати чода зи роҳе, ки садо рафт.
Чун шамъ зи бас раҳбари мо ачзи расо буд.
Гар сар ба ҳаво рафт, ҳамон обилапо рафт.
Тӯҳматкаши ибром шуд ифротнадомат.
Ибрат арақе кард, к-аз ин базм ҳаё рафт.
Аз умр ҳамин қадди дуто монд ба ёдам.
Ин Рахши сабуксайр аҷаб нақшнамо рафт.
Бедил, дами ҳастӣ ба назарҳо сабукам кард.
Хокам чу саҳар аз нафас оҳир ба ҳаво рафт.

Тӯҳмати афсурдагӣ бар тинати ошиқ хатост.
Ноли ҳар ҷо оина гардид, озодинамост.
Бе фано мушкил, ки гардад дил ба ибрат ошно.
Чашми ин оинаро ҳокистари худ тӯтиёст.
То тавон озод будан, домани узлат магир.
Мавҷро дар ҳар тапиш бар вазъи гавҳар хандахост.
Ҷоми оби зиндагӣ танҳо ба коми Хизр нест.
Дар гудози орзу ҳам ҷӯши дарёи бақост.
Маънии дуд аз китоби шӯъла иншо кардаанд.
Ҳар куҷо ӯ ҷилва дорад, нози ҳастӣ муфти мост.
Ҳар киро аз нашъаи маъниест серӣ, хомуш аст.
Соғари лабрез агар сад лаб кушояд, бесадост.
Оламе саргашта аст аз изтироби гиряам.
Ашки ман сарчашмаи даврони чандин осиёст.
Мекунад ҳар ҷузвам аз шавқи ту кори оина.
Хомаи тасвираму ҳар мӯи ман суратнамост.
Гар барояд аз садаф, гавҳар асири ришта аст.
Хонаву ғурбат дили огоҳро доми балост.
Кай парешон мекунад боди ғурур аҷзои ман.
Нусхаи хоки маро шероза нақши бӯриёст.
Ин қадар чун шамъ аз шавқи фано ҷон меканам.
Бо камоли саркашӣ саъйи нигоҳам зери пост.
Нақши чандин ибрат аз унвони ҳолам равшан аст.
Шӯълаи ҷавволаи ман мӯҳри тӯмори фаност.
Бедил, аз мушти ғубори мо дили худ ҷамъ кун.
Шонаи ин турраи ошуфта дар дасти ҳавост.

Майе, ки шӯхии рангаш ҷунуни афлок аст,
Ба хотами қадаҳи мо нигини идрок аст.
Хамири қолаби ман буд лойи хум, к-имрӯз
Касе, ки реша ба дил медавонадам, ток аст.
Марез оби рухи саъй ҷуз ба қадри зарур,
Ки симу зар зи фузунӣ вадиати хок аст.
Фурӯғи ҷавҳари ҳар кас ба қадри ҳиммати ӯст,
Ба чашми оташ агар сурмаест, хошок аст.
Зи сайдгоҳи таалluқ ҳамин суроғат бас,
Ки ҳар куҷо диле овехтаст, фитрок аст.
Нигаҳ зи дидани мо партаве надод бурун,
Чароғи оина аз дудмони имсок аст.
Дилам ба улфати нозу ниёз меларзад,
Ки ранги ҷилва ҳарир асту дида намнок аст.
Ҷаҳон зибаски ҳуҷуми ғубори дил дорад,
Нигоҳ аз мижа берун наҷаста дар хок аст.
Тапидан оинаи мост, варна з-ин дарё
Ҳисоби мавҷ ба як оромиданаш пок аст.
Ба ғайри ваҳм дигар чист монеат, Бедил?
Ту парфишониву аз шаш ҷиҳат қафас чок аст.

Нашъаи ҳастӣ ба даври ҷоми пирӣ норасост.
Қомати хамгашта хатти соғари базми фаност.
Аҳли маънӣ дар ҳуҷуми ашк ишрат чидаанд.
Субҳро дар мавҷи шабнам хандаи дандонномост.
Офият хоҳӣ, видои орзӯи ҷоҳ кун,
Шамъи ин базм аз кулоҳи худ ба коми аждаҳост.
Гар зи асрор огаҳӣ, кам нест нуқсон аз камол.
Чун хати паргор хондӣ, ибтидоят интиҳост.
Баъди мурдан ҳам наям бе ҳалқаи занҷири ишқ.
Ҳар кафи хокам ба доми гирдбоде мубталост.
Мӯи пирӣ мекашад моро ба тавфи нестӣ.
Шӯъласон хокистари мо ҷомаи эҳроми мост.
Синасофонро ҳунар набвад магар асбоби фақр.
Ҷавҳар андар хонаи оина нақши бӯрёст.
Гар зи домон по кашидӣ, дасти осониш мадор.
Чун сухан аз лаб қадам берун ниҳад, ҷузви ҳавост.
Дастгоҳ аз саҷдаи ҳақ монеи дил мешавад.
Донаро гарданкашӣ сармояи нашвунамост.
Дӯзахи нақд аст дур аз васли ҷонон зистан.
Бе ту субҳам шоми маргу шоми ман рӯзи ҷазост.
Шавқ мебояд, хаёли мақсад манзур нест.
Ҷустуҷӯ бе мақсад асту гуфтугӯ бемуддаост.
Дар адам ҳам кам нахоҳад гашт, Бедил, ваҳшатам.
Шӯъла хокистар агар шуд, бози парвозаш расост.

Ёди он чилва зи чашмам гирехи ашккушост.
Шавки дидорпарастон чӣ кадар оинавост.
Назри кӯест губори баҳаворафтаи ман.
Бохабар бош, ки дунболаи ин сурма расост.
Пирием сархати таҳкики фано равшан кард.
Ҳалкаи комати ман айнаки накши кафи пост.
Хилваторон хаёли адаби дидорем,
Ҳар кучо оинае хаст, губори дили мост.
Он кадар саъй ба ободии мо лозим нест.
Хонаи чашм ба имдоди нигоҳе барпост.
Хок ҳам шӯхии андози губоре дорад,
Шарти афтодагӣ он аст, ки натвон бархост.
Оташ аз чехраи заррин асари зар надихад.
Дин ба дунё мафурӯшед, ки дунё дунёст.
Ғунча з-он пеш, ки оханги нафас соз кунад,
Ҷараси кофилаи ранги тараб яъсавост.
Шавкати ҳусн ки лашкаркаши ноз аст ин чо,
Умрхо шуд, сафи мижгони бутон рӯ ба кафост.
Бенаво нест дил аз чӯши кудурат, Бедил.
Шишаро санги ситам оинаи ҳусни садост.

Бе рӯи ту миҷгон чӣ нигорад ба сарангушт?
Чашмест, ки бояд бадар орад ба сарангушт.
Чун най зи тунукмоягии дард батангем,
То чанд нафас нола шуморад ба сарангушт?
Машқи хати беповусарам сабҳашуморист,
Кош обилае нукта гузорад ба сарангушт.
Дар табъи ҷаҳон харкати бехост харош аст,
Он кист, ки андеша гуморад ба сарангушт?
Аз ҳосили гулчинии ин боғ надидем
Ҷуз нохуни фарсуда, ки дорад ба сарангушт.
Умрест, ки дар ранги чаман шӯри шикастест,
Ку ғунча, ки гул гӯш фишорад ба сарангушт?
Аз маъниии зинҳори ман огоҳ нагаштӣ,
То чанд чу шамъ оина корад ба сарангушт?
Таклид муҳол аст, барад лаззати таҳқиқ,
Неъмат чу забон барнагуворад ба сарангушт.
Шодам, ки ба заҳматкадаи олами тадбир
Бенохуниям уқда надорад ба сарангушт.
Эй бекасӣ, ин бодиян яъс надорад
Хоре, ки сари обила хорад ба сарангушт.
Бедил, зи ҷаҳон маҳв шуд осори мурувват,
Имрӯз ба ҷуз мӯ кӣ гузорад ба сарангушт?

Ғафлат аз оқибат уқубатҷӯст.
Силанчоми бехабар зи кафост.
Аз ситамгар чӣ мумкин аст адаб?
Шӯълаpо сар ба ҷайбу по ба ҳавост.
Ҳайфи рӯе, ки аз май афрӯзад.
Оламе ғозаҳохи ранги ҳиност.
Домани дил гирифтаем ҳама.
Хуни мастон ба гардани миност.
Пайсипар сабзаи баҳори туам.
Шӯхӣ аз тинатам наёяд рост.
То тарам, шармсори побӯсам.
Чун шудам хушк, узри хок расост.
Дарди ишкем, дар куҷо гунҷем!
Дил ду рӯзе ҳаёли хонаи мост.
Пир гаштӣ, дил аз ҷаҳон бардор.
Дасту поҳон хушкмонда асост.
Нестӣ омад-омаде дорад.
Субҳи имрӯз хандаи фардост.
Ҳасрати исми бемусаммо чанд?
Офият гуфтугӯст, варна куҷост?
Шарм дор аз фузулии ҳоҷат.
Лаби изҳор пушти пои ҳаёст.
Фақр ку, то ғано кунем иҷод.
Обёри карам ниёзи гадост.
Хок нагашта ҳеҷ натвон шуд.
Нестӣ толеозмоихост.
Эй зи худ ғофилон, хабар гиред.
Дар таҳи хок бекасӣ танҳост.
Бедил, аз обрӯ гузаштан нест.
Аз ҳаё ғофилӣ, арақ дарёст.

Сармояи узри-талабам аз ҳама беш аст.
Дар қофилаи ишқ ҳамин обила пеш аст.
Ҷаҳде, ки зи фикри ҳасади халқ барой,
Хоре, ки ба пос нахалад, марҳами реш аст.
То марг фусурдан накашад тинати мардон,
Оташ ҳама дам сӯхтани ғайрати хеш аст.
Ҷое, ки зи хатти ту нуму сабз нагардад,
Фирдавс агар тал шавад, анбори ҳашиш аст.
Аз барги таровот нигаҳе об надодем,
Сарсабзии ин боғ ба шохи бузу меш аст.
Аз санги шарар гум нашуд, аз хок ғубораш.
Аз ёс бипурсед, ки роҳат ба чӣ Кеш аст!
Бастаст қазо рабти алоиқ ба гусастан.
Хуш дор, ки бегонагие бо ҳама хеш аст.
Дӯкони адам моя тағйир надорад.
Моему матое, ки на кам буду на беш аст.
Бедил, баадаб бош, ки дар пайкари инсон
Гар раг кунад изҳори пурӣ, ташнаи неш аст.

Чун соя баски кулфати ғафлат сиришти мост.
Бахти сиёҳ номаи аъмоли зишти мост.
Гардун ба фикри офати мо кам фитода аст.
Монанди хум ҳамеша сари мову хишти мост.
Чун ғунча дар камини баҳоре нишастаем.
Чоке агар дамад зи гиребон, биҳишти мост.
Дар сина дил ба забти нафас об кардаем.
Ноқус аз ситамзадаҳои куништи мост.
Савдои турраат зи сари мо намеравад.
Чун шӯъла дуди дил рақами сарнавишти мост.
Тӯҳмат мабанд беҳуда бар дӯши ваҳми ғайр.
Хору гули бисоти ҷаҳон хубу зишти мост.
Ашке зи улфати мижа дилбар гирифтаем.
Ҳар донае, ки реша надорад, зи кишти мост.
Пӯшида нест ҷавҳари наззорамашрабон.
Оина лахте аз дили ҳайратсиришти мост.
Бедил, бинои рехтаи дарди улфатем.
Гарди ҷафову доғи амал хоку хишти мост.

Чун сипанд ороми чашми дарднокам нола аст,
Барқи ҷавлоне, ки хоҳад сӯхт покам, нола аст.
Сад гиребон нусхаи расвоиям, аммо ҳанӯз
Як алиф аз интихоби машқи ҷокам нола аст.
Аз аламдорони яъсам, кори иқболам баланд,
К-аз самак то олами авҷи самокам нола аст.
Кас намефаҳмад забони хоксориҳои ман,
Варна ҳар гарде, ки мехезад зи хокам, нола аст.
Аз гудози офият ашке бурун ҷӯшидаам,
Бодаи дарди дилам, рагҳои токам нола аст.
То нафас бар хеш болад, яъс урён мешавад,
Бе рухат сад пираҳан сомони ҷокам нола аст.
Кас бадомӯзи назокатфаҳмии улфат мабод,
Хомушӣ ҳам бе ту аз баҳри ҳалокам нола аст.
Гум шудам аз хешу таҳрики дил овозам надод,
Ин ҷарас, Бедил, намедонам, ҷаро камнолааст?

То зи ҷинси табу тоби нафас осоре ҳаст,
Ишқро бо дили савдозадаам коре ҳаст.
Ку диле, к-аз ҳавас оройиши дӯконаш нест?
Дар сафохонаи ҳар оина бозоре ҳаст.
Халқе офаткаши найранги хаёл аст ин ҷо,
Ҳеч кас нест хар, аммо ҳамаро боре ҳаст.
Хок гаштему зи таъсири хаёли ту ҳанӯз
Дили ҳар зарраи мо чашмаи дидоре ҳаст.
Мову ман ҳеч кам аз наъраи мансурӣ нест.
То нафас ҳаст, ҳузури расану доре ҳаст.
Эй дил, ибром макун, чашмаш агар ҷон талабад,
Аз мурувват магузар, хотири беморе ҳаст.
Боиси қатли ман аз лоларухон ҳеч мапурс,
Ин қадар бас, ки бигӯянд, гунаҳгоре ҳаст.
Оташи ҳусни кӣ дар дайри хаёл афтодаст?
Шамъ ҳам сӯхтаи қашқаву зунноре ҳаст.
Захми моро асарандуди табассум мапсанд,
Ки дар ин мавҷи гуҳар гарди намакзоре ҳаст.
Беҳ, ки дар пеши лабат арзи хамӯшӣ бибарад
Тӯтиеро, ки зи шаккар сари гуфторе ҳаст.
Ё раб, аз партави дидор нагардад маҳрум
Маҳфили ҳайрати мо оинамиқдоре ҳаст.
Умр дар забти нафас сайди расоӣ дорад,
То тавонӣ, ба гиреҳ гир, агар торе ҳаст.
Ҳамчу он нағма, ки аз тор бурун меояд,
Агар аз хеш равӣ, ҷодаи бисёре ҳаст.
Тоби хуршеди ҷамолаш чу надорӣ, Бедил,
Дар хаёли хати ӯ сояи деворе ҳаст.

Зохид, ки бодаш офати имон шикастурехт.
То шиша бишканад, дили мастон шикасту рехт.
Шаб бо саводи зулфи ту зад лофи хамсарӣ,
Субхаш ба санги тафриқа дандон шикасту рехт.
Бар дидаи сипехр нишонд абрӯи хилол
Наъли саманди ӯ, ки ба чавлон шикасту рехт.
Он хор хори чилва, ки моему хасраташ,
Дар чашми орзу хама мижгон шикасту рехт.
Ашке, ки дар хаёли ту аз дида рехтем,
Сад гавхар обгинаи Уммон шикасту рехт.
Айши замона аз асари гуфтугӯ гудохт,
Ранги бахор нолаи мурғон шикасту рехт.
Сомони рӯзӣ аз араки саъй мушкил аст,
Яъне дар обрӯ натавон нон шикасту рехт.
То кай ба саъйи ашк тавон чамъ сохтан
Гарди маро, ки сахт парешон шикасту рехт.
Бар санг мезад оинаам шишаи хаёл,
Дидам, ки ранги чехраи имкон шикасту рехт.
Ашкам ба дӯши хар мижа сад чок басту рафт,
Ин тукма, ё раб аз чӣ гиребон шикасту рехт.
Монанди нақши по ба гили ачз хуфтаем,
Бар мо хазор обилаборон шикасту рехт.
Бедил, ба кори рафъи хуморе наёмадем,
Минои мо хамон аракафшон шикасту рехт.

Адабинзорому бо васли туам коре хаст.
Арзи огӯш надорам, дили афгоре хаст.
Наравад силсилаи бандагӣ аз гардани мо.
Субҳа гар хок шавад, риштаи зунноре ҳаст.
Бо ҳама кулфати дурӣ ба ҳамин хурсандем,
Ки дар оинаи мо ҳасрати дидоре ҳаст.
Пайкари хокии моро ба раҳи сели фано
Ёди вайронӣ аз он нест, ки меъморе ҳаст.
Даҳр ваҳм аст, сари хуш саломат бошад,
Акс кам нест, гар аз оина осоре ҳаст.
Зарраи мо ба чӣ уммед занад боли нишот?
Сари хуршед ҳам имрӯз ба деворе ҳаст.
Эй дил, аз меҳри рухи дӯст чароғе ба каф ор,
К-аз хами зулф ба роҳи ту шаби торе ҳаст.
Ашк гул мекунад аз чунбиши миҷгони тарам,
Ғунчаам дар гарави сарзаниши хоре ҳаст.
Зиндагӣ хирмани моро чӣ кам аз барқи фаност?
Ранги гул ҳам ба чаман оташи ҳамворе ҳаст.
Ҷои парвози зи худрафта фиғоне дорем,
Бол агар нест, надоматзада минқоре ҳаст.
Олам аз шӯхии ишқ ин ҳама тӯфон дорад,
Ҳар кучо маърака ҳаст, чигардоре ҳаст.
Аз камар бастани он шӯх яқин шуд, Бедил,
К-ин гиреҳ додани ӯро ба миён торе ҳаст.

Шаб гирям ба он хама сомон шикасту рехт.
К-аз хар сиришк шишаи тӯфон шикасту рехт.
Дар рохи интизори туам ашк буду бас.
Гарди мусибате, ки зи домон шикасту рехт.
Тӯфони дахр шӯриши охам фурӯ нишонд.
Ин гирдбод гарди биёбон шикасту рехт.
Ашкам зи дида рехт ба холи шикасти дил.
Мушкил гаме, ки ишки ту осон шикасту рехт.
Аз чашмат он чӣ бар кадахи май фитодааст.
Касро кам ӯфтод бад-ин сон шикастурехт.
Охир чакид мавчи табассум зи гавхарат.
Шӯри намак нигар, ки намакдон шикасту рехт.
Умре инони гиря кашидам, вале чӣ суд?
Охир ба доманам чигаристон шикасту рехт.
Бод ба нақши пои ту сайри бахор кард.
К-ин барг аз он нихоли хиромон шикасту рехт.
Гирдоби хун зи хар ду чахон мавч мезанад.
Дар чашми интизори кӣ мижгон шикасту рехт?
Дар олами хаёли ту ин гунчавор дил
Оинахонае ба гиребон шикасту рафт.
Аз хеш хар чӣ буд, шикастему рехтем.
Ғайр дили шикаста, ки натвон шикасту рехт.
Бедил, зи файзи ишқ ба мижгон дамидаам
Дар бешае, ки нохуни шерон шикасту рехт.

Шаб, ки ҳайрат бо хаёлат тарки килу кол рехт,
Ҳамчу шамъ аз пайкарам яксар забони лол рехт.
Як саҳар то нақш бандам, сад чаман рангам шикаст,
То ба парвозе расам, андеша чандин бол рехт.
Ҳамчу дил оинаи ваҳме ба даст афтодааст,
Метавон аз лофи ҳастӣ як ҷаҳон тимсол рехт.
Гоҳи арзи сарнавишти нотавониҳои ҷон
То ракам дар ҷилва ояд, килки кудрат нол рехт.
Як нафас чун соя гаштам ғофил аз хуршеди ишк,
Бар сарапоям саводи номаи аъмол рехт.
Обам аз шарми самоҷатпешагони ин чаман,
Баҳри як лабханда натвон обрӯ ҳар сол рехт.
Бе таби шавкат ба ранги шӯъла доғи ахгарам,
Орамидаиҳо маро дар колаби табхол рехт.
Рафтаам аз хештан ҷандон, ки меоям ҳанӯз,
Бехудӣ аз мағзиям тӯфони истиқбол рехт.
Умр бигзашту ҳамон нокардони ҷилваем,
Нестӣ оинаи мо сахт бетимсол рехт.
То паре афшондаем, аз осмонҳо бартарем,
Бисмили рангем, натвон хуни мо помол рехт.
Кор бо ишқ аст, Бедил, варна дар майдони лоф
Булҳавас ҳам метавонад хуне аз қифол рехт.

Дар он бисот, ки хуснат дучори оина аст,
Бихишт оинаи интизори оина аст.
Зи накши пои ту к-оинадори оина аст,
Бисоти рӯи заминро бахори оина аст.
Агар зи чавхари наззора нест дом ба дӯш,
Чаро зи рӯи ту хайрат шикори оина аст?
Ба дастгохи сафо кӯш, агар диле дорӣ,
Ҳамин фурӯги назар эътибори оина аст.
Ба ёди чилва назар бохтем, лек чӣ суд!
Ки ин гул аз чамани интизори оина аст.
Тавон зи содадилӣ гашт нусхаи тахкик,
Ки хубу зишти чахон дар канори оина аст.
Сафои дил талабӣ, дида дар хами мижа гир,
Намад зи гарди кудурат хисори оина аст.
Ба кадри шарм гул афшонд беникобии хусн,
Арак ба олами шӯхӣ бахори оина аст.
Ба рӯи кор наёяд хунар зи софдилон,
Ки арзи чавхари худ зангбори оина аст.
Кудурат аз дами хастӣ кашад дили огох,
Нафас ба чашми тааммул губори оина аст.
Чароги анчумани шавк чуз тахайюр нест,
Нихони пардаи дил ошкори оина аст.
Зи накшхои баду неки ин чахон, Бедил,
Диле, ки соф шавад, дар шумори оина аст.

Туӣ, ки ғайри дилам ҳеҷ ҷо мақоми ту нест.
Агар нигин дамад офоқ, ҷои номи ту нест.
Ҷиҳоти кавну макон чун нигоҳи ашколуд
Ҳанӯз обилапоеву ними гоми ту нест.
Қидам ба кисвати нози худус мебояд.
Хуморҳо ҳама ҷуз нашъаи давоми ту нест.
Хироми қосиди розат аз он сӯи ману мост.
Нафас ҳам он ҳама маънирасӣ паёми ту нест.
Ҳазор оина дар дил шикаст тамкинат,
Вале чӣ суд, ки тимсоли шавқ роми ту нест?
Фузулии ҳавасат нанги эътибор мабод.
Ба коми туст ҷаҳон, гар ҷаҳон ба коми ту нест.
Ниёзпарварии ноз сеҳрпардозист.
Ба худ маноз, ки ҷуз хоҷагӣ ғуломи ту нест.
Ба паркушоии анқо нафас чӣ ришта танад?
Чӣ шуд, ки донаи дил решакарди доми ту нест?
Тааммулат нашавад гар маҳосиби аъмол,
Касе дигар ҳавасиншои интиқоми ту нест.
Чу осмон зи ту бартар хаёл натвон баст.
Чӣ манзарӣ, ки ҳаво ҳам ба пушти боми ту нест?
Саводи рози ту равшан ба нури фитрати туст.
Чароғи ваҳми кас оинадори шоми ту нест.
Чу офтоб ба ҳар ҷо расӣ, суроғи худӣ.
Нишони по гули раънои хироми ту нест.
Ту хоҳ масти гумон бош, хоҳ маҳви яқин,
Шароби ҷоми ту ғайр аз шароби ҷоми ту нест.
Паёми ишқ ба гӯши ҳавас маҳон, Бедил.
Сухан агар сухани ӯст, ҷуз каломи ту нест.

Наккоши азал то камари мўкамарон баст.
Тасвири миёнат ба хамон мўи миён баст.
Аз ғайрати ноз аст, ки он ҳусни чаҳонтоб
Во кард никоб аз руху бар чашми чаҳон баст.
Шўҳратталабон, ғарраи иқбол мабошед.
Сарҳост дар ин чо, ки баландӣ ба синон баст.
Сомони камол он хама бар хеш мачинед.
Анбўҳи ҳар чинс, ки дидем, дукон баст.
Мансуби качон мўътамади амн нашояд.
З-он тир бияндеш, ки худро ба камон баст.
Тарки талаби рўзӣ аз одам чӣ хаёл аст?
Гандум натавонист лаб аз ҳасрати нон баст.
Мурдему зи ташвиши таалук нагусастем.
Бар одами бечора кӣ афсори харон баст?
Чун субҳа ҷаҳоне ба нафас кулфати дил чид.
Ҳар ҷо гиреҳе буд, бар ин ришта миён баст.
Ҳар мавҷ дар ин баҳр ҳавасгоҳи ҳубобест.
З-ин сон ҳама кас дил ба ҷаҳони гузарон баст.
Кас маҳрами фарёди нафассўхтагон нест.
Шамъ аз чӣ дар ин базм ба ҳар узв забон баст?
Умрест зи ҳар кўча баланд аст ғуборам.
Бедоди нигоҳи кӣ бар ин сурма фиғон баст?
Бедил, ҳама тан ибратам аз кулфати ҳастӣ.
Ҷуз чашм зи тасвири ғуборам натавон баст.

Чу лола бе ту зи бас ранги эътиборам сӯхт.
Хазон ба боди фано доду навбахорам сӯхт.
Зи мардумак нигаҳам доғ шуд чу шамъи хамӯш.
Дар интизори ту сомони интизорам сӯхт.
Ҳуҷуми ҳайрати он ҷилва чун пари товус
Ҳазор ранги тапиш дар дили ғуборам сӯхт.
Ғубори турбати парвона медиҳад овоз.
Ки метавон нафасе бар сари мазорам сӯхт.
Нашуд, ки шӯълаи ман низ бегубор шавад.
Сафои оинае вахшати шарорам сӯхт.
Ба ишқ низ асар кард шарми нокасиям.
Аракфишонии ин шӯъла хомкорам сӯхт.
Сабо мазан ба ғубори фусурдаам домаи.
Димоғи хасрати раксе, ки ман надорам. сӯхт.
Чу барқ оинаи имтиёзи ҳастии ман
Зи хобгоҳи адам то саре барорам. сӯхт.
Зи тахтапораам. эй ноxудо. чӣ мепурсӣ?
Фалак кашид зи гирдобу бар канорам сӯхт.
Ҳазор барқ зи хокистарам парафшон аст.
Кадом шӯъла ба ин ранг бекарорам сӯхт?
Шаҳиди нози ту парвона кард оламро.
Чихо насӯхт чароге, ки бар мазорам сӯхт.
Фалак наёфт илочи кудуратам. Бедил.
Нафас ба синаи ин дашт аз ғуборам сӯхт.

Шаб, ки товуси маро шавқи ту болафшон дошт,
Як ҷаҳон чашм ба ҳам барзадани мижгон дошт.
Ҳар чӣ ҷӯшид зи мавҷу кафи ин қулзуми ваҳм,
Нафасе буд, ки дар пардаи дил тӯфон дошт.
Рамзи берангии мо фош шуд аз шӯхии ранг,
Шиша овард бурун, он чӣ парӣ пинҳон дошт.
То зи ҳастӣ асаре ҳаст, муҳаббат расвост,
Ҳурмати нола ба занҷири нафас натвон дошт.
Ҳайрат аз шаш ҷиҳатам дар дили оина гирифт,
Варна ҳар мӯ ба танам сад мижа болафшон дошт.
Охир аз аҷзи талаб ашк давондем ба чашм,
Пои хобидаи мо обила дар мижгон дошт.
Ҳама ҷо дидаи Якуб ғуборангез аст,
Ё раб, иқлими муҳаббат чӣ қадар Канъон дошт?
Ҳеҷ равшан нашуд аз ҳастии мо ғайри ҳиҷоб,
Шахси тасвир ҳамин пираҳани урён дошт.
Оқибат кисвати Маҷнун ба арақ гашт бадал,
Фасли тасвири ҷунун ин ҳама тобистон дошт.
Тангии ҳавсала шуд тарки алоиқ, Бедил,
Ёди гарде, ки ба ҳам чидани ӯ домон дошт.

З-инқилоби ҷисм дил бар сози ваҳшат ҳола нест.
Санг ҳарчанд осиё гардад, шарарҷаввола нест.
Дар гулистоне, ки доғи ишқ манзури вафост,
Ҷуз дили Фарҳоду Маҷнун ҳар чӣ корӣ, лола нест.
Партави ҳар шамъ дар анҷом дуде мекунад,
Корвон, гар худ ҳама ранг аст, бедунбола нест.
Узри мастон гар фусуни Сомирӣ бошад, чӣ суд?
Мӯҳтасиб ҳаркурраст, эй бекудон, гӯсола нест.
Аз ғубори кисват озодаанд маҷнунтинатон,
Ғайри тавқи қумрӣ ин ҷо як гиребон ҳола нест.
Сурати дил бастаем, аз шарм бояд об шуд,
Ҳеҷ тадбире ҳарифи инфиоли жола нест.
Сурма ҷӯшондаст ишқ аз мо, тазаллум ҳарфи кист?
Дар найистоне, ки оташдида бошад, нола нест.
Ҳар куҷо ҷӯши ҷунун дорад таби савдои ишқ,
Бедил, ин нӯҳ осмон сарпӯши як табхола нест.

Ранги аҷзам, лек бо вазъи хамӯшам кор нест,
Дар шикасти бол дорам нола, гар минкор нест.
Аҷзи таҷдиди ҳавасхоро нафас оина аст.
Як варақ умрест мегардонаму такрор нест.
Ихтилоти худфурӯшон гар ба ин беҳосилист,
Хонаи оинаро қуфле беҳ аз зангор нест.
Аз камини айбҷӯ огоҳ бояд дам задан,
Гӯшҳои ҳозирон ҷуз дар паси девор нест.
Маҳв гаштан мунтаҳои мақсади шавқи расост,
Чун нигаҳ ғайр аз таҳайюр мӯҳри ин тӯмор нест.
Бурдборитиниатам, хоки таҳаммулпешаам,
Ғайри ҳастӣ, ҳар чӣ бар дӯшам бубандӣ, бор нест.
Ашки чашми гавҳарам, барқи чароғи ҳайратам,
Кавкабам як умр агар дар худ тапад, сайёр нест.
Ғофил аз сайри гудози дил набояд зистан,
Ҳаст дар хуни гаштанат рақсе, ки дар гулзор нест.
Ҳар куҷо ӯ ҷилва дорад, арзи ҳастӣ муфти мост.
Аксро оина мебояд, нафас даркор нест.
Гар ба ин ранг аст, Бедил, инфиоли ҳастиям,
Сангро ҳам об гаштан он қадар душвор нест.

Эй ҳавас, қатъи нафас кун, соате дангам гузор.
Бе хуморе нест мастӣ, шишасар сангам гузор.
Бӯи миннат барнамедорад димоғи ҳимматам.
Аз ғараз бардор дасту бар дили тангам гузор.
Бехудон маҳмилкаши гарди ду олам ваҳшатанд.
Гар шикасти доманат бор аст, бар рангам гузор.
Эй ҷунун, умрест, мехоҳам, диле холӣ кунам.
Шишаамро бишкану гӯше бар оҳангам гузор.
Кас надорад ҷуз арақ тоби ҷидоли аҳли шарм.
Об шав, он гаҳ қадам дар арсаи ҷангам гузор.
Доғро ғайр аз сиёҳӣ сояи девор нест.
Як-ду рӯзе офият оина дар ҷангам гузор.
Бе ҷунун дунёву уқбо кисвати нокомӣ аст.
З-ин ду доман як гиребонвор дар ҷангам гузор.
Паллаи мизони мавҳумӣ намебошад гарон.
Гӯ фалак, ҳамчун шарар дар санг, бе сангам гузор.
Бедимоғӣ нақди имконро вадиатхонаест.
Мӯҳри ҳар ганҷе, ки хоҳӣ, бар дили тангам гузор.
Нӯҳ фалак, Бедил, ғубори остони нестист.
Гар ту марди эътиборӣ, по ба аврангам гузор.

Чи расад зи нашъаи маънавӣ ба димоғи беҳису бехабар?
Зи парӣ паёме агар барӣ, ба дукони шишагарон мабар.
Дари эътиборе агар занӣ, магузар зи сози фурӯтанӣ.
Ки ба коми ҳосили муддао ба талоши реша расад самар.
Ба видои кофилаи ҳавас дили чамъи нокакаши ту бас.
Нагузашт маҳмили мавчи кас зи муҳит чуз ба пули гуҳар.
Нигаҳе, ки дар чамани адаб ҳавасинтизори чӣ ибратӣ
Чу саҳар зи чоки дил об деҳ ба гуле, ки ханда занад ба сар.
Чу сиришк то накашӣ тарӣ, бигузар зи чодаи худсарӣ.
Ситам аст, ранчи қадам барӣ ба хироми обила дар назар.
Ба шумори айби гузаштагон макушо зи ҳам лаби тарзабон.
Агар аз ҳаё нагузаштаӣ, ба фасона пардаи кас мадар.
Сару барги фурсати огаҳӣ ҳама суди ғафлати гуфтугӯ.
Чу чароғи анчумани нафас ба фасона шуд шаби мо саҳар.
Ғами бетамизии офият нашавад надомати хуши кас.
Ба чӣ санг кӯбам аз орзу сари нокашида ба зери пар?
Ҳаваси ҳаловати ин чаман насазад ба чабҳа гиреҳ задан.
Ба ҳаво чӣ хат, ки намекашад тарӣ аз табиати найшакар.
Нарасид домани ҳиммате ба тазаллуми ғами бекасӣ,
Задаем дасти буридае ба замин чу баҳлаи бекамар.
Ба сафе, ки теғи ишораташ кунад имтиҳони чафокашон,
Фиканад чунуни гузаштагӣ сари Бедил аз ҳама пештар.

Ҷаҳон ҷунуни баҳори ғафлат зи наргиси сурмасош дорад.
Зи ҳар буни му ба хоби нозему махмали мо қумош дорад.
Агар диҳам бӯи шикваи берун, зи ранги тақрир мечакад хун,
Мапурс аз васи ҳоли Маҷнун, димоғи гуфтан ҳарош дорад.
Чу шуд қабулу асар фароҳам, зи хок гул мекунад ҳино ҳам,
Фалак ду рӯзе ғубори мо ҳам ба зери пои ту, кош, дорад.
Кушоди банди никоби имкон ба саъйи биниш магир осон,
Ки ранги ҳар гул дар ин гулистон таҳайюри «дур бош» дорад.
Ба гирди сад дашту дар шитобӣ, ки қадри аҷзи расо биёбӣ,
Сар аз қафас сӯхтан натобӣ, ба худ расидан талош дорад.
Ҳазар зи тазвири зӯҳдкешон, маҳӯр фиреби сафои эшон,
Вузӯи макрӯҳи хомрешон ҳазор шону тарош дорад.
Нишастаем аз либос берун, дигар чӣ лафзу кадом мазмун?
Ба хомӯшӣ низ сози Маҷнун ҳазор оҳанги фош дорад.
Сухан ба нармӣ адо намудан, зи вазъи шӯхӣ ҳаё намудан,
Арақ нисёзи хато намудан, гулоби базми вафош дорад.
Хатост, Бедил, зи тангдастӣ ба фикри рӯзи аламparастӣ,
Чу коса ҳар кас ба хони ҳастӣ даҳан кушудаст,ош дорад.

Бар тамошои фаноям дӯхт пириҳо назар,
Ёфтам дар ҳалқа гаштан ҳалқаи чашми дигар.
Аз ҳуҷуми ҳайратам роҳи тапидан во нашуд,
Пайкарам сар то қадам ашкест дар чашми гуҳар.
Рафт он сомон, ки дар ҳар ашк селе доштам,
Ин замонам об бояд шуд ба ёди чашми тар.
Чун сипанд охир намедонам, куҷо хоҳам расид?
Меравам аз худ ба дӯши нолаҳои худ асар.
Маънии дил дар ҳамупечи амал гум кардаам,
Як гиреҳ то кай ба чандин ришта бошад ҷилвагар?
Баски сомони баҳори айши имкон вахшат аст,
Мезанад гул аз нафас чун субҳ домон бар камар.
Шабнаме дар кор дорад гулшани арзи қабул,
Ҷуз хиҷолат ҳар чӣ он ҷо метавон бурдан, мабар.
Ҷавҳари асли надомат мекашад аз эътибор,
Рӯ ба нохун мекунад, чун сикка пайдо кард зар.
Лаб кушуданҳои золим бе ғубори кина нест,
Мешуморад ицдҳои санг парвози шарар.
Офият махмур шуд, то соғари ҷуръат задем,
Ошён ҳамёза гашт аз дастгоҳи болу пар.
Дуди савдои таназзуҳ аз димоғи худ бaфор,
Гар парӣ хоҳӣ, тамошо кун дукони шишагар.
Дар дукони ваҳму зан(н) Бедил, қумоши ғайр нест,
Худфурӯшиҳост ин ҷо, ғайри мо аз мо махар.

Шаби зиндагӣ сар омад ба нафасшуморӣ охир.
Ба ҳаво расонд хокам саҳаринтизорӣ охир.
Тараби баҳори ғафлат араки хиҷолат овард,
Нагузошт бе гулобам гули хандаворӣ охир.
Алами видои тифлӣ ба чӣ дарди дил саройм?
Ба ғубори нола бурдам ғами найсавори охир.
Тапише ба бод додам, дигар аз нуму мапурсед,
Чу саҳар чӣ гул дамонад нафасобёрӣ охир?
Сари роҳи ваҳшати ранг зи ғубори манъ пок аст,
Зи чӣ пар намефишонӣ, қафасе надорӣ охир?
Гули боғи эътиборат асари вафо надорад,
Бигузор аз аввал ӯро, ки фурӯ гузорӣ охир.
Ба ғурури тақвӣ, эй шайх, мафурӯш вазъи беҷо,
Ман агар вараъ надорам, ту ба ман чӣ дорӣ охир?
Ба фасонаи тағофул ситам аст чашм бастан,
Нигаҳе, к-аз ин гулистон ба чӣ гул дучорӣ охир?
Адаму вуҷуди имкон ҳама дар ту маҳву ҳайрон,
Зи барат куҷо равад кас, чу ту беканорӣ охир?
Чу чароғи кушта, Бедил, зи хаёли гиря магзар,
Мижаат наме надорад, зи чӣ мефишорӣ охир?

Бо ҳама бе дасту пой андаке ҳиммат ғумор.
Осмон меболад ин ҷо кӯдаки доmансавор.
Вазъи бекорӣ далели инфиоли кас мабод.
То зи саъйи ноҳунат коре кушояд, сар махор.
Парфишониҳост сози эътибор, огоҳ бош.
Ғайри рангу бӯ чӣ дорад кисвати ранги баҳор?
Сарв агар бошад ба ин дилбастагӣ озодияш,
Нола хоҳад шуд зи тавқи кумриён фитроквор.
Фарқ натвон ёфтан дар ибратободи зуҳур
Ашки шамъи анҷуман то гиряи шамъи мазор.
Дар чаман ҳар ҷо муҳайёи парафшонист ранг,
Ғунча мегӯяд: қафас танг аст поси шармдор.
Роҳи саҳрои адам тай карданат осон набуд.
То нафас пар мезанад, биншину хор аз по барор.
Оламеро тинати беҳосилам бекор кард.
Бар ҳино мечарбад ин ранге, ки ман дорам ба кор.
Ҳар куҷо по мениҳам, аз тирагӣ по мехӯрам.
Чун нафас ҳарчанд орам роҳ дар оинazор.
Ваъдаи дидор дар ҳокам нишонду пир кард.
Шуд сафед охир зи мӯям кӯчаҳои интизор.
Зарфи васлам нест, аммо дар каминигоҳи умед,
Рафтани рангам тиҳӣ кардаст як оғӯшвор.
Ҳирс осон барнамедорад дил аз асбоби ҷоҳ,
Умрҳо бояд, ки гардад об дар гавҳар ғубор.
Гарди ҷоҳ аз ошёни фақр берун рондаам.
Хӯрдааст ин нақд ҳам аз тангии дастам фишор.
Беҳудӣ, Бедил, фусуни шуълаи ҷаввола дошт.
Ранг гардондан кашид охир ба гирди ман ҳисор.

Ғубори фурсат аз ин корғохи вахм магир,
Ки пир гашт сахар, то дахан кушуд ба шир.
Амал ба субхи киёмат расонд гарди нафас,
Гузашт фурсати такдимат он сӯи таъхир.
Ҳамин кашокаши авхом то абад бокист,
Фано кучост? Ту хохӣ бизию хох бимир!
Дар ин чаман нафасе мекашему мегузарем,
Гумон мабар ба камонхона орамидани тир.
Нафасдарозии авхом чуръатохang аст,
Ба сурма то нарасад нола, узри мо мапзир.
Ҳанӯз домани сахро зи гирдбод пур аст,
Ғубори олами девона нест бе занчир.
Дар ин ситамкада суду зиёни ман ин аст,
Ки аз шикастани дил нола мекунад таъмир.
Сиёхбахтиям ороише намехохад,
Зи хок пирахани сояро бас аст абир.
Сафои дил ба нафас умрхост мебозам,
Чу субхи оина дар занг мекунам шабгир.
Ба нотавонии ман яъс мехӯрад савганд,
Ки нолае накашидам чу хомаи тасвир.
Зи сози ачз ба хар чо нафас задам, Бедил,
Ба кадри чавхари оина шуд баланд сафир.

Дар гулистоне, ки сарви ӯ набошад чилвагар,
Шохи гул шамшери хунолудам ояд дар назар.
Дасти чуръатҳо ба чини ости гардад бадал,
То тавонад халка гардидан бад-он мӯи камар.
То кунад равшан саводи мисраи абрӯи ӯ,
Менависад моҳи нав бисмиллаҳе бо оби зар.
Барнадорад даст зангор аз камини оина,
Ҳар киро завқи тамошо беш, кулфат бештар.
Аз тамизи обу ранги сайри гул ғофил мабош,
Лафзи мавзун дигар асту маънии рангин дигар.
Олами имкон намеарзад ба чандин чустучӯ,
З-ин раҳ охир мебарӣ худро, дигар заҳмат мабар.
Маҳви шавкам, тӯҳматолуди фусурдан нестам,
Дар гиребони тааммул катраҳо дорад гуҳар.
Қиссаҳо маҳв аст дар оғӯши бахти тираам,
Шоми ман чон нафас умрест медуздад саҳар.
Андаке пеш о, ки ҳайрат норасои чуръат аст,
Чашм аз оина натвон дошт бардорад назар.
Дил на танҳо, Бедил, аз барқи таманно сӯхтам,
Дида ҳам аз мардумак дорад гули доғе ба сар.

Ситамкаши ту ба қосид агар диҳад коғаз,
Ба сели ашк занад дасту сар диҳад коғаз.
Зи нукта тухми умедам давонд решаи хат,
Чӣ давлатест, ки ногаҳ самар диҳад коғаз.
Чӣ сон сафои баногӯши ӯ кунам таҳрир,
Агар на матлаи файзи саҳар диҳад коғаз.
Сиёҳ кард фалак номаи уммеди маро,
Сазои он ки ба ҳар бебасар диҳад коғаз.
Зи дуди кулфати дил ранги номаам абр аст,
Магар ба ӯ хабар аз чашми тар диҳад коғаз.
Ба ҳар диле рақами доғи ишқ моил нест,
Бигӯ ба лола, ки хушрангтар диҳад коғаз.
Чӣ дуди дил, ки напечидаам ба пардаи хат,
Аҷаб мадор, ки бӯи ҷигар диҳад коғаз.
Ҳазор нақш зи ҳар парда равшан аст, аммо
Ба бесавод чӣ арзи ҳунар диҳад коғаз?
Нафас масӯз ба парвози лофи мову манат,
Ба шуъла то чӣ қадар болу пар диҳад коғаз.
Ба муфлисӣ натавон лофи эътибор гирифт,
Ки арзи қадр ба афшони зар диҳад коғаз.
Тиҳӣ зи кина мадон тинати тунукрӯён,
Зи санг арзи шарар бештар диҳад коғаз.
Ба дасти ғайри ту оина додаму хиҷилам,
Чу қосиде, ки ба ҷои дигар диҳад коғаз.
Қалам ба ҳасрати дидор ашктаҳрир аст,
Баёзи дида ба мижгон магар диҳад коғаз.
Сафина дар дили дарё фикандаам, Бедил,
Магар зи васли каноре хабар диҳад коғаз.

Эй сози бару дӯши ту пироҳани коғаз,
То чанд ба ҳар шӯъла занӣ домани коғаз!
Кас нест, ки бар хушкии табъат наситезад,
Гар оташу гар об бувад душмани коғаз.
Бе касби ҳунар файзи қабулӣ натавон ёфт,
То хат нанамояд, натавон хондани коғаз.
Ҳар ночаи бематлаби мо чон рақам нест,
Қосид нафасе сӯхта дар бурдани коғаз.
Гар огаҳӣ, оинаат аз санг бипардоз,
Эй илми ту масруфи сияҳ кардани коғаз.
Саҳл аст ба ҳар шишадиле тег кашидан,
Дорад нами обе шарари хирмани коғаз.
Ҳар нукта, ки аз шӯхии холи ту нависанд,
Ором нагирад чу шарар бар тани коғаз.
Аз роҳи ту осон наравад нақши чабинам,
Хат панчаи дигар зада дар домани коғаз.
Таслими маг аз офати гардун наҳаросад,
Барқам нахӯрад ҳарф ба печидани коғаз.
Сабт аст чавоби хати ошиқ ба даридан,
Дарёб сарири қалам аз шевани коғаз.
Фарёд, ки дар мактаби беҳосили имкон
Як нусха наарзид ба гардондани коғаз.
Бедил, дили ошиқ ба ҳавас ром нагардад,
Ахгар нашавад тукмаи пироҳани коғаз.

На гунча офиятафсун, на гул бакотаъсир,
Ҷахон ранги шикасти кӣ мекунад таъмир?
Нашуд зи олиму ҷохил ҷуз ин кадар маълум,
Ки ин ба хоб фитод, он дигар пайи таъбир.
Гирифтам, авҷи пар аст эътибори анкоят,
Ба норасоии боли магас калог магир.
Нафас масӯз ба оройиши бисоти ҷунун,
Бас аст обила фонуси хонаи занҷир.
Ба тег хам нашавад боз укдаи гирдоб,
Ба мавҷ хун макун, эй бахр, нохуни тадбир.
Ба шарм кӯш, ки бунёди хусни хубонро
Гирифтаанд дар оби гухар гили таъмир.
Далели ибрати мо нест гайри огохӣ,
Кушоди доми нигох аст вахшати нахҷир.
Наёфтем дар ин коргохи факру гано
Камэхтиёҷии худ ҷуз кифояти такдир.
Чӣ мумкин аст, ки моро зи яъс вонахарад
Ба кахтсоли тарахҳум захираи таксир.
Замони фуркати дидор сахт мавхум аст.
Ба сояи мижа наззора мекунад шабгир.
Зи теги ходиса парво намекунад, Бедил,
Касе, ки бар тани ӯ ҷавшан аст накши хасир.

Дар тилисми дард аз мо метавон бурдан асар.
Гарди мо чун субҳ дорад домани чоки чигар.
Гармии ҳангомаи ҳастӣ нигоҳе беш нест.
Шамъро тори нафас маҳв аст дар мадди назар.
З-ин муҳит охир ба чурми офият хохем рафт.
Мавчи оромида дорад чини домони гуҳар.
Баски чуз урёнтаниҳо нест сомони касе.
Пӯст чун соя мерезад ниҳоли борвар.
Сӯҳбати некон илочи кини золим мешавад.
Дар дили хоро ба оби лаъл агар мирад шарар.
Хиффати аблаҳ дуболо мезанад дар муфлисӣ.
Мешавад аз хушк гардидан сабуксар чӯби тар.
Аз мудоро ғӯта дар мавчи халоват хӯрдан аст.
Чарбу нармиҳо забони писта гирад дар шакар.
Эй ҳубоб, аз завраки худ ин кадар гофил мабош.
Нест дар дарёи имкон чуз нафас мавчи хатар.
Фикри чамъият дар ин гулшан гули беҳосилист.
Ғунча аз ҳар барг дорад дасти навмедӣ ба сар.
Сови гумгаштаро хуршед мебошад суроғ.
Қосиде ҳам аз ту мебояд зи мо гирад хабар.
Беш аз ин бар ноз натвон хиффати тамкин гумошт.
Эй ҳиромат мавчи гавҳар, андаке оҳистатар.
Саҷдаи ачз аст, Бедил, хатми кори саркашӣ.
Оқибат аз доғ теғи шӯъла андозад сипар.

Зиҳӣ, зи рӯи ту оина офтоби мунир.
Нигаҳ ба сайри ҷабини ту мавҷи соғари шир.
Ба оламе, ки туӣ, норасост кӯшишҳо,
Вагарна нолаи ошиқ намекунад таксир.
Баёни шеър ба тӯфон равад чу коғази бод,
Зи васфи зулфи ту гар мисраъ кунам таҳрир.
Зи ҳоли мо ба тағофул гузаштан осон нест,
Чу оби оина дорем хоки домангир.
Сипанд ним нафас боли ихтиёр надошт,
Кӣ баст маҳмили парвози мо ба дӯши сафир?
Зи чашми аҳли таҳайюр нишони ашк маҳоҳ,
Ки кас гулоб намегирад аз гули тасвир.
Ба зиндагӣ чу нафас бе талош натвон зист,
Ҳавои роҳат агар афшурад димоғ, бимир.
Ба ҷост бар ҳама ваҳшат таъаллуқи авҳом,
Нашуд ба нола муяссар гусастани занҷир.
Ба ашку оҳ, ки ҷуз доми ноумедӣ нест
Чу шамъ чанд кунам ранги рафтаро тасхир?
Фиғон, ки бисмили маҳруми ман ба ранги шарор
Набурд завқи тапидан ба фурсати як тир.
Ба хок рехт фалак боли тоқатам, Бедил,
Ба ҳукм ҳафт камон то куҷо парад як тир.

Ҳирси пирӣ шайъи лиллах аз хурӯшам мекашад.
Қомати хам турфа занбиле ба дӯшам мекашад.
Ибрати ҳоли катон пур равшан аст аз моҳтоб,
Ғафлате дорам, ки охир пунба гӯшам мекашад.
Шармсори табъи мачбурам, ки бо он сози ачз.
Интиком аз интизори харзагӯшам мекашад.
Маънии хосе зи ҳарфу савтам иншо карданист.
Гуфтугӯ охир ба он лаъли хамӯшам мекашад.
Сархуши паймонаи ёди нигоҳи кистам?
Ранг гардондан ба кӯи майфурӯшам мекашад.
Фурсати мастӣ дар ин майхона пур бемӯҳлат аст.
Ҳамчу май хум то ба согар як-ду чӯшам мекашад.
Офтобам риштаи сози саҳар нагсастааст.
Орзу бар тахти шоҳӣ хиркапӯшам мекашад.
З-ин ҳама шӯре, ки дорад коргоҳи эътибор.
Андаке афсонаи Мачнун ба ҳушам мекашад.
Накши пои рафтагон сифри китоби ибрат аст.
Дида ҳар чо ҳалқа метобад, ба гӯшам мекашад.
Бар кӣ бандам, Бедил, аз ғафлат хатои зиндагӣ.
Кам гуноҳе нест дар дӯшам, ба дӯшам мекашад.

Чашми ту ба ҳоли ман гар ним назар хандад,
Хоррам ба чаман нозад, айбам ба ҳунар хандад.
То чанд бар он ораз бар рағми нигоҳи ман
Аз ҳалқаи гесӯят гулҳои назар хандад.
Дар кишвари муштоқон бе партави дидорат,
Хуршед чаро тобад, баҳри чӣ саҳар хандад?
Дил мечакад аз чашмам, чун абр агар гирям,
Ҷон медамад аз лаълат, чун барқ агар хандад.
Бо аҳли фано ҳар кас дорад сари якрангӣ,
Бояд, ки ба ранги шамъ аз рафтани сар хандад.
Дар коргаҳи хубӣ, ё раб, чӣ назокатҳост,
Сад кӯҳ ба худ болад, то мӯи камар хандад.
Дар ҷӯи дами тегат ширинии обе ҳаст,
К-аз ҷӯши ҳаловатҳо захмаш ба шакар хандад.
Сомони тараб саҳл аст з-ин нақд, ки мо дорем,
Субҳ аз ду нафас фурсат бар худ чӣ қадар хандад.
Ҳар шабнам аз ин гулшан тамҳиди гуле дорад,
Бо гиря мудоро кун, чандон, ки асар хандад.
Аз саъйи ҳавас бигзар, Бедил, ки дар ин гулшан
Гул низ агар хандад, аз паҳлӯи зар хандад.

Як сари мӯ гар ҳавас аз фикри чохе бигзарад,
Пашми мо болад ба ҳадде, к-аз кулохе бигзарад.
Шамъи маҳфил дог мегардад, к-аз охе бигзарад,
Оҳ аз он рӯзе, ки ҳирс аз дастгохе бигзарад.
Дастранчи саъйи озодӣ намегардад талаф,
Каҳкашон болад гар аз худ барги коҳе бигзарад.
Дар чунун дорад касе то кай сари занчири ишқ,
Сар деҳ ин девонаро, шояд ба роҳе бигзарад.
Равшан аст аз чодаи инсоф ҳукми мо зи шамъ,
Доги нақши пост, гар з-ин раҳ нигоҳе бигзарад.
Шамъ бардор аз мазори тирарӯзони вафо,
Бош, то бар хоки мо мижгонсиёҳе бигзарад.
Аз губори мо саводи ачз равшан карданист,
Бояд ин хат ҳам ба чашмат гоҳ-гоҳе бигзарад.
Арзи матлаб як фалак раҳ дорад аз дил то забон,
Чун саҳар сад нардбон бандӣ, ки оҳе бизарад.
Барнамедорад чу гардун умри тамкинвахшатам
Нанги он чавлон, ки аз ман солу моҳе бигзарад.
Нолаи най мекашад аз мавчи об овози по,
Умри ошиқ гар ҳама дар зери чохе бигзарад.
Тарки дунё ҳам далели мояи дунҳимматист,
Сар ба маънӣ по шавад, то аз кулоҳе бигзарад.
Бе фано мумкин мадон, Бедил, гузаштан з-ин муҳит,
Бастани мижгон шавад пул, то нигоҳе бигзарад.

Ҳасрате дар дил аз он лолақабо мепечад.
Ки чу дастор чаман бар сари мо мепечад.
Набзи хастӣ чӣ қадар гарми тапишпаймоист.
Мӯи оташзада бар хеш чиҳо мепечад.
То нафас ҳаст ҳубоби ману ҷавлони ҳавас.
Нест ором сареро, ки ҳаво мепечад.
Чи замину чи фалак гӯшаи зиндони дил аст.
Шаш ҷиҳат кулфати ин тангфазо мепечад.
Нолаи мо ба чӣ тадбир тавонад бархост.
Ҳамчу най сад гиреҳ ин ҷо ба асо мепечад.
Нотавоне, ки ба ҷуз марг надорад сипаре,
Ба чӣ уммед сар аз теғи қазо мепечад.
Устухонбандии авҳом зи бас бемағзист,
Орзуҳо ҳама бар боли ҳумо мепечад.
Сурхез аст надомат зи шикасти дили мо.
Ки бисоти ду ҷаҳонро ба садо мепечад.
Ибрати марги касон силсилаи ҳиҷлати мост.
Ришта аз ҳар кӣ шавад боз, ба мо мепечад.
Қудрат афсонаи ибром нахоҳад, Бедил.
Нафас аз беасариҳо ба дуо мепечад.

Ҳасрате дар дил аз он лолакабо мепечад.
Ки чу дастор чаман бар сари мо мепечад.
Набзи хастӣ чӣ қадар гарми тапишпаймоист.
Мӯи оташзада бар хеш чихо мепечад.
То нафас ҳаст ҳубоби ману чавлони ҳавас.
Нест ором сареро. ки ҳаво мепечад.
Чи замину чи фалак гӯшаи зиндони дил аст.
Шаш чиҳат кулфати ин тангфазо мепечад.
Нолаи мо ба чӣ тадбир тавонад бархост.
Ҳамчу най сад гиреҳ ин чо ба асо мепечад.
Нотавоне. ки ба чуз марг надорад сипаре.
Ба чӣ уммед сар аз теги қазо мепечад.
Устухонбандии авҳом зи бас бемағзист.
Орзуҳо ҳама бар боли ҳумо мепечад.
Сурхез аст надомат зи шикасти дили мо.
Ки бисоти ду чаҳонро ба садо мепечад.
Ибрати марги касон силсилаи хичлати мост.
Ришта аз ҳар кӣ шавад боз. ба мо мепечад.
Қудрат афсонаи ибром нахоҳад. Бедил.
Нафас аз беасариҳо ба дуо мепечад.

Агар назорам гул метавон кард.
Ватан дар чашми булбул метавон кард.
Дар ин махфил зи як мино бизоат
Ба чандин нагма кулкул метавон кард.
Аракворе гар аз шарм об гардам.
Бо чоми оламе мул метавон кард.
Назар бар хеш во кардан мухол аст.
Агар гӯй, тагофул метавон кард.
Чу субх ин як нафас гарде, ки дорем,
Агар болад, тачаммул метавон кард.
Шахиди хасрати он гульузорам.
Зи захмам ханда бар гул метавон кард.
Ба хар махфил, ки зулфаш соя афканд.
Зи дуди шамъ кокул метавон кард.
Ба хар чо сатре аз зулфаш нависанд.
Қалам аз шохи сунбул метавон кард.
Дар ин гулшан агар ранг аст, агар бӯст.
Қиёси боли булбул метавон кард.
Агар ин аст айши хоксорӣ.
Зи пастӣ хам таназзул метавон кард.
Зи ин бедонишон чон бурдане хаст
Агар андак тачохул метавон кард.
Мухити бехудӣ мансурчӯш аст
Ба мастӣ чузвро кул метавон кард.
Тараддуд мояи бозори хастист.
Агар набвад, таваккул метавон кард.
Пур осон аст аз ин дарё гузаштан.
Зи пушти по агар пул метавон кард.
Дахони ёр нопайдост, Бедил.
Ба фахми худ тааммул метавон кард.

Ба сарам шӯри таманнои ту то мепечад,
Дуд дар соғари доғам чу садо мепечад.
Ҳасрати чоки гиребон нашавад доми касе,
Ин каманде ст, ки дар гардани мо мепечад.
Олам аз шикваи навмедии ушшоқ пур аст,
Норасо нолаи мо дар ҳама ҷо мепечад.
Набувад ҳастӣ агар душмани равшангуҳарон,
Нафаси пуч бар оина чаро мепечад?
Пир гардидааму аз худам ооде нест,
Ҳалқаи зулфи кӣ бар қадди дуто мепечад.
Кас надонист, ки бо ин ҳама бетобии шавқ
Риштаи саъйи нафасҳо ба куҷо мепечад.
Сайди аҷзи худам, аз шабнами ман ҳеч мапурс,
Бӯи гул низ маро ришта ба по мепечад.
Ваҳшате ҳаст дар ин дашт, ки чун риштаи шамъ
Ҷода бар шӯълаи овози дарo мепечад.
Дил ба ғафлат неху аз ранҷи хаёлот баро,
Акс бар оина яксар зи садо мепечад.
Мекашад ҳафт фалак дар ҳами як шохи ғизол
Гирдбоде, ки ба дашти дили мо мепечад.
Нолатаҳрири мазомини таманнои туям,
Хомушӣ кист, ки мактуби маро мепечад.
Чора аз арбада, Бедил, набувад муфлисро,
Сарв аз бесамариҳо ба ҳаво мепечад.

Зарра то хуршеди имкон ҷумла ҳайратзодаанд.
Ҷуз ба дидори ту чашми ҳеҷ кас нақшодаанд.
Халқе он сӯи фалак пар мезанад, аммо ҳанӯз,
Чун нафас аз хилвати дил по бурун нанҳодаанд.
Як дил ин ҷо фориғ аз ташвиш натвон ёфтан,
Ин манозил яксар аз ошуфтагиҳо ҷодаанд.
Чун ҳубоб озодатабъонро дар ин дарё ваҳм
Дар таҳи боре, ки бар дил нест, дӯше додаанд.
Ҷилваи ӯ оламеро худпарастӣ ваҳм кард.
Ҳусн пуркор асту ин оинаҳо пур содаанд.
Шамъсон доғу гудози ишқу оҳу сӯхтан,
Ҳам ба поят то зи по наншастаӣ, истодаанд.
Ин тарабҳое, ки эҳроми умедаш бастаӣ,
Чун тилисми ранги гул яксар шикастомодаанд.
Матлаби ушшоқ нофаҳмида равшан мешавад.
Дар пари анқост мактубе, ки нафиристодаанд.
Рози мастон кист, то пӯшад, ки ин ҳақмашрабон
Хуни Мансуре дуболо ҷӯши чандин бодаанд.
Пурсиши аҳволи мо вақфи хироми нози туст.
Оҷизон чун соя ҳар ҷо по ниҳӣ, афтодаанд.
Бе сиёҳӣ нест, Бедил, сурати эҷоди хат.
Як қалам маънитирозон тирабахтӣ зодаанд.

Нашъа дудест, ки аз оташи май мехезад.
Нағма гардест, ки аз кӯчаи най мехезад.
Аз лаби навхати ӯ гар сухан эҷод кунам,
Ҷомро мӯ ба тан аз мавҷаи май мехезад.
Пир гаштӣ зи асарҳои амал ибрат гир,
Аз камони бахри шикастан рагу пай мехезад.
Пештоз аст хурӯши нафас аз вахшати умр,
Гарди ҷавлон ҳамаро гарчи зи пай мехезад.
Чӣ хаёл аст, ба хун то ба гулӯ наншинад?
Ҳар кӣ чун шиша раги гардани вай мехезад.
Дил агар оинаи анҷумани имкон нест,
Ин қадар нақши таҳайюр зи чӣ шай мехезад?
Оламе силсилапирои ҷунун аст, аммо
Гирдбоде дигар аз водии ҳай мехезад.
Саъйи оҳ аз дили мо печу хами ваҳм набурд,
Ҷавҳар аз оина бо мисқала кай мехезад?
Машав аз офати дамсардии пирӣ ғофил,
Дуде аз табъи нафас мавсими дай мехезад.
Бедил, аз бас ба ғами ишқ саропо гиреҳам,
Аз дилам нолаи занҷир чу най мехезад.

Гул ба сар, ҷом ба даст он чаманоин омад.
Майкашон, мужда, баҳор омаду рангин омад.
Табъам аз дасти забон сӯзи табе дошт чу шамъ.
Оқибат хомушиям бар сари болин омад.
Нахли гулзори муҳаббат самари айш надод.
Мисраи оҳ ҳамон яъси мазомин омад.
Ҳасратам бе асар аз анҷумани олами ранг
Ҳамчу оина зи сураткадаи Чин омад.
Ҳосили ин чаман аз судани дастам гул кард.
Ба каф аз обилаам домани гулчин омад.
Ҳеч кас аз ғами асбоб наёмад берун.
Бори нобастаи ин қофила сангин омад.
Чӣ хаёл аст, сар аз хоби гарон бардорем.
Пахлӯи мо чу гуҳар дар таҳи болин омад.
Чун нафас сар ба хати ваҳшати дил метозем.
Ҷода дар домани ин дашт ҳамон чин омад.
Боз бе рӯи ту дар фасли чунунҷӯши баҳор
Сояи гулбасарам панҷаи шоҳин омад.
Хун ба дил, хок ба сар, оҳ ба лаб, ашк ба чашм
Бе ҷамоли ту ҷаҳон бар мани мискин омад.
Бедил, осудатар аз мавҷи гуҳар хок шудем.
Рафтан аз хеш чӣ миқдор ба тамкин омад?!

Ба ёдат гардиши рангам ба хар чо бор мебандад.
Зи мавчи гул замин то осмон зуннор мебандад.
Чй сон хомўш бошам бе ту, к-аз дарди таманноят
Тапиш бар чавхари оина мусикор мебандад.
Сучуде мебарам чун соя килки офариниширо,
Ки сар то пои ман як чабхаи хамвор мебандад.
Гирифтам, тоби огўшат надорад гардиши чашме,
Таманно накши уммеде ба ин паргор мебандад.
Ба кадри гардиши ранг осиёи навбат аст ин чо.
Ду рўзе хуни мо хам гул ба дасти ёр мебандад.
Паёми офият хохй, зи уммеди тараб бигсил,
Надомат нагмасози ибрате, к-ин тор мебандад.
Ба номуси хаё бояд арак дар чабха дуздидан,
Зи шабнам гулшани мо рахна бар девор мебандад.
Намебошад харифи хусни тахкик аз хаё гофил,
Шукўхи барки ин водй мижа ночор мебандад.
Гар аз рангинии бедоди нозат шиква пардозам,
Шикасти дил пари товус бар минкор мебандад.
Ба ин шавке, ки ман чун гул ба пирохан намегунчам,
Сари гирди сарат гардиданам, дастор мебандад.
Зи нанги ибтизолам об хохад сохтан, Бедил,
Таалллук накши мазмуне, ки дил бисёр мебандад.

Рӯзи сияҳам соясифат ҷузви бадан шуд.
Осуда шав, эй оина, зангор кухан шуд.
Шабнам ба чӣ уммед барад сарфаи эҷод.
Чашме, ки кушудам, арақи хиҷлати ман шуд.
Нашкофтам охир раҳи таҳқиқи гиребон.
Фурсат нафасе дошт, ки помоли сухан шуд.
Тадбир илоҷи марази зотии кас нест.
Аз шиша шудан санг ҳамон тавбашикан шуд.
Ҳайрат написандид зи мо гармнигоҳӣ.
Бурдем дар он базм чароғе, ки лаган шуд.
Танзеҳ зи огоҳии мо гашт кудурат.
Ҷон буд, ки дар фикри худ афтоду бадан шуд.
Ҷуз яъс зи лофи манну мо ҳеч набурдем.
Тори нафас азбаски ҷунун бофт, кафан шуд.
Шаб дар ғами андешаи гесӯи ту будам.
Фикрам гиреҳе хӯрд, ки як нофа Хутан шуд.
Чун ашк ба ҳамворӣ аз ин дашт гузаштам.
Лағзидани по роҳи маро мӯҳразадан шуд.
Гарди раҳи ғурбат чӣ қадар саъйи вафо дошт.
Хокам ба сар афшонд ба ҳадде, ки ватан шуд.
Бедил, асаре бурдаӣ аз ёди хиромаш.
Товус бурун о, ки хаёли ту чаман шуд.

Қазо то нақши бунёди мани бекор мебандад,
Ҳино меораду дар панчаи меъмор мебандад.
Зи чоки сина бе рӯи ту ҳар чо мекашам охе,
Сахар шӯри киёмат бар сари дастор мебандад.
Магар шарми хаёлат нақш бар обе тавонад зад,
Сароповм арақ оинаи дидор мебандад.
Бисоти ибрати ин анчуман оинае дорад,
Ки то мижгон ба ҳам овардай зангор мебандад.
Намедонам, ба ёди ӯ чӣ сон аз худ бурун оям,
Дили сангин ба дӯши нолаам кухсор мебандад.
Дар он маҳфил, ки ман ҳайраткамини чилваи ӯям,
Фурӯғи шамъ ҳам оина бар девор мебандад.
Ба раънойӣ чу шамъ аз офати шӯҳрат мабош эмин,
Раги гардан зи ҳар узват саре бар дор мебандад.
Чӣ дорад қобилият чуз майи таклиф паймудан,
Дар ин маҳфил ҳамин дӯшам ба дӯшам бор мебандад.
Замони фурсати рафти нафас бо дил ғанимат дон,
К-аз ин тор ин гиреҳ чун боз шуд, душвор мебандад.
Асири машраби мавчам, к-аз он мутлақиноних̣о
Гараш таклифи баргаштан кунӣ, зуннор мебандад.
Ба махмурӣ зи сайри ин чаман ғофил машав, Бедил,
Ки хиҷлат дар ба рӯи ҳар ки шуд мухтор, мебандад.

Фоле аз доғ задам, дил чаманоин омад.
Вараки лола ба як нукта чӣ рангин омад?
Ҷурьати саъйи димоғи тапишорон кист?
Пойи хобидаи мо обилаболин омад.
Чун ду абрӯ, ки нафассӯхтаи рабти ҳаманд,
Теғи ӯ захми маро мисраи тазмин омад.
Офият металабӣ, бигзар аз андешаи ҷоҳ.
Шамъро офати сар афсари заррин омад.
Талхкомист зи дарки ману мо ҳосили гӯш,
Бехаловат зиад он кас, ки суханчин омад.
Сафҳаи содаи ҳастӣ рақами ғайр надошт,
Ҳар кӣ шуд маҳрами ин оина, худбин омад.
Соя аз ҷилваи хуршед чӣ изҳор кунад,
Рафтам аз хеш, надонам, ба чӣ оин омад.
Дар хазон ғӯта зану арзи баҳоре дарёб.
Оламе рафт ба берангиву рангин омад.
Сабр кардему ба васле нарасидем, афсӯс.
Домани мо таҳи санг аз дили сангин омад.
Бедил, аз аҷзи талаб сайди фароғат дорем,
Сояро бахти нагун турраи мушкин омад.

Ҳар кучо оинаи ҳусни ҷунун гул мекунад,
Дуди савдо бар сари мо нози кокул мекунад.
Бар лаби мо ханда яксар шикваи дарди дил аст,
Ҳар қадар хун мехӯрад, ин шиша қулқул мекунад.
Синачоки шавкам, аз фикри парешонам чӣ бок
Ҳар кӣ гардад шона, ёди зулфу кокул мекунад.
Дил чӣ сон бо хомӯшӣ созад, ки ёди чилвагат
Ҷавҳари оинаро минқори булбул мекунад.
Дастгоҳи шавқ то болад, зи худдорӣ баро,
Хокро ошуфтагӣ гардунтаҷаммул мекунад.
Манзилат хоҳӣ мудоро кун, ки дар фаввора об
Авҷ дорад он қадар, к-аз худ таназзул мекунад.
Ҷилва масту шавқ сар то по нигоҳ, аммо чӣ суд?
Дидаву дониста ҳайронӣ тағофул мекунад.
Зиндагӣ нақди нафасҳо рехт дар ҷайби фано,
Аз тараддуд ҳар кӣ меранҷад, таваккул мекунад.
Аз саломат даст бояд шусту з-ин дарё гузашт,
Мавҷ ин ҷо аз шикасти хештан пул мекунад.
Мавҷ чун барҳам хӯрад, Бедил, ҳамон баҳр асту бас,
Гум шудан аз ваҳми ҳастӣ ҷузвро кул мекунад.

Эй шўъла, нихол аз каламат гулшани когаз.
Дуд аз хати мушкини ту дар хирмани когаз.
Хат нест, ки гул кард аз он килки гухарбор,
Бархоста аз шавки ту мў бар тани когаз.
Бо хасрати дил хеч напардохт нигохат,
Кош оина медошт фиристодани когаз.
Лахти чигарам садди рахи нола нагардид,
Пинхон нашуд ин шўъла ба пирохани когаз.
Аз вахшати ошўби чахон хар чӣ навиштам,
Афшонд хат аз хеш пар афшондани когаз.
Сахл аст ба ин хастии мавхум гururат.
Оташ натавон рехт ба парвезани когаз.
Бо тег тавон шуд тараф аз чарбзабонӣ,
Дар об чу равган набувад чавшани когаз.
Бар фурсати хастӣ мафурўшед таайюун,
Гў, як-ду шарар чин накашад домани когаз.
Рўзе, ки калам зад ракамн шавки хавоят,
Афшонд хат аз хеш ба афшурдани когаз.
Бо хушкмизочон нашавад сўхбати кас рост,
Гар оташу гар об бувад душмани когаз.
Чун хома хичолаткаши ин мазраи хушкем,
Чидем нами чабха зи афшурдани когаз.
Бедил, сари фаввораи ин бог нагун аст,
То кай ба калам об дихӣ гулшани когаз?

Ба сафхае, ки хадиси чунун кунам тахрир,
Зи сатр нола барояд чу шеван аз занчир.
Чӣ мумкин аст, дар ин анчуман нихон монад
Сиёхбахтии ошик чу мӯ ба косаи шир.
Харобаи дили маҳзуни бенавоёнро
Ба чуз губори таманно кӣ мекунад таъмир?
Баҳори хастӣ агар ин бувад, хушо ранге
Ки сарф кард сипехраш ба пардаи тасвир.
Зи дасти ахли адам хар чӣ ояд, эъчоз аст.
Ба хидматам напазиранд, агар кунам таксир.
Шарори коғазам, аз оҳи ман хазар макунед,
Ки хам ба худ занам оташ, агар кунам таъсир.
Гирифтам он, ки дар ин дашти бенишонмаксад
Ба манзиле нарасидӣ, суроғи обила гир.
Саводи нусхаи мо сахт мубҳам афтодаст.
Хаёл хайрати оина мекунад тахрир.
Нагашт саъйи амал садди роҳи ваҳшати умр.
Ба пои шуъла нашуд мавчи хору хас занчир.
Замини тинати мо нест кинахези нифок.
Ба об оташи ёкут кардаанд хамир.
Ба худ ситам макун, эй золими хасадбунёд.
Ки хаст як сари пайкон хамеша дар дили тир.
Ҳазар зи замзамаи андалеби мо, Бедил,
Ки ахгар аст ба минкори ӯ чу оташгир.

Дилдор муқими дили мо шуд, чӣ бачо шуд!
Ҷояш ба ҳамин оина во шуд, чӣ бачо шуд!
Асрори даҳонаш ба ҷунун зад зи табассум,
Он пираҳани ваҳм кабо шуд, чӣ бачо шуд!
Гарди нафасе чанд, ки дар сина шикастем,
Таъмири дили яъсбино шуд, чӣ бачо шуд!
Он нола, ки сад сури қиёмат ба нафас дошт,
Пеши нигаҳат сурманаво шуд, чӣ бачо шуд!
Чун сарв алам кард маро бебарии ман,
Дасти тиҳӣ ангуштнамо шуд, чӣ бачо шуд!
Эҳсону карам гарчи надорад ғами тамйиз,
Он лутф, ки дар кори гадо шуд, чӣ бачо шуд!
Дил қатраи ашке шуду ғалтид ба поят,
Ин хуншуда ҳамчашми ҳино шуд, чӣ бачо шуд!
Дар соддадилӣ арзи таманнои ту дорем,
Бематлабӣ андешанамо шуд, чӣ бачо шуд!
Умре ба ҳаво шабнами мо ҳарзадавӣ кард,
Охир зи ҳаё обилапо шуд, чӣ бачо шуд!
Он чашм, ки бастем зи наззораи имкон,
Имрӯз ба дидори ту во шуд, чӣ бачо шуд!
Дил метапад имрӯз ба уммеди висолат,
Дар хонаи оина ҳаво шуд, чӣ бачо шуд!
Дар гарди саҳар ҷавҳари парвози ҳаво буд,
Бедил, нафас оинаи мо шуд, чӣ бачо шуд!

Чу нола гард намудам, асар наметобад.
Баҳори ман ҳаваси ранг барнаметобад.
Ба як назар зи саропои ман каноат кун,
Ки доғи арзи мукаррар шарар наметобад.
Ба табъи бахтам агар хоб голиб аст, чӣ суд?
Ки панчаи мижаам хеч барнаметобад.
Ишора мекунад аз по нишастани кухсор,
Ки бори нолаи дил хар камар наметобад.
Гирифтааст хаёлат фазои имконро,
Чӣ мехру мох, ки бар бому дар наметобад.
Кушоду бастм нигохе зи дил ганимат дон,
Чароғи роҳи нафас он қадар наметобад.
Насиби нолаи мо хеч чо расидан нест,
Нихоли яъс хаёли самар наметобад.
Тароватн араки шарми мо сияхкорист,
Ки ин ситора ба шоми дигар наметобад.
Ғубор оинаи изхори чавхар аст ин чо,
Сафои табъ ғурури хунар наметобад.
Тилисми хеш шикастан илочи кулфати мост,
Ки шаб намегузарад, то сахар наметобад.
Нигохи мо зи тамошои гайр мустагнист,
Буруни хеш чароғи гухар наметобад.
Ҳубоб сахт далерона мезанад бар мавч,
Дили гирифта зи шамшер сар наметобад.
Чу ашк дар гирехи худ чакидане дорам,
Димоғи обила з-ин беш барнаметобад.
Хаёлбисмили найранги хайратам, Бедил,
Ба хун тапидани ман болу пар наметобад.

Дил аз найранги огоҳӣ ба чандин пеша меафтад.
Гиреҳ аз дона чун во шуд, ба доми реша меафтад.
Дуто шав дар хаёли ӯ, ки саъйи Кӯҳкан ин ҷо
Кашад то сурати Ширин ба пои теша меафтад.
Надорад маҳфили дайру ҳарам парвонае дигар,
Ба ҳар оташ ҳамон як шавқи ҳасратпеша меафтад.
Зи дарди ноқабулиҳои аҳли дил машав ғофил,
Ки май ҳам нола дорад, то зи чашми шиша меафтад.
Надонам, кист Хизри мақсади овораиҳоям,
Ки ҳар ҷо меравам, роҳам ҳамон дар беша меафтад.
Бинои ишқ таъмири ҳавасҳо барнамедорад,
Ниҳоли шӯъла гар обаш диҳӣ, аз реша меафтад.
Ба ин кулфат намедонам кӣ баст аҷзои мазмунам,
Ки аз ёдам гиреҳ дар риштаи андеша меафтад.
Таҳайюрболу пар шуд шӯхии назораи моро,
Чу дил оина гардад, пур тамошопеша меафтад.
Ба ҳар ҷо наргисат аз ҷайби мастӣ сар бурун орад,
Шикасти ранги саҳбо дар бинои шиша меафтад.
Ҷаҳон аз партави ишқат чароғон шуд, ки ҳар хоре
Ба шамъе мерасад, чун оташ андар беша меафтад.
Чунон дар Бесутуни сина гарми ковишам, Бедил,
Ки хун аз нохуни ман чун шарар аз теша меафтад.

Чандон ки хӯрад хун, дили ғампеша биболад.
Чун обила дархурди май, ин шиша биболад.
Бо ҳусни тараддуд самари офияте ҳаст.
Дар сояи худ хобад, агар реша биболад.
Гул кардани тӯли амал аз қомати пирӣ
Нахлест, ки аз оби дами теша биболад.
Бе нола раҳи шавқ ба манзил натавон бурд.
Ё раб, наи маҷнунӣ аз ин беша биболад.
Ҷавлонгаҳи асрори маонист иборат.
Чандон, ки парӣ ноз кунад, шиша биболад.
То ҳиҷлати ҳиммат нашавад ҳосили омол,
Тухме мафишонед, к-аз ӯ реша биболад.
Бедил, ба чӣ шавкат диҳадам ҳастии мавҳум
Арзи сари мӯе, ки дар андеша биболад.

Ба ҳар ҷо боғбон дар ёди мастон ток биншонад,
Бигӯ, то баҳри зоҳид як-дуто мисвок биншонад.
Ба рафъи талхии айём бояд хуни дил хӯрдан.
Магар саҳбо хумори ваҳми ин тарёк биншонад.
Дамс чун субҳ мехоҳам кафас бар дӯши парвоз.
Чу гул то кай сипеҳрам дар дили садчок биншонад.
Чу ишқ омад, хаёли ғайр рахт аз сина мебандад.
Шукӯҳӣ барқ гарди як ҷаҳон хошок биншонад.
Шикори захмиям, бетобиям дорад тамошое.
Мабодо ҷӯши хунам улфати фитрок биншонад.
Агар чархат навозиш кард, аз макраш мабош эмин.
Камон чун тирро дар бар кашад, дар хок биншонад.
Насиби дона набвад з-осиё ғайр аз парешонӣ.
Ғубори хотирам кай гардиши афлок биншонад?
Агар аз мавҷи гавҳар метавон зад об бар оташ,
Арақ ҳам гармии он рӯи оташнок биншонад.
Ба сози офият чун шӯъла тадбире намеёбам.
Зи худ бархостан шояд ғубора пок биншонад.
Чу гул пар мезанам дар рангу аз худ бармеоям.
Маро ин орзу то кай гиребончок биншонад.
Ба ранги қатра бо ҳар мавҷ дорам нақди исоре.
Мабодо гавҳарам дар уқдаи имсок биншонад.
Таҳайюр гар напардозад ба забти гиряи ошиқ.
Ғубори оламе аз дидаи намнок биншонад.
Тараб хоҳӣ, нафас дар ёди мижгонаш ба дил бишкан.
Тавонад ҷоми май бардошт, ҳар кас ток биншонад.
Сафои бодаи таҳқиқ агар сайқал занад соғар.
Бурун чун зангат аз оинаи идрок биншонад.
Ба шӯхӣ мушкил аст аз тинатам рафъи ҳавас, Бедил.
Магар об аз хаё гаштан ғубори хок биншонад.

Гар чунунам нолаворе назри булбул мекунад.
Шӯри маҳшар ошён дар сояи гул мекунад.
Интизори нози истиғнонигоҳе мекашам.
К-аз ғуборам сурмаи чашми тағофул мекунад.
Ғайри хокистар далели изтироби шӯъла нест
Ҳар қадар пар мезанам, афсурдагӣ гул мекунад.
Офият хоҳӣ, ба ҳар афсуне аз чо дармаё.
Хок барбод аст, агар тарки таҳаммул мекунад.
Дил ба мастӣ чун нағалтад дар ҳавои наргисат.
Оби гавҳарро ҳаёлаш дар садаф мул мекунад.
Аз замингирӣ ҳаво оинадори шабнам аст.
Ашк мегардад, агар оҳам таназзул мекунад.
Гиря тӯфонваҳшат аст, эй чарх, даст аз худ бишӯ.
Сели мо ҳалҳоли по аз ҳалқаи ул мекунад.
Ҳифзи оби рӯ нафас дар чайби дил дуздидан аст.
Қатраро гавҳар ҳамон машқи таammул мекунад.
Гоҳ бар хошоку гаҳ бар мавч мепечад тарик.
Ҳилачӯи зиндагӣ чандин таваккул мекунад.
Офати ин боғ Бедил, бар хазон мавқуф нест.
Сад қиёмат як насими оҳи булбул мекунад.

Лаъли лаби ӯ як дам бар холам агар хандад.
То хашр губори ман бар оби гухар хандад.
Бе чилваи ӯ то чанд аз сайри гулу шабнам
Ашкам зи назар ҷӯшад, догам ба чигар хандад.
Як хандаи ӯ чун барқ бунёди ду олам сӯхт.
Дигар чӣ бало резад, гар бори дигар хандад.
Як шабнам аз ин гулшан бе чашми тамошо нест.
Чандон ки хаё болад, сомони назар хандад.
Ёди дами шамшерат хар чо чаман оровд.
Чун шамъ саропоям як рафтани сар хандад.
Ҷӯши чаман аз хичлат дар гунча нафас дуздад.
Он чо, ки гули догам аз охи сахар хандад.
Афсурдагии дилро аз оҳ кушоиш ку?
Санг асту хамон кулфат харчанд шарар хандад.
Аз чархи камон пайкар, бо вахм тасалло шав.
Кам нест, аз ин хона як халкаи дар хандад.
Он чо, ки зи хам резад чор оинаи имкон.
Як чабхаи тасмимам сад гул ба сипар хандад.
Аз хичлати бедардӣ дог аст саропоям.
Мижгон ба арақ гирам, то дидаи тар хандад.
Бе чилваи ӯ, Бедил, з-ин бог чӣ гул чинад.
Дар кисвати чоки дил чун субҳ магар хандад.

Кист аз ҷаҳд ба он анҷумани ноз расад.
Сурма гардем, магар то ба ту овоз расад.
Даркӯри ғафлати дил даъвии пайдоии мост,
Ҳама маҳвем, гар оина ба пардоз расад.
Ҳазар, эй шамъ, зи ташвиши забонорой,
Ки мабодо сари ҳарфат ба лаби ғоз расад.
Мову ман оинадори ду ҷаҳон расвоист,
Ҳастӣ он айб надорад, ки ба ғаммоз расад.
Сар ба ҷайб аз нафаси шамъ арақ мерезад,
Яъне об аст навое, ки ба ин соз расад.
Домани фурсати ҳар чиз, ки дорӣ, магузор,
Мижаву ашк муҳол аст, ба ҳам боз расад.
Ҳашр оташ ҳама ҷо оинае сӯхтан аст,
Оҳ аз анҷоми ғуруре, ки ба оғоз расад.
Ҳастиям нестӣ ангоштанӣ мехоҳад,
Варна он ранг надорам, ки ба парвоз расад.
Хоксорӣ асари ҷуну чаро написандад,
Аҷз бар ҳар чӣ занад, сурма ба овоз расад.
Муддаӣ, даргузар аз даъвии тарзи Бедил,
Сеҳр мушкил, ки ба кайфияти эъҷоз расад.

Мусаввири нигаҳат соғари чӣ ранг занад?
Магар ҷунуни кунаду хома дар фаранг занад.
Чунин, ки наргисат аз ноз сарғарон шудааст,
Зи сояи мижа, тарсам, ба сурма санг занад.
Ба гулшане, ки чаман дар рикоб бихромӣ,
Ҳино зи дасти ту гирад гулу ба ранг занад.
Зи саъйи хок ба гардун ғубор натвон бурд,
Ба домани ту ҳамон домани ту чанг занад.
Дили гирифтаи мо қобили тасарруф нест,
Касе чӣ қулф бар ин хонаҳои танг занад?
Кушудани мижа муфти нафасшумории мост,
Шарар дигар чӣ қадар такя бар даранг занад?
Ҷаҳон адабгаҳи дилхост, бе нафас мебош,
Мабод оинае з-ин миёна занг занад.
Дили шикаста ҷунуни баҳонаҷӯ дорад,
Ки ранг агар шиканам, шиша бар таранг занад.
Намудаанд зи дасти навозиши фалакам
Думе, ки гоҳи ғазаб бар замин паланг занад.
Ба сози аҷз баро, узрхоҳи офат бош,
Ҳуҷуми обила камтар ба пои ланг занад.
Зи хеш ғайр тарошидаӣ, куҷост ҷунун?
Ки хандае ба шуури ҷаҳони банг занад.
Зи Бедилӣ қадаҳи инфиоли савдоям,
Ба шишае, ки надорам, касе чӣ санг занад?

Маҳви талабат гардe агар дошта бошад,
Он сӯи ҷаҳон арзи саҳар дошта бошад.
Дил оҷти фатҳест зи курьони муҳаббат,
Зеру забараш захм агар дошта бошад.
Аз шӯълаи ҳамнисбатие лаъли ту об аст,
Ҳарчанд, ки ёқут ҷигар дошта бошад.
Онро, ки зи кайфияти чашмат назаре нест,
Аз беҳабариҳо чӣ хабар дошта бошад.
Мову мани ваҳдатнигаҳон ғайри туе нест,
Ин ришта муҳол аст, ду сар дошта бошад.
Чашми тари мо низ ҳамон марказн ҳусн аст,
Чун оина гар поси назар дошта бошад.
Аз тинати золим натавон хост муруввват.
Шамшер куҷо оби гуҳар дошта бошад.
Имрӯз дами карру фарн хоҷа баланд аст,
Албатта, ки ин саг ду-се хар дошта бошад.
Шӯри дилам аз гиря чаро маҳв нагардад,
Бар оташ агар об зафар дошта бошад?
Селоби сиришкам ҳама гар як мижа болад,
То хонаи хуршед хатар дошта бошад.
Афсонаи ҳангомаи авҳом мапурсед.
Шоме, ки надорам, чӣ саҳар дошта бошад?
Бедил, ману он нола, ки аз аҷзи расоӣ
Дар нақши қадам гарди асар дошта бошад.

Ҳайрат кафили пар задани ҷустуҷӯ нашуд.
Шодам, ки оби оинаам шӯълахӯ нашуд.
Мурдем ташна дар талаби оби теғи ӯ.
Охир зи сар гузашту насиби гулӯ нашуд.
Афсӯси нолае, ки ба кӯяш раҳе набурд.
Оҳ аз диле, ки хун шуду дар пои ӯ нашуд.
Умрест, хидмати лаби хомӯш мекунам.
Эй бахт, ноз кун, ки нафас ҳарзагӯ нашуд.
Осоишам ба роҳи ту як нақши по набаст.
Ҷамъиятам зи зулфи ту як тори мӯ нашуд.
Бе қадр нест шабнами ҳайратбаҳори ишқ.
Бигдохт дил, ки оинаи оби рӯ нашуд.
Ашё мисоли оинаи бенишонианд.
Нашкуфт аз ин чаман гули ранге, ки бӯ нашуд.
Ваҳми зуҳур сар ба гиребони хиҷлат аст.
Фикре надод рӯ, ки сари мо фурӯ нашуд.
Бегона аст машраби фақру ғано зи ҳам.
Соғар нагашт киштиву мино каду нашуд.
Бедил, чу шамъ сохт ҷабини ниёзи мо
Бо саҷдае, ки ғайри гудозаш вузӯ нашуд.

Чашме, ки бар он ҷилва назар дошта бошад,
Ё раб, ба чӣ ҷуръат мижа бардошта бошад?
Умрест дукони нафаси сӯхта гарм аст,
Аз нолаам оина хабар дошта бошад?
Бо партави хуршеди карам сахл ҳисобест,
Гар шабнами мо домани тар дошта бошад.
Дил тӯшакаши ваҳми ҳубобест дар ин баҳр,
Уммед, ки оҳе ба ҷигар дошта бошад.
Ҷо бар сари дӯш аст касеро, ки дар ин базм
Бо мо чу сабӯ даст ба сар дошта бошад.
Аз теғи нигоҳат дили оина дуним аст,
Ҳарчанд зи фӯлод сипар дошта бошад.
Моро ба адабгоҳи ҳузурат чӣ паём аст,
Қосид магар аз хеш хабар дошта бошад?
Аз ваҳшати мо бар дили кас нест ғуборе,
Як зарра тапидан чӣ қадар дошта бошад?
Эй бехабар, аз ишқ маҷӯ сози саломат,
Ҷуз сӯхтан оташ чӣ ҳунар дошта бошад?
Ноком фусурдем чу хун дар раги ёқут,
Ранге надамидем, ки пар дошта бошад.
Бедил, халафи силсилаи нисбати имкон
Ҷуз марг чӣ аз ирси падар дошта бошад?

Нашуд он, ки шўълаи вахшате ба дили фусурда фусун кунад.
Ба замини тапам, ба фалак давам, чӣ чунун кунам, ки чунун кунад.
Ба фасонаи хаваси тараб тиҳӣ аз худему пур аз талаб.
Чӣ дамад зи санъати сифр най, ба чуз ин ки нола фузун кунад.
Ба хаёли гардиши чашми ӯ чаманест сарфи губори ман.
Ки зи дур агар назарам кунӣ, мижа кори бӯқаламун кунад.
Зи чарохати дили нотавон ба хаёли ӯ надиҳам нишон.
Ки мабод он кафи нозанин ба фусус сойду хун кунад.
Ба чунин забунии дасту дил зи саноеи амалам хичил.
Ки сари хасе агараш диҳам, ба хазор хона сутун кунад.
Кафи по уручи чабин шавад, буни хок арши барин шавад.
Равад ончунону чунин шавад, ки илочи химмати дун кунад.
На фасона сози халовате на тарона мояи ишрате.
Ба фусун зи пардаи гӯши мо чӣ умед пунба бурун кунад?
Назадам зи кисмати хушку тар ба тараддуди хаваси дигар.
Ки ниҳоли бахти сиёҳ агар гуле оварад, шабехун кунад.
Чамани тахайюри Бедилам, ки сахоби рашхаи хомааш
Ба тааммули гуҳар афканад сари қатрае, ки нигун кунад.

Хоҳиш аз забти нафас гар қадаме пеш шавад.
Соғари ҳиммати Ҷам косаи дарвеш шавад.
Ҳар кӣ қадри паси зону нашиносад, чун ашк
Поймоли қадами ҳарзадави хеш шавад.
Мекашад хуни умед аз дили ҳасраткаши мо,
Синаи ҳар кӣ зи теғи ситаме реш шавад.
Лаззати васли ту аз коми таманно наравад.
Ҳар сари мӯ ба танам, гар ба масал, неш шавад.
Нест дур аз асари ғайрати абрӯи қаҷат.
Ҷавҳари ойина гар теғи ситамкеш шавад.
Чашми мо ҳалқабагӯш аст зи нақши қадаме,
Ки ба роҳи ту зи мо як-ду қадам пеш шавад.
Фурсати ноз ғанимат шумар, эй шӯх, мабод,
Ҳуси тобад сари зулфат зи хату риш шавад.
Оби ёқут зи оташ натавон фарқ намуд.
З-ихтилот ар ҳама бегона бувад, хеш шавад.
Роҳатэҳром мабошед, ки дар водии ишқ
Ваҳшат ором шавад, оҳу агар меш шавад.
Гуфтугӯ кам кун, агар офиятат манзур аст,
Баҳр ҳам меравад аз худ, чу ҳаво беш шавад.
Нақшӣ пой зи домони тағофул, ки шарор
Рафта бошад зи назар, то қадамандеш шавад.
Риштаи сози карам нағма надорад, Бедил.
Варна мизроби қабулаш лаби дарвеш шавад.

Дӯш аз назар хаёли ту доманфишон гузашт,
Ашк он қадар давид зи пай, к-аз фиғон гузашт.
То пар фишондаем, зи худ ҳам гузаштаем,
Дунё ғами ту нест, ки натвон аз он гузашт.
Дорад ғубор кофилаи ноумедиям,
Аз по нишастане, ки зи олам тавон гузашт.
Барқи шарор маҳмили фурсат намекашад,
Умре надоштам, ки бигӯям, чӣ сон гузашт.
То ғунча дам занад зи шукуфтан, баҳор рафт,
То нола гул кунад зи ҷарас, корвон гузашт.
Берун натохтаст аз ин арса ҳеҷ кас,
Вомондаикст ин, ки ту гӯӣ фалон гузашт.
Эй маънӣ, об шав, ки зи ранги шуури халқ
Инсоф низ об шуду аз ҷаҳон гузашт.
Як нукта пул зи обилаӣ кифоят аст,
З-ин баҳр ҳамчу мавҷи гуҳар метавон гузашт.
Гар бигзарӣ зи кашмакаши даҳр, восилӣ,
Маҳви нишона аст, чу тир аз камон гузашт.
Вомондагӣ зи офиятам бениёз кард,
Бол он қадар шикаст, ки аз ошён гузашт.
Тай шуд бисоти умр ба пои шикасти ранг,
Бар шамъ як баҳор гули заъфарон гузашт.
Дилдор рафту ман ба видоъ насӯхтам,
Ё раб, чӣ барқ бар мани оташбаҷон гузашт.
Тамкин куҷо ба табъи кироматрасо диҳад,
Кам нест, ин ки номи туам бар забон гузашт.
Бедил, чу мушкил аст зи дунё гузаштанам,
Як нола доштам, ки зи ҳафт осмон гузашт.

Баски ин гулшани афсурда кудуратранг аст
Нафаси гунча бар оинаи шабнам занг аст.
Аз тамошогахи хайрат натавон гофил буд.
Базми берангии оина саропо ранг аст.
Дари машраб зану аз кайди мазохиб бигрез.
Офият нест дар он базм, ки созаш чанг аст.
Ҳар тараф мавчи хаёлест ба тӯфон хамдӯш.
Киштии сабзи фалак гаркаи оби банг аст.
Ғаррии харзадавихои талаб натвон буд.
Сари мо сачдафурӯши кафи пои ланг аст.
Самари кина дихад мехр ба табъи золим.
Оташ аст он хама обе, ки нихон дар санг аст.
Дурии домани васл аст ба худ печидан.
Ғунча гар во шавад аз хеш, гулаш дар чанг аст.
Талабам то сари кӯи ту ба парвоз кашид.
Об худро чу ба гулшан бирасонад, ранг аст.
Вахшатам дар кафаси болу парафшонӣ нест.
Сози парвонаи ин базм шарарохнаг аст.
Баски чун ранг зи шавкат хама тан парвозем.
Хуни моро дами бисмил зи чакидан найг аст.
Муфти он катра, к-аз ин бахр тасаллӣ нахарид.
Бе тапидан ду чахон бар гухари мо танг аст.
Аз кадам нест чудо ишрати Мачнун, Бедил.
Шӯри занчир навосанчи хазор оханг аст.

Баски бекадрӣ далели дастгоҳи олам аст,
Чун пари товус як олам нигин бе хотам аст.
Ҳар ду олам дар ғубори ваҳм туфон мекунад,
Аз гуҳар то баҳр ҳар чо вошикофӣ, бе нам аст.
Гар ҳаё варзад ҳавас, оинадори обрӯст,
Чун ҳаво аз ҳарзагардӣ мунфаил шуд, шабнам аст.
Пеш аз офат миннати тадбир обам мекунад,
Хуни захмамро чакидан инфиоли марҳам аст.
Пир гардидему шӯхӣ як сари мӯ кам нашуд,
Пайкари ҳамгашта ҳам ҳамчашми абрӯи хам аст.
Шӯълаи моро ҳамин дуди димоғ овора кард,
Бар сар асбоби парешонӣ аламро парчам аст.
Об гардидан зи мо беинфиолиҳо набурд,
Табъи моро чун гудози шиша тар гаштан кам аст.
Саъй обе аз арақ мерезад, аммо суд нест,
Чун нафас дар сӯхтанҳо оташи мо мубҳам аст.
Бе вучуди мо ҳамин ҳастӣ адам хоҳад шудан,
То дар ин оина пайдоем, олам олам аст.
Аз таалluқ як сари мӯ катъ нанмудем, ҳайф,
Теғи таслиме, ки мо дорем, пур нозукдам аст.
Бедил, аз ачзу ғурури факру чоҳи мо мапурс,
То нафас боқист, з-ин оҳанг сад зеру бам аст.

Зи худ рамидани дил баски шӯхиангез аст.
Чу шабнам обилаи мо шарормаҳмез аст.
Димоғи миннати ишрат кирост з-ин маҳфил.
Хушам, ки хандаи минои май намакрез аст.
Зи ҷунбиши мижа бар забти ашк меларзам.
Ки захма бар раги ин соз наштари тез аст.
Қадом субҳ, ки шоме нахуфта дар бағалаш.
Сафои тинати имкон кудуратомез аст.
Ҳазор санг шарар гашту боли ноз афшонд.
Ҳанӯз саъйи гудози ман обрӯрез аст.
Сари ҳавои иқомат дар ин чаман мафроз.
Баҳуш бош, ки теғи гузаштагӣ тез аст.
Ба табъи санг фусурдан шарор мебандад.
Ҳавои олами осудагӣ ҷунунхез аст.
Шикасти зарфи ҳубоб аз муҳит холӣ нест.
Зи худ тиҳӣ шуда аз ҳар чӣ ҳаст, лабрез аст.
Дамидаем чу субҳ аз дили гирифторӣ.
Ғубори олами парвози мо қафасбез аст.
Кабоби офиятӣ, бигзар аз ҳавас, Бедил.
Далели сиҳҳати бемор саъйи парҳез аст.

Дар хаёлободи роҳат огаҳӣ номаҳрам аст.
Ҷилва нанмояд биҳишт, он ҷо, ки ҷинси одам аст.
Дар назарҳо гарди ҳайрат, дар нафасҳо шӯри аҷз.
Сози базми зиндагониро ҳамин зеру бам аст.
Аз дуто гаштан надорад чора нахли мевадор.
Қомати ҳар кас ба зери бор меояд, хам аст.
Яъстамхид аст ин уммедҳо, ҳушёр бош.
Ҳар қадар арзи амалҳо беш, фурсатҳо кам аст.
Бо фурӯғи ҷилваат наззорагиро тоб ку?
Ранги гул чун оташ афрӯзад, сипандаш шабнам аст.
Дар бинои ҳайрат аз ҳусни ту мебинам халал,
Хонаи оина ҳам барпо ба девори нам аст.
Дарси ибратхони моро нусхае даркор нест,
Чашми оҳуро саводи хеш сармашқи рам аст.
То нафас боқист, золим нест бе фикри фасод,
Гӯшагири фитна мабошад, камонро то дам аст.
Шӯъла ҳар ҷо мешавад саргарми таъмири ғурур,
Доғ механдад, ки ҳамворӣ биное маҳкам аст.
Айши шоҳӣ дар тилисми серчашмӣ бастаанд,
Косаи чашми гадо гар пур шавад, ҷоми Ҷам аст.
Дӯстон, ҳошо, ки рафти улфати ҳам бигсиланд.
Мавҷҳоро рафтан аз худ ҳам дар оғӯши ҳам аст.
Номдориҳо гирифторист дар доми бало.
Бедил, ангушти шаҳонро тавқи гардан хотам аст.

Биё, ки оташи кайфияти ҳаво тез аст,
Чаман зи ранги гулу лола мастиангез аст.
Ба гулшане, ки нигоҳат фишонд домани ноз,
Чу лола дидаи наргис зи сурма лабрез аст.
Ғубори ҳастии ман умрҳост рафта ба бод,
Ҳанӯз тавсани нози ту гарммаҳмез аст.
Насими зулфи ту субҳе гузашт аз ин гулшан,
Ҳанӯз силсилаи мавҷи гул ҷунунхез аст.
Гудохтем нафасҳо ба ҷустуҷӯи мурод,
Ҳавои водии уммед оташомез аст.
Чу зоҳид ин ҳама натвон ба дарди тақво мурд,
Агар на табъсақимӣ, чӣ ҷои парҳез аст.
Зи файзи ҷоки дил андози нолае дорем,
Чу ғунча танг машав, мурғи мо саҳархез аст.
Қадом шуъла бар ин сафҳа доманафшон рафт,
Ки сина нусхаи парвезани шарарбез аст.
Чӣ гуна талх нагардад ба Кӯҳкан майи айш,
Ки шарбати лаби Ширин ба коми Парвез аст.
Сарам ғубори ҳавои суми саманди касест,
Ки ёди ҳалқаи фитроки ӯ диловез аст.
Хумори чашми кӣ гарми итоб шуд, Бедил,
Ки теғи шуълаи аз хеш рафтанам тез аст.

Шӯри истиғнои ишқ аз ҳасрати дил будааст.
Кӯси арбоби карам фарёди соил будааст.
Чашми ғафлатпешаро афсурдагӣ имрӯз нест.
Мушки хоки мо ба ҳар ҷо буд, коҳил будааст.
Дар гирифторӣ расо шуд нашъаи парвози ман.
Пои озодӣ чу сарвам пой дар гил будааст.
Мавҷ то дар ҷунбиш омад, меравад аз худ ҳубоб.
Гарди болафшонии рангам ҳамин дил будааст.
Шуд тапидан ҷодаи сарманзили осонишам.
Ошёни айш зери боли бисмил будааст.
Кард охир восили базми ту аз худ рафтанам.
Сояро дар хонаи хуршед манзил будааст.
Қолаби афсурда моро дар ғубори ваҳм сӯхт.
Ғарқаи баҳре, ки мо будем, соҳил будааст.
Дафтари имкон зи бекорӣ надорад сафҳае.
Пардаи чашми ғалатбин фарди ботил будааст.
Гар фано хоҳам, ғами қатъи умедам мекунад.
Марг ҳам чун зиндагонӣ бе ту мушкил будааст.
Ғофилам дорад зи дарё лофи биниш чун ҳубоб.
Пардаи чашме ба чандин ҷилва ҳоил будааст.
Чун нафас оинаи дил ҳам саботи мо надод.
Ҳайфи нақши мо, ки дар ҳар сафҳа зоил будааст.
Бехудӣ кард аз ҳузури Лайлии дил ғофилам.
Варна ҳар ашке, ки рафт аз дида, маҳмил будааст.
Нест найранге, ки нақши эътибори хок нест.
Нест гардидан ба сад хастӣ муқобил будааст.
Имтидоди умр, Бедил, сахтӣ аз табъам рабуд.
Гардиши сол осиёи донаи дил будааст.

Умрҳо шуд ачзи токат сўи чайбам раҳбар аст.
Дар раҳи таслими дил пое, ки ман дорам, сар аст.
То фурўғи шўълаи хуршед ҳусне дидаам,
Субҳ агар болад, ба чашми ман кафи хокистар аст.
Эй, ки бар накши кадаш дил бастай, ҳушёр бош,
Сояи ин сарв ошўби киёматпарвар аст.
Гар кунад ҳуснаш бисоти ҳайрати оина гарм,
Ҳар кадар назораҳо бар дида печад, чавҳар аст.
Сурмаи он чашм дилро дар сияҳрўзӣ нишонд,
Шишаи моро ғубор аз мавчи хатти соғар аст.
То таманнои маям гул кард, аз худ рафтаам,
Чун саҳар дар шўхии ҳамёзаам болу пар аст.
Обила дар роҳи шавкам баски дорад чўши ашк,
Накши поям ҳар кучо гул мекунад, чашми тар аст.
Саъйи мо, бедонишон, гоме ба ҳамворӣ назад,
Ҳар хате, к-аз хомаи Мачнун дамад, бе мистар аст.
Завки таслиме ба чайби имтиҳонат гул нарехт,
Варна ҳамчун шамъ домаи то гиребонат сар аст.
Ҳар сухан, к-аз пардаи таслим хорич гул кунад,
Номулоимтар зи оҳанги дафи бечанбар аст.
Даст бар дил нех, зи найранги суроғи мо мапурс,
Корвони нолаеву оташи мо дигар аст.
Бедил, аз парвоз хичлат дорам, аммо чора нест,
Зарраи маҳкумаму гул карданам болу пар аст.

Субҳи ҳастӣ нест, найранги ҳавас болидааст.
Ин қадар тӯфон, ки мебинӣ, нафас болидааст.
Ҳеч оҳанге бурунтози бисоти чарх нест,
Нолаҳои ин ҷарас ҳам дар ҷарас болидааст.
Партави ишқ аст ташрифи ғурури мову ман,
Шӯълапӯш афтода ҳар ҷо хору хас болидааст.
Аз сиёҳкорист авҳоми уқубатҳои халқ,
То сиёҳӣ карда шаб, бими асас болидааст.
Чун нафас очизавои дарди навмедӣ наям,
Нолае дорам, ки то фарёдрас болидааст.
Дастгоҳе дорӣ, эй мунъим, зи афсурдан баро,
Парфишонӣ муфти ҳасратҳо қафас болидааст.
Нақши ваҳму зан(н) ту ҳам чандон ки хоҳӣ, вонамо,
Оламе оина дорад, дил зи бас болидааст.
Бо кадомин зарра хоҳӣ тавъами парвоз буд,
Чун ҷу ин ҷо ҳасрати бисёр кас болидааст.
Яъси матлаб нест, Бедил, монеи иброми халқ,
Орзу дар сояи боли магас болидааст.

То нафас бокист, дар дил ранги кулфат музмар аст.
Оби ин оинаҳо аксар кудуратпарвар аст.
Фикри осуда ба шӯр овардааст ин баҳрро.
Дар дили ҳар қатра ҷӯши орзуи гавҳар аст.
Сози озодӣ ҳамон гарди шикасти орзуст.
Ҳар қадар афсурда гардад, ранги сомони пар аст.
Эй ҳубоби бехабар, аз лофи ҳастӣ дам мазан.
Сарфа ҳам дорад нафас онро, ки обаш бар сар аст.
Дастгоҳи кулфати дил нест ҷуз арзи камол.
Чашмаи оина гар хошок дорад, ҷавҳар аст.
Аҳли дунё ошиқи ҷоҳанд аз бедонишӣ.
Оташи сӯзон ба чашми кӯдаки нодон зар аст.
Марги золим нест ғайр аз тарки савдои ғурур.
Шӯъла аз гарданкашӣ гар бигзарад, хокистар аст.
Рози мо, софдилон, пӯшида натвон ёфтан.
Ҳар чӣ дорад хонаи оина беруни дар аст.
Мекунад зоҳид талоши сӯҳбати майхорагон.
Ин ҳаюлои ҷунун имрӯз донишпайкар аст.
Дар тилисми ҳайрати мо ҳеч касро бор нест.
Чашми қурбонӣ камингоҳи хаёле дигар аст.
Гоҳ-гоҳе гири маъни инфиолам мекунад.
Ҷабҳа ҳам дорад арақ рӯе, ки мижгонам тар аст.
Бедил, аз ҳоли дили кулфатнасиби мо мапурс.
Вой бар оинае, к-онро нафас равшангар аст.

Мубтазали субҳу шом тозагнориида нест.
Масхараи рӯзгор он кадараш ханда нест.
Оина дар пеш гир, маҳрами таҳқиқ бош.
Ғайри зи худ рафтанат пеши ту оянда нест.
Ваҳшати таври замон ламъаи вақт асту бас.
Иллати кӯрист, гар чашми ту тарсанда нест.
Софдилон фориғанд, шикваи авҳом чанд?
Гар дилат аз худ пур аст, оина шарманда нест.
Дар кафи ахлоқи туст риштаи тасхири халқ.
Ғофил аз эҳсон мабош, ҳеч касат банда нест.
Масдари изои халқ дар ҳама чо носазост.
Гар ҳама дар зери пост, обила зебанда нест.
Ҳеч кас аз гул начид роиҳаи инфиол.
Хуб чӣ бӯ медиҳад, гар даҳанат ганда нест.
Табъи ҳарун ҳам назад чуз ба дари эҳтиёҷ.
Бе талаби коҳу чав гов сарафканда нест.
Тахти Сулаймони чоҳ пои кадараш ҳавост.
Дуди димоғи ҳубоб он ҳама поянда нест.
Фақр ба ҳар чо кашад домани иқболи ноз.
Чарх ба сад атласаш пунбаи як жанда нест.
Эй ҳама ваҳму гумон, дар аламм рафтагон.
Риш каму чома дар пашми касе канда нест.
Хоҳ дилат чок зан, хоҳ ба сар хок рез.
Даҳр зи вазъи ғурур баҳри ту гарданда нест.
Беҳ, ки дили мунфаил аз худат огаҳ кунад.
Варна ба пешат касе оинадоранда нест.
Бедил, аз ин чорсу ишваи дигар махар.
Ғайри фано ҳеч чинс назди ҳак аранда нест.

Қасри ғано, ки олами таҳқиқ номи ӯст,
Доман зи хеш барзадане сайри боми ӯст.
Ҳар барги ин чаман рақаме дорад аз баҳор,
Олам нигинтарошии савдои номи ӯст.
Пур интизори номабарони ҳавас макаш,
Худро ба худ даме, ки расондӣ, паёми ӯст.
Ваҳшат зи ғайр хотири мо ҷамъ кардааст,
Аз худ рамидане, ки надорем, роми ӯст.
Оҳ аз ситамкаше, ки дар ин сайдгоҳи ваҳм
Умре ба худ таниду нафаҳмид, доми ӯст.
То чанд нози анҷуманорони ғурур?
Эй ғофил аз ҳаё, араќи мо ба ҷоми ӯст.
Ҷуз марг нест чораи офоти зиндагӣ,
Чун захми шишае, ки гудоз илтиёми ӯст.
Бар ҳар чӣ во кунӣ мижа, бе инфиол нест,
Хобест огаҳӣ, ки ҷаҳон эҳтиломи ӯст.
Шаръи якин даме, ки диҳад фатвии ҳузур,
Айну сивост, он чӣ ҳалолу ҳароми ӯст.
Шарти намози ишқ ба аркон намекашад,
Кавнайну як муҳаррафи ҳиммат саломи ӯст.
Эй фитнақомат, ин чӣ ғурур аст дар сарат,
Теғе кашидай, ки қисмат наёми ӯст.
Фардост, аз мазори ман оина медамад,
Хокам чамандимоғи камини хиромӣ ӯст.
Афсонаи хаёл ба поён намерасад,
Олам тамом як сухани нотамоми ӯст.
Бедил, забони пардаи таҳқиқ нозук аст,
Оҳиста гӯш неҳ, ки хамӯшӣ каломи ӯст.

Он шўъла, ки дар дил шарари ишқу ҳавас рехт,
Гарди нафасе буд, ки ранги ҳама кас рехт.
Сад дашт зи хеш он тарафам, аз тапиши дил
Шамъи раҳи гумгуштагиям саъйи ҷарас рехт.
Фарёд, ки нақше надамонид ҳубобам,
То дам задам, ин оина аз тоби нафас рехт.
Сад хулд халоват пайи парвози ҳавас рафт,
Ширинии ҷонам ҳама дар роҳи магас рехт.
Шармандаи сайёди худам чун нафаси субҳ,
К-аз ним тапиш гарди ман аз ҷоки қафас рехт.
Маъмурии бунёди ҷасад бар сари ҳеч аст,
Оташкадаҳо ранги биноест, ки хас рехт.
Ҳамқофилаи ҳайрати саршори нигоҳем,
Гарди раҳи мо сурма ба овози ҷарас рехт.
Бардоштан аз кўи туам сарфа надорад,
Хоҳад кафи хокам ба сару чашми асас рехт.
Дар хона ҳамон хонабадўшам, чӣ тавон кард,
Меъмори азал ранги биноям зи нафас рехт.
Дарси вараќи аҷзи ман имрўз равонист,
Рангам ба раҳат созии қадам кард, зи бас рехт.
Ғофил нашавӣ аз дили афсурдаи Бедил,
Хунест дар ин парда, ки бояд ба ҳавас рехт.

Хоки ғурбат кимиёи мардуми некахтар аст.
Қатра дар гарди ятимӣ хушк чун шуд, гавҳар аст.
Мавҷи шӯҳрат дар камини хомӯшӣ пар мезанад.
Мисраи барҷаста оҳанге зи тори мистар аст.
Зиштии аъмол дорад барқи нафрин дар бағал.
Шоҳиди ҳусни амалро ҷӯши таҳсин зевар аст.
Мансаби гавҳарфурӯшӣ нест махсуси адаб.
Ҳар навое, к-аз лаби хомӯш ҷӯшад, гавҳар аст.
Аз маоли ҷустуҷӯхон нафас огаҳ наям.
Ин қадар донам, ки сайри шӯъла то хокистар аст.
Мӯҳри хомӯшист чун оина сар то пои ман.
Гар ба арзи гуфтугӯ оям, забонам ҷавҳар аст.
Ин муаммо ҷуз дами теғи ту нақшояд касе.
К-аз ҳазорон уқдаам як уқда савдои сар аст.
Гар маро асбоби парвозе набошад, гӯ, мабош.
Тоири рангам, шикасти хотирам болу пар аст.
Ҳамчу шабнам дар тилисми домгоҳи ин чаман
Мурғи моро файзи обу дона аз чашми тар аст.
Роҳати ҷовиди фақр аз ҷоҳ натвон ёфтан.
Хоки соҳил қимати худ гар шиносад, гавҳар аст.
Каъбаҷӯ афтод шӯхихон тоқат, варна ман
Ҳар куҷо аз по нишонам, остони дилбар аст.
Ҷӯши дониш иқтизои софии дил мекунад.
Хонаи оинаро ҷоруб қулфи ҷавҳар аст.
Маргро дар тинати осудатабъон роҳ нест.
Оташи ёқут, Бедил, эмин аз хокистар аст.

Хати лаълат ғубори ҳайратафзост.
Зумуррад аз раги ин лаъл пайдост.
Зи ғораткории даври нигоҳат
Ба рӯи бода ранги нашъа анқост.
Зи бедодат баҳори ноз рангин,
Зи рафтори ту кори фитна болост.
Дар он маҳфил, ки дарди ишқ соқист,
Таманно бода асту нола минност.
Ҳунар ҷамъияти моро барошуфт,
Зи ҷавҳар нусхаи оина аҷзост.
Баҳори аҷзи имконро кафилем,
Шикасти ҳар чӣ бошад, хандаи мост.
Саросар хоби ғафлат мепарастем,
Хаёли пуч сахт афсонапирост.
Зи каф гирдоб дорад пунба дар гӯш,
Ки ғофил аз хурӯши мавҷи дарёст.
Фано сомон куну масти ғано бош,
Ки дар хок он чӣ меҷоҳӣ, муҳайёст.
Ба ҳар ҷо доме афкандаст сайёд,
Баҳори наргиситони таманнost.
Бурун метоз аз ин нӯҳ ҳалқа занҷир,
Ҷунуни ошиқон як нашъа болост.
Саҳар дар пиртави хуршед маҳв аст,
Ба ҳар ҷо табъ равшан шуд, нафас кост.
Зи рангини ҷилвакон ёр, Бедил
Раги гул дастабанди ҳайрати мост.

Нусхаи ороми дил дар арзи охе абтар аст.
Гунчахои хомуши шерозаи болу пар аст.
Ҳеч касро хосили ҷамъият аз асбоб нест.
Баҳрро ҳам мавҷи бетобӣ зи ҷӯши гавҳар аст.
Бас ки дорад шӯри оҳанги мухолиф рӯзгор,
Ҳар кӣ меояд дар ин ҷо, толиби гӯши кар аст.
Эътибори мо, бахудвомондагон, ошуфтагист.
Хок агар оина мегардад, губораш ҷавҳар аст.
Офтоби толеи мо доғи хирмон асту бас,
Осмони тирабахтиҳо сувайдоахтар аст.
Баъди марг ачзои мо тӯфонии мавҷи хавост,
То напиндорӣ, ки моро хок гаштан лангар аст.
Ишратоҳангӣ, зи базми майкашон гофил мабош,
Ошёни ранг агар бепарда гардад, соғар аст.
Хок агар бошам ба роҳат, ҷавҳари оинаам,
В-ар ҳама оина гардам, бе ту хокам бар сар аст.
Бас ки шуд хушк аз таби гарми муҳаббат пайкарам,
Ҳамчу ахгар бар ҷабини ман арақ хокистар аст.
Умрҳо шуд, меравам аз хешу дар ҷонам ҳанӯз
Гарди тамкини хиромат мавҷи оби гавҳар аст.
Шӯри ишқат он қадар роҳатфурӯш афтодааст,
К-аз тапиш то нолаи бемори соҳиббистар аст.
Оби тегат то нагардад сандали оромҳо,
Кай шавад ин нуктаат равшан, ки сар дарди сар аст.
Бояд аз ҳастӣ ба тимсоле қаноат карданат,
Меҳмони хонаи оина беруни дар аст.
Чашму гӯшеро, ки, Бедил, нест файзи ибрате
Дар тамошогоҳи маънӣ равзану бому дар аст.

Хаёле садди роҳи ибрати мост.
Гар ин девор набвад, хона саҳрост.
Ману паймонаи найранги касрат,
Димоғи ваҳдатам ин ҷо дуболост.
Шарархез аст чашм аз ашки гармам,
Ба ранги доғ ҷомам шӯълапаймост.
Нахондам ғайри дарси бенишонӣ,
Варақҳои китобам боли анқост.
Наям хотам, вале аз давлати ишқ,
Хати пешонии ман ҳам чалипост.
Бикун ҳифзи нафас, то метавонӣ,
Ки нахли зиндагӣ з-ин реша барпост.
Чу дил равшан шавад, ҳастӣ ғубор аст,
Нафас дар хонаи оина расвост.
Зи дарси ишқам ин маънист равшан,
Ки аз худ чашм пӯшидан муаммост.
Шудам хоку ғуборам ҳеч наншаст,
Ҳанӯзам нолаҳои дард раъност.
Сабук бигзар зи дилҳои асирон,
Ки тамкини ту санги шишаи мост.
Фалак гарди хироми кист, ё раб?
Зи по наншаст то ин фитна бархост.
Ба ранги обила умрест, Бедил,
Зи хиҷлат дидаи ман дар таҳи пост.

Зи оҳам нахли ҳасрат шӯълаболост.
Чароғи мурдаро оташ Масеҳост.
Ба хомӯшӣ сари ҳар мӯ забонест.
Зи ҳайрат ҷавҳари оина гӯёст.
Дили Фарҳод оби теғи кӯҳ аст.
Сари Маҷнун гили домони саҳрост.
Рамузи дил тавон хонд аз ҷабинам.
Мисоли ҳар кас аз оина пайдост.
Забон лол аст, ҳайронам, чӣ мегуфт?
Талаб хун шуд, намедонам, чӣ мехост?
Машав ғофил зи рамзи ҳастии ман.
Шикасти ин ҳубоб оғӯши дарёст.
Бисоти ҳайрати оина дорем.
Ҷабини аҷз фарши хонаи мост.
На танҳо мову ту доғи ҷунунем.
Фалак ҳам ҳалқае аз дуди савдост.
Ҷаҳон найранги ҳусни бенишонест.
Агар оина гардӣ, содагиҳост.
Ҳавастаъбирии хоби амал чанд?
Зи фурсат ғофилӣ, имрӯз фардост.
Дар ин маҳфил гудози ашки шамъем.
Нашот аз ҳар кӣ бошад, коҳиш аз мост.
Ба дарёи алам, Бедил, ҳубобем.
Бинои мо ба оби дида барпост.

Дил ба саъйи об гардидан тарабпаймона аст.
Худгудозӣ тардимоғиҳои ин девона аст.
Ҳар куҷо нозест, эҷози ниёз мекунад.
Хат чароғи ҳуснро ҷӯши пари парвона аст.
Нолаҳо дар дил гиреҳ дорам ба номуси вафо.
Решаам чун мавҷи гавҳар дар тилисми дона аст.
Узв узвам гардан кайфияти мижгони ӯст.
Даст агар бар ҳам фишонам, лағзиши мастона аст.
То намирӣ рамзи ин маънӣ нагардад равшанат,
К-ошнои зиндагӣ аз офият бегона аст.
Аз каҷандешон нишони мардумӣ ҷустан хатост.
Чашм кай гардад камон, ҳарчанд соҳибхона аст.
Магзаред, эй майкашон, аз файзи таълими ҷунун.
Ҳалқаи занҷир сармашқи хати паймона аст.
Дасти рад пардози сомони тамошо мешавад.
Турраи тори нигаҳро мавҷи мижгон шона аст.
Ғафлати ман кам нашуд аз саргузашти рафтагон,
Чун раҳи хобидаам, овози по афсона аст.
Олами имкон надорад аз ҳаводис чорае.
Дар ҳуҷуми гарди сел ободии вайрона аст.
Чун ҳубоб охир нафас ошӯби ҳастӣ мешавад.
Хонаи мо сели бунёдаш ҳавои хона аст.
Мо ба аввал гом аз тамҳиди ваҳшат ҷастаем.
Бедил, ин ҷо чини домон абҷади тифлона аст.

Дар васламу сайрам ба гиребони хаёл аст.
Чун оина парвози нигоҳам таҳи бол аст.
Бекадрии дил нест чуз оҳанги гуруруш.
То чинии мо хок нагаштаст, сафол аст.
Соил ба кафи аҳли карам гар ба ғалат ҳам
Чашме бикушояд, лаби садранг суол аст.
Аз бехабарӣ чанд кунӣ фахри либосе.
Пашмест, ки бар дӯши ту дар кисвати шол аст.
Ҷаҳде, ки зи кулфаткадаи ҷисм барой.
Ҳар дона, ки аз хок бурун ҷаст, ниҳол аст.
Бигдоз ба ранге, ки парӣ доғи ту гардад.
Чун санг агар шиша барой, чӣ камол аст?
Бар ҷилваи асбоби таваҳҳум нафурӯшӣ.
Девору дари хонаи хуршед хаёл аст.
Лаъли ту ба базме, ки диҳад арзи табассум,
Мавҷи гуҳар он ҷо шикани чеҳраи зол аст.
З-ин моида як луқма гуворо натавон ёфт.
Неъмат ҳама дандонзадаи ранҷи ҳилол аст.
Аз моидаи бенамаки ҳирс мапурсед.
Ҳар чиз ки чуз ғусса нахӯрдем, ҳалол аст.
Бедил, дили мо бо чӣ шуҳуд аст муқобил?
Нақше, ки дар ин парда бубастем, хаёл аст.

Эй каъбачӯ, якинс агар кор баста наст,
Эҳром бастанат, ҳама зуннор бастан аст.
Гар маҳрамӣ, алам нафарозӣ ба ҳарфи пуч,
Ин пунба парчамест, ки бар дор бастан аст.
Бояд зи хуни ҳар ду ҷаҳон даст шустанат,
Машшота гар ҳино ба кафи ёр бастан аст.
Чун соя оламест ба зери нигини мо,
Гар сар ба дӯши ҷабҳан ҳамвор бастан аст.
Ибрат зи коргоҳи амал мавҷ мезанад,
Сози шикастро чӣ қадар тор бастан аст.
Мангар ба лафзу маънием аз камбизоатӣ,
Тангӣ барои қофия такрор бастан аст.
Суст аст бори қофилаи офият ҳанӯз,
Пар бастаему навбати минкор бастан аст.
Пур номҷӯ мабош, ки нақши нигини аҷз,
Пешонии шикаста ба девор бастан аст.
Эй сарсаринтизори чароғони эътибор,
Дарҳо кушудаӣ, ки ба як бор бастан аст.
Дар ҳокдони даҳр маҷин дастгоҳи ноз,
Гул бар сари мазор чӣ дастор бастан аст?
Бедил,мабош ғарраи таҳсили муддао,
Дар мазрае, ки хӯша ҳамон бор бастан аст.

Баски дар базми туам ҳасрат чунунпаймона аст,
Ҳар киро ранге бигардад, лағзиши мастона аст.
Аҳли маънӣ дар ҳаводис масти хоби роҳатанд,
Шӯри мавҷи баҳр дар гӯши садаф афсона аст.
Тухмати улфат ба нақши коргоҳи дил мабанд,
Ошнои олами оина пур бегона аст.
Дар димоғи ҳар ду олам сӯхтан пар мезанад,
Шамъи ин вайронаҳо хокистари парвона аст.
Маҳви занҷири ҳавас будан далели хуш нест,
Ҳар кӣ мебинӣ, ба қайди зиндагӣ девона аст.
Софии дил ранги уҷб аз тинати зоҳид набурд,
Аз барои худпараст оина ҳам бутхона аст.
Дар харобободи имкон гарде аз маъмура нест,
Навҳа кун бар дил, ки ин вайрона ҳам вайрона аст.
Аз нафас яксар тапишҳои дилам бояд шумурд,
Субҳае дорам, ки сар то пои ӯ як дона аст.
Гар ба худ дасте фишонам фориғ аз оромишам,
Ҳамчу гесӯи бутон дар остинам шона аст.
Бедил, имшаб гарди дил мегардад аз худрафтане,
Парфишониҳои ранг ин шамъро парвона аст.

Барги айши ман ба сози бехудӣ омодааст.
Чун бати май боли парвозам зи мавҷи бодааст.
Нақши поям, нотавониҳои ман пӯшида нест.
Бештар аз соя аҷзоям ба хок афтодааст.
Аҷз ҳам дар олами машраб далели оҷизаст.
Пои хоболударо домони саҳро ҷода аст.
Ҳайрати моро ба таҳрики мижа рухсат надод.
Хатти шӯхи ӯ, ки ранги ҳуснро пар додааст.
Нофа шуд гулбарги ҳусн, аммо тағофулҳо баҷост.
Дур чашми бад, ҳанӯз он навхати мо сода аст.
Гавҳарем, аммо зи печу тоби дарё бехабар.
Ҷуз ба рӯи мо таҳайюр чашми мо накшодааст.
Метавон дар ҳастии мо дид арзи нестӣ.
Шӯъла бе шуғли нишастан нест, то истодааст.
Бе ту дар кунҷи адам ҳам хок бар сар кардаем.
Дасти гарди мо зи домоне ҷудо афтодааст.
Қатраи обе, ки дорӣ, хун куну гавҳар мабанд.
Тӯҳмати ором доғи тинати озодааст.
Ҳар нафас чандин амал мезояд аз андешаат.
Шарм дор аз лофи мардиҳо, ки табъат модааст.
Дар камини доғи дил чун шамъ месӯзад нафас.
Қурби манзил дарҳури саъйи видон ҷодааст.
Бо шикасти ранг, Бедил, кардаам ҷавлони аҷз.
Рафтан аз хешам қадамҳо ҳеҷ ҷо нанҳодааст.

Гарди зи хеш рафтани мо ҳеҷ барнахост.
Чун гул даройини қофилаи ранг бесадост.
То сар ниҳодаем ба хоки дари ниёз.
Монанди соя ҷабҳаи мо маҳви нақши пост.
Бунёди мо чу ғунча тилисми ҳавои туст.
То сар баҷост, бӯи хаёли ту мағзи мост.
Кас ройгон начид гул аз боғи эътибор.
Оби ақиқу нашъаи май низ хунбаҳост.
Ориф шикасти рангаш аз огоҳиясту бас.
Бӯи расидагӣ ба самар сили ҷафост.
Он кист, фикри бебарӣ аз пош нафканад?
Аз соя сарв низ дар ин бӯстон дутост.
Моро фано шиканҷаи парвози шавқ нест.
Шабнам даме, ки рафт зи худ, ҷавҳари ҳавост.
Ноошнои сурати вомондагон наем.
Моро ба қадри обила оина зери пост.
Шавқи фусурда аз нигаҳе тоза мешавад.
Як барги коҳ шӯълаи вомондаро асост.
Ҳарчанд мо ба гарди хиромаш намерасем,
Баргаштааст он мижа, уммедҳо асост.
Бедил, чу най зи нола надорем чорае.
То роҳи ҷунбише зи нафас дар гулӯи мост.

Баски харфи муддао нозукракам афтодааст.
Номаам чун хайрати оина яксар содааст.
Тинати ошик нагардад аз заифӣ поймол.
Гар фитад бар хок харфе, бар забон афтодааст.
Нашъае дорад димоги бекарорихои ман.
Печутоби бехудон хамранги мавчи бодааст.
Гирдбоди шавкаму умрест дар дашти чунун
Хаймаам чун чарх бар саргаштагӣ истодааст.
Охаму тарфе намебандам ба улфатгохи дил.
Бедимогихои шавкам сар ба сахро додааст.
Дар харобихо бисоти хоби нозе чидаем.
Соя гул кардаст, то девори мо афтодааст.
Зинати зохир губори маънии асрори мост.
Шишаи рангин хичоби обу ранги бодааст.
Дар талаб бояд гузашт, аз хар чӣ меояд ба пеш.
Гар хама сарманзили максуд бошад, чодааст.
Гар бувад таслим сармашки чабинат чун губор
Домани хар кас, ки меорӣ ба каф, саччодааст.
Вазъи махвият тамошохонаи найранги кист?
Як чахон оинаам, то хайратам рӯ додааст.
Баркчавлон охи Бедил яъспарварда асту бас.
Алхазар эй муддаӣ, ин дуд оташзодааст.

Не нақши Чин, на ҳусни Фаранг офаридан аст.
Беҳудии ту даст зи дунё кашидан аст.
Чун мум бо мулоимати табъ сохтан,
Дар кӯчаҳои захм чу марҳам давидан аст.
Ин як-ду дам, ки зиндагияш ном кардаанд,
Чун субҳ бар бисоти ҳаво дом чидан аст.
Бастан даҳони захми таманно ба забти оҳ,
Чун риштаи сароб ба саҳро танидан аст.
Нозам ба ваҳшии нигаҳи рамсиришти ӯ,
К-аз гарди сурма низ ба доми рамидан аст.
Ҳайрат далели ойинаи ҳеч кас мабод,
Ашки гуҳар зиензадан ночакидан аст.
Дар водие, ки дӯши адаб маҳмили вафост,
Хори қадам чу шамъ ба мижгон кашидан аст.
Аз диққати адабкадаи аҷз нагзарӣ,
Ин ҷо чу соя пой ба доман кашидан аст.
То кай сафо зи нақши ту чинад ғубори занг,
Худро мабин, агар ҳавас ойина дидан аст.
Дар оламе, ки шаш ҷиҳаташ гарди ваҳшат аст,
Доман начидани ту, чӣ ҳангомачидан аст.
Фурсат баҳори туст, чаро хун намешавӣ,
Эй бехабар, дигар ба чӣ рангат расидан аст.
Бедил, ба мазрае, ки амал обёри ӯст,
Бебаргтар зи обилаи по дамидан аст.

Дар рабти халқ яксар номуси кибриёст.
Чун субҳа ҳар кас ин ҷо дар олами ҷудоест.
Мунъим ба чатру афсар иқбол мефурӯшад.
Ғофил, ки бар сари мо бесоягӣ ҳумоест.
Ворастагиайгем, бе ваҳми боғу рoғем.
Субҳи фалакдимогем, бар боми мо ҳавоест.
Дорад ҷаҳони иқбол идбор дар муқобил.
Бар ҳуҷраӣ маҷинед, ҳар ҷо сарест, поест.
Орому рам дар ин дашт фарқ он қадар надорад.
Дар дида он ҷӣ кӯҳ аст, дар гӯшҳо садоест.
Оворан хаёлот дил бар ҷӣ бандад охир.
Гар ишқ бениёз аст дар ҳусн бевафоист.
З-ин вартаи хиҷолат осон наметавон раст.
Чун шамъ зиндагиро дар ҳар арақ шиноест.
Даркурди сахтҷонӣ бояд ғами ҷаҳон хӯрд.
Таркиби вусъи тоқат маъҷуни иштиҳоест.
Бемоликони қудрат шоистаи қабуланд.
Дасти шикаста бораш бар гардани дуоест.
Гӯши тазаллуми дил з-ин анҷуман кӣ дорад.
Дар гирди мӯи чинӣ фарёди сурмасоест.
Гулзори бебариҳо ворастагибаҳор аст.
Дар сарнагунии бед ҳар барг пушти поест.
Бедил, куҷо барад кас бедоди бетамизӣ.
Дунё гузаргаҳе буд, пиндоштем, ҷоест.

З-ин ибороти ҷунун тақик беномус нест.
Шиша, гӯ, сад ранг тӯфон кун, пари товус нест.
Иттиҳод оинадори ранги аздод асту бас,
Ҳар куҷо лаббайк водуздад нафас, ноқус нест.
Лафзи маънигир хоҳӣ, зоҳиру ботин тарош,
Риштае ҷуз шамъ дар пироҳани фонус нест.
То тачаддуд ҷилва дорад, шубҳаи маънӣ баҷост,
Кас чӣ фаҳмад, ин иборатҳо яке маъкус нест?
Домани саҳрои матлаб баски хушк афтодааст,
Обрӯҳо бар замини мерезаду маҳсус нест.
Аз суроғи рафтагон дил ҷамъ бояд доштан,
К-он ҳама овози по ҷуз дар кафи афсӯс нест.
Дар муҳаббат марг ҳам чун зиндагӣ доми вафост,
Ин варақ ҳарчанд баргардад, хаташ маъкус нест.
Ташналаб бояд гузашт аз васли маъшуқони Ҳинд,
Ҳеҷ ранге дар бараҳманзодаҳо чун бӯс нест.
Баски, Бедил, сози номуси муҳаббат нозук аст,
Шишаи ашке, ки рангаш бишканӣ ҷуз кӯс нест.

Ҷое, ки нӯҳ фалак зи хаё сар фикандааст.
Чун гул чамандимоғии икбол хандааст.
Дидем дастгоҳи ғурури сабуксарон,
Сармояи кулоҳи хама пашми кандааст.
Мансубаи хирад хамаро моти вахм кард.
З-ин арса хокбозии тифлон барандааст.
Аз хок барнадошт фалак, хар кадар хамид.
Боре, ки пирӣ аз хами дӯшам фикандааст.
Бар айби халқ хӯрда нагиранд маҳрамон.
Эй бехабар, магу ту худо нест, бандааст.
Номуси эҳтиёҷ ба ҳиммат нигоҳ дор.
Дасти тиҳӣ ҷунуни гиребондарандааст.
То тешаат ба по нахӯрад, жожхо мабош.
Дандон даме, ки пеш фитад, лабгазандааст.
Аз яъси муддао раҳи ором рафта гир.
Ин дашт тахтаи кафи афсӯси рандааст.
Моро маоли кори тараб бедимоғ кард.
Бӯи гули чароғ дар ин базм гандааст.
Бедил, мабош гарраи сомони эътибор.
Ҳарчанд ранг бол надорад, парандааст.

Бод дили танг аст кор ин ҷо, зи ҳирмон чора нест.
Гар ҳама саҳро шавем, аз ранҷи зиндон чора нест.
З-омаду рафти нафас умрест заҳмат мекашем.
Хонаи моро аз ин нохондамеҳмон чора нест
Дашт то маъмура яксар аз ғубори дил пур аст.
Ҳеч касро ҳеч ҷо з-ин хонавайрон чора нест.
То нафас бокист, бояд чун нафас овора зист.
Эй саҳарбунёд, аз вазъи парешон чора нест.
Саъйи тадбири саломат ҳам шикасте дигар аст..
Дар илоҷи захми хор аз чини домон чора нест.
Домани худ низ бояд окибат аз даст дод.
Каф ба ҳам сойидан, аз табъи пушаймон чора нест.
Ҷуръати пирӣ чи миқдор инфиоли зиндагист,
Пушти дасте ҳам гар афшорӣ, зи дандон чора нест.
Одам аз баҳри чӣ гундумгуи карораш додаанд.
Яъне ин таркибро аз касрати нон чора нест.
Огаҳӣ гарди ду олам шубҳа дорад дар камин.
То нигаҳ бокист, аз ташвиши мижгон чора нест.
Корҳо бо ғайрати ишқи ғаюр афтодааст.
Шаш ҷиҳат дидору моро аз гиребон чора нест.
Умрҳо шуд дар кафат ранги ҳино оина аст.
Гар наёяд ёдат аз хуни шаҳидон, чора нест.
Барқтозӣ бо рами ҳар зарра дорад тавъамӣ.
Эй хароби Лайлӣ, аз сайри ғизолон чора нест.
Шомил аст ахлоки ҳак бо таври хубу зишти халк
Шахси диро. Бедил, аз габру мусулмон чора нест.

Вазъи тартиби адаб дар арсагоҳи лоф нест.
Қобили ин зеҳ камони қабзаи наддоф нест.
Аз адам мечӯшад ин афсонаҳои мову ман,
Гар ба маънӣ вораси, ҷуз хомӯшӣ ҳарроф нест.
Ғафлати дилҳо ҷаҳонеро мушаввиш вонамуд.
Ҳеч ҷо муҳништар аз оинаи нософ нест.
Роиҷу қалби дукони ваҳм беандоза аст,
Бо чӣ пардозад, димоғи нотавон сарроф нест.
Хоби роҳат муддаои мунъим аст, аммо чӣ суд?
Маҳмале ҷуз бӯрёи фақр таскинбоф нест.
Ҳар киро дидам, дар ин машҳад ҷунимаш кардаанд.
Теғи қотил ҳам бар ин тақдир беинсоф нест.
Нақши ин дафтар камоҳӣ кашфи табъи мо нашуд.
Айнаки фитрат дар ин ҷо он қадар шаффоф нест.
Он сӯи хавфу риҷо ҳулди яқин пайдо кунед,
Варна имонс, ки машҳур аст, ҷуз аъроф нест.
Булфузули ҷуд бош, ин базми икром асту бас,
Ҳар қадар бахшад касе об аз муҳит, исроф нест.
Аршу фарш ин ҷо муҳоти вусъатободи дил аст,
Каъбаи моро саводи тангӣ аз атроф нест.
Толиби фаҳми мусаммоӣ, нёри исм гир,
Сурати анқо ҳамин ҷуз айну нуну қоф нест.
Қайди дил, Бедил, ғубори нанги фитратҳо мабод,
То зи мино нагзарад, дурдаст ин май, соф нест.

Дар баҳори гиря айши бедилон омодааст,
Ашк то гул мекунад, ҳам шишаву ҳам бода аст.
Тинати ошиқ ҳамин ваҳшатгубори нола нест,
Чун шарори коғаз ин чо доғ ҳам озода аст.
Ҳеч кас воқиф нашуд аз хатми кори рафтагон,
Дар паи ин корвонҳо оташе афтодааст.
Пардаи номуси ҳастӣ эътиборе беш нест,
Базми моро шишае гар ҳаст, ранги бода аст.
Манзили хосе намехоҳад ибодатгоҳи шавқ,
Ҳар кафи хоке, ки он чо сар ниҳӣ саҷҷода аст.
Зоҳид аз рашки шарори шавқи мо, тардоманон,
Ҳамчу хори хушк баҳри сӯхтан омода аст.
Ақл, гӯ, то чамъ созад хотир аз ачзои мо,
Ишқ муште хоки моро сар ба саҳро додааст.
Хори роҳи аҳли биниш чилваи асбоб нест,
Аз каманди улфати мижгон нигаҳ озода аст.
Зинҳор эмин мабош аз ашки дардолуди ман,
Гар ҳама як шабнам аст, ин тифл тӯфонзода аст.
То фано дар ҳеч чо ором натвон ёфтан,
Ҳар чӣ чуз манзил дар ин водист, яксар чода аст.
Гавҳари мо кош аз нанги фусурдан хун шавад,
Меравад дарё зи хешу мавчи мо истодааст.
Дил ба нодонӣ малеҳ, Бедил, ки дар мулки яқин
Тахтаи машқи хаёл аст оина, то сода аст.

Пайвастагӣ ба хак зи ду олам буридан аст,
Дидори дӯст хастии худро надидан аст.
Озодагӣ, к-аз ӯст мубохоти офият,
Дилро зи ҳукми хирсу хаво вохаридан аст.
Парвози сон чуз ба сари боми мехр нест,
Аз худ рамидани ту ба хак орамидан аст.
Чун мавчи бахр кӯшиши мо андарин муҳит
Рахти шикасти хеш ба сохил кашидан аст.
Помоли горати нафаси сарди яъс нест,
Субҳи муроди мо, ки гулаш нодамидан аст.
Бар хар чӣ дида во кунӣ, аз хеш рафта гир,
Афсонавор дидани олам шунидан аст.
То хирси обу дона ба домат навфканад,
Анкосифат ба кофи каноат хазидан аст.
Гар булҳавас ба базми хамӯшон нафас кашад,
Ҳамчун хурӯси бемахалаш сар буридан аст.
Имшаб зи баски ҳарзазабон аст шамъи ох,
Корам чу гоз то ба сахар лаб газидан аст.
Ором дар тарикати мо нест гайри марг,
Ҳангомагарм сози нафасҳо тапидан аст.
Моро ба ранги шамъ дари офият задан,
Аз чашми худ хамин ду-се ашке чакидан аст.
Саъйи кадам кучову тарики фано кучо?
Бедил, ба ханчари нафас ин рах буридан аст.

Дил ба ёди чилвае тоқат ба ғорат додааст,
Хонаи оинаам аз тоби акс афтодааст.
Тӯҳматолуди тақопӯи ҳавасҳо нестам,
Ҳамчу гавҳар тифли ашки ман таҳайнорзода аст.
Пирӣ аз асбоби ҳастӣ медиҳад зеби дигар,
Ҷавҳари оинаи маҳтоб мавчи бода аст.
Нест нақши по ба гулзори хиромат чилвагар,
Дафтари барги гул аз дасти баҳор афтодааст.
Муфти ачзи мост, гар помолие ҳам мекашем,
Нақши пои раҳравон сармашқи айши чода аст.
Рафтаем аз хеш, аммо аз муқимони дилем,
Ҳайрат аз оина ҳаргиз по бурун нанҳодааст.
Доғ шав зоҳид, ки дар оини муртозони ишқ
Хок гардидан ба хок афкандани сачдода аст.
Дилдурустӣ дар бисоти ҳодисоти даҳр нест,
Санг ҳам дар кисвати мино шикастомода аст.
Метапад гирдобам аз андешаи оғӯши баҳр,
Дом чашми сӯзану нахчир сахт озода аст.
Аз тапиданҳои дил бетоқатӣ дорад нафас,
Манзили мо корвонро дарси ваҳшат додааст.
Чун нигоҳи чашми бисмил беталлуқ меравем,
Қосиди бематлабему номаи мо сода аст.
Бекарори шавқ, Бедил, қобили тасхир нест,
Гар ҳама дар банди дил бошад, нафас озода аст.

Саркашиҳо ба марг роҳбар аст,
Гардани мавҷро ҳубоб сар аст.
Нест дар ранги эътибор сабот,
Обрӯҳо чу мавҷ дар гузар аст.
Сифла бар хурдаҳои зар нозад,
Лофи парвози санг аз шарар аст.
Фоли роҳат мазан, к-аз ин кафи хок
Ҳар чӣ осудатар, фусурдатар аст.
Дилхарошист арзи ҷавҳари хуш,
Вақти оина хуш, ки бехабар аст.
Шавқи вомондагӣ насиб мабод,
Дили афсурда нолаи дигар аст.
Бе ту чандон гиристам, ки чу абр
Сови ман саводи чашми тар аст.
Аз ҳуҷуми баҳори обилаам
Ҷода пинҳон чу ришта дар гуҳар аст.
Бар асарҳои аҷз метозам,
Ҳамчу рангам шикаст болу пар аст.
Пушти тамкин ба эътибор кавист
Кӯҳро лаъл мӯҳраи камар аст.
Дар талабгоҳи дил чу мавҷу ҳубоб
Манзилу ҷода ҳар ду дар сафар аст.
Ғафлат афсуни норасоии мост,
Дасти хобидагон ба зери сар аст.
Бедил, аз гиря шӯҳрате дорем,
Боли парвози абр чашми тар аст.

Шаб, ки ҷӯши ҳасрате з-он наргиси худком дошт,
Чашмаи оина мавҷи равғани бодом дошт.
Ёди он шавқе, ки аз бетоқатиҳои ҷунун
Дил тапидан низ дар роҳат шумори гом дошт.
Пухтагӣ дар пардаи ранги хазоне будааст,
Мева ҳам дар фикри сарсабзӣ хаёле хом дошт.
Ёди домонат ғуборамро парешон карду рафт,
Сурмае дар гӯшаи чашми адам ором дошт.
Мисраи оҳи ман аз лаъли ту пур бебаҳра монд,
Боби таҳсин ар набуд, аҳлияти дашном дошт.
Аз суроғи рафтагон ҷуз гуфтугӯ осор нест,
Шахси ҳастӣ дар нигини бенишонӣ ном дошт.
Чашм во кардему огоҳ аз фанои худ шудем,
Чун шарор оғози мо оинаи анҷом дошт.
Оламеро сайди улфат кард ранги аҷзи ман,
Дар шикасти хештан мушти ғуборам дом дошт.
Айшҳо кардем, то барбод рафт аҷзои мо,
Хонаи мо баъди вайронӣ ҳавои бом дошт.
Ноларо рӯзе, ки авҷи эътибори нашъа буд,
Чун ҷарас, Бедил, ба ҷои бода дил дар ҷом дошт.

Мавчи ҷунун мезанад, ашки парешони кист?
Нола ба дил меҳалад, бисмили мижгони кист?
Пои равони видоъ роҳ ба кӯи кӣ бурд?
Дасти ба дил бастаам маҳрами домони кист?
Ёди хироми туам мебарад аз хештан,
Қомати барчастаат мисраи девони кист?
Дида гар аз ҷилваат майкадаи ноз нест,
Ашки чакиданхиром лағзиши мастони кист?
Сурма зи хокам барад чашми ғазолони ноз,
Бахти сияҳ бар сарам сояи мижгони кист?
Лахти диле дар назар в-ин ҳама чоки ҷигар?
Ҳайратам оинагар, шона гиребони кист?
Қатраи мо чун ҳубоб синаи дарё шикофт,
Ҳиммати парвози мо ханда ба тӯфони кист?
Гар на тапишҳои дил фоли ҷунун мезанад,
Шӯъланикоб ин қадар нолаи урёни кист?
Риштаи амвоҷро уқда нагардад ҳубоб,
Обила дар роҳи шавқ монеи ҷавлони кист?
Ғайри муҳаббат дигар дин чию оин кадом?
Уммати парвона бош, сӯхтан имони кист?
Бедил, аз ин монда дасти ҳавас шустаем,
Паҳлӯи дил хӯрдаро орзуи нони кист?

Боз вахшичилвае дар дида чавлон карду рафт,
Аз губорам даст бар хам суда сомон карду рафт.
Партави хусне чароги хилвати андеша шуд,
Дар дили хар зарра сад хуршед пинхон карду рафт.
Раичхо дар олами таслим рохат мешавад,
Шамъ аз хори кадам сомони мижгон карду рафт.
Бетамизӣ домани нозе ба сахро мефишонд,
Шӯхии андешаи моро гиребон карду рафт.
Буд дар табъи сахар найранги шабнамсозие,
Тангии фурсат нафасро ашки галтон карду рафт.
Нестам огах зи накши хастии мавхуми хеш,
Ин кадар донам, ки бар оина бӯхтон карду рафт.
Ранг гардондан губори дасти бар хам суда буд,
Бехудӣ огохам аз валъи пушаймон карду рафт.
Саъйи берунтозият з-ин бахр пур душвор нест,
Метавон чун мавчи гавхар тарки чавлон карду рафт.
Хоки горатпарвари бунёди ин вайронаем,
Ҳар кӣ омад, андаке моро парешон карду рафт.
Ҷон дил, Бедил, дар ин махфил сипанде доштам,
Баски ашк омад, паре афшонду афгон карду рафт.

Бе ту дар ҳар ҷо дили саброзмо хоҳад шикаст,
Шишаи кӯҳсор дар гарди садо хоҳад шикаст.
Хор-хори ҳасрати дидор тӯфон мекунад,
Сад найи мижгон нигаҳ дар дидаҳо хоҳад шикаст.
Ҳайрате з-он ҷилва метозад ба майдони хаёл,
Қалби мижгонҳо ҳама рӯ бар қафо хоҳад шикаст.
Ақл агар дар боргоҳи ишқ хун гардад, чӣ бок?
Бар дари султон сари чандин гадо хоҳад шикаст.
Шӯхии андози накҳат сели бунёди гул аст,
Гар нафас бар хеш болад, ранги мо хоҳад шикаст.
Ҳар кӣ омад, мушти хоке бар сари ӯ рехтанд,
То кай охир гарди ин мотамсаро хоҳад шикаст?
Дар шикасти орзу таъмири чандин обрӯст,
Шабнамэҷод аст, агар мавҷи ҳаво хоҳад шикаст.
Шӯри шавқоҳангам аз сози умеду яъс нест,
Нола дар кор аст, дил бишкаст ё хоҳад шикаст.
Дар биёбоне, ки нопайдост роҳу манзилаш,
Меравад гарди ман аз худ, то куҷо хоҳад шикаст?
Эй нигаҳ, дар хун нишину боли густохӣ мазан,
Рангаш аз гул кардани мавҷи ҳаё хоҳад шикаст.
Гар ҷунун аз изтироби дил барандозад ниқоб
Шӯриши тимсоли ман оинаҳо хоҳад шикаст.
Роздорӣ дар ҳақиқат хуни тоқат хӯрдан аст,
Шишаи мо, Бедил, аз поси садо хоҳад шикаст.

Ба гулзоре, ки ҳуснат беникоб аст,
Хазон дар баргрезӣ офтоб аст.
Зи шарми як арақ гул кардани ҳусн
Чу шабнам сад ҳазор оина об аст.
Ҷунун соғарпарасти наргиси кист?
Гиребончокиям мавҷи шароб аст.
Зи дуди синаам дарёб, к-имшаб
Нафас болу пари мурғи кабоб аст.
Кӣ дорад ҷавҳари арзи иқомат
Фалак то моҳи нав по дар рикоб аст.
Таваҳҳум мурдаи ном аст, варна
Чу ёқут оташу обам сароб аст.
Дар ин маҳфил чи дебову чи махмал,
Ҳамин вазъи мулоим фарши хоб аст.
Ба чашми халқ бе лоҳавл магзар,
Назарҳо якқалам марди шиҳоб аст.
Тараб хоҳӣ, дил аз матлаб бипардоз,
Катон чун шуста гардад, моҳтоб аст.
Бирав, эй соя, дар хуршед гум шав,
Сиёҳӣ карданат доғи ҳиҷоб аст.
Назар во кардаӣ, маҳви адаб бош,
Суоли ҷилва ҳайронӣ ҷавоб аст.
Ба ҳар сӯ бингарӣ, сайри нафас кун,
Ҳамин сатр аз парешонӣ китоб аст.
Нигаҳ бояд ба чашми баста хобонд,
Гар ин хат нуқта гардад, интихоб аст.
Хаёландешии дидорем, Бедил,
Шаби мо дилнишини офтоб аст.

Дар чаман гар тарфи домонат сабо хоҳад шикаст,
Бар рухи ҳар барги гул ранги ҳаё хоҳад шикаст.
Инчунин гар шӯри мастӣ аз лабат гул мекунад,
Дар лаби согар чу бӯи гул садо хоҳад шикаст.
Накши чандин чилва дар чамияти дил бастаанд,
Бехабар оина машкан, рангҳо хоҳад шикаст.
Мо, чунуноворагон ошуфтаи сарманзилем,
Дар хами домони зулфе гарди мо хоҳад шикаст.
Кай губори хотири ҳар осиё хоҳад шудан?
Тухми мо чун обила дар зери по хоҳад шикаст.
Хони асбоби чаҳонро неъмате чун яъс нест,
Меҳмонаш ношито аз ношито хоҳад шикаст.
Чуръати мо нест чуз гарди нафас барҳам задан,
Нола гар тозад, ҳамин калби ҳаво хоҳад шикаст.
То диҳад гардун муроди хотири ношоди мо,
Дасти мо аз кулфати бори дуо хоҳад шикаст.
Ҳар кучо гарди касодиҳо шавад ибратфурӯш,
Дида нархи обрӯи тӯтиё хоҳад шикаст.
Табъи мо ҳам аз ҳаводис ранг хоҳад бохтан,
Шӯхии тимсол агар оинаро хоҳад шикаст.
Ку димоги чустучӯхон канори нестӣ?
Мавчи мо ҳам дар дили баҳри бако хоҳад шикаст.
Нест бунёди тааллук он кадар сангинбино,
Ин губори ваҳмро як пушти по хоҳад шикаст.
Бедил, аз бӯи худ аст охир шикасти ранги гул,
Боли моро шӯхии парвози мо хоҳад шикаст.

Ханда танҳо на ҳамин бар гулу савсан тег аст,
Субҳро ҳам нафас аз сина кашидан тег аст.
Ғунчае нест, ки захме зи табассум нахӯрад,
Бохабар бош, ки андози шукуфтан тег аст.
Дар шаби айш далерона макаш сар чун шамъ,
К-ин сипарро зи саҳар дар таҳи домон тег аст.
Мисраи тоза, ки аз баҳри хаёлам мавҷест,
Дӯстро оби ҳаёт асту ба душман тег аст.
Бе қадат сарв хадангест ба паҳлуи чаман,
Бе хатат сабза ҳамон бар сари гулшан тег аст.
Чун гули шамъ ба ҳар ашк саре бохтаем,
Гиря ҳам бе ту бар ин сӯхтаҳирман тег аст.
То ба кай дар ғами тадбири саломат мурдан?
Беш аз захм ҳамон захмати ҷавшан тег аст.
Чун саҳар қатъи таалуқ зи ҷаҳон он ҳама нест,
Ранги чине, ки шикастем ба домон, тег аст.
Масали мову фано мавҷу ҳубоб аст ин ҷо,
Сар зи тан нест, касеро ки ба гардан тег аст.
Қотилу сози мурувват написандаӣ, Бедил,
Мадди эҳсони нафас дар назари ман тег аст.

Баъди маргам шоми навмедӣ саҳар овардааст,
Хок гардидан ғуборе дар назар овардааст.
Дар муҳаббат орзуи бистару болин кирост?
Чашми ошиқ ҷои мижгон нештар овардааст.
Тоқате ку, то тавон гаштан ҳарифи оҳу дард?
Кӯҳ ҳамто нола бардорад, камар овардааст.
Киштии чашмам, ки ҳайрат бодбони шавқи ӯст,
То ба худ ҷунбад, муҳите аз гуҳар овардааст.
З-ин қаламрав чун саҳар пеш аз дамидан рафтаем,
Ин хабарҳо ҳам нафас аз мо хабар овардааст.
Ҷӯши дарде ку, ки мижгон ҳам наме пайдо кунад?
Кӯшиши мо қатраҳуне то ҷигар овардааст.
Сад чаман ишрат ба фитроки тапидан бастаем,
Ҳалқаи доми кӣ моро дар назар овардааст?
Ибтидову интиҳо дар сӯхтан гум кардаем,
Ҳар чӣ дорад шамъ аз ҳастӣ, ба сар овардааст.
Шаш ҷиҳат як сайди таслими дили беорзуст,
Забти оғӯшам ҷаҳонеро ба бар овардааст.
Шӯри ашкам, Бедил, аз тарзи каломаш орамид,
Баҳри ин тифлон лабаш гӯӣ, шакар овардааст.

Имшаб, ки ба дил ҳасрати дидор камин дошт,
Ҳар узв чу шамъам нигаҳе бозпасин дошт.
Кас ваҳшат аз асбоби таалук написандид,
Доман ба шикастан чӣ кадар чини чабин дошт?!
Аз ваҳм мапурсед, ки андешаи ҳастӣ
Дар хонаи хуршед маро совнишин дошт.
Ҳар тачрибакоре, ки дар ин арса кадам зад,
Сози дили чамъ он тарафи мулки якин дошт.
Умрест, ки дар банди гудози дили хешем,
Моро гами нософин оина бар ин дошт.
Чун соя ба чуз сачда мисоле нанамудем,
Ҳамвории мо оина дар рахни чабин дошт.
Дар кадди дуто шуд ду чаҳон хирс фароҳам,
З-ин ҳалкакаманди амал ороиши чин дошт.
Аз пардаи дил руст чаҳон, лек чӣ ҳосил,
Оина нафаҳмид, ки ҳайрат чӣ замин дошт?
Бо ин ҳама ҳайрат ба тасаллӣ нарасидем,
Фарёд, ки оинаи мо хонаи зин дошт.
Офок тасаррруфкадаи шӯҳрати анкост,
Чуз ном набуд, он кӣ чаҳон зери нигин дошт.
Бедил, сари ин ришта ба таҳкик напайваст,
Дар субҳаву зуннор чаҳоне дилу дин дошт.

Дил аз надомати ҳастӣ муқаддар афтодаст.
Дигар зи яъс магӯ, хок бар сар афтодаст.
Дар ин бисот таназзул куҷо, тақаддус ку?
Масеҳ рафтаву нақши суми хар афтодаст.
Марав ба боғ, ки аз хандакории гулҳо
Дар ин ҳавасқада расми ҳаё барафтодаст.
Фалакшукӯҳ баро, аз фурӯтанӣ магзар.
Баландии сари ин бом бар дар афтодаст.
Ба ҳар тараф нигарӣ, худсарӣ ҷунун дорад.
Ҷаҳон хатест, ки беруни мистар афтодаст.
Ба ғайри чӯб замингирӣ аз харон наравад.
Асо куҷост, ки воиз зи минбар афтодаст.
Нарафт шуғли гирифторӣ аз табиати халқ.
Қафасшикаста ба оромиши пар афтодаст.
Касе ба маънии худоронят надорад кор.
Биё, ки хонаи оина бе дар афтодаст.
Сиришк оина нагзошт дар муқобили оҳ.
Зи бенамӣ чӣ қадар чашми мо тар афтодаст.
Ба офият чӣ хаёл аст тарф бастани мо?
Маризи ишқ чу оташ ба бистар афтодаст.
Фасонаи дили ҷамъ аз чӣ олам афсун буд.
Муҳит дар арақи саъйи гавҳар афтодаст.
Ту ҳам ба ҳайрат аз ин базм сулҳ кун, Бедил.
Ҷунуни ҳусн ба оинаҳо дарафтодаст.

Неку бадам аз бахти баданҷом сафед аст.
Чандон ки сиёҳ аст ингин, ном сафед аст.
Сатре нанавиштам, ки накардам арақ аз шарм.
Мактуби ман аз хиҷлати пайғом сафед аст.
Бар мунтазирон сарфа надорад мижа бастан.
Дар парда ҳамон дидаи бодом сафед аст.
Эй ғарраи ҷоҳ, ин ҳама изҳори камолот
Ҳарфе чу маҳи нав зи лаби бом сафед аст.
Бар аҳли сафо ранги кудурат натавон баст.
Ин шир агар пухта в-агар хом сафед аст.
Нософии дил ойнаи васл нашояд.
Эй бехирадон, ҷомаи эҳром сафед аст.
Пуч аст тааллуқ, чу зи мӯ рафт сиёҳӣ.
Дар пунба кунун риштаи ин дом сафед аст.
Субҳе ба сиёҳӣ назад аз домани ин дашт.
Чандон ки назар кор кунад, шом сафед аст.
Аз чархи куҳан даргузару коҳкашонаш.
Фарсудагие аз хати ин ҷом сафед аст.
Аз хеш баро, манзили таҳқиқ ниҳон нест.
Сад ҷода дар ин дашт ба як гом сафед аст.
Чун дидаи қурбониpermit аз тарки тамошо.
Бедил, ҳама ҷо бистари ором сафед аст.

Бар рӯйи мо чу субҳ на ранге шикастааст.
Гарде зи домани тапиши дил нишастааст.
Бе офтоби васли ту бахти сиёҳи мо
Монанди соя оинаи зангбастааст.
Зоҳид, ҳазар зи маҷлиси мастон, ки мавҷи май
Сад тавбаро ба як ҳами абрӯ шикастааст.
Дар базмгоҳи ишқ ҳавасро маҷол нест.
То шӯъла гармҷилва шавад, дуд ҷастааст.
Дар хилвате, ки ҳусни ту дорад ғурури ноз,
Ҳайрат зи чашми оина берун нишастааст.
Навмедиям зи дарди сари орзу раҳонд,
Осудаам, ки риштаи созам гусастааст.
То чанд бо дуруштии олам нахостан?
Ин боғро агар самаре ҳаст, хастааст.
Озод нестӣ, ҳама гар бенишон шавӣ.
Анқо ҳам аз забони халоиқ нарастааст.
Мо лофи тоқат аз мадади аҷз мезанем,
Парвози мо чу ранг ба боли шикастааст.
Озори золим аз асари дастгоҳи ӯст,
Бедил, ба хун нишастани ханҷар зи дастааст.

Саъй нопайдову ҳасратҳо давидан орзуст.
Шамъи тасвирему ашки мо чакидан орзуст.
Бисмили таслими ҳастӣ тоқати кӯшиш надошт.
Он кӣ моро кард мӯҳтоҷи тапидан, орзуст.
Дасту пос мезанад ҳар кас ба уммеди фано.
То ғубори ин биёбон орамидан орзуст.
Ҷилвае сар кун, ки барбандам тилисми ҳайрате,
Аз гулистони туам оина чидан орзуст.
Пой то сар кисвати шавқи ҷунунхезам чу субҳ,
То гиребон нақш мебандам, даридан орзуст.
Эй ситамгар, мункири таслим натвон зистан.
Ҳусни саркаш низ то абрӯ хамидан орзуст.
Кисагоҳи зиндагӣ аз нақди ҷамъият тиҳист.
Хок мебояд шудан, гар орамидан орзуст.
Оташе ку, то сипандам тарки худдорӣ кунад.
Нолаворе дораму халқе шунидан орзуст.
Манзил ин ҷо нест ҷуз қатъи умеди офият.
Эй самар, аз нахл бигзар, гар расидан орзуст.
Васл ҳам, Бедил, илоҷи ташнаи дидор нест.
Дидаҳо чандон, ки маҳви ӯст, дидан орзуст.

Гар хама дар санг буд оташ чудой диду сӯхт.
Вакти он кас хуш, ки аз марказ чудо гардиду сӯхт.
Дӣ ману дилдор аз рабт обу гавхар доштем.
Ин замон бояд зи косид номи ӯ пурсиду сӯхт.
Хоки ошиқ чоман эҳроми сад дарди сар аст.
Барҳаман з-ин доғ сандал бар чабин молиду сӯхт.
Аз табу тоби сипанди ин бисот огаҳ наям.
Ин кадар донам, ки дар ёди касе нолиду сӯхт.
Ҳалкаи сӯхбат димоги шӯълаи чаввола дошт.
То ба ҳам печад тааммул, ранг гардониду сӯхт.
Дӯзахи накд аст ватъи худсарӣ, хушёр бош.
Шамъ ин чо як раги гардан ба худ болиду сӯхт.
Инфиоли олами бехосилӣ барқ асту бас.
Чун нафас халқе дукони саъй бечо чиду сӯхт.
Шабнам аз хуршеди тобон сарфа натвонист бурд.
Оламе оина бо рӯят мукобил диду сӯхт.
Васфи лаълат аз сухан пардохт афкори маро.
Боли мавче доштам, дар гавхар оромиду сӯхт.
Бурда будам то сари мижгон нигохи хасрате.
Ёду хуят кард чуръат, оташ андешиду сӯхт.
Нахли ман з-ин боғи ҳирмон навбаре ҳосил накард.
Чун чинор охир кафи дасте ба хам соиду сӯхт.
Ин кадар, к-аз гарму сарди дахр доги нӯратам.
Шӯъларо бояд ба ҳолам то абад ларзиду сӯхт.
Дӯстон, охир хавои боги имконам насохт.
Чун димоги лола дар барги гулам печиду сӯхт.
Аз чунунчавлонии таҳкики ин Бедил мапурс.
Шӯълаи чавволае дар гирди худ гардиду сӯхт.

На чоҳ мояи исён, на мол гафлатзост.
Ҳамин кафас, ки туаш сайди улфатӣ, дунёст.
Ҷунунпаёмии авхом доги яъсам кард.
Умед метападу нома дар пари анкост.
Ба вахми нашъаи озодагӣ гирифторам.
Чу субҳ он чӣ кафас мавҷ мезанад, пари мост.
Ба хоки майкада эъҷоз кардаанд хамир.
Зи дасти хар кӣ кадаҳ гул кунад, яди байзост.
Чаман зи бандагии ҳусн агар кунад инкор.
Хати бунафша гувоҳ, мӯҳри доги лола бачост.
Ҳиҷоби партави хуршед соя мебошад.
Чӣ ҷилваҳо, ки на дар гафлати ту нопайдост?
Инони лагзиши мо, бехудон, кӣ мегирад?
Чу ашк вахшати моро хуҷуми обила пост.
Ту сокиниву равон аст иродаи мутлак.
Ба хар канор, ки кишти равад, кадам дарёст.
Куҷост гайр ҷуз исботи зоти якто?
Туӣ дар оина дорад манс, кӣ аз ту ҷудост.
Ҳамин таваххуми виҷдон далели маҳрумист.
Ки ту наёфтаниву наёфтан ҳамарост.
Зи дастгирии халк ин кадар замингирам.
Асо агар натавон ёфт, метавон бархост.
Зи бас гузаштаам аз арзи коргохи хавас.
Ба худ гарам назар афтад, нигоҳ рӯ ба кафост.
Бигир домани андешаи дигар, Бедил.
Ки дасти бодакашон вакфи гардани миност.

Баски имшаб бе туям сомони лъю оташ аст.
Гар ҳама ашке фишонам, то Сурайё оташ аст.
Шӯхии оҳам ба дил сармояи ором нест.
Сӯхтан саҳбост базмеро, ки мино оташ аст.
Ҳамчу хуршед аз фиреби эътибори мо мапурс.
Чашмаи моро агар обест пайдо, оташ аст.
Бе ту чун шамъе, ки афрӯзанд бар лавҳи мазор.
Хок бар сар кардаему бар сари мо оташ аст.
Ҷавҳари улвист аз ҳар ҷузви суфлӣ мавҷзан.
Санг ҳам бо он замингирӣ саропо оташ аст.
Шохи аз гулбун ҷудо масруфи гулхан мешавад.
Зиндагӣ бо дӯстон айш асту танҳо оташ аст.
Бо ду олам орзу натвон ҳарифи васл шуд.
Мо ба ҷое хору хас бурдем, к-он ҷо оташ аст.
Рӯсиёҳӣ монд, ҳар ҷо рафт ранги эътибор.
Дар ҳақиқат ҳосили ин обрӯҳо оташ аст.
Нест сомони димоғи ҳеч кас ҷуз сӯхтан.
Мо ҳама саргарми савдоему савдо оташ аст.
Нашъаи саҳбо намеарзад ба ташвиши хумор.
Даргузар имрӯз аз обе, ки фардо оташ аст.
Гиря гар шуд бе асар, аз нолаи мо кун ҳазар.
Оби мо хун гашт, аммо оташи мо оташ аст.
Нест ҷуз рақси сипанд оинадори ваҷди халқ.
Лек Бедил кист, то фаҳмад, ки дунё оташ аст!

Нафас муҳаррики ҷисми ба ғам фусурдаи мост.
Ғубори хокнишинро рами насим асост.
Маро муовина шуд аз хати шикастан мавҷ,
Ки нақши пои ҳаво сарнавишти ин дарёст.
Ба кунҳи матлаби аҷзам касе чӣ пардозад!
Лаби хамӯш тилисми ҳазор ранг садост.
Зи доми суҳбати мардум раҳой имкон нест.
Касе, ки гӯша гирифт аз ҷаҳониён, анқост.
Чу сарв бетамаъ аз даҳр бошу сар бифроз.
Ки нахли борвар аз миннати замона дутост.
Ман аз муруввати табъи карим донистам.
Ки об гаштани баҳр ин қадар зи шарми сахост.
Чу ҷом тарки хомӯшӣ фикан, ки миноро
Ҳуҷуми ханда садои шикасти ранги ҳаёст.
Фироқ оинаи зангхӯрдани ҳастист.
Даме, ки ҷилва кунад офтоб, соя куҷост?
Ҳамон ҳақиқати ҳеҷ аст нақши кавну макон.
Ба ҳар чӣ менигарӣ, як саробӣ ҷилванамост.
Забони таън нагардад ғубори машраби мо.
Ҳуҷуми хор ҳамон зеби домани саҳрост.
Ба фикри мисраи мавзун чӣ ғам хӯрад, Бедил!
Хаёли сарви туаш дастгоҳи табъи расост.

Дил ба ёди партави ҳуснат саропо оташ аст.
Аз ҳузури офтоб оинаи мо оташ аст.
Пайкари мо ҳамчу шамъ аз гиряи шодӣ гудохт,
Ашк, ҳар ҷо бингарӣ об аст, ин ҷо оташ аст.
То нафас боқист, умр аз печу тоб осуда нест,
Метапад бар хештан, то хору хас бо оташ аст.
Гармии ҳангомаи офоқ мавқуфи таб аст,
Рӯз агар хуршед бошад, шамъи шабҳо оташ аст.
Ишқ меояд бурун, гар вошикофӣ синаам,
Чун тилсми санг номи ин муаммо оташ аст.
Бе адаб аз сӯзи ашки оҷизон натвон гузашт,
Обила дар по агар бишкаст, саҳро оташ аст.
Шамъи тасвирем, аз сӯзи гудози мо мапурс,
Партаве аз ранг то боқист, бар мо оташ аст.
Ғарқи ваҳдат бош, агар осуда хоҳӣ зистан,
Моҳиёнро, ҳарчи бошад ғайри дарё, оташ аст.
Ҷуз ба гумномӣ суроғи амн натвон ёфтан,
Варна аз парвози мо то боли анқо оташ аст.
Нест, Бедил, бекарориҳои оҳам бе сабаб,
К-аз дили гармам қафасро дар таҳи по оташ аст.

Зи ростӣ мадади ҳоли гӯшагириҳост.
Камон кашидани қадди ҳамида кори асост.
Ба файзи майкашӣ аз доми фитна озодем.
Сиёҳмастии мо сурмаи ҳамӯшии мост.
Зи хоки мо натавон бурд занги хурсандӣ.
Чу субҳ агар ҳама барбод рафта, дасти дуост.
Муқими кӯи умед аз фано чӣ ғам дорад?
Ғубори роҳгузар интизори оби бақост.
Зи сайри олами дил ғофилем, варна ҳубоб
Саре агар ба гиребон фурӯ барад, дарёст.
Ба ғайри худсарӣ аз вазъи даҳр натвон ёфт.
Ғубор низ дар ин дашт пеши худ барпост.
Ба ҳар тараф, ки ниҳӣ гӯш яъс меҷӯшад.
Ҷаҳони ҳодиса сози дили шикастаи мост.
Ҳубобвор дар ин баҳр ғайри хилвати дил
Ба гӯшае, ки тавон як нафас кашид, куҷост?
Забони ҳасрати маҳмури ман кӣ дарёбад?
Зи бас шикастадилам, соғарам шикастасадост.
Зи дарди бесарӣ фоли ашк зад оҳам.
Шароби соғари шабнам гудози саъйи ҳавост.
Ҷафокашон ҳама дар сарфи кори якдигаранд.
Зи по фитодани ашк аз барои нола асост.
Ҳамин на реша қафас дорад аз саломати тухм.
Зи дасти офияти дил нафас ҳам обилапост.
Ба норасоии худ бениёзие дорем.
Шикастаболии яъс ошёни истиғност.
Ғубори аҷз бувад кисвати зафар, Бедил.
Шикастагӣ зирехе ҳамчу мавҷ дар бари мост.

Зиҳӣ хумхонаи ҳайрат каломи хуштасхират.
Димоғи мавҷи май ошуфтаи найранги тақрират.
Ҳадиси шиква бо ин содагӣ натвон рақам кардан,
Гуҳар ҳал кардане дорад мидоди килки таҳрират.
Шикоятномаи бедод маҳви боли анқо шуд.
Ҳанӯз аз нолаам овоз мехоҳад пари тират.
Гирифтори вафо нанги раҳоӣ барнамедорад.
Ҳама гар нола гардам, барнамеоям зи занҷират.
Ҷаҳоне дар тағофулхонаи нозат ҷунун дорад.
Чӣ сеҳр аст ин, ки дар хобиву бедорист таъбират?
Намедонам, чӣ дорад бо шикасти шишаи рангам
Нигоҳи бехудиҳангомаи майхонатаъмират?
Хаёли сайди лоғар инфиоле дар камин дорад.
Зи шарми хуни ман хоҳад арақ бурд оби шамшерат.
Таҳайюр гар ҳама оина созад дашти имконро.
Намегардад ҳарифи ваҳшати тимсоли наҳчират.
Ду олам рангу як гул ихтирои сунъи нозаст ин.
Қиёмат мекашад килки Фарангистони тасвират.
Ба пирӣ гашт, Бедил, тарзи иншои ту ширинтар
Надонам, ин қадар лаъли кӣ қанд омехт бо шират?

Эй парфишон чун бўи гул берангӣ аз пироҳанат.
Анко шавам, то гарди ман ёбад суроги доманат.
Бо сад кудуси кайфу кам аз мазраи нози кидам.
Як реша бар шўхӣ назад тухми ду олам хирманат.
Танзехи сад шабнам ҳаё парвардаи ташбехи ту.
Ҷон сад арак оби бако гулкардаи лутфи танат.
Таҷдиди ноз ошуфтаи ранги либосороият.
Бепардагӣ девонаи тархи никоб афканданат.
Дар водии шавки якин сад Тури Мўсоофарин
Хокистари парвонае махви чароги Айманат.
Дар навбахори ламязал ҷўшида аз боги азал
Нўҳ осмон гул дар багал як барги сабзи гулшанат.
Дилро ба хайрат кард хун, бар акл зад барки ҷунун.
Шўри ду олам кофу нун як лаб ба ҳарф оварданат.
Ҷўши мухити кибриё бар катра баст оинаҳо.
Моро ба мо кард ошно ҳангомаи мову манат.
Не ишқ донам, не ҳавас, шавки туам сармоя бас.
Эй субхи як олам нафас, андешаи дил масканат.
Ҳусни хакикат рў ба рў, саъйи фузул оинаҷў.
Бедил чӣ бардорад, бигў, эй ёфтан ночустанат.

Ҷуз хамӯшӣ хар кӣ дил бар нолаву фарёд дошт,
Шамъи худро хамчу най дар рахгузори бод дошт.
Эй хуш он ахде, ки дар мехроби чашми интизор
Ашки мо хам гардише чун субхаи зухход дошт.
Сайди моро халкаи доми бало шуд окибат
Гӯшаи чашме, ки бо дил улфати сайёд дошт.
Хоб агар вахшат гирифт аз дидаи ман, дур нест,
Хонаи чашмам чу гавхар об дар бунёд дошт.
Бехудӣ аз маънии ҷамъиятам огох кард,
Гардиши ранг эътибори силии устод дошт.
Кард таъмир ин кадар гарди харобӣ ошкор,
Варна вайрон будани мо оламе обод дошт.
Ин замон махви фаромӯшнагмагихон дилем,
Ҷоми мо пеш аз шикастанхо таранге ёд дошт.
Аз фанои мо машав гофил, ки ин мушти шарор
Чашмзахми нестӣ дар олами эҷод дошт.
Дӯш, к-аз сози адам хастӣ зухуроханг буд,
Нолаи мо хам навои хар чӣ бодо, бод дошт.
Хайфи авкоте, ки сарфи кӯшиши бечо шавад,
Теша умре навха бар ҷон кандани Фарход дошт.
Боли кумрӣ ин замон, Бедил, губори сарв нест,
Гарди вахшат пеш аз ин хам хар кӣ буд, озод дошт.

Коми ҳиммат агар анбоштан кавки хафост.
Шӯри ҳоҷат намаки мондаи истиғност.
Ғарра маншин ба камоле, ки кунад мумтозат.
Бештар қатраи гавҳаршуда нанги дарёст.
Он сӯи чарх бурун о зи худу соғар гир.
Нашъаи май ба дили шиша ҳамин ранг намост.
Саҷдаи мо на чу зоҳид бувад аз бебасарӣ.
Ҳалқа гардидани мо ҳалқаи чашми миност.
Қадаме ранҷа кун, аз ишрати мо ҳеч мапурс.
Хокро ҷоми тараб даркури нақши кафи пост.
Гӯшагирӣ нашавад монеи парвози ҳавас.
Ин шарар гар ҳама дар санг бувад, сар ба ҳавост.
Ҳоли бесохтаат ҷолиби истиқбол аст.
Ҳад имрӯз шудан, он чӣ ба фикрат фардост.
Саҷдаи дона чамансози ниҳол аст ин ҷо.
Аҷз агар дасти ту гирад, сари афтода асост.
Аз сари дил нагузаштем ба чандин ваҳшат.
Нолаҳои ҷараси мо зи ҷарас обилапост.
Аҷз созест, ки дар вай гум аст оҳангаш.
Ашк агар шиша ба кӯҳсор занад, нола куҷост?
Қайди асбоб ба ворастагии мо чӣ кунад!
Бӯи гул дар ҷигари ранг ҳам аз ранг ҷудост.
Ёди ӯ кардиву аз хеш нарафтӣ, Бедил.
Гар арақ рахт ба селат надиҳад, ҷон ҳаёст.

Чашме, ки надорад назаре, ҳалқаи дом аст.
Ҳар лаб, ки сухансанҷ набошад, лаби бом аст.
Беҷавҳарӣ аз ҳарзадаронист забонро.
Теғе, ки ба зангор фурӯ рафт, наём аст.
Мағрури камолӣ, зи фалак шиква чӣ лозим?
Кори ту ҳам аз пухтагии табъи ту хом аст.
Эй шуълаи уммед, нафассӯхта то чанд?
Фардост, ки парвози ту фарсудаи дом аст.
Навмедиям аз қайди ҷаҳон шиква надорад.
Бо доғу қафас тоири парбохта ром аст.
Кай субҳ никоб афканад аз чеҳра, ки имшаб
Оинаи бахти сияҳам дар кафи шом аст.
Не сабр ба дил монду на ҳайрат ба назарҳо.
Эй сели дилу барқи назар, ин чӣ хиром аст!
Мастанд асирони хамупечу муҳаббат.
Дар ҳалқаи гесуи ту зикри хати ҷом аст.
Бигзар зи ғано, то нашавӣ душмани аҳбоб.
Аввалсабақи ҳосили зар тарки салом аст.
Гӯянд биҳишт аст ҳамон роҳати ҷовид.
Ҷое, ки ба доғе натапад дил, чӣ мақом аст?
Чашми ту набастаст магар гуфту шунудаст.
Маҳви худӣ, эй бехабар, афсона кадом аст?
Бедил, ба гумон маҳви яқинам, чӣ тавон кард?
Камфурсатӣ аз васлпарастон чӣ паём аст?

Муқайядони вафоро зи дил рамидан нест.
Ба домане, ки тахи пост, боби чидан нест.
Зи нокасӣ араки инфиоли таслимем.
Ба арзи саҷдаи мо ҷабҳа бе чакидан нест.
Зи сеҳрбофии берабти коргоҳи нафас
Ду риштае, ки тавонад ба ҳам танидан, нест.
Хурӯши сур гирифтаст даҳр, лек чӣ суд?
Димоғи ғафлати моро сари шунидан нест.
Дамидааст чу наргис дар ин тамошогоҳ
Ҳазор чашму якеро насиби дидан нест.
Зи дастгоҳ чӣ ҳосил фусурдатабъонро?
Ба по агар бирасад обила, давидан нест.
Қаландарона ҳадисест, зоҳидо, маъзур.
Ту ғаррае ба биҳиште, ки ҷои ридан нест.
Чу субҳ аз ин ду нафас гарди эътибор мабол.
Пари шикаста ҳаво мебарад, паридан нест.
Назар ба по шиканӣ, то сарат фуруд ояд.
Вагарна гардани мағрурро хамидан нест.
Ба ҷайби кисвати урёние, ки ман дорам,
Хаёл агар ҳама сӯзан шавад, халидан нест.
Димоғи фурсати корам чу хомаи наққош
Зи оламест, ки он ҷо нафас кашидан нест.
Дар он ҳадиқа, ки ҳарфи паёми ман гӯянд,
Самар агар ҳама қосид шавад, расидан нест.
Фишори тангии дил, Бедил, аз чӣ найранг аст?
Шарори сангаму имкони орамидан нест.

Бар чеҳраи осори ҷаҳон ранги сабаб нест.
Чун оташи ёқут, ки таб дораду таб нест.
Ваҳм аст, ки дар шаш ҷиҳаташ реша давидаст.
Сарсабзии ин мазраа бе барги канаб нест.
Чашме ба тааммул накушудаст нигоҳат.
Бар вазъи ҷаҳон, гар аҷабат нест, аҷаб нест.
То зиндаӣ, уммеди ғано харзахаёлист.
Ин омаду рафти нафасат ғайри талаб нест.
Шуғли ҳаваси хоҷа магар гум шавад аз марг?
Он ҳиккаи хангомаи хирс аст, ҷараб нест.
Дар ҳеҷ сифат доди фузулӣ натавон дод.
То дил ҳавасиншост, ҷаҳон ҷои талаб нест.
Дур аст шикасти дил аз ороиши таъмир.
Ин корғаҳи шишаи ранг аст, Ҳалаб нест.
Таслиму сару барги фузулӣ чӣ ҷунун аст?
Гар реша канад домат аз кишт, адаб нест.
Комиладабон кониси як саҷда ҷабинанд.
Муштоқи заминбӯси ҳавас ташнаи лаб нест.
Бе бода дил аз кайфи табиат натавон шуст.
Афсус, ки дар оинаҳо оби инаб нест.
Бедил, ғами рӯи сиёҳ аз мо натавон бурд.
Чини саҳар ин ҷо шикани домани шаб нест.

Фирдавси дил асири хаёли ту будан аст.
Иди нигоҳ чашм ба руят кушудан аст.
Шодам ба хачр хам, ки ба ин як дам интизор
Харфи лаби туам зи таманно шунудан аст.
Меърочи орзуи ду олам хузури ман
Яч сачдавор чабха ба пои ту судан аст.
Ёди фано маро ба хаёли ту дог кард.
Ох аз парӣ, ки шиша ба санг озмудан аст.
Осон магир дидани тимсоли мову ман.
Занги нафас зи оинаи дил зудудан аст.
Сархо фитодааст дар ин рах ба хар кадам.
Аз шарм пеши по мижае хам намудан аст.
Доги фишори гафлати мо хеч кас мабод.
Чашме кушудаем, ки нанги гунудан аст.
Ин аст агар хакикати икболи нокасӣ.
Дар хакки мо укубати нафрин сутудан аст.
Дар дафтари мухосибаи эътибори мо
Бар хеч як-ду сифри дигар хам фузудан аст.
Бедил, губори мо зи чӣ домани чудо фитод?
Бар бод рафтаему хамон даст судан аст.

Зиндагӣ тамҳиди асбоби фаност.
Мову ман афсонаи хоби фаност.
Ғофилон, то чанд савдои ғурур?
Ҷинси ин дӯкон ҳама боби фаност.
Масту махмури хаёл аз худ равед.
Шаш ҷиҳат як олами оби фаност.
Ин ки амвоҷи нафас номидаем,
Чун ба худ печида гирдоби фаност.
Хоки дайру Каъбаам манзур нест.
Ашки моро саҷда меҳроби фаност.
Хоҳ ҳастӣ вошумар, хоҳ адам.
Нағмаҳо дар раҳни мизроби фаност.
Ҳар чӣ аз дунёву уқбо бишнавӣ,
Ҳарфи номафҳуми алқоби фаност.
Он чӣ з-ин дарё намеояд ба даст,
Гавҳари таҳқиқи ноёби фаност.
Даври гардун як-ду дам майдон кашид.
Умр шогирди расантоби фаност.
Мо нафассармоягон пур бесмилем.
Парфишонӣ узри бетоби фаност.
То абад аз нестӣ натвон гузашт.
Хоки ин водӣ гил аз оби фаност.
Бедил, аз таври ҷунун ғофил мабош.
Хок бар сар кардан одоби фаност.

Ҳар кас ин ҷо як-ду дам дукони бисмил чиду рафт.
Соате дар хоки раҳ лахте ба хун ғалтиду рафт.
Ҳар киро бо ғунчаи ин боғ карданд ошно,
Ҳамчу бӯи гул ба оҳи бекасӣ печиду рафт.
Субҳ то тарзи биноӣ умрро назора кард.
Рояти давлат ба хуршеди фалак бахшиду рафт.
Эй ҳубоб, аз ташнагӣ то чанд бошӣ ҷон ба лаб?
Домани уммед аз ин гирдоб бояд чиду рафт.
Ранги осоиш назорад навбаҳори боғи даҳр.
Шабнам ин ҷо як саҳар дар чашми тар хобиду рафт.
Чун шарар сози нигоҳе доштем, аммо чӣ суд?
Ламъаи камфурсатиҳо чашми мо пӯшиду рафт.
Ҳар қадам дар роҳи улфат доғ дорад соям,
К-аз заифӣ то сари кӯят ҷабин молиду рафт.
Шона ҳам ҳарчанд ин ҷо дастабанди сунбул аст,
Аз гулистонат ҳамин оина гулҳо чиду рафт.
Гавҳари ашке, ки парвардам ба чашми интизор,
Дар тамошои ту аз дасти нигаҳ ғалтиду рафт.
Шамъ аз ин маҳфил сурoғи гӯшаи амне надошт.
Чун нигаҳ худро ҳамон дар чашми худ дуздиду рафт.
Шӯхии арзи намуд ин ҷо хаёле беш нест.
Сурати мо ҳам ба чашми баста бояд диду рафт.
То баҳорат аз хазон пур бетааммул нагзарад,
Ҳар қадам мебоядат чун ранг баргардиду рафт.
Чашми ибрат ҳар кӣ бар авроқи рӯзу шаб кушуд,
Ҳамчу Бедил, маънии бехосилӣ фаҳмиду рафт.

Ту масти ваҳму дар ин базм бӯи саҳбо нест.
Ҳанӯз ҷуз ба дили санг ҷои мино нест.
Хаёли олами беранг рангҳо дорад.
Кадом нақш, ки тасвири боли анқо нест.
Бимиру шӯхра шав эй дил, к-аз ин мазори ҳавас
Чароғи мурда аён асту зинда пайдо нест.
Ба чашми баста хаёли ҳузури ҳақ пухтан
Ишораест, ки ин ҷо нигоҳи бино нест.
Дилат ба ишваи уқбо хуш аст, аз ин ғофил,
Ки ҳар куҷо туй, он ҷо ба ғайри дунё нест.
Ба ҳар чӣ ворасӣ, аз худ гузаштане дорад.
Ба ҳуш бош, ки имрӯз рафту фардо нест.
Ба ноумедии мо раҳме, эй далели фано,
Ки ошёнҳавасему дар ин чаман ҷо нест.
Ҳарири коргаҳи ваҳмро чӣ тору чӣ пуд,
Қумоши ҷо зи латофат тамизфарсо нест.
Ту ҷилва соз куну муддаои дил дарёб
Забони ҳайрати оина бе тақозо нест.
Ғарики баҳр зи фикри ҳубоб мустағнист.
Расидаем ба ҷое, ки Бедил он ҷо нест.

Биё, ки хеч бахоре ба хасрати мо нест.
Шикастарангии уммед бетамошо нест.
Ба кадри пар задани нола вусъате дорем.
Ғубори шавк чунунмашраб аст, сахро нест.
Зи мову ман ба сукут, эй хубоб, конеъ бош.
Ки гайри забти нафас номи ин муаммо нест.
Гано махол, ки тимсоли хастии имкон
Буруни оинаи эхтиёч пайдо нест.
Чу мавч агар ба шикасте расӣ, ганимат дон.
Дар ин мухит, ки чуз дасти ачз боло нест.
Ба хар чӣ менигарӣ, парфишони берангист.
Кӣ гуфтааст, чахон ошёни анко нест?
Агар зи вахм барой, чӣ мавчу ку гирдоб?
Ҷахон ба хеш фурӯ рафтаасту дарё нест.
Ҳисоби хечкасӣ то кучо тавон додан?
Бако кадому чӣ хастӣ, фано хам аз мо нест.
Ба оромидагии шамъ рафтаем аз хеш.
Далели максади ажаргузаштагон по нест.
Ба ҳарза бол мафшон дар ин чаман, Бедил.
Ки хар тараф нигарӣ, чуз дари кафас во нест.

Нисбати ашроф бо дунон хатост.
Сар агар гардад, натвон гуфт пост.
Оқи беаъсири моро кам магир.
Ҳар куҷо дудест, оташ дар кафост.
Бе ҷафои чарх дилро қадр нест.
Рӯсафедиҳон тухм аз осиёст.
Тирабахтӣ ҳоли рӯи оҷизист.
Бар замин гар соя бошад, хушадост.
Пеши мо озодагони дашти фақр
Домгоҳи макр нақши бӯрёст.
Оҷизӣ ҳам боли шӯҳрат мекашад.
Бӯ шикасти соғари гулро садост.
Баҳри ибрат сурмае даркор нест.
Як қалам аҷзои олам тӯтиёст.
Бехудӣ дилро иморатгар бас аст.
Хонаи оина аз ҳайрат бапост.
Гар зи худ растӣ, на сайд асту на дом.
Чун шарар аз санг бар дар зад, ҳавост.
Бетамизӣ аз мазаллат фориғ аст.
То зи ҳоҷат нестӣ огаҳ, ғаност.
Пир гаштӣ, аз фано ғофил мабош.
Сурати қадди дуто таркиби лост.
Бедил, аз оина ибрат гиру бас.
То нафас боқӣ бувад, дил бесафост.

Гавҳари дил зи сухан ранги сафо бохтааст.
Занги ин оина яксар нафасе сохтааст.
Макаш, эй ҷилва, зи дил як-ду нафас домани ноз.
Ки ҳанӯз оина тимсоли ту нашнохтааст.
Ҳусни хубон, ки катони маҳи тобони туанд.
То ту бепарда наӣ, парда наяндохтааст.
Ҷилваҳо муфти ту, эй нола, чӣ фурсатталабист?
Ки нафас ҳам нафасе оина пардохтааст.
Аз қимори ману мо ҳеҷ набурдем, афсӯс.
Ранги ҷинсест, ки нақдаш ҳама ҷо бохтааст.
Аҷзи мо он сӯи таслим гарав метозад.
Соя дар ҷанги сипар ҳам сипар андохтааст.
Ҳарза бар хеш нанозӣ, ки дар ин базм чу шамъ
Сари таслим ҳамон гардани афрохтааст.
Ҳар ду олам чу нафас дар ҷигарам сӯхтаанд.
Шуълаи водии Маҷнун чӣ қадар тохтааст.
Пеш аз эҷоди нафас қатъи ҳавасҳо кардем.
Субҳи ҳастӣ дами теғе ба хаёл охтааст.
Ҳеҷ парвоз зи ҳоҷистари худ берун нест.
Бедил ин ҳафт фалак байзаи як фохтааст.

Басқи сози ин бисот ошуфтагиҳои дил аст.
Бе шикасти шиша уммеди чароги мушкил аст.
Чашм во кардан кафили фурсати наззора нест.
Партави ин шамъ оғӯши видои маҳфил аст.
Ваҳдату касрат чу чисму чон дар оғӯши ҳаманд.
Корвони рӯзу шабро дар дили ҳам манзил аст.
Дида танҳо косаи дирюзаи дидор нест.
Аз тапиш дар ҳар буни мӯям хучуми соил аст.
Донаи мачнунсиришти мазраи расвоием.
Решаам гул кардани чоки гиребони дил аст.
Ҳайрати оина бо шӯхӣ намегардад бадал.
Бехуди он чилваам, таклифи ҳушам мушкил аст.
Ҳеч мавчуде ба арзи шавқ ноқисчилва нест.
Зарра ҳам дар рақси мавҳуме, ки дорад, комил аст.
Басқи ҳар узвам асарпарвардаи бедоди ӯст.
Ранг агар дар хуни ман ёбӣ, ҳинои қотил аст.
Ғарқаи сад кулфатам, аз ачзи ман ғофил мабош.
Ҳар нафас к-аз синаам сар мекашад, дасти дил аст.
Арзи найрангӣ тапишҳои маро такрор нест.
Ашк ҳар мижгон задан дар ранги дигар бисмил аст.
То ба бедардӣ тавонӣ соате осуда зист.
Бедил, аз улфат табарро кун, ки улфат қотил аст.

Барги тарабам ишрати бебаргунавоист.
Чун обила болиданам аз тангқабоист.
Дар қофилаи бечорагии мақсади таслим
Бетоқатии набзи талаб ҳарзадароист.
Ку шӯри ҷунуне, ки асирони адабро
Дар дому қафас ҳасрати як нола раҳоист.
Фарши дари дил бош, к-аз ин гӯшаи улфат,
Ҳар ҷо равӣ, аз обилаи по кафи поист.
Оройиши гул миннати машшота надорад.
Бе сохтагиҳои чаман ҳусни худоист.
Хилватгаҳи васл анҷуманорои дуӣ нест,
Хуш дор, ки андешаи оғӯш ҷудоист.
То ранги қабуле ба дил аз нақши тамаинност,
Гар худ ҳама оина шавӣ, кор гадоист.
Эй хокнишин, касби адаб муфти сафолат,
Андешаи чинӣ макун, ин ҷинс хитоист.
Он ҷо ки гули ҳусн хаёпарвари ноз аст,
Сайри чамани оина ҳам дидадароист.
Фарёд, ки як умр ғубори нафаси мо
Зад болу надонист, ки парвоз куҷоист.
Ку сабру чӣ тоқат, ки ба саҳрои муҳаббат
Дар обила пойрову дар нола расоист.
Андеша чамантарҳкуни саҷдаи шавқ аст.
Имрӯз надонам, кафи пои кӣ ҳиноист!
Чун ашк маню дӯш чакидан, чӣ тавон кард!
Сармояи аввалқадамам обилапоист.
Маҷмӯаи имкон сухане беш надорад.
Бедил, марав аз роҳ, ки ин соз навоист.

Ишқ аз хоки ман он рӯз, ки ваҳшат мебехт,
Рафт гарде зи куду оина ҳайрат мерехт.
Рафтаам аз ду ҷаҳон бар асари ваҳшати дил,
Ё раб, ин гард ба домони кӣ хоҳад овехт?
Рамзи фурсат сабаби катъи умед аст ин ҷо,
Тори созам зи парешонии ин нағма гусехт.
Чашми ибрат зи парешонии ҳолам равшан,
Ҳеч кас сурма ба кайфияти ин гард набехт.
Ашки бетобаму аз шавқи суҷудат дорам
Он қадар сабр, ки бо хок тавонам омехт.
Ҳар қадам дар талаби васл дучори хешам,
Шавқи ӯ оинаҳо бар сари роҳам овехт.
Ҷайби хастӣ қафаси чоки ваболаст ин ҷо,
Офият кисвати он пунба, ки дар шуъла гурехт.
З-ин биёбон сари хоре нашуд аз ман рангин,
Пои хобидаи ман оби рухи обила рехт.
Як қалам арсаи таслими фаноем чу субҳ,
Бедил, аз мо ба нафас низ тавон гард ангехт.

Улфати тан боиси фикри парешони дил аст.
Дона соҳибреша аз омезиши обу гил аст.
Умрро кӯтоҳии саъйи нафас осудагист.
Печу тоби ҷода ҳар ҷо маҳв гардад, манзил аст.
Ҳар қадам арзи назокат дошт саъйи рафтагон,
К-аз ҳуҷуми обила ин дашт сар то по дил аст.
Шуста мегардад намоён сарҳати мавҷ аз муҳит.
Нақши мо з-ин сафҳа пеш аз сабт кардан зоил аст.
Ваҳми ҳастӣ баст бар оинаам ранги дуӣ.
То касе худро намебинад, ба ваҳдат восил аст.
Баски улфатгоҳи аҷзам дилнишини бехудист.
Об агар гардам, аз ин хокам равонӣ мушкил аст.
Дар ғубори дил тасаллигунае дорему бас.
Мавҷро гарди шикаст оинадори соҳил аст.
Теғи ғайрат дар бағал дорад ҳавои боғи даҳр.
Чун шафақ гарде, ки бол афшонда ин ҷо, бисмил аст.
Нест олам ҷуз арзи беқарориҳои дил.
Партаве з-ин шамъ агар болад, бурунӣ маҳфил аст.
Ғайрро дар олами ваҳдатнигоҳон бор нест.
Корвони водии Маҷнун хаёли маҳмил аст.
Аз сари ҳастӣ ба завқи гиря натвонам гузашт.
То наме дар чашм дорам, хоки ин саҳро гил аст.
Чидаам бар хеш аз ғафлат бисоти огаҳӣ.
Ин ҳубоб оинаи дил дорад, аммо Бедил аст.

На ишқ сӯхтаву не хавас гудохтааст.
Чу субҳ оинаи мо нафас гудохтааст.
Саломаторзуи водии рахил мабош.
Ки оламе ба фусуни чарас гудохтааст.
Ба халқ сабкати асбоби пухтагӣ мафрӯш.
Ки бештар самари пешрас гудохтааст.
Зи нақди доги мукофоти хеш огаҳ нест.
Димоги шӯъла ба ин хуш. ки хас гудохтааст.
Зи инфиол тиҳӣ нест лаззати дунё.
Асал маҳоҳ. ки ин чо магас гудохтааст.
Ғубори муштипари мо ниёзи дом кунед.
Ки умрҳо ба ҳавои қафас гудохтааст.
Тараҳҳум аст бар он дил. ки гоҳи арзу ниёз
Зи бениёзии фарёдрас гудохтааст.
Магар шикаст ба фарёди дил расад. варна
Дарои маҳмили мақсад нафас гудохтааст.
Тилисми ҳастии Бедил. ки маҳви ҳасрати ӯст.
Чу нола ҳеч надорад. зибас гудохтааст.

Эҳтиёҷе бо мизоҷи сабзаву гул шомил аст.
Ҳар чӣ мерӯяд дар ин саҳро, забони соил аст.
Эътибороти ғаниву фақри мо пайдост чист -
Хок аз ошуфтан ғубор асту ба ҷамъият гил аст.
Ваҳшати баҳр аз шикасти мавҷ зоҳир мешавад.
Ранги рӯи ишқбозон гарди парвози дил аст.
Бе гудозиш хеш бояд шуст даст аз эътибор.
Ҳар ки дар худ мезанад оташ, чароғи маҳфил аст.
Сайдгоҳи кист ин гулшан, ки ҳар сӯ бингарӣ,
Обу ранги гул парешонтар зи хуни бисмил аст.
Ҳар чӣ мебинам, суроғе аз хаёлаш медиҳад.
Пеши Маҷнун водии имкон ғубори маҳмил аст.
Нестӣ шояд ба доди изтироби мо расад.
Шуъларо бе саъйи хокистар тасаллӣ мушкил аст.
То нагардад офати осоишам найранги хуш.
З-ин муаммо бехабар будам, ки Маҷнун оқил аст.
Аз талоши офият бигзар, ки дар дарёи ишқ
Ҳар куҷо бедаступое ҷилвагар шуд, соҳил аст.
Кӯшиши мо мояи сармангили мақсуди мост.
Дар миёни бисмилу роҳат тапидан ҳоил аст.
Ботини осуда аз як ҳарф барҳам мехурад.
Ғунча то хоҳад нафас бар лаб расонад, Бедил аст.

Рангам дар ин чаман ба ҳавас парзананда нест.
Яъне, пари шикаста ба ҷое расанда нест.
Умрест мавҷи гавҳари мо орамидааст.
Набзи нигаҳ ба дидан ҳайрон ҷаҳанда нест.
Афтодаем дар қадами раҳравон, бас аст
Моро, ки ҳамчу обила пои даванда нест.
Гарди ниёзам, аз сари роҳат куҷо равам?
Бисмил агар паре бифишонад, паранда нест.
Ҳасрат ба номи бўса абас фол мезанад.
Нақши табассуме ба нигини ту канда нест.
Аз ҳирси беканоатии хокиён мапурс.
То номи бандагист, худой басанда нест.
Бигзор, то ҳавас пару боле ба ҳам занад.
Он ҷо, ки ҷилва аст, назарҳо расанда нест.
Метозад аз кафон ҳам аҷзои коинот.
Ин мушти хок ғайри инони фиканда нест.
Чун соя бош як қалам оинаи ниёз.
Онро, ки саҷда ҷузви бадан нест, банда нест.
Чун субҳ ин даре, ки ба рўят кушудаанд,
Пошидани ғубори нафасхост, ханда нест.
Эй бекасӣ, бинол ба дарде, ки хун шавӣ.
Умрест, ранг бохтаему паранда нест.
Бедил, чӣ интизору кадом орзуи васл!
Чашми бахобрафтан бахтам паранда нест.

Рохати човиди ушшоқ аз фузулӣ растан аст.
Саҷдаи шукри нигаҳ чашм аз тамошо бастан аст.
Чун хурӯши нағмае, к-аз тор меояд бурун,
Шӯхии парвози мо аз бол он сӯ частан аст.
Аз кашокаш нест эмин, як нафас фурсат шумор,
Кори реги шишаи соат зи по наншастан аст.
Нашъаи озодие дорад ғурури ошиқон,
Ноларо гарданкашӣ аз қайди ҳастӣ растаң аст.
То чи зояд субҳдам, к-имшаб ба базми навбахор
Ғунча чун миной май аз хуни айш обистан аст.
Шарме аз озори дилхо кун, ки дар мулки вафо
Бахри номуси мурувват ранги ҳам нашкастан аст.
Аз мукофоти амал эмин набояд зистан,
Сар буридаиҳои нохун ибрати дилхастан аст.
Ҳамчу ашк аз инфиоли дастгоҳи мову ман
Об бояд шуд, ки охир дасте аз худ шустан аст.
То тавон з-ин анчуман кочи тамошо ёфтан,
Ҳамчу шамъ ачзои моро бо нигаҳ пайвастан аст.
З-инқилоби даҳр, Бедил, қорам аз тоқат гузашт,
Баъд аз ин аз сахтчонӣ санг бар дил бастан аст.

Чунин, ки неку бади мо ба ачз вобастаст,
Казо ба дасти хинобаста накши мо бастаст.
Ба кадри нола магар з-ин кафас бурун оям,
Вагарна бол ба хун хуфтаасту побастаст.
Чу санг чора надорем чуз замингирӣ
Зи дасти ачз, ки моро ба пои мо бастаст.
Кадом накш, ки гардун набаст бе ситамаш,
Диле шикаста агар, сурати садо бастаст.
Бахор бӯса ба пои ту доду хун гардид,
Нигаҳ тасаввури рангинии хино бастаст.
Дар ин ду хафта, ки дар кайди чисм мачбурӣ,
Кушода гир дари ихтиёр ё бастаст.
Ба Каъба мекашам аз дайр маҳмили авхом,
Нафас ба дӯши мани нотавон чихо бастаст?
Дилам зи кулфати ҷурми накарда гашт сиёх,
Ғубори оинаам зангхои нобастаст.
Ба завки офият он бех, ки ҳеч нанмоӣ,
Кафи ғубориву оина бар хаво бастаст.
Харифи нусхаи афтодагӣ най, варна
Ҳазор обила мазмун ба накши по бастаст.
Чу субҳ бар ду нафас он кадар мачин, Бедил,
Ки то нигоҳ кунӣ, махмили дуо бастаст.

Ба дасту теғи касе хуни ман хино бастаст.
Ба хайратам, ки ачаб тухмате бачо бастаст.
Зи чайби ноз хаташ сар бурун намеорад,
Зибаски аҳд ба хилватгаҳи хаё бастаст.
Зеҳи қабои буте ғунча кард дилхоро,
Ки ҳуснаш аз ранги гул банд бар қабо бастаст.
Ғубори ман ҳама тан боли ҳасрат аст, аммо
Адаб ҳамон раҳи парвози муддао бастаст.
Ба водии талабат норасони ачзем,
Ки ҳар ки рафта зи худ, хешро ба мо бастаст.
Умедхост, ки чуз саҷдаам нафармояд
Касе, ки хосияти аҷз бар тиё бастаст.
Тан аз бисоти ҳарирам чи гуна бандад тарф?
Ки дил ба силсилаи нақши бӯрё бастаст.
Нигоҳи ҳасратаму нест тоби парвозам,
Ки ҳайрат аз мижаам бол бар қафо бастаст.
Гудохт ҳайрати наққош ранги тасвирам,
Ки нақши ҳастии ман бе нафас чаро бастаст?
Магар ба оташи дил илтиҷо барам чу сипанд,
Ки безабониаму корам ба нола вобастаст.
Чу шамъ то ба фано ҳеч чо наёсоям,
Маро сарест, ки эҳроми нақши по бастаст.
Магар зи зулфи ту дорад тариқи басту кушод,
Ки Бедил ин ҳама мазмуни дилкушо бастаст.

Ҳар ҷо диле тапидани шавқи хаёл дошт,
Гарди ба бод рафтаи ман рақси ҳол дошт.
Рӯзе, ки ишқ зад рақами нотавониям,
Чун хома устухони танам мағзи нол дошт.
Розам зи бениқобии изҳор ашк шуд,
Урёнӣ ин қадар арақи инфиол дошт.
Дар кеши ишқ сози раҳоӣ надомат аст,
Афсӯси тоире, ки ба доми ту бол дошт.
Имрӯз нест доғи ту хилватфурӯзи дил,
Хуршед реша дар дили моҳ аз ҳилол дошт.
Аз дил ба ғайри шуълаи оҳе нашуд баланд,
Арзи саросари чаманам як ниҳол дошт.
Дар баҳри эҳтиёҷ, ки мавҷаш тапидан аст,
Осонише, ки дошт, лаби бесуол дошт.
Беҳуда ҳамчу субҳ дамидему сӯхтем,
Фасли баҳори бенафасӣ эътидол дошт.
Дил хун шуду касе ба фиғонаш набурд пай,
Ин чинии шикаста забони сафол дошт.
Аз дил ғубори ҳастии мавҳум шустаем,
Рафт он, ки лавҳи оинаи мо мисол дошт.
Умрам, кай омадам, ки диҳам арзи рафтане?
Тӯҳматхиромиям қадами моҳу сол дошт.
Танҳо на Бедил аз тапиш оромманзил аст,
Ҳар бисмил ошёни тараб зери бол дошт.

Кинаро дар домани дилҳои сангин маскан аст.
Ҳар кучо тухми шарар дидем, сангаш хирман аст.
Ховсорон косиди афтодагиҳои ҳаманд.
Ҷодаро тӯмори нақши по ба манзил бурдан аст.
Бо дили ҷамъ аз хароши сина ғофил нестам,
Ғунчасон дар ҳар сарангуштам ниҳон сад нохан аст.
Бигзар аз асбоб, агар огоҳӣ аз завқи фано,
Чун шавад манзил намоён, гарди раҳ афшондан аст.
Ғафлати таҳқиқ бар мо тору пуди ваҳм бофт,
Варна дар маҳтоб аҳволи катонҳо равшан аст.
Бе лаби ӯ чун хаёли ғайр дар дилҳои соф
Шишаҳоро мавҷи саҳбо хор дар пироҳан аст.
Оташе дар ҷайби дил дуздидаам, к-аз сӯзи он
Мӯ бар аъзоям чу гулхан дуди чашми равзан аст.
Ҳеч савдое батар аз заҳмати ифлос нест,
Дасти қудрат чун тиҳӣ шуд, бо гиребон душман аст.
Аз видои ғунча оғӯши гул ишо кардаем,
Бегиребонӣ тамошогоҳи чандин доман аст.
Бедил, аз чашми таҳайюрпешагон нам хостан
Домани оина бар уммеди об афшурдан аст.

Ҳар киро дасте зи ҳиммат буд, ҷуз бар дил надошт.
Дастгоҳи партави як шамъ ин маҳфил надошт.
Дил ба ҳар нақше, ки бастам, сурати оина буд.
Нусхаи таҳқиқи имкон ҷуз хати ботил надошт.
Оҷизиҳоро ғанимат он, ки дарёи талаб.
Дасту пое гар намекардем гум, соҳил надошт.
Инфиоле нест дилро, варна дар кеши ҳаё
Санг ҳам гар об мешуд, уқдаи мушкил надошт.
Зиндагӣ дар печу тоби саъйи беҷо мурдан аст.
Аз тапидан оламе бисмил шуду қотил надошт.
Хирагиҳои назар маҳви ниқобороияст.
Варна ҳаргиз Лайлии озоди мо маҳмил надошт.
Ғунчаҳо боли нафас дар пардаи дил сӯхтанд.
Айши ин боғ имтидоди рақси як бисмил надошт.
Шӯхии мавҷи карам шуд инфиоли ҷурми мо.
Ин муҳит обе бурун аз ҷабҳаи соил надошт.
Ҳамчу шабнам гиря бар мо роҳи ҷавлон бастааст.
Чашми мо то буд бе нам, ин биёбон гил надошт.
Сарви гулзори таманно тавқи қумрӣ дар бар аст.
Гул накард аз синаам оҳе, ки доғи дил надошт.
Ашкаму гум кардаам аз заъф роҳи изтироб.
Варна ин раҳ лағзиши по дошт, гар манзил надошт.
Нақши ӯ аз изтиробам дар назар сурат набаст.
Ҳуснро оина мебояду ин Бедил надошт.

Меравем аз хешу ҳасрат гарми ашк афшондан аст.
Дар раҳат моро чу мижгон гиря гарди домани аст.
Мо заифонро асирӣ сози парвоз асту бас.
Риштаи пои талаб боли умеди сӯзан аст.
Бо замин чун соя ҳамворему аз худ меравем.
Ҳайрати оинаи мо ҳам тасаллидушман аст
Печу тоби зулф дорад роҳи борики сулук.
Шонасон моро ба мижгон катъи ин раҳ кардан аст.
Аз амал ҷамъияти дил вақфи ғорат кардаем.
Реша гар афсун нахонад, донаи мо хирман аст.
Ҳеҷ касро нест аз доми раги нахват халос,
Сарв ҳам дар лофи озодӣ саропо гардан аст.
Дар муҳити ҳодисоти даҳр монанди ҳубоб
Аз дами хомӯшии мо шамъи ҳастӣ равшан аст.
Барнадорад ранги афсурдан дили озодагон,
Шуълаи бетоби моро орамидан мурдан аст.
Умрҳо шуд, бар хати паргор ҷавлон мекунем,
Рафтани мо омаданҳо, омаданҳо рафтан аст.
Дил чӣ имкон аст, берун ояд аз доми амал?
Мӯҳра, Бедил, дар ҳақиқат морро ҷузви тан аст.

Гар ҷунунам ҳаваси қатъи манозил медошт,
Хуштар аз реги равон обила маҳмил медошт.
Дида гар ранге аз он ҷилва ба рӯ меовард,
Як таҳайюр ба сад оина муқобил медошт.
Яъси онӣ адаб гар нашудӣ монеи ишқ,
То ба кӯяш ҳама ҷо по ба сари дил медошт.
Сӯхт парвонаам аз хиҷлати он шамъ, ки дӯш
Мезад оташ ба худу хотири маҳфил медошт.
Эй хуш он шавқ, ки аз лаззати беофиятӣ
Киштиям ваҳшати гирдоб зи соҳил медошт.
Уқдаи дил агар аз саъйи тапиш во мешуд,
Ҳайрати оина ҳам ҷавҳари бисмил медошт.
Эҳтиёҷ оина шуд, номи карам ҷилва фурӯхт,
Хотами ҷуди нигин дар лаби соил медошт.
Шарми ноёбии матлаб арақе соз накард,
То раҳи кӯшиши мақсадталабон гил медошт.
Қатъ кардем ба тадбири хамӯшӣ чун шамъ
Ҷодаеро, ки адаб дар дили манзил медошт.
Доғам аз ҳавсалаи шӯхнигоҳон, Бедил,
Кош дар базми бутон оина ҳам дил медошт.

Барқ бо шавқам шароре беш нест,
Шўъла тифли найсаворе беш нест.
Орзўҳои ду олам дастгоҳ
Аз кафи хокам ғуборе беш нест.
Чун шарорам як нигаҳ арз асту бас,
Оина ин ҷо дучоре беш нест.
Лолаву гул захмии ҳамёзаанд,
Айши ин гулшан хуморе беш нест.
То ба кай нозӣ ба ҳусни орият?
Мову ман оинадоре беш нест.
Меравад субҳу ишорат мекунад,
К-ин гулистон хандаворе беш нест.
То шавӣ огоҳ, фурсат рафтааст,
Ваъдаи васл интизоре беш нест.
Даст аз асбоби ҷаҳон бардоштан,
Саъй агар мард аст, коре беш нест.
Чун сахар накҳе, ки дар домони туст,
Гар биафшонӣ, ғуборе беш нест.
Чанд дар банди нафас фарсуданат?
Маҳви он домӣ, ки торе беш нест.
Сад ҷаҳон маънӣ ба лафзи мо гум аст,
Ин ниҳонҳо ошкоре беш нест.
Эй шарар, аз ҳамраҳон ғофил мабош,
Фурсати мо низ боре беш нест.
Ғаркаи ваҳмем, варна ин муҳит
Аз тунукобӣ каноре беш нест.
Бедил, ин камҳимматон бар иззу ҷоҳ
Фахрҳо доранду оре беш нест.

Дарҳури ғафлатнигоҳӣ равнақи мову ман аст.
Хона торик аст, агар шамъи тааммул равшан аст.
Чист нақди шуъла ғайр аз саъйи хокистар шудан,
Солу моҳи зиндагонӣ муддати ҷон кандан аст.
Дил ба саъйи гиряи саршор равшан кардаем,
Ин чароғи бекасиро ашки ҳасрат равған аст.
Хомкори улфати доғи муҳаббат нестем,
Ҳамчу оташ сӯхтан аз пайкари мо равшан аст.
Соғари ишрат кӣ мегирад, ки дар базми баҳор
Ҳамчу мино шохи гул имрӯз хун дар гардан аст?
Пайки таслимем, аз мо ҷуръати ҷавлон маҳол,
Ин қадарҳо бас, ки пои мо буруни доман аст.
Ҳеҷ кас аз маъниии мактуби шавқ огоҳ нест,
Варна ҷон нома пеши ёр моро хондан аст.
Нури биниш ҷумла сарфи айбпӯшӣ кардаем,
Шӯхии наззораи мо тори чашми сӯзан аст.
Табъи равшан кам диҳад аз даст рабти хомӯшӣ,
Аз паи ҷинси нафас оина ҳисни оҳан аст.
Бишканам дил, то шавам бо рози таҳқиқ ошно,
Шахс ҳам акс аст, то оина дар дасти ман аст.
Забти бебокист дар кеши ҷунун тарки адаб,
Бе гиребон дасти ман пои буруи аз доман аст.
Ҷуз тааммул нест, Бедил, монеи шавқи талаб,
Риштаи ин раҳ агар дорад гиреҳ, истодан аст.

Дорам зи нафас нола, ки чаллоди ман ин аст.
Дар вахшатам аз умр, ки сайёди ман ин аст.
Бардошта чун реги равон домаи ашке.
Овораи дашти тапишам, зоди ман ин аст.
Мадхуши тагофулкадаи абруи ёрам.
Чоме, ки маро мебарад аз ёди ман, ин аст.
Чун субх ба гарди рами фурсат нафасам сӯхт.
Он сурма, ки шуд рахзани фарёди ман, ин аст.
Санге ба чигар бастаам аз сахтии айём.
Оинаамў чавхари фӯлоди ман ин аст.
Хамсухбати бахти сиях аз фикри баландам.
Дар доги хавас сояи шамшоди ман ин аст.
Чашме нашуд оинаи кайфияти рангам.
Шахси суханам, сурати бунёди ман ин аст.
Дорам ба дил аз хастии мавхум губоре.
Эй сел, биё, хонаи ободи ман ин аст.
Хар нола ба ранге дигарам мебарад аз хеш.
Дар мактаби гам силии устоди ман ин аст.
Дасти мижа бардоштанам арзи таманноест.
Хайратзадаам, шӯхии фарёди ман ин аст.
Аз офати дил чора надорам, чи тавон кард?
Дому кафаси тоири озоди ман ин аст.
Бо хар нафасам лахти диле меравад аз хеш.
Чон меканаму тешаи Фарходи ман ин аст.
Хар харф, ки ояд ба лабам, номи ту бошад.
Аз нусхаи хастӣ сабаки ёди ман ин аст.
Гарде шаваму гӯшаи домони ту гирам.
Гар бахт ба фарёд расад, доди ман ин аст.
Чун ашк зи саргаштагиям нест рахоӣ.
Бедил, чи кунам, нашъаи эчоди ман ин аст.

Чун хубоб оинаи мо аз хамўшӣ равшан аст.
Лаб ба ҳам бастан чароғи офиятро равған аст.
Ёди озодист гулзори асирони қафас.
Зиндагӣ гар ишрате дорад, умеди мурдан аст.
Тирарўзон барнаёянд аз либоси очигӣ,
Ҳамчу гесў сояро афтодагӣ ҷузви тан аст.
Айбпўшихост дар сайри таҷаррудпешагон,
Нақши пои сўзани мо бахяи пироҳан аст.
Сар наметобам зи барқи фитна, то дорам диле,
Мавҷи оташ ҷавҳари оинаи доғи ман аст.
Атласи афлок беш аз пардаи чашме набуд,
Чун нигаҳ урёнием аз тангии пироҳан аст.
Нест бе машқи адаб дар фикри хеш афтоданам,
Ғунча то сар дар гиребон аст, по дар доман аст.
Лоласон аз ибрати ҳоли дили пурхун мапурс,
Доғи чандин гулханам оинадори гулшан аст.
Ҳалқаи гирдоб ғайр аз печиши амвоҷ нест,
Уқдаи коре, ки ман дорам, ҳуҷуми нохан аст.
Эй зи теғи марг ғофил, бар нафас чандин манозз,
Нест ҷуз нақши хубоб он сар, ки мавҷаш гардан аст.
Ҳамчу дарё, Бедил, аз мавҷи бузургӣ дам задан
Пушти дасти худ ба дандони надомат кандан аст.

Зи дастгоҳи ҷунун рози ҳимматам фош аст.
Ки ҷӯши обилаам ҳар қадам гуҳарпош аст.
Ҳусули кори амал нест ғайри хиффати ақл.
Барои теги ҳавас ҳомии тамаъ ош аст.
Ғубори кулфат аз ин меҳмонсаро наравад.
Ки табъи халқ фузулу замона каллош аст.
Чу субҳ нусхафурӯши зуҳури офокем,
Зи чоки синаи мо рози нӯҳ фалак фош аст.
Нигорхонаи ҳайрат ба дидан арзонӣ.
Хаёли мӯи миёни ту килки наққош аст.
Ҷаҳониён ҳама масти шикасти якдигаранд.
Ҳуҷуми мавҷ дар он баҳр гарди пархош аст.
Зи горати зуафо моя мебарад золим.
Зи паҳлуи хасу хошок шуъла айёш аст.
Кадом шуъла, ки охир ба хоки раҳ нанишаст?
Бисоти ранги ҷаҳонро шикаст фаррош аст.
Ҳамин ба зиндагӣ асбоби доми офат нест,
Ба хок низ кафан Хизри роҳи наббош аст.
Ҳисори ҷаҳл бувад дастгоҳи мо, Бедил.
Ҳумо ба ҷангули худ ошёни хаффош аст.

Зиндагиро шуғли парвози фано ҷузви тан аст.
Бо нафас сармояе гар хаст, аз худ рафтан аст.
Набзи имконро, ки дорад шӯри чандин изтироб,
Ҳамчу тори соз дар дил хечу бар лаб шеван аст.
Бигзар аз андешаи Юсуф, ки дар Канъони мо
Ё насими пироҳан ё чилваи пироҳан аст.
Ҳеч кас сар барнаёвард аз гиребони адам.
Шамъи ин парвона дар хокистари худ равшан аст.
Аз фусуни чашмбанди олами улфат мапурс.
Он ки фардо ваъдаам додаст, имшаб бо ман аст.
Ҷуз таалluқ нест мадди ваҳшати таҷрид ҳам.
Ҳар қадар аз худ барой, риштаи ин сӯзан аст.
Нақши ҳастӣ ҷуз ғубори диққати наззора нест.
Зарраро оинае гар ҳаст, чашми равзан аст.
Бар ҷунун зан, гар кунад тангӣ либоси офият,
Ғунчаро баъд аз парешонӣ гиребон доман аст.
Ғайри хомӯшӣ далели аҷз натвон ёфтан.
Шуълаи мо то забон дорад, сароно гардан аст.
Шавқи моро, эй талаб, помоли ҷамъият махоҳ.
Хуни бисмил гар парешон нақш бандад, гулшан аст.
Он гаронсанге, ки натвон аз раҳаш бардоштан,
Чун шарар худро ба як чашм аз назар афкандан аст.
Лола савдоист, Бедил, варна дар гулзори даҳр
Ҳар кучо догест, чашмаш бар дили мо равшан аст.

Бачост шикваи мо, то рахи фигон холист.
Замин пур аст дилаш, баски осмон холист.
Суроги булбули мо з-ин чаман магиру мапурс.
Хаёл нолафурӯш асту ошён холист.
Губори гафлати моро илоч натвон кард.
Пураст дида зи дидору хамчунон холист.
Шикасти ранг ба арзи табассуме нарасид.
Зи решаи тарабам кишти заъфарон холист.
Дили шикаста рахи дард во кунад, варна
Лабам чу согари тасвир аз фигон холист.
Сипехр хасрати парвози нолам дорад.
Зи шавки тири ман огӯши ин камон холист.
Зибаски мунтазирони ту рафтаанд зи хеш,
Чу накши по зи нигах чашми бедилон холист.
Зи кӯчаи наю чавлони нола хеч мапурс.
Макони новаки нозат дар устухон холист.
Диле ба сина надорам чу донаи гандум,
Аз ин матоъ мани хастаро дукон холист.
Ҷахон чу шишаи соат тилисми факру ганост.
Пур аст вакти дигар, он чӣ ин замон холист.
Ба рохи дӯст зи мехроб накши по пайдост,
Ки чои сачдаи дилхо дар ин макон холист.
Дар ин ҳавасқада хар кас бизоате дорад.
Дуост мояи чамъе, ки дасташон холист.
Зи пахлуи пурии киса кудрат аст ин чо.
Ба ачз шиша занад санг, агар миён холист.
Ба ранги накши нигин, Бедил, аз сабукрӯхӣ
Нишастаему зи мо чои мо хамон холист.

Баски рози ишқи мо болид пинҳон зери пӯст.
Як қалам чун обила гаштем урён зери пӯст.
Гар шикасти ранги мо дидӣ, зи ҳоли дил мапурс.
Номаи Маҷнун надорад ғайри унвон зери пӯст.
Нест мумкин аз либоси ваҳм берун омадан.
Зиндагонӣ оламеро кард зиндон зери пӯст.
То нагардад қотили мо ҷуз ба гулчинӣ самар.
Ҳамчу гул хуни биҳил кардем сомон зери пӯст.
Нолаҳо дар пардаи сози ҷунун дуздидаем.
Хуфта шери бешаи моро наистон зери пӯст.
Ҷайби мо чун ғунча охир боли саҳро мекашад.
Бар сари мо соя афкандаст домон зери пӯст.
Хилвати роз аст чашме, к-аз тамошо дӯхтем.
Айни Юсуф шуд нигоҳи пири Канъон зери пӯст.
Аз ниқоби ғунча ранги шӯри булбул мечакад.
Шиша дорад хуни айши майпарастон зери пӯст.
Сози ҳастӣ пардадори шӯхии дард асту бас.
Ҳар ки бинӣ, нолае кардаст пинҳон зери пӯст.
Ҳамчу норам уқдае аз кори дил то во шавад.
Сурх кардам ҳам ба хуни саъй дандон зери пӯст.
Гуфтам, офатҳои имкон зери гардун асту бас.
Зиндагӣ нолиду гуфт, ин ҷумла тӯфон зери пӯст.
Баски мардум ҷинси исор аз назар пӯшидаанд.
Дирҳами моҳист ин ҷо ҳамчу ҳамён зери пӯст.
Узв-узвам ҳасрати дидор меорад ба бор.
Нахли бодомам, саропо чашми ҳайрон зери пӯст.
Ҳеч кас оташ назад бар сафҳаи беҳосилам.
Варна ман ҳам доштам, Бедил, чароғон зери пӯст.

Ҷаҳон зи чинки асарҳои шиу он холист.
Ба ҳарза ваҳм мачинед, к-ин дукон холист.
Гирифтааст ҳаводис ҷиҳоти имконро,
Зи офият чи замину чи осмон холист.
Ба ранги чанбари даф дар тилисми пайкари мо
Ба ҳар чи даст занӣ, манзили фиғон холист.
Зи шукри теғи ту, ё раб, чи сон бурун ояд
Даҳони захми асире, ки аз забон холист?
Агарчи шавқи ту лабрези ҳайратам дорад,
Чу чашми оина оғӯши ман ҳамон холист.
Ба чашми зоҳиди худбин чи тӯтиёву чи хок,
Ки аз ҳақиқати биниш чу сурмадон холист.
Зи ҷайби ҳар мижа оғӯш мечакад ин ҷо,
Биё, ки ҷои ту дар чашми дӯстон холист.
Кадом ҷилва, ки нагзашт з-ин бисоти ғурур,
Ту ҳам битоз, ки майдони имтиҳон холист.
Фиреби мансаби гавҳар махӯр, ки ҳамчу ҳубоб
Ҳазор киса дар ин баҳри бекарон холист.
Зи чоки донаи хурмо шуд ин қадар маълум,
Ки аз вафо дили сахти шакарлабон холист.
Тараššуҳе ба мизоҷи саҳоби файз намонд,
Ки остини каримон чу новадон холист.
Ба ҷайби туст, агар хилватеву анҷуманест,
Бурун зи хеш куҷо меравӣ, ҷаҳон холист.
Ба ҳамзабонии он чашми сурмасо, Бедил,
Чу мили сурма забони ман аз баён холист.

Баски дорам ғунчасон шавқи ту пинҳон зери пӯст.
Ранги хунам нест бе чоки гиребон зери пӯст.
Дар ҷигар ҳар қатраи хунам шароре дигар аст.
Кардаам аз шӯълаи шафқат чароғон зери пӯст.
Меравам, чун обила мижгони хоре тар кунам.
Дар раҳат то чанд дуздам чашми гирён зери пӯст?
Дар ҳавои ништари мижгони хоболудае
Мавҷи хунам шуд раги хоби парешон зери пӯст.
Ошиқон дар ҳасрати дидор сомон кардаанд
Пардаи чашме, ки дорад шӯри тӯфон зери пӯст.
Аз лаби хомӯш натвонам ҳарифи ишқ шуд.
Чанд дорад ин ҳубоби пуч Уммон зери пӯст?
Шамъро кай пардаи фонус ҳоил мешавад.
Мағзи гарми мост аз шӯхӣ намоён зери пӯст.
Чун ҳубоб аз пайкари ҳайратсиришти мо мапурс.
Нақши мо бе парда пинҳон аст урён зери пӯст.
Аз тамошои дили садпораам ғофил мабош.
Барг-барги ин чаман дорад гулистон зери пӯст.
Фахру нанге мефурӯшад зоҳири мо, варна нест
Ғайри мушти хун чи инсону чи ҳайвон зери пӯст.
Эмин аз ҳарфи либоси халқ натвон зистан.
Бештар хунҳои фосидрост ҷавлон зери пӯст.
Хирқа бар аҳли ҳасад оинаи расвоӣ аст.
Кай тавонад гашт, Бедил, мор пинҳон зери пӯст?

Дӣ ба шабнамгирии мо навгуле хандиду рафт.
Аз забони ашк хам дарди диле нашниду рафт.
Аз тамошогохи хастӣ муддао сайри дил аст.
Чун нафас бояд бар ин ойина хам печиду рафт.
Шамъи махфил бар хамӯшӣ басту мино баршикаст.
Хар касе з-ин анчуман тарҳе дигар нолиду рафт.
З-ин биёбон хар кадам хоре дигар дорад камин.
Рахравонро пеши пои хеш бояд диду рафт.
Азм чун афтод содик, рохи максад баста нест.
Ашк дар бедаступоихо ба сар галтиду рафт.
Кӯшиши вомондагон хам рах ба чое мебарад.
Сар ба пое метавон чун обила дуздиду рафт.
Озиме сад нола пешохангии уммед дошт.
Як нигохи вопасин ногох баргардиду рафт.
Эй сахар, дар ашки шабнам гӯта мебояд задан,
К-аз шикасти ранг бар мо офият хандиду рафт.
Хеч шабнам барнаёрад сар зи чайби нестӣ.
Гар бидонад, аз чи гул хохад назар пӯшиду рафт.
З-он дахони бенишон бӯи суроге бурдаам,
То киёмат бовдам рохи адам пурсиду рафт.
Субхдам, Бедил, хаёли навбахоронинас
Аз табассум бар гули захмам намак пошиду рафт.

Ашк як лаҳза ба мижгон бор аст.
Фурсати умр ҳамин миқдор аст.
Зиндагӣ олами осоиш нест.
Нафас оинаи ин асрор аст.
Баски гарм аст ҳавои гулшан.
Ғунча ин ҷо сари бедастор аст.
Шишасози нами ашке нашавӣ.
Олам аз сангдилон кўҳсор аст.
Хишти догест иморатгари дил.
Хонаи оина як девор аст.
Майкашӣ сурмаи ирфон нашавад.
Биниш аз чашми қадаҳ душвор аст.
Ҳамчу оина агар соф шавӣ.
Ҳама ҷо анҷумани дидор аст.
Гўш ку, то шавад оинаи роз.
Нолаи мо нафаси бемор аст.
Дард гул кард зи куфру дин шуд.
Саҷда ашки миёни зуннор аст.
Нест гирдобсифат оромам.
Сарнавиштам ба хати паргор аст.
Аз назокат суханам нест баланд.
Аз садо соғари гулро ор аст.
Ғофил аз аҷзи нигаҳ натвон буд.
Осмонҳо гиреҳи ин тор аст.
Накашад шўъла сар аз хокистар.
Нафаси сўхтагон ҳамвор аст.
Бедил, аз захм бувад равнақи дил.
Хандаи гул намаки гулзор аст.

Бе рухат дар чашми оина хок аст, об нест.
Чашми маҳмалро зи шавқи пойбӯсат хоб нест.
Баъди куштан хуни мо ранг аст дар парвози шавқ,
Обу хоки бисмилат аз олами симоб нест.
Шӯхии маҳтобу тамкини катон пур зоҳир аст,
Бар бинои сабри мо шавкат кам аз селоб нест.
Кай тавонад оина акси туро дар дил нуҳуфт?
Забти ин гавҳар ба ҷанги саъйи ҳар гирдоб нест.
Сояро оинаи хуршед будан мушкил аст,
Худ ба худ дар ҷилва бош, ин ҷо касеро тоб нест.
Хирка аз лахти ҷигар чун ғунча дар бар кардаем,
Дар диёри мо қумоши дилдурустӣ боб нест.
Эй ҳубоб, аз содагӣ дасти дуо боло макун,
Дар муҳити ишқ ҷуз мавҷи хатар меҳроб нест.
Барг-барги ин гулистон пардадори ғафлат аст,
Ғунчаи бедор агар гул гашт, гул бехоб нест.
Дур набвад, гар фалак печад ба хеш аз нолаам,
Дудро аз шуъла ҳосил ғайри печутоб нест.
То тавонӣ, чун насим озодагӣ аз каф мадеҳ,
Ошнои ранги ҷамъият гули асбоб нест.
Аз фурӯғи ин шабистон даст бояд шусту бас,
Об гардидаст сомони тараб, маҳтоб нест.
Бедил, аз арбоби дунё чашми сарсабзӣ мадор,
Киштии ин шатранҷбозони дағал сероб нест.

Софтабъонро ғаме аз хор-хори кина нест.
Заҳмати мижгон ба чашми гавҳару оина нест.
Дар зироатгоҳи имкон баски биму офат аст.
Халқро чун донаи гандум диле дар сина нест.
Фил соҳибмансаб асту гову хар рӯзинадор.
Фахри инсонӣ зи рӯи мансабу рӯзина нест.
Абр дорад дар намад оинаи гулзорро.
Пинаи доғам ба ғайр аз хирқаи пашмина нест.
Мушкил аст оина аз занги сафо пардохтан.
Гар ҳама санг аст, дил фориғ зи меҳру кина нест.
Ҷуз хаёлат дилнишини мо нагардад нақши ғайр.
Акс чун ҳайрат муқими хонаи оина нест.
Дар муҳаббат раҳнаварди ҷодаи дардему бас.
Чун саҳар ҷавлони мо беруни ҷоки сина нест.
Пай набурд андеша бар бутлони аҳкоми нафас.
Солҳо рафт аз худу тақвими мо порина нест.
Чанд рӯзе шуд ба ҳастӣ реша пайдо кардаит.
Метавон канд аз замин, к-ин нахл пур дерина нест.
Баҳри дарди бенавоӣ сабр таскин асту бас.
Даст бар дил неҳ, ки дигар далки моро пина нест.
Қисмати мунъим би дунё банди васвос асту бас.
Қуфлро ҷуз уқдаи дил ҳосил аз ганҷина нест.
Саъду наҳси даҳр, Бедил, кай диҳад ташвиши мо.
Ҳамчу тифлон кори мо бо шанбеву одина нест.

Дар водие, ки кудрати ачзам камол дошт,
Болидагӣ чу обилаам поймол дошт.
Сероби нозам аз дили бемуддаои хеш,
Гавхар ба чайби софии матлаб зулол дошт.
Кардем сайри водии вахшатсаводи ишк,
То накши по хамон рами чашми гизол дошт.
Чун шамъ чунбиши мижа моро зи хеш бурд,
Парвози орамидаи мо турфа бол дошт.
Шӯри талаб зи вахми фано сар ба чайб монд,
Варна ба хок низ чунун эхтимол дошт.
Сарриштаи хилол ба хуршед мухкам аст,
Нуксони холи мо асаре аз камол дошт.
Дар айни васл чашм ба пайгом дӯхтем,
Шабнам ба рӯи гул нигахе дар хаёл дошт.
Акнун илочи шубхаи хастӣ кӣ мекунад?
Дар санг низ оинаи мо мисол дошт.
Он хайрате, ки кард ба рӯят мукобилам,
Оинадоре аз дили бенифиол дошт.
Мушкил ба айши бенафасон пай барад касе,
Шамъи хамӯш сайри шабистони хол дошт.
Ё раб, шафактирози кадомин бахор шуд
Ранге, ки хуни бекасиям зери бол дошт?
Хар кас ба кадри химмати худ ноз мекунад,
Бедил, гами ту дорад, агар хоча мол дошт.

Эй, ки дунёву ҷалолаш дидай, хамёза аст.
Ҳамчу масте гар маолаш дидай, хамёза аст.
Мечакад махмурӣ аз оғӯши ҷоми коинот,
Гар ҳама чарху ҳилолаш дидай, хамёза аст.
Ғунча, нақди роҳаташ, гар бингарӣ, афсурдагист.
Гул, агар арзи камолаш дидай, хамёза аст.
Бодапаймоӣ ҳамин дарси хамӯшони ту нест.
Варна олам қилу қолаш дидай, хамёза аст.
Ҳасрате мебалад аз хоки баҳори эътибор.
Қад кашидан, к-аз ниҳолаш дидай, хамёза аст.
Неъмати фақру ғано ҳам орӯе беш нест.
Гар зи чинӣ то сафолаш дидай, хамёза аст.
Соғари лабташнагони шикро кавсар кучост?
Ҳар чӣ аз мавҷи зулолаш дидай, хамёза аст.
Ҳайратам дар ҷилваащ охиста мегӯяд ба гӯш.
Ин ки оғӯши висолаш дидай, хамёза аст.
Тоири моро чу мижгон рухсати парвоз нест.
Он чӣ дар оғӯши болаш дидай, хамёза аст.
Бодаи ҳастӣ, ки дурдаш ваҳму софаш нестист.
Чун саҳар гар эътидолаш дидай, хамёза аст.
Охир, эй Бедил, чӣ кардӣ ҳосил аз базми висол?
Вақфи чашмат, то ҷамолаш дидай, хамёза аст.

Андеша дар назокати маънӣ камол дошт,
Ҳусни фурӯғи меҳр никоби ҳилол дошт.
Шерозаи ғубори ҳавас гашт ҳиҷлатам,
Хокам тасаллӣ аз араки инфиол дошт.
Дил рафт аз барам ба фусуни ҳавои васл,
Ин ғунча дар кушудани оғӯш бол дошт.
Аз худ рамиданист уруҷи димоғи ман,
Ҷомам назар зи гардиши чашми ғизол дошт.
Тухми адаб ба решаи шӯхӣ намезанад,
Мавҷи гуҳар забоне агар дошт, лол дошт.
Ҳуснат ба доди ҳайрати оина мерасад,
Охир лаби хамӯшии мо ҳам суол дошт.
Дилро ғами видоъи ту дар хун нишонда буд,
Ҳоли хуше надошт, ки гӯям, чӣ ҳол дошт.
Пургӯии ман офати огоҳии дил аст,
Оина буд, то нафасам эътидол дошт.
Мурдему аз ғубори ду олам бадар задем,
Эй офият, бибол, ки ҳастӣ вубол дошт.
Ғоратгари баҳори нишотам шукуфтагист,
То ғунча буд, дил чамане дар хаёл дошт.
Бедил, ҳазор ҷилва дар оинаат гузашт,
Он шахс ку, ки ин ҳама арзи мисол дошт?

Баски офат мо, заифонро, хисори охан аст.
Чашмзахме гар хучум орад, дуои чавшан аст.
Синачокон мекунанд аз якдигар касби нишот,
Аз насими субҳ шамъи хонаи гул равшан аст.
Аз ҳаё бо чарбтабъон барнаояд ҳеч кас,
Об дар ҳар чо, ки дидам, зери дасти равган аст.
Пешкорони ачузи дахр яксар голибанд,
Он ки аз мардон ба мардӣ боч мегирад, зан аст.
Ин қадар асбоби авҳоме, ки бар ҳам чидаем,
То нафас бар хеш чунбидаст, гарди доман аст.
Аз нафас бояд суроги ваҳшати ҳастӣ гирифт,
Шуълаҳоро дуд пешоҳанги сози рафтан аст.
То хаёлашро зи торикӣ наяфзояд малол,
Дар шабистони сувайдо шамъи доғам равшан аст.
Шеваи бегонагӣ з-ин беш натвон бурд пеш,
Бо худ аст он чилваро нозе, ки гӯӣ бо ман аст.
Кӯшиши таслим ҳам маҳмил ба чое мекашад,
Шамъи моро пои чавлон сар ба роҳ афкандан аст.
Оташи корат нахоҳад он қадар гармӣ фурӯхт,
Эй таваҳҳум, хок бар сар кун, нафас бе доман аст.
То тавонӣ, нола кун, Бедил, ки дар кеши чунун
Хомушӣ субҳи қиёмат дар нафас парвардан аст.

Гармрафторе, ки сар дар роҳи он якто гузошт,
Гоми аввал чун шарар худро ба ҷои по гузошт.
Ворисе дигар надорад дудмони зиндагӣ,
Ҳар ки ҳасрат бурд аз ин ҷо, ибрате бар мо гузошт.
Дар тамошои ту чун оина аз ҷинси шуур
Он чи бо мо буд, ҳайрат бурду чашме во гузошт.
Алвидоъ, эй нағмаи фурсат, к-аз афсуни амал
Ишрати имрӯзи мо бунёд бар фардо гузошт.
Бениёзиҳои яъс аз баҳри мо сомон накард,
Он қадар дасте, ки натвон домани дилҳо гузошт.
Баъд аз ин дар банди гавҳар хок мебояд шудан,
Қатраи мо рақси мавҷе дошт, дар дарё гузошт.
Дар гудози худ чу аҳгар файзи марҳам дидаем,
Метавон хокистари моро ба доғи мо гузошт.
Ҳиммати моро димоғи бенишонӣ ҳам набуд,
Худнамоӣ ин қадар сар дар паи анқо гузошт.
Саҷдаи шукри фано хоси ҷабини шамъ нест,
Ҳар ки тай кард ин биёбон, сар ба зери по гузошт.
Ҷаври тифлон ҳам баҳори роҳати девона аст,
Сар ба санге мениҳад, гар домани саҳро гузошт.
Гар уруҷоҳангӣ, аз зиндонгаҳи гардун баро,
Май саропо нашъа шуд, то домани мино гуошт.
Шаб зи барқи беҳудӣ чун коғази оташзада
Сухтам чандон, ки доғат бар тани ман ҷо гузошт.
Чун сипанд аз дарду доғи бекасиҳоям мапурс,
Дуди оҳе доштам, рафту маро танҳо гузошт.
Ҳар ки зад, Бедил, ба сайри водии ҳайрат қадам,
Гоми аввал ҳасрати рафтан чу нақши по гузошт.

Баргу созам ҷуз ҳуҷуми гиряи бетоб нест.
Хонаи чашме, ки ман дорам, кам аз гирдоб нест.
Риштаи қонуни яъсам, аз навоҳоям мапурс.
Дар гусастан оламе дорам, ки дар мизроб нест.
То ба завқи гавҳари мақсад тавон зад чашмаке,
Дар муҳити орзу як ҳалқаи гирдоб нест.
Дасту по аз остину домани он сӯ мезанам.
Машраби девонагон зиндонии одоб нест.
Дар шабистони сияҳбахтӣ зибас гум гаштаем.
Сояи мо низ бори хотири маҳтоб нест.
Зоҳидо, лофи муҳаббат мезанӣ, ҳушёр бош.
Захми шамшер аст ин, ҳамёзаи меҳроб нест.
Дидаҳо боз асту асбоби тамошо муғтанам.
Лек дар мулки хирад ҷуз ҷинси ғафлат боб нест.
Хор-хори бӯрёву далқи фақр аз дил барор.
Оташ аст, эй хоҷа, инҳо, махмалу санҷоб нест.
З-ихтилоти сахтрӯён кина ҷавлон мекунад.
Сангу оҳан то ба ҳам н-оянд, шарар бетоб нест.
Ҳоли дил пурсидаӣ, бетоқатӣ, омода бош.
Шӯхии афсонаи мо дастгоҳи хоб нест.
Муддао таҳқиқу дил ҷинси умед, оҳ аз шуур.
Мо чунон оинае дорем, к-он ҷо боб нест.
Он чи мегӯянд анқо, эй зи худ ғофил, туӣ.
Гар тавонӣ ёфт худро, матлабе ноёб нест.
Шӯхии тимсоли ҳастӣ барқатобад пайкарам.
Он қадар хокам, ки дар оинаи ман об нест.
Бедил, он барқи назарҳо ҳамчунон дар парда монд.
Ғофилон гарминтизору маҳрамонро тоб нест.

Тавқ чун фохта шерозаи мушти пари мост.
Ҳалқаи дуд каманди кафи хокистари мост.
Ҳамчу хок оинаи сурати афтодагием.
Гарди нақши қадами роҳравон чавҳари мост.
Баски чун тир гузашт аз бари мо айши шабоб.
Маҳви хамёза чу оғӯши камон пайкари мост.
Шавқи ғоратзадаи анчумани дидорем.
Ҳар кучо оинае хун шуда, чашми тари мост.
Ачз оинаи вомондагии мо нашавад.
Тоири шӯхии рангему шикастан пари мост.
Масти шавқем дар ин дашт зи саргардонӣ.
Гирдбодему ҳамин гардиши сар соғари мост.
Кӯтаҳӣ нест парешонии моро чун зулф.
Сояи толеи ошуфта зи мӯ бар сари мост.
Осмон гарми тавофи дили мо мегардад.
Маркази доири муҳит оби руҳи гавҳари мост.
Аз далерони чунунтози бисоти яъсем.
Қатъи уммеди ду олам буриши ханчари мост.
Роҳати шамъ ба андози гудоз аст ин чо.
Ҳар қадар пайкари мо об шавад, бистари мост.
Мо ба як сафҳа зи сад нусха фароғат дорем.
Дили ошуфта агар чамъ шавад, дафтари мост.
Баски дорем ба дил доғи кудурат, Бедил.
Лоласон оина зангоринишин дар бари мост.

Бекарориҳои чарх аз дасти каҷрафторӣ аст,
Хокро осудагӣ аз паҳлӯиҳамворӣ аст.
Нест ғайр аз сӯхтан ҳоли мазаллатпешагон,
Хорро дар васли оташ пираҳан гулнорӣ аст.
Аз мизоҷи мо чи мепурсӣ, ки чун реги равон
Хоки мо чун об аз ранги фусурдан ҷорӣ аст.
Гар зи дасти мо наёяд ҳеҷ, ҷоне меканем,
Нолаи булбул дар ин гулшан гули бекорӣ аст.
Обрӯ хоҳӣ, муқими остони хеш бош,
Ашкро аз дида по берун ниҳодан хорӣ аст.
Парфишонӣ нест мумкин бисмили тасвирро,
Захми теғи таҳайюр аз тапидан орӣ аст.
Дасти ҳиммат остин мегардад аз холӣ шудан,
Сарнагунӣ мардро аз хиҷлати нодорӣ аст.
Шуъла хокистар шавад, то оварад чашме баҳам,
Як мижа осудагӣ ин ҷо ба сад душворӣ аст.
Ғайри теғи ӯ кӣ бардорад сари афтодагон?
Хуфтагонро субҳи равшан сандали бедорӣ аст.
Бигзар аз фикри хирад, Бедил, ки дар базми висол
Гардиши он чашми майгун офати ҳушёрӣ аст.

Хомӯшиям чунункадаи шӯри маҳшар аст.
Оғӯши ҳайрати нафасам нолапарвар аст.
Доғи муҳаббатам, дари дил нест ҷои ман,
Он ҷо ки ҳалқа мезанам, аз дил дарунтар аст.
Бе қадр нестам, ҳама гар бӯи оташам,
Дуди сипанди ман мижаи чашми миҷмар аст.
Ором нест қисмати доно, ки баҳрро
Болини ҳубобу ваҳшати амвоҷ бистар аст.
Аз оҷизон битарс, ки оинаи муҳит
Чун гул ба ҷунбиши нафаси бод абтар аст.
Пайванди дил ба тори нафас доми зиндагист,
Дар пои сӯзанат гиреҳи ришта лангар аст.
Дар баҳри интизор, ки қаъраш падид нест,
Ашке, ки бар сари мижа сӯхт, гавҳар аст.
Ҷуз ваҳм нест нашъаи шӯри димоғи халқ,
Бадмастии сипеҳр ҳам аз гардиши сар аст.
Нақше набаст ҳайрати мо аз ҷамоли ёр,
Чашми умед дигару оина дигар аст.
Моро зи фикри маънии борик чора нест,
Дар сайдгоҳи мо ҳама нахчир лоғар аст.
Печидаем, номаи парвоз дар бағал,
Ранги шикастагон пару боли кабӯтар аст.
Оина дар муқобили мо доштан чи суд?
Тимсоли аҷз нолаи занҷири ҷавҳар аст.
Забти сиришки мо адаби инфиоли ӯст,
Гар ҳусн бар арақ назанад, чашми мо тар аст.
Бедил, ба фарқи хокнишинони дашти аҷз
Чун ҷода нақши пои агар ҳаст, афсар аст.

Зиндагонӣ аз нафас офатбино афтодааст.
Турфа селе дар пайи таъмири мо афтодааст.
Танг кард офокро печидани дуди нафас.
Гар на дил месӯзад, оташ аз куҷо афтодааст?
Орзу аз сина берун кун, зи кулфатҳо баро,
Оламе з-ин дона дар доми бало афтодааст.
То нафас боқист, ҷисми хастаро ором нест,
Мушти хоки мо ба домони ҳаво афтодааст.
Дар илоҷам, эй табиби меҳрубон, заҳмат макаш,
Дарди дил умрест аз чашми даво афтодааст.
То қиёмат даштпаймоӣ кунад чун гирдбод
Ҳар куҷо як ҳалқа аз занҷири мо афтодааст.
Ғайри навмедӣ сару барги шаҳиди ишқ чист?
Аз сари афтода ин ҷо хунбаҳо афтодааст.
Дида то дил фарши роҳи хоксорӣ кардаем,
Аз нафас то мавҷи мижгон бӯрё афтодааст.
Шӯхии андози шабнам нанги гулзори ҳаёст,
Хандаи ҳусн аз арақ дандоннамо афтодааст.
Маънии давлат саропо сурати афтодагист,
Аз тавозӯъ сояи боли ҳумо афтодааст.
Изтироби мавҷ охир боли гавҳар мешавад,
Дар камини мо дили бемуддао афтодааст.
Оламе шуд, Бедил, аз саргаштагӣ помоли яъс,
Тухми мо ҳам дар хуми ин осиё афтодааст.

Дил аз баҳори хаёли ту гулшани роз аст.
Нигаҳ ба ёди ҷамолат биҳиштпарвоз аст.
Хаёли марҳами кофур гулфурӯш мабод.
Ба рӯи теғи туам ча .ми захми дил боз аст.
Ту барқи ҷилванигаҳ душманӣ, касе чӣ кунад.
Шикасти оинаи ҳусн, мастии ноз аст.
Гудохтам зи таҳайюр, ки чашми оина ҳам.
Баҳори ҳусни туро шабнами назарбоз аст.
Маям чу наккати гул ҷавҳари ҳаво гардид.
Ҳанӯз шишаи рангам шикастаногоз аст.
Лабе, ки ханда зар ӯ хун шавад, лаби миност.
Раге, ки неш ба дил мезанад, раги соз аст.
Сахост нашъаи шӯҳрат карамнажодонро.
Кушодадомании абр боли парвоз аст.
Фиреби аҷз махӯр аз пари шикастан ранг.
Ки дар гирифтани парвоз чангули боз аст.
Зи печу тоби нафас сӯзи дил тавон донист.
Забони дуд ба асрори шуъла ғаммоз аст.
Надонам, ин ҳама ҳарфи ҷунун кӣ мегӯяд.
Ки гӯши ҳалқаи занҷири мо пуровоз аст.
Тавон зи бехудиям кард сайри олами ҳусн.
Шаҳиди ишқаму хунам қаламрави ноз аст.
Ниҳоли гулшани қадри суханварӣ, Бедил,
Ба қадри маънии барҷаста гарданафроз аст.

Орзуи дил чу ашк аз чашми мо афтодааст.
Муддао чун сояе дар пеши по афтодааст.
Гавҳари уммед бо каъри таваккул карда соз.
Киштии тадбир дар мавчи ризо афтодааст.
Ҷодаи сарманзили ушшоқ саъйи норасост.
Ё зи дасти Хизри ин водӣ асо афтодааст?
То қиёмат барнамехезад чу дог аз рӯи дил.
Сояи мо, нотавонон, ҳар кучо афтодааст.
Мӯи оташдидаро кӯтоҳ мебошад амал.
Чашми мо умрест бар рӯи чаҳо афтодааст.
Баски кардам машқи ваҳшат дар дабистони чунун.
Шахсам аз соя чу килк аз хат чудо афтодааст.
Пайкарам ҳам гаштааст аз заъфу дил хун мехӯрад.
Бори ин киштӣ ба дӯши нохӯдо афтодааст.
Шабнами гулзори ҳайратро нишасту хост нест.
Ашки ман дар ҳар кучо афтод, во афтодааст.
Нест дар дашти талаб бо Каъба моро эҳтиёч.
Сачдагоҳи мост, ҳар чо нақши по афтодааст.
Сояи мо мезанад паҳлӯ ба нури офтоб.
Нотавонӣ ин қадарҳо худнамо афтодааст.
Чун хати паргор умре шуд, ки сар то по ҳамем.
Ибтидои мо ба фикри интиҳо афтодааст.
Дар ҳақиқат Бедили мо соҳиби ганчи бақост.
Гар ба сурат дар раҳи фақру фано афтодааст.

Насими гул ба хамӯшӣ таронапардоз аст.
Ки мавчи ранги гули ин чаман раги соз аст.
Чи гуна булбули мо боли айш бикшояд.
Ки сояи гули ин бог чангули боз аст.
Кучо равем, ки сарманзиле ба даст орем.
Чу хатти доира анчоми мо ҳам огоз аст.
Нуҳуфта нест пайи корвони ҳасрати мо.
Шикастани чараси ранг сахт гаммоз аст.
Ҳазор захми намоён ба сина медузад.
Диле, ки шонакаши зулфи шоҳиди роз аст.
Маҳӯр фиреб, ки ҳайрат далели огоҳист.
Зи чашми оина то чилва сад нигаҳ боз аст.
Чаман зи васли туам мужда медиҳад имрӯз.
Баҳор то сари кӯи туам гуландоз аст.
Чаро зи чавҳари оина мерамад аксат.
Ки шамъро пари парвона бистари ноз аст.
Нигоҳи шавқаму хуи меҳӯрам ба пардаи шарм.
Вагарна нӯҳ фалак имрӯз як дари боз аст.
Хурӯши толеи шӯрам чаҳон гирифт, аммо
Чи дил кушоядам аз нагмае, ки носоз аст.
Фусурдагӣ нашавад доми ваҳшати рангам.
Шикастаболии ин мург сози парвоз аст.
Кудурат аз дили мо бурд хатти ӯ, Бедил,
Барои оинаи мо губор пардоз аст.

Дар гулистоне, ки гарди ачзи мо афтодааст,
Ҳамчу акс аз шахс ранг аз гул чудо афтодааст.
Баски шуд помоли ҳайронӣ ба роҳи интизор,
Дидаи мо бе нигаҳ чун нақши по афтодааст.
Мо асирон аз шикасти дил чи сон эмин шавем?
Бар сари мо сояи зулфи дуто афтодааст.
Нест хоке, к-аз ғубори ачзи мо бошад тиҳӣ,
Ҳар кучо по мегузорӣ, нақши мо афтодааст.
Гоҳ-гоҳе завқи ҳамчашмист моро бо ҳубоб,
Дар сари мо низ, пиндорӣ, ҳаво афтодааст.
Аз тилисми мо, ки тимсоли ҳубобе беш нест,
Уқдаҳо дар риштаи мавчи бақо афтодааст.
Ку дами бебокии теғе, ки мизробӣ кунад,
Сози рақси бисмили мо аз наво афтодааст.
То ба кай бӯсад бисоти сабзаву гул мақдамат?
Аз сафи мижгони мо ҳам бӯрё афтодааст.
Аз гули тасвир натвон ёфт бӯи хуррамӣ,
Ранги мо аз очизӣ бар рӯи мо афтодааст.
Ин замон аз сурма мебояд сурофи дил гирифт,
Ҷоми мо умрест аз дасти садо афтодааст.
Гар фалак, Бедил, маро бар хок зад, осудаам,
Мекунад хоби фароғат сож, то афтодааст.

Иззату хории даҳр он ҳама дур аз ҳам нест.
Афсаре нест, ки бо нақши қадам тавъам нест
Рӯзу шаб номварон дар қафаси симу заранд.
Ҳеч зиндон ба нигин сахттар аз хотам нест.
Акс ҳам даст зи оина ба ҳам месоид.
То зи ҳастӣ асаре ҳаст, надомат кам нест.
Ғунчаву гул ҳама бо чоки ҷигар сохтаанд.
Хун шав, эй дил, ки ҷаҳон ҷои дили хуррам нест.
Басsurvey хушк аст димоғи ҳавасободи ҷаҳон.
Субҳи ин гулшан агар об шавад, шабнам нест.
Эй сияҳкори ҳавас, бехабар аз гиря мабош,
Ки ба ҷуз ашк чароғони шаби мотам нест.
Сози асроривy забти нафасат сустиавост.
Андаке тоб деҳ ин ришта, агар маҳкам нест.
Сахт машмар сухани сард ба равшангуҳарон,
Ки нафас бар рухи оина зи силӣ кам нест.
Мавҷи гулҷӯри туро ҷуръати парвоз куҷост?
Боли мо рехт ба ҷое, ки тапидан ҳам нест.
Бетамиз аст ғараз, варна ба кеши ҳиммат
Нест захме, ки ба миннаткадаи марҳам нест.
Вазъи феҳосили мо бори дил андӯхтан аст.
Шоху барге, ки сар аз бед кашад, бехам нест.
Ҳусн тоби арақи шарм надорад, Бедил,
Варна оинаи мо он ҳама номаҳрам нест.

Қоматаш сомони шӯхӣ, нигоҳи мо гирифт.
Ин навои фитна аз тори назар боло гирифт.
Ҳастии мо ҳоли он ҷилван саршор нест.
Аз ҳубобе парда натвон бар рухи дарё гирифт.
Бо ҳама афсурдагӣ хошоки ғайратпарварем.
Оташе ҳар ҷо баландӣ кард, фол аз мо гирифт.
Дар саводи фақр хобидаст файзи зиндагӣ.
Субҳ шуд соҳибнафас, то домани шабҳо гирифт.
Ишқ агар рӯ бар замин молад, ҳамон тоҷи сар аст.
Партави хуршедро натвон ба зери по гирифт.
Сӯҳбати девонагон дорад асар, к-аз гирдбод
Чини ваҳшат домани осоиши саҳро гирифт.
Бенишонӣ сайдгоҳи ҳиммати парвози кист?
Шоҳбози ранги ман то пар занад, анқо гирифт.
Дар сари роҳи туам хобонда ҷӯши обила.
Саъйи побарҷо замин охир ба дандонҳо гирифт.
Кӯр шуд ҳосид зи рашки маънии борики ман.
Хира мебинад, чу мӯ дар дидаи кас ҷо гирифт.
Гиряи мастӣ ба он кайфиятам омода аст.
К-аз сари мижгон тавонам домани мино гирифт.
Доғам аз кайфияти тадбири шӯхиҳои ҳусн.
Хостам, оина гирад, соғари саҳбо гирифт.
Зудтар, Бедил, ба манзилгоҳи роҳат мерасад.
Зоди роҳи хеш ҳар кас ваҳшат аз дунё гирифт.

Ҷон ором ба вахшаткадаи олам нест,
Заррае нест, ки саргарми ҳавои рам нест.
Гиреҳи бод бувад давлати ҳастӣ чу ҳубоб,
То Сулаймон нафасе арз диҳад, хотам нест.
Чаман аз гунча ба ҳар шох сиришкаш гиреҳ аст,
Мижаи аҳли тараб ҳам ба ҷаҳон беnам нест.
Ҳеч доно назанад теша ба пои ором,
Аз биҳишт он ки бурун омадааст, одам нест.
Гӯ, биё, барк, фурӯ рез ба кишти ду ҷаҳон,
Акс агар маҳв шуд, оинаи моро гам нест.
Риштаворе нафаси сӯхта афрӯхтаем,
Шамъ дар хилвати бедории дил маҳрам нест.
Гар ҷаҳон ноз бар асбоби фузунӣ дорад,
Баҳри сомони камӣ зарраи мо ҳам кам нест.
Ин қадар ваҳм зи огӯши нигаҳ меболад,
Дида ҳар гаҳ мижа овард ба ҳам, олам нест.
Чашм бар мавҷи хатат дӯхтан аз сададилист,
Риштаҳои раги гулро гиреҳи шабнам нест.
Адами сояи зи хуршед муайян гарданд,
Гар ту шӯхӣ накунӣ, ҳастии мо мубҳам нест.
Бедил, азбас ба гирифтории дил хӯ кардем,
Бе гами дому қафас хотирӣ мо хуррам нест.

Шаб ҳуҷуми ҷилваи ӯ дар хаёлам ҷо гирифт.
Он қадар болид дил, к-оина дар саҳро гирифт.
Аз дили равшан мулоимтинатонро чора нест.
Пунба худро кай тавонад аз сари мино гирифт.
Саъйи гардун аз замини мушкил, ки бардорад маро,
Қатраро аз дасти хоки ташна натвон во гирифт.
Дар гулистоне, ки булбул буд ҳар барги гулаш,
Пайкарамро хомушӣ чун ғунча сар то по гирифт.
Сахт ноёб аст матлаб, варна кӯшиш кам набуд.
Эҳтиёҷ аз ноумедӣ ранги истиғно гирифт.
То кай аз андешаи тамкин гаронҷон зистан?
Қатраи моро чу гавҳар дил дар ин дарё гирифт.
Гар баланд афтад чу гардун нашъаи ворастагӣ,
Метавон домони ҳиммат аз сари дунё гирифт.
Дар риёзи даҳр моро саба кард озодагӣ.
Бебариҳо ин қадар чун сарв дасти мо гирифт.
З-ин ҳама асбоби навмедӣ чӣ баргирад касе?
Он чӣ мебояд гирифтан дасти ногиро гирифт.
Уқдае аз кори мо накшуд саъйи норасо.
Ноxуни тадбири мо охир дили моро гирифт.
Чашм банду зӯр бар дил кун, ки дар офоқ нест
Он қадар авҷе, ки як мижгон тавон боло гирифт.
То шавад, Бедил, ба номат сиккаи осудагӣ.
Хоксорӣ дар нигин бояд чу нақши по гирифт.

Дидаеро, ки ба наззораи дил маҳрам нест,
Мижа бар ҳам задан аз дасти таассуф кам нест.
Мавҷро оби гуҳар оинаи ҳамворист.
Дил агар ҷамъ шавад, кори ҳавас дарҳам нест.
Ҳуснро бе араки шарм тароват набувад.
Гули когаз беҳ аз он гул, ки бар ӯ шабнам нест.
Дарди маъшуқ фузунтар зи ғами ушшоқ аст.
Чок чун синаи гандум ба дили одам нест.
Мӯи жӯлида надон ҷавҳари таҷриди ҷунун,
Ки сарафрозии қадри алам аз парчам нест.
Ҳамчу абр оинадори араки шарми туем.
Хоки мо гар ҳама бар бод равад, бенам нест.
Ғайратат пардаи ғафлат ба дилу дида гумошт.
То ту пайдо нашавӣ, оина дар олам нест.
Тӯтият ҳеч раҳи оинаи дил нашикофт.
То бидонӣ, ки туро ҷуз ту касе ҳамдам нест.
Эй ҷунун, доғ шав аз кулфати урёнии ман.
Доманаш додаам аз дасту гиребон ҳам нест.
Ҳастии ориятам саҷда ба пешонӣ баст.
Дӯши ҳар кас ба тахи бор равад, бехам нест.
Боиси ваҳшати ҷисм аст нафасҳо, Бедил.
Хок то ҳамнафаси бод бувад, бе рам нест.

Бе кудурат нест, хар чо махраме ё гофилест.
Зиндагонӣ, хар чӣ бошад, захмати обу гилест.
Он чӣ аз накши раму ороми имкон дидаӣ,
Хоки кулфатмурдае ё хуни хасратбисмилест.
Шавк, хайронам, чӣ мехохад, ки дар чашми тарам
Ҷунбиши мижгон лаби хасратнавои соилест.
Лолазори шабнамистони мухаббат дидаем,
Махви хар ашке нигохе, зери хар доге дилест.
Шӯълакоронро ба хокистар каноат кардан аст,
Ҳар куҷо ишк аст дехкон, сӯхтан хам хосилест.
Чашм то бар хам занам, накши суҷудат бастаам,
Ашки бетобам, саропоям ҷабини моилест.
Ҳасрати дилро илоҷ аз нашъаи дидор пурс.
Хонаи оина куфлаш орзуи мушкилест.
Максад ором аст, эй кӯшиш, макун озори мо.
Бедимогони талабро ҷода хам сарманзилест.
Аклро дар забти Маҷнун об мегардад нафас.
Ишк механдад, ки ин ҷо рафтан аз худ махмилест.
Аз хуҷуми ҷилва  охир бар дари хайрат задем.
Ҳусн чун тӯфон  кунад, оина гаштан сохилест.
Қадрдони бахри гавхархез гаввос асту бас.
Дард медонад, ки дар хар катраи хунам дилест.
Бедил, аз изхори матлаб хуни истигно марез.
Обрӯ чун мавҷ пайдо кард, теги котилест.

То ғубори хат бар он ҳусни сафопиро нишаст,
Як ҷаҳон уммед дар хокистари савдо нишаст.
Доғи савдои ту дуд ангехт аз бунёди дил,
Гард бармехезад аз ҷое, ки нақши по нишаст.
Ҳайрати мо дастгоҳи интизори оламест,
Ҳар кӣ шуд хоки сари роҳат, ба чашми мо нишаст.
Ҳусн дар ҷӯши арақ хуфт аз тараддудҳои ноз,
Оби ин гавҳар зи шӯхӣ бар рухи дарё нишаст.
Пур гаронхезем, аз саъйи заифиҳо мапурс,
Нақши санге кард гул, тимсоли мо ҳар ҷо нишаст.
Файзи узлат оламеро дар бағал мепарварад,
Мардумак дар сояи мижгон фалакпаймо нишаст.
Сарбаландӣ хоҳӣ, аз вазъи адаб ғофил мабош,
Нашъа бармехезад аз ҷӯше, ки бар саҳбо нишаст.
Пир гардидӣ, дагар бо дил гаронҷонӣ макун,
Пунбаат то чанд хоҳад бар сари мино нишаст?
Дар дили мо чун шарори коғази оташзада
Доғ ҳам як лаҳза натвонист беларво нишаст.
Як ҷаҳон мавҳумӣ аз осори мо пар мезанад,
Эй фаномуштоқ, бояд дар хаёли мо нишаст.
Ҳасрати дилро замингирӣ намегардад илоҷ,
Нола дар сайр аст, Бедил, кӯҳ агар аз по нишаст.

Табъе, ки умедаш асаромодаи бим аст.
Гар худ ҳама фирдавс бувад, нанги ҷаҳим аст.
Бар тинати озод шикасте натавон баст.
Берангии ин шиша зи офот салим аст.
Дар даҳр на танҳо ману ту бисмили яъсем.
Гар боз шикофӣ, дили ҳар зарра дуним аст.
Сад захми дил эҷод кун аз ковиши ҳасрат.
Чун сикка гарат чашми ҳавас бар зару сим аст.
Бе саъйи тааммул натавон ёфт садоям.
Ҳуш дор, ки тори нафасам набзи сақим аст.
Он ҷо, ки бувад лаъли ту ҷонбахши такаллум.
Гавҳар гиреҳи кисаи уммеди лаим аст.
Аз нолаи мо ғайри саноят натавон ёфт.
Соил нафасаш сарфи дуохони карим аст.
Селоб ба дарё чӣ қадар гард фурӯшад?
Мо тозагуноҳему атои ту қадим аст.
Оқ аз дили мо заҳмати хошоки ҳавас бурд.
Равшангарии баҳр ба таҳрики насим аст.
То бехабарат мот насозанд, бурун тоз
З-ин хонаи шатранҷ, ки ҳамсоя ғаним аст.
Моро нафаси сард саҳархези ҷунун кард.
Ҷуз яъс чӣ зояд, шаби ушшоқ ақим аст.
Бедил, ба ишороти фано роҳ набурдӣ.
Умрест, ки гуфтем, назири ту адим аст.

То ба кай хоҳӣ зи лофи бахт бар сарҳо нишаст.
Бар хати таслим мебояд чу нақши по нишаст.
Магзар аз вазъи адаб, то обрӯ ҳосил кунӣ.
Чун ба худ печид гавҳар, дар дили дарё нишаст.
Бартариҳо мансаби иқболи ҳар ноаҳл нест.
Сарнагунӣ дид, то зулф аз рухат боло нишаст.
Бар ҷабини баҳр нақши мавҷ кай монад ниҳон?
Гарди бетобӣ чу ранг охир ба рӯи мо нишаст.
Орамидан дар мизоҷи ошиқон арзи фаност.
Шӯълаи бетоқати мо рафт аз худ, то нишаст.
Аз гарон ҷонӣ асирони фалакро чора нест.
Софҳо шуд дурд, то дар домани мино нишаст.
Пайкарам афсурд дар роҳи умед аз заъфи оҳ.
Ин ғубор охир ба дарди бесоиҳо нишаст.
Наҳлҳои ин гулистон ҷумла наҳли шамъ буд.
Ҳар кӣ имшаб қомате орост, то фардо нишаст.
Обрӯ бо арзи матлаб ҷамъ натвон сохтан.
Дасти ҳоҷат то баландӣ кард, истиғно нишаст.
Сарфи ҷустуҷӯи худ кардем умр, аммо чӣ суд?
Ҳастии мо ҳам ба рӯи шӯҳрати анқо нишаст.
Дар кафан боқист эҳроми қиёмат бастанат.
Гар ту биншинӣ, нахоҳад фитнаат аз по нишаст.
Бедил, аз барқи таманноям саропо оташам.
Доғ шуд, ҳар кас ба паҳлӯи мани шайдо нишаст.

Имрӯз, ки уммед ба кӯи ту муқим аст,
Гар бол кушоям, дили парвоз дуним аст.
Натвон зи сарам бурд ҳавои дами тегат,
Ин ғунча гиреҳбастаи уммеди насим аст.
Шуд ҳоҷати мо пардабарандози атоят,
Соил ҳама ҷо оинаи рози карим аст.
Файзи назари кист, ки дар гулшани имкон
Ҳар барги гул имрӯз кафи дасти Карим аст?
Ҷуз коҳиши ҷон нест зи ҳамсӯҳбати саркаш,
Гирён бувад он мум, ки бо шӯъла надим аст.
Бар софзамирон бувад ошӯби ҳаводис,
Сад мавҷ кашокаш ба сари дурри ятим аст.
Пайваста пуровоз бувад косаи холӣ,
Пургӯии аблаҳ асари табъи саким аст.
Ҳайрони талаб мони тамйиз надорад,
Дар чашми гадо шаш ҷиҳат осори карим аст.
Осудадилӣ улфати яъс аст, вагарна
Уммед ҳам ин ҷо чӣ кам аз заҳмати бим аст?
Берангии гулшан нашавад ҳамсафари гул,
Оина зи худ меравад у ҷилва муқим аст.
Бедил, зи ҷигарсӯхтагӣ чора надорам,
Бо доғ маро лоласифат аҳди қадим аст.

Лавҳи ҳастӣ яккалам аз нақши қудрат орӣ аст,
Омаду рафти нафас машқи хати бекорӣ аст.
Аз раҳи ғафлат адамро ҳастӣ андешидаем,
Шубҳатакриремӯ истифҳоми мо инкорӣ аст.
Зарраем, аммо ба чашми худ гарон афтодаем,
Андаке ҳам чун ба арз омад, ҳамон бисёрӣ аст.
Бисмили нози киям, ё раб, ки аз тӯфони шавқ
Ҳар сари мӯям чу мижгон мояи ҷунборӣ аст.
Дида ку, то бингарад, к-имрӯз сарви нози ман
Ҳамчу умри ошиқон саргарми хушрафторӣ аст.
Аз хумори нотавониҳо чӣ сон ояд бурун
Сояи мижгони нигоҳашро, шаби беморӣ аст?!
Ҳар киро ҳасрат шаҳиди теғи бедодаш кунад,
Ҳар ду олам арзи як оғӯши захми корӣ аст.
Бо ҳама ворастагӣ савдо тағофулпеша нест,
Мӯи Маҷнун дар талофиҳон бедасторӣ аст.
Уқдаи ишқ агар бокист, дил хун мехӯрад,
То бувад як ғунча, ин боғ аз шукуфтан орӣ аст.
Оламе бо фитна меҷӯшад зи марги ағниё,
Хоби ин золимсириштон бадтар аз бедорӣ аст.
Гардани таслими муштоқон зи мӯ бориктар,
Бар сари мо ҳамчу об аҳкоми теғат ҷорӣ аст.
Аз мани Бедил қаноат кун ба фарёди ҳазин,
Ҳамчу тори соз нақди нотавонон зорӣ аст.

Зулфи ошуфтасаре мавчан дарёи ман аст.
Тори конуни чунуи чодаи сахрои ман аст.
Барқ шамъест, ки дар хирмани ман месӯзад.
Санг гардест, ки дар домани минои ман аст.
Лолаи дашти чунунам зи чигарсӯхтагӣ.
Доғ барге зи гулистони сувайдои ман аст.
Бисмили шавкаму аз шарми нигохи қотил
Ҳамчу хун дар чигари ранг тапишхои ман аст.
Ачз хам бе талабе нест, ки чун реги равон
Сад чарас дар гирахи обилаи пои ман аст.
Чарх агар дод губорам ба хаво хурсандам.
Ки чахон арсаи болидани ачзои ман аст.
Сайри болу пари товус мукаррар гардид.
Сафха оташзадаам, фасли тамошои ман аст.
Файзи дилгармии охест гули зиндагиям.
Шамъи афсурдааму шӯълаи Масехои ман аст.
Ғунчаи боғи чунуи аз дили ман механдад.
Доғ чун шабнами гул пунбаи минои ман аст.
Тардимоғи чамани хасрати шамшери туам.
Захми болида чу гул соғари сахбои ман аст.
Умрҳо шуд, ба дари машки кудурат задаем.
Чини куфлат хате аз сафхаи симои ман аст.
Зарраам, лек ба чавлони ҳавоиш, Бедил.
Қасами бесарупоӣ ба сару пои ман аст.

Агар май нест, ҷамъият кадом аст?
Каманди ваҳдат ин ҷо даври ҷом аст.
Чу соғар дар муҳити майкашиҳо
Зи мавҷи бода қуллобам ба ком аст.
Ду олам дар намак хуфт аз ғуборам.
Ҳанӯзам шӯри мастӣ нотамом аст.
Агар бедастгоҳам, ғам надорам,
Чу ҳиндуям сияҳбахтӣ ғулом аст.
Зи болафшониям қатъи назар кун,
Ки сайди ман нигоҳи чашми дом аст.
Ману майхонаи дидор, к-он ҷо
Мижа то боз гардад, хатти ҷом аст.
Дил аз хастӣ намечинад фурӯғе,
Нафас дар кишвари оина шом аст.
Ҷаҳон зиндони навмедист, аммо
Даме, к-аз худ бароӣ, сайри бом аст.
Дар ин маҳфил ба ҳукми шаръ таслим,
Нафас гар мекашӣ, чун май ҳаром аст.
Ба табъи аҳли дунё пухтагӣ нест,
Самар ҷандон ки сарсабз аст, хом аст.
Асирӣ шаҳпари озодии мост
Нигини доми моро сайд ном аст.
Зи хастӣ то адам ҷаҳде надорад,
Зи мижгон то ба мижгон ним гом аст.
Ба ғафлат он қадар дурем аз дӯст,
Ки васлаш то расад ин ҷо, паём аст.
Зи Бедил ҷуръати ҷавлон маҷӯед,
Чу мавҷ ин нотавон паҳлӯхиром аст.

То аракнок аз чаман он шӯхи бепарво гузашт.
Мавчи хичлат сариро чун кумрӣ аз боло гузашт.
Вой бар холи каманди нолахои норасо.
К-он тагофулпеша аз меърочи истигно гузашт.
Мо ба чандин корвон хасраткамини рахбарем.
Шамъ дар шабгири дуди дил ачаб танхо гузашт.
Махви дил шав, то тавонӣ растан аз ошӯби дахр.
Мавч бе васли гухар натвонад аз дарё гузашт.
Бастай эхроми сад укбо амал, аммо чӣ суд
Фурсати нагзаштаат пеш аз гузаштанхо гузашт.
Бенишонӣ дар нишон пар мезанад хушёр бош.
Гар хама анко шавӣ, натвонӣ аз дунё гузашт.
Обила махмурии вомондагихоям нахост.
З-ин биёбон лагзишам охир кадахпаймо гузашт.
Гар бурун оям зи фикри дил, асири дидаам.
Умри ман чун май ба банди согару мино гузашт.
Бар гано зад эхтиёч аз хиссати абнои дахр.
Тангдастӣ дар азизон монд, лек аз мо гузашт.
Офиятхо баски буд он сӯи парвози амал.
Карда истикболи имрӯз, ки аз фардо гузашт.
Гар зи дунё бигзарӣ, ташвиши укбо хоил аст.
Гар зи худ нагзаштай, мебоядат сад чо гузашт.
Бедил, аз рангам шикасти шишае хандидааст,
К-аз губораш нола натвонад ба саъйи по гузашт.

Ин анҷуман чу шамъ, мапиндор, ҷои мост.
Ҳар ишқ дар ҷакидани овози пои мост.
Ҷон медиҳему ишрати мавҳум мехарем.
Чун гул ҳамон табассуми мо хунбаҳои мост.
Равшан накардаем чу шабнам дар ин бисот
Ғайр аз арақ, ки оинаи муддаои мост.
Тарҳи чӣ обрӯ фиканад қатра аз гуҳар?
Мо рафтаему обилаи по ба ҷои мост.
Доманфишонтар аз кафи дасти таҷаррудем.
Ранге, ки ҷуз шикаст набандад, ҳинои мост.
Вайронии дил ин ҳама таъмир доштаст.
Нӯҳ осмон ғубори шикасти бинои мост.
Дар оташ афкананду нанолем чун сипанд
Худдорие, ки уқдаи боли садои мост.
Дар қайди ҷисм сози саломат чӣ мумкин аст?
Ин хок сахт ташнаи оби бақои мост.
Аз фақр сар матоб, к-аз асбоби эътибор
Кас он чӣ дар хаёл надорад, барои мост.
Пешоние, ки ҷуз ба дари дил насудаем,
Бар осмон ҳамон қадами аршсои мост.
Оинаи худем, ба ҳар ҷо дамидаем,
Ин турфатар, ки ҷилваи ӯ рӯнамои мост.
Бедил, адамтаронаи номуси ҳастием,
Беруни парда он чӣ наёбӣ, навои мост.

Дил зи авҳом ғуборолуд аст.
Занги оинаи оташ дуд аст.
Умрҳо шуд, ки чу мавчи гуҳарам.
Боли парвоз кафасфарсуд аст.
Тарафи ачз ғурур аст ин чо.
Сачдаҳо оинаи масчуд аст.
Маънии шӯҳрати анқо дарёб.
Шӯри маълумии мо мавчуд аст.
Гар шавӣ маҳрами анчоми талаб.
Нақши по оинаи мақсуд аст.
Ғунча гул кун, ки дар ин ибратгоҳ
Хандаро чоки гиребон суд аст.
Бар дили кас нахӯрӣ аз дами сард.
Вазъи бечо ҳама чо мардуд аст.
Захми дил забти нафас мехоҳад.
Ғунчаро бастани лаб беҳбуд аст.
Ташна мурданд шаҳидони вафо.
Оби шамшери ту хунолуд аст.
Бедил, аз ҳастии мавҳум мапурс.
Сози буниёди нафас нобуд аст.

То зи мастӣ гунча бар фарқи чаман мино шикаст.
Ранги мо хам аз турунчи чоми май сафро шикаст.
Тангнои шахр тоби вахшати савдо надошт.
Гарди мо девонагон дар домани сахро шикаст.
Меравад бар бод олам, гар хамӯшон дам зананд.
Ранги сад гулшан ба охи гунчаи танхо шикаст.
Печу тоби мавч гайр аз инқилоби бахр нест.
Чарх ранги хеш бо минои мо як чо шикаст.
Софии вахдат мукаддар гашт, касрат чилва кард.
Мавч шуд тимсол, то оинаи дарё шикаст.
Кист дарёбад уручи дастгохи бехудӣ?
Ранги мо тарфи кулохи ноз пур боло шикаст.
Аз фиреби хоксорихои хасм эмин мабош.
Санг то шуд мояи афтодагӣ, мино шикаст.
Мавчи дарёи надомат имтихони огахист.
Сад мижа як чашм молидан ба чашми мо шикаст.
Баски оламро ба хусни хулқ мамнун кардаем,
Ранг хам натвонад аз чуръат ба рӯи мо шикаст.
Боғи имкон як гул оғӯши казо пайдо накард.
Рангхо дар якдигар аз тангии ин чо шикаст.
Умрхо шуд, аз дуохои сахар шармандаам.
Чини охе доштам, дар домани шабхо шикаст.
Харза то кай пеш-пеши бахр бояд тохтан!
Мавчи мо аз шарм дар домони гавхар по шикаст.
Пеш аз он, Бедил, ки хастӣ ошёнпиро шавад.
Ночи мо боли хавас дар байзаи анқо шикаст.

Фигон, ки фурсати доми талош чидан рафт,
Пайи гузаштани умр он сӯи расидан рафт.
Чу шамъ сар ба хаво сӯхт чавхари таҳқиқ,
Чӣ чилвахо, ки на дар пеш по нидидан рафт.
Зи бас баланд фитод ошёни хомӯшӣ,
Расид нола ба чое, ки аз шунидан рафт.
Чӣ дам занам зи саботи бинои худ, ки чу субх
Нафас кашидани ман то нафас кашидан рафт.
Талаб фусурду нагардид маҳрами тапише,
Чу чашми оинаам умр бе паридан рафт.
Ҷунун ба мулки хавас дошт бӯи офияте,
Рамид фурсату ороми то рамидан рафт.
Ба ранги гунчаи тасвир дар бағал дорам
Шукуфтане, ки ба тороч нодамидан рафт.
Касе зи маънии чоки чигар чӣ шарх диҳад?
Хушам, ки номаи ушшок то даридан рафт.
Чӣ чилва партави ҳайрат дар ин бисот фиканд?
К-аз оби чашмаи оинахо чакидан рафт.
Фано ба рафъи балохои безмон сипар аст,
Ба сӯхтан зи сари шамъ сар буридан рафт.
Маро ба бекасии ашк гиря меояд,
Ки дар паи ту ба уммеди норасидан рафт.
Гарон шуд он қадар аз гавхари насихат халқ,
Ки гӯши ман чу садаф, Бедил, аз шунидан рафт.

Баски савдои туам сар то ба по занчири пост.
Мӯи сар чун дуди шамъам чамъ бо занчири пост.
Ашкаму бар интизори чилвас печидаам.
Ёди он гул шабнами шавки маро занчири пост.
Ҳиммате, эй нола, то доми тааллук бигсилем,
Яъне аз худ меравему раҳнамо занчири пост.
Олами тасхири улфат ҳам тамошо карданист,
Ҷилваашро халкахои чашми мо занчири пост.
Мо, сабукрӯҳон, асири содагиҳои дилем,
Аксро дар оина мавчи сафо занчири пост.
Ку хурӯше, то пар афшонему аз худ бигзарем,
Чун сипанд ин чо ҳамин забти садо занчири пост.
Аз шикасти дил чӣ мепурсӣ, ки Мачнуни маро
Накши по ҳам нола фарсудааст, то занчири пост.
Бо ҳама озодӣ аз чайби тааллук растаем,
Сарвро сарриштаи нашвунумо занчири пост.
То нафас бокист, бояд бо алоик сохтан,
Хизрро ҳам улфати оби бако занчири пост.
Бештар дар табъи пирон оши ён дорад амал,
Ҳирси савдопешаро кадди дуто занчири пост.
Он кадар вусъат мачин, к-аз хеш натвонӣ гузашт,
Эй хавасписроя, домони расо занчири пост.
Ғофил аз кайди хавас дорад ба чо афсурданат,
Андаке бархез, то бинӣ, чихо занчири пост?
Ин кадар беихтиёр аз ихтиёр афтодаем,
Дасти мо бар дасти мо чанг асту по занчири пост.
Ошёнсози тамошохонаи беранги ем,
Шабнами моро ҳамон табъи ҳаво занчири пост.
Бедил, аз кайфияти завки гирифторӣ мапурс,
Ман сарс дуздидаам, дар ҳар кучо занчири пост.

На дайр монеъу не Каъба хоил афтодаст.
Раҳи хаёли ту дар олами дил афтодаст.
Фусуни ишқ ба ҷоми ниёз нози чӣ рехт
Ки ҳуси саркашу оина ғофил афтодаст.
Ҳисоби сояю хуршед то абад боқист.
Адабпарастиву дидор мушкил афтодаст.
Чӣ вонамоедам ин ҳастии адамтимсол?
Надиданоинас дар муқобил афтодаст.
Дар он мақом, ки адли карам ба арз ояд,
Буридаинист забоне, ки соил афтодаст.
Тараддуде, ки дар ӯ мужди роҳат аст, куҷост?
Нафас дар оташи парвози бисмил афтодаст.
Зи бас ғубор, ки дорад табиати имкон,
Сафина дар дили дарё ба соҳил афтодаст.
Балои каҷравиятро касе чӣ чора кунад?
Ки ҳарзагардиву раҳтат ба манзил афтодаст.
Чӣ гуна ҳуси ба сад ранг ҷилва нафрӯшад?
Ки ҷон оина дар дасти ӯ дил афтодаст.
Ба он бизоати аҷзам, ки гоҳи бисмили ман
Ба ҷои хун арақ аз теғи қотил афтодаст.
Ба кулфати дили маъюси ман кӣ пардозад?
Ҳазор оина з-ин ранг дар гил афтодаст.
Кадом нола? Чӣ дил? Бедил, ин қадар донам,
Ки ҳайрате ба хаёле муқобил афтодаст.

Маро ба обилаи по чӣ мушкил афтодаст.
Ки то қадам задаам, пой бар дил афтодаст.
Ба қадри саъй дароз аст роҳи мақсади мо,
Вагарна дар қадами аҷз манзил афтодаст.
Нафас намондаву ман мекашам кудурати ҷисм.
Гузашта Лайливу корам ба маҳмил афтодаст.
Умеди гавҳари дигар аз ин муҳит кирост?
Ҳамин бас аст, ки гарде ба соҳил афтодаст.
Чу сарв гарчи надорем тавфи озодӣ,
Расидаем ба пое, ки дар гил афтодаст.
Ту дар канориву мо бехабар, илоҷе нест.
Фурӯғи шамъи ту беруни маҳфил афтодаст.
Ба ғайри нафй чӣ исбот метавон кардан?
Тилисми ҳастии мо сахт ботил афтодаст.
Зи санг ҷӯши шарар бину нола хирман кун.
Ки зери хок ҳам оташ ба ҳосил афтодаст.
Табассуми кӣ ба хуни баҳор тег кашид?
Ки ханда бар лаби гул нимбисмил афтодаст.
На нақши пост, ки дар водии талаб пайдост.
Зи корвон ҷараси чанд Бедил афтодаст.

Як шабам дар дил насими ёди он гесӯ гузашт.
Умр дар ошуфтагӣ чун сар ба зери мӯ гузашт.
Шӯхии андешаи Лайлӣ дар ин водӣ балост.
Бар сари Маҷнуни кисмат аз рами оху гузашт.
Ҳеч кофарро азоби марги муштокон мабод,
К-аз видони хеш бояд аз хаёли ӯ гузашт.
Эй дил, аз ҷаври мухаббат, то тавонӣ, дам мазан.
Нола бедард аст, хоҳад аз сари он кӯ гузашт.
Сели ҳамворӣ мабош аз арзи ифроти каҷӣ.
Чини пешонист, ҳар гаҳ шӯхӣ аз абрӯ гузашт.
Аз суроғи офият бигзар, ки дар дашти ҷунун
Ваҳшати санги нишонҳо аз рами оху гузашт.
Оқибат нақши қадам гардид болинам чу шамъ.
Бaски дар фикри худ афтодам, сар аз зону гузашт.
Мавҷи гавҳар мезанад ҳар қатра хун дар захми ман.
Сабзаи теғи кӣ, ё раб, бар лаби ин ҷӯ гузашт.
Бе тааммул метавон тай кард сад дарёи хун.
Лек натвон аз сари як қатра оби рӯ гузашт.
То ба худ ҷунбӣ, нишонҳо бенишонӣ гаштааст.
Эй басо ранге, ки аз як пар задан аз бӯ гузашт.
Бистари мо, нотавонон, қобили тағйир нест.
Мавҷи гавҳар он қадар осуд, к-аз паҳлӯ гузашт.
Гар ба ин ранг аст, Бедил, кулфати вайронаат,
Гиря хун бар ҳоли селе, к-аз биноӣ ӯ гузашт.

Чун ҳубобам шишаи дил ҳар куҷо хоҳад шикаст,
Он сӯи нӯҳ маҳфили имкон садо хоҳад шикаст.
Нотавонӣ гар ба ин сомон бисоторо шавад,
Оламе тарфи кулоҳ аз ранги мо хоҳад шикаст.
Саъйи афсар гар сари моро зи савдо во надошт,
Обила дар домани таслими по хоҳад шикаст.
Сабр кун, эй шиша, бар санги ҷафои муҳтасиб,
Гардани ин душмани ишрат худо хоҳад шикаст.
Фасли гул арбоби тақворо зи мастӣ чора нест,
Тавба мавҷи бода хоҳад гашт, ё хоҳад шикаст.
Бар фусунҳои амал мағрури ҷамъият мабош,
Умр маъшуқ аст, паймони вафо хоҳад шикаст.
Сахт душвор аст, маъни ваҳшати озодагон,
Сурма гардад кӯҳ, агар ранги садо хоҳад шикаст.
Даври гардун гар ба коми мо нагардад, гӯ магард,
Ноумедӣ ҳам хумори муддао хоҳад шикаст.
Барги гул, зулм аст, агар хоҳӣ бар оташ доштан,
Даст дар хунам мазан, ранги ҳино хоҳад шикаст.
Мо ба уммеди шикасти тавба, Бедил, зиндаем,
Сахт парҳезист, гар бемори мо хоҳад шикаст.

Дар хамӯшӣ яккалам овозаи ҷамъият аст,
Ғунчаро поси нафас шерозаи ҷамъият аст.
Лаззати осудагӣ ошуфтагон донанду бас,
Зулф аз ҳар ҳалқа дар хамёзаи ҷамъият аст.
Ҷуз ба мурдан манзили ором натвон ёфтан,
Гӯр агар лаб во кунад, дарвозаи ҷамъият аст.
Ҳамчу гирдобам дар ин дарёи тӯфонэътибор,
Умрҳо шуд, гӯш бар овозаи ҷамъият аст.
Гул ба қадри ғунча гардидан парешон мешавад,
Тафриқа оинаи андозаи ҷамъият аст.
Хоксориҳои Бедил дар парешонмашрабӣ
Шоҳиди ошуфтагиро ғозаи ҷамъият аст.

Яъси Маҷнун охир аз печу хами савдо гузашт,
Бо шикасте сохт дил, к-аз турраи Лайло гузашт.
Ғафлати мо гар ба ин роҳат бисоторо шавад,
То абад натвон ба ранги сурат аз дебо гузашт.
Ҳам дар аввал бояд аз ваҳми ду олам бигзарӣ,
Варна имрӯзи ту хоҳад дӣ шуду фардо гузашт.
Ҷӯши ашкам дар назар мавҷест, к-аз дарё рамид,
Шӯълаи оҳам ба дил баркест, к-аз саҳро гузашт.
Чанд чун гирдоб будан сар ба ҷайби печу тоб?
Метавон чун мавҷ доман чиду з-ин дарё гузашт.
Кош ҳамдӯши ғубор аз хок бармехостем,
Ҳайфи умри мо, ки ҳамчун соя зери по гузашт.
Хун шав, эй ҳасрат, ки аз мақсад раҳат дур аст, дур,
Охират дар пеш дорад, ҳар кӣ аз дунё гузашт.
Дар дили он бевафо афсуни таъсире нахонд,
Тири оҳам чун шарар ҳарчанд аз хоро гузашт.
Бар бинои даҳр аз сели қиёмат нагзарад,
Он чӣ аз рӯйи арақноки ту бар дилҳо гузашт.
Ҳастии мо номи парвозе ба дом оварда буд,
Бенишонӣ бол зад чандон, ки аз анқо гузашт.
Базми ҳастӣ қобили барҳам задан чизе надошт,
Он ки бигзашт аз алоиқ, пур ба истиғно гузашт.
Доғ ҳаргиз зердасти шӯълаи тасвир нест,
Баски вомондем, нақши пои мо аз мо гузашт.
Ҳайф бар Мансури мо таслими роҳе во накард,
Аз ғурури ваҳм бояд андаке боло гузашт.
Аз либоси тавба урёнист ташрифи наҷот,
Бедил, имшаб мавҷи май аз киштии саҳбо гузашт.

Дар печу тоби гесӯ то шонаро арӯсист.
Сайри саводи занҷир девонаро арӯсист.
Бе гиря нест мумкин таъмири ҳасрати дил.
То сел меҳиромад, вайронаро арӯсист.
Дарё гуҳарфурӯш аст аз оромидани мавҷ.
Гар орзу бимирад, фарзонаро арӯсист.
Айшу нишоти имкон мавқуфи ғафлати мост.
То мо сиёҳмастем, майхонаро арӯсист.
Файзе наметавон бурд, то дил ба ғам насозад.
Отиш зану тараб кун, к-ин хонаро арӯсист.
Дилро баҳори ишрат тарки хаёли ҷисм аст.
Гар сар барорад аз хок, ин донаро арӯсист.
Бозори ваҳм гарм аст аз ҷинси бешуурӣ.
Дар базми хобнокон афсонаро арӯсит.
Аз лутфи сарфирозон шоданд зердастон.
Дар хандаи суроҳӣ паймонаро арӯсист.
З-он нолае ки занҷир дар пои шавқ дорад.
Фарзонаро надомат, девонаро арӯсист.
Дар сина бе хаёлат рақси нафас муҳол аст.
То шамъ ҷилва дорад, парвонаро арӯсист.
Бедил, чаро насӯзам шамъи видони ҳастӣ?
З-он шӯхи ошнокуш бегонаро арӯсист.

Олами эҷод ишратхонаи ҷузву кул аст.
Дар баҳори ранг ҳар ҷо чашм во гардад, гул аст.
Гар таммул з-ин чаман рамзи хамӯшон во кашад.
Дар намакдони лаби ҳар ғунча шӯри булбул аст.
Метавон дар тухм дидан шоху барги нахлро.
Ҷузв чун комил шавад, оинаи ҳусни кул аст.
Дастранҷи ҳар кас аз паҳлӯи кӯшишҳои ӯст.
Решаи ток аз давидан чун арақ орад, мул аст.
Табъи мо танҳо асири дастгоҳи айш нест.
То бигирад дил, ғами беноҳунӣ ҳам чангул аст.
Дар паноҳи шӯъла роҳатпарварем аз файзи ишқ.
Доғи савдо бар сари мо сояи барги гул аст.
Шӯри мастиҳои мо хиҷлаткаши ифлос нест.
То шикастан шишаи мо ошёни қулқул аст.
Пир гаштӣ, бо ҳуҷуми гиря бояд сохтан.
Сели ин саҳро ҳама дар ҳалқаи чашми пул аст.
Баски гӯи шӯхӣ аз ҳам бурдааст аҷзои ҳусн.
Абрӯ аз дунболадорӣ пеш-пеши кокул аст.
Файзи ин гулшан чӣ имкон аст, Бедил, кам шавад?
Сояи гул чун парешон шуд, баҳори сунбул аст.

Сарви баҳори чилва қади дилситони кист?
Пайғоми фитна барқи нигоҳи ниҳони кист?
Нагзаштааст агар зи дилам лашкари ғамат,
Доғи ҷигар нишони пайи корвони кист?
Андешаҳо ба ҳасрати таҳқиқ об шуд.
Ё раб, сухан назокати мӯйи миёни кист?
Аз теша бурд саъйи нафас гӯйи ҷонканӣ.
Ин бесутунасар дили номеҳрубони кист?
Умре ба печу тоби сияҳрӯзиям гузашт,
Бахтам ғубори турраи анбарфишони кист?
Саргарми хушхиромии ноз аст новакат,
Ин мағзи фитна кӯчарави устухони кист?
Фарёди мо ба чашми сиёҳат намерасад,
Боби дукони сурмафурӯшон фиғони кист?
Бигзор, то ба аҷз биноламу хун шавем,
Ҷуръатфурӯши арзи муҳаббат забони кист?
Дар ҳар куҷо зи мушти хаси мо нишон диҳанд,
Оташ зану бисӯз, мапурсаш аз они кист?
Сандалфурӯши носияи иззатам чу субҳ,
Гарди ба бодрафтаам аз остони кист?
Бедил, агар на табъи ту машшотагӣ кунад,
Оинадори шоҳиди маънӣ баёни кист?

Баски дашт аз нақши пои Лайлии мо пургул аст.
Гирдбод аз шӯри Маҷнун ошёни булбул аст.
Ҳусни хомӯш аз забони ишқ дорад тарҷумон.
Сарви миноҷилваро ку-куи қумрӣ қулқул аст.
Баски мазмуни назокат сарфи сар то пои туст.
Гар кафи дастат хате дорад, раги барги гул аст.
Дар хароши захм арзи равнақи дил дидаем.
Чашмаи оинаро ҷавҳар ҳуҷуми сунбул аст.
Нест кулфат тан ба ташрифи қаноат додаро.
Ғунчаро сад пираҳан болидан аз як фарғул аст.
Одамиро бар либоси сӯфу атлас фахр нест.
Дида бошӣ, ин қумош аксар сутуронро ҷул аст.
Ҳамчу қумрӣ сарв ҳам аз банди ғам озод нест.
Ҳусну ишқ ин ҷо ба по занҷиру дар гардан ғул аст.
Бо қади хамгашта аз ҳастӣ тавон осон гузашт.
Киштият гар вожгун гардад дар ин дарё, пул аст.
Баъди мурдан ҳам наям бе дастгоҳи майкашӣ.
Ҳар кафи хоки ман аз нақши қадам ҷоми мул аст.
Бедил, аз хулқанд хубони чаман сайёди дил.
Шоҳиди гулро ҳамон ошуфтани бӯ кокул аст.

Зи дахр накди ту чуз печу тоб душвор аст.
Хаёл, гӯ: мижа барбанд,хоб душвор аст.
Магар ба кадри шикастан тавон ба худ болид.
Вагарна вусъати зарфи хубоб душвор аст.
Дили гудохта даъватсарои чилван ӯст.
Фурӯги мехр наяфтад дар об душвор аст.
Ҳама ба вахм фурӯ рафтаему обе нест.
Магар,ки ғӯта задан дар сароб душвор аст.
Зи ахли хол мачӯед ба гайри забти нафас.
Ки лофи донишу фазл аз китоб душвор аст.
Зи хайрат оинаи мо ба хам назад мижас.
Ба хонае, ки хароб аст, хоб душвор аст.
Касе бар оинаи мехр занги соя набаст.
Ба оламе, ки ту боший, никоб душвор аст.
Суроги чилваи ёр аст, хар кучо рангест.
Дар ин бахор гули интихоб душвор аст.
Зи дастгохи дил аст ин кадар гурури нафас.
Викору кадри хаво бе хубоб душвор аст.
Зи инфиол сириштанд накши мо, Бедил.
Тарӣ бурун равад аз табъи об? Душвор аст.

Худгудозӣ nами кайфияти сахбои ман аст,
Холӣ аз хеш шудан сурати миноӣ ман аст.
Ибратам, сайри сурогам хама чо натвон кард.
Чашми бар хок назардӯхта, чӯёи ман аст.
Сози гумгаштагиям ин хама тӯфон дорад,
Шӯри офок садои пари анкои ман аст.
Хамчу дог аз чигари сӯхтагон мечӯшам,
Шӯъла хар чо мижае гарм кунад, чои ман аст.
Натавон бо хама вахшат зи сари дард гузашт,
Фоли ашке, ки зинад обила дар пои ман аст.
Фурсати рафта ба пои амалам механдад,
Чашмаки барк хамон абрӯи имои ман аст.
Тухми ашке ба кафи пои касе хокам рехт,
Орзу муждадехи авчи сурайёи ман аст.
Агар ин аст сару барги намуди хастӣ,
Доги имрӯзи ман оинаи фардои ман аст.
Сачда махмилкаши сад кофила ачз аст ин чо,
Ашки беповусарам, дар сари ман пои ман аст.
Нестам чуръакаши дарди кудурат, Бедил,
Чун гухар софии дил бодаи миноӣ ман аст.

Зи гиря серии чами пуроб душвор аст.
Хаёли домани хушк аз саҳоб душвор аст
Ҷунуне аз дили афсурда гул накард, афсӯс,
Ба мавчи оби гуҳар печу тоб душвор аст.
Ба гайри согари чашмам, ки ашк бодаи ӯст,
Гирифтан аз гули ҳайрат гулоб душвор аст.
На лафз донаму не маънӣ, ин кадар донам,
Ки гар сухан зи ту бошад, чавоб душвор аст.
Фусуни акл нагардад харифи голиби ишк.
Катон барад гарав аз моҳтоб? Душвор аст.
Заволи ваҳми ҳазомат баҳори маънӣ нест,
Фасурдагӣ зи гули офтоб душвор аст.
Зи умр фуркати ором чашм натвон ёфт,
Зи барку бод видои шитоб душвор аст.
Пули гузаштани умр аст комати пирӣ,
Икомати ту ба пушти ҳубоб душвор аст.
Наметапад дили хунгашта дар губори ҳавас,
Суроги кахва ба чоми шароб душвор аст.
Хурӯши даҳр шунидӣ, видои роҳат гир,
Ба ин фасона сару барги об душвор аст.
Ба васли ҳайрату дар ҳачв шавк ҳоили мост,
Баҳуш бош, ки рафъи ҳиҷоб душвор аст.
Ҳаё зи каф надиҳад домани адаб, Бедил,
Гирифтани гуҳар аз мушти об душвор аст.

Дили гарми ман оташхонаи кист?
Нигоҳи ҳайратам парвонаи кист?
Хати ҷомест имшаб раҳзани хуш.
Хаёли наргиси мастонаи кист?
Ҳазор оина рӯзи хеш шаб кард.
Сафо маҳтоби фарши хонаи кист?
Амал дар мазраи мо раҳ надорад.
Фусуни реша доми донаи кист?
Агар тегат надорад майпарастӣ,
Лаби захмам хати паймонаи кист?
Зи ҷоки дил навоҳо метаровад.
Кӣ мефаҳмад, забони шонаи кист?
Наяррадам ба таъмири хаёле,
Ғуборам, ё раб, аз вайронаи кист?
Раги гул нолаи занҷир дорад.
Чаман ҷавлонгаҳи девонаи кист?
Сипанд охе кашиду чашм пӯшид.
Ба ин таклифи хоб афсонаи кист?
Шарорам ноз хоҳад кард хирман.
Бурун аз реша ҷустан донаи кист?
Ба завқи бехудӣ мурдем, Бедил.
Шикасти ранг суратхонаи кист?

Аҷзи биниш бо таъаллуқҳои имкон ошност.
Ашки мо то чашм нақшудан ба мижгон ошност.
Имтиҳонгоҳи ҳаводис базми иқлос асту бас.
Сарду гарми даҳр бо оғӯши урён ошност.
Гарди мо наншаст ҷуз дар домани зулфи бутон,
Ҳар куҷо биниӣ, парешон бо парешон ошност.
Ҳеч кас коми умед аз аҳли дунё барнадошт.
Толеи мо ҳам ба вазъи ин азизон ошност.
Ғайри ибрат ҳеч натвон хонд аз авзои даҳр,
Ё раб, ин тӯмори ҳайрат бо чӣ унвон ошност?
Дар чунин базме, ки созаш пардаи бегонагист,
Муфти улфатҳо, агар мижгон ба мижгон ошност.
Ашкам аз мижгон чакиду ранги изҳоре набаст,
Ин гуҳар дар хок ҳам бо қаъри Уммон ошност.
Сӯхтан хошокро ҳамранги оташ мекунад,
Ҳар қадар бегонаем аз хеш, ҷонон ошност.
Ҳар куҷо бехонумоне ҳаст, сайди зулфи ӯст,
Ин каманди ноз бо шоми ғарибон ошност.
Гарди хат дар даври ҳуснаш абри оламгир шуд,
Толеи мӯре, ки бо дасти Сулаймон ошност.
Дар раҳаш пои талаб – бегонаи домони сабр,
Дар ғамаш дасти надомат бо гиребон ошност.
Бе надомат нест асбоби нишоти ин чаман,
Гул ҳам аз шабнам кафи дасте ба дандон ошност.
Шамъ, гӯ, дар дидаам дӯкони равнақ мачин,
Ибрате дорам, ки бо чандин чароғон ошност.
Бедил, аз чашми таҳайюрмашрабам ғофил мабош,
Ҳар куҷо ҳуснест, бо оинадорон ошност.

Дил аз ғубори нафас захми хуфта дар намак аст.
Зи мавч пираҳани ин муҳит пурхасак аст.
Баҳори ранги ҷаҳон ҷилваи хазон дорад.
Бакам дар ин чамани ҳодисот испарак аст.
Зи аҳли савмаа иқроҳ нест мастонро.
Ки туршрӯии зоҳид ба базми май намак аст.
Зи арзи шубҳа тиҳӣ нест нуктаи таҳқиқ.
Ту он чӣ кардаӣ аз хеш интихоб, шак аст.
Ба олами башарӣ ғайри худнамоӣ нест.
Касе, ки бигзарад аз ваҳми ин сифат, малак аст.
Қади хамида кунад танпарастро ҳамвор.
Мадори ростравиҳон фил бар качак аст.
Фузудаем ба ваҳдат зи шӯхчашмиҳо.
Даме, ки маҳв шуд ин сифр, ҳар чӣ ҳаст як аст.
Назар ба гарди раҳи интизор дӯхтаем.
Ба чашми дом сиёҳии сайд мардумак аст.
Хате ба сафҳаи дил бе хароши шавқи ту нест,
Зи рӯи баҳр ба ҷуз мавҷ ҳар чӣ ҳаст, ҳак аст.
Маям ба соғари дил нуқли яъс мегардад,
Чу захм қатраи обе,ки мехӯрам, ғазак аст.
Дуӣ кучост? Зи найранги аҳволӣ бигзар,
Ки як нигоҳ миёни ду чашм муштарак аст.
Ба авҷи огаҳият нардбон намебояд,
Нигоҳ то мижа бардоштаст, бар фалак аст.
Агар зи сӯхтагонӣ, саводи фақр гузин,
Ки шом чеҳраи заррини шамъро маҳак аст.
Дигар мапурс зи сомони базми мо, Бедил,
Зи шӯри ашки худ ин ҷо кабобро намак аст.

Боз гардун дар абирафшонии зулфи шаб аст,
Сурмаи хатти кӣ имшаб нури чашми кавкаб аст?
Аз фиреби сурмасонҳои он чашми сиёҳ
Сурмандоро мили ангушти таҳайюр бар лаб аст.
Ташнагони водии уммедро тар кун лабе,
Эй, ки ҷӯши чашмаи Хизрат ба чоҳи ғабғаб аст.
Ёди зулфат гар набошад, дил тапишоворае нест,
Тоири моро парешонӣ зи парвози шаб аст.
Муддати бемории имкон, ки номаш зиндагист,
Як кафас таҳрики набзу як шарар гарди таб аст.
Ҷони берангист, ҳар кас бигзарад аз қайди ҷисм,
Нола чун аз лаб бурун ояд, ҳавоаш қолаб аст.
Заррае дар дашти имкон аз ҳавас озод нест,
Субҳу шом ин чо ғубори корвони матлаб аст.
Нест ташвиши ҳару борат ба ғайри узри ланг,
Гар тавонӣ рафтан аз худ, бехудӣ ҳам маркаб аст.
Дар биёбоне, ки мо роҳи талаб гум кардаем,
Кирми шабтобе агар дар ҷилва ояд, кавкаб аст.
Ҷуз шикасти байза таъмири пари парвоз нест,
Гар зи худдорӣ дилат вораст, минбар мазҳаб аст.
Бар лаби изҳори Бедил мӯҳри хомӯшист, лек
Синаи мо чун хуми май гармҷӯши ё раб аст.

Шӯълаҳо дар гармчӯшӣ доғи оҳи сарди мост,
Нағма ҳам ҳасратғубори нолаҳои дарди мост.
Хоки тамкиноҷёни ҳайрати он ҷилваем,
Лангари домони чандин дашти ваҳшат гарди мост.
Ҳоли дил сад гул зи чоки синаи мо равшан аст,
Сад саҳар бӯйи ҷигар дар раҳни оҳи сарди мост.
Баски дар дил мӯҳраи шавқи сувайдо чидаем,
Аз кавокиб чархи ҳам доғи бисоти нарди мост.
Узв-узви мо ҷароҳатзори ҳасратҳои ӯст,
Ҳар диле, к-аз ёди улфат хун шавад, ҳамдарди мост.
Офтобе дар саводи яъси ғурбат, гӯ мабош,
Хок бар сар рехтан субҳи дили шабгарди мост.
Мушти хошоке зи дашти ноксӣ гул кардаем,
Ҳасрати барқ обёри табъи ғампарварди мост.
Доми ҳастӣ нест занҷире, ки натвон пора кард,
Ин қадар афсурдагӣ аз ҳиммати номарди мост.
Сохи мижгон ҳамон бар дидаҳо зебанда аст,
Он ҷӣ натвон рехтан ҷуз бар сари мо, гарди мост.
Бо ғубори ваҳме аз ҳастӣ қаноат кардаем,
Хоки бодовардаи мо ганҷи бодоварди мост.
То куҷо хоҳӣ нёри дафтари Маҷнун гирифт?
Нӯҳ сипеҳри бесару по нусхаи як фарди мост.
Партави шамъ аст.Бедил, хилъати заррини шаб,
Базми савдо фарш агар дорад, зи ранги зарди мост.

Аз ин бисот касе доги орамидан рафт,
Ки бо вучуди нафас гофил аз тапидан рафт.
Дар ин чамани сари таслими офатем ҳама,
Гуле, ки барки казонаш назад, ба чидан рафт.
Зи бас гудози таманно гирех ба дил кардем,
Нафас чу ашк ба дарюзан чакидан рафт.
Кабоби гайрати он рахравам, ки ҳамчу самар
Ба пошикастагии ранг то расидан рафт.
Зи баски катъи тааллук зи хеш душвор аст,
Чу гоз муддати умрам ба лабгазидан рафт.
Наям чу ашк ба рохи ту доги навмедй,
Сари сучуд саломат, агар давидан рафт.
Мачӯ зи мардуми бемаърифат дами таслим,
Зи сарв аз рахи беҳосилй ҳамидан рафт.
Суроги чилва зи мо, бехудон, магиру мапурс,
Баҳори хайрати оина дар надидан рафт.
Фасонае зи рами фурсати нафас хондем,
Ба лаб накарда гузар, он сӯйи шунидан рафт.
Хаёли ҳастии мавҳум реша пайдо кард,
Ба фикри хоб матин, фасли орамидан рафт.
Ба чаҳд масниди иззат намешавад ҳосил,
Наметавон ба фалак, Бедил, аз давидан рафт.

Дар тамошое, ки бояд сад мижа боло шикаст,
Хоби гафлат чун нигаҳ моро ба чашми мо шикаст.
Шавқ бетобу қадам лабрези ҷӯшу обила,
То кучоҳо боядам мино ба зери по шикаст?
Хок гардидему аз завқи талаб фориғ наем,
Ном дар парвоз омад, то пари анқо шикаст.
Оламеро ҳасрати он лаъл дар оташ нишонд,
Мавҷи гавҳар хор дар пироҳани дарё шикаст.
Дар ҳами зулфат чӣ сон фарёди дил гардад баланд?
Ин шабистон сурмадонҳо дар гулӯи мо шикаст.
Саркашон, бигзор, то гарданд помоли ғурур,
Гардани ин қавм хоҳад бори истиғно шикаст.
То қадомин қатра гардад қобили точи-гуҳар,
Сад ҳубоб ин чо зи бемағзӣ сари худро шикаст.
Мавҷи хуни лола меояд саросар дар назар,
Ё дили девонае дар домани саҳро шикаст?
Бе такаллуф аз ғубори поси дилҳо нагзарӣ,
Ташнаи хун мешавад ҳар зарра, чун мино шикаст.
Бар фиребй нася нақди хуррамиҳо бохтем,
Соғари имрӯзи мо бадмастии фардо шикаст.
То латофат аз табоеъ рафт, шеър аз рутба монд,
Муштарӣ гардид сангу қимати коло шикаст.
Бедил, аз бас шавқи дил маҳмилкаши ҷавлони мост,
Хоби махмал мавҷ зад, хоре агар дар по шикаст.

Нотавонӣ гар чунин аъзои мо хоҳад шикаст,
Устухон дар якдигар чун бӯрё хоҳад шикаст.
Ҳосили дил ҷуз надомат нест аз таъмири ҷисм,
Бори ин киштӣ ғурури ноҳудо хоҳад шикаст.
Ҳар куҷо сабри заифон пои тоқат афшурад,
Шишаҳо бар якдигар чаҳди садо хоҳад шикаст.
Дар қафас фарёди хомӯшист моро чун ҳубоб,
Шӯри ин оҳанг ҳам дар гӯши мо хоҳад шикаст.
То нагардад олам аз тӯфони гул як ҷоми май,
Чун хазон сафрои ранги мо куҷо хоҳад шикаст.
Ботини ҳар ғунча базми шабнамистони ҳаёст,
Аз шикасти як дил ин ҷо шишаҳо хоҳад шикаст.
Сахт дар тимори ҷисм афтодаӣ, ҳушёр бош,
Оқибат аз саъйи таъмир ин бино хоҳад шикаст.
Шамъи ин маҳфил намебинад зи худ оҷизтаре,
Мӯи сар бишнос, агар хоре ба по хоҳад шикаст.
Гардиши сад сол дандонро ба сустӣ мекашад,
Донаи мо гарди чандин осиё хоҳад шикаст.
Ҳусни ваҳдатчилвааш офоқро оинаем,
Ҳар кӣ аз худ чашм пӯшад, ранги мо хоҳад шикаст.
Бениёзиҳо муҳити обрӯи дигар аст,
Лаб ба ҳоҷат во макун, ранги гано хоҳад шикаст.
Нест ғайр аз худсариҳо санги минои ҳубоб,
Ин сари бемағзро, Бедил, ҳаво хоҳад шикаст.

Дар тамошое, ки бояд сад мижа боло шикаст,
Хоби гафлат чун нигах моро ба чашми мо шикаст.
Шавк бетобу кадам лабрези чўшу обила,
То кучохо бояддам мино ба зери по шикаст?
Хок гардидему аз завки талаб фориг наем.
Ном дар парвоз омад, то пари анко шикаст.
Оламеро хасрати он лаъл дар оташ нишонд.
Мавчи гавхар хор дар пирохани дарё шикаст.
Дар хами зулфат чї сон фарёди дил гардад баланд?
Ин шабистон сурмадонхо дар гулўи мо шикаст.
Саркашон, бигзор, то гарданд помоли гурур.
Гардани ин кавм хохад бори истигно шикаст.
То кадомин катра гардад кобилиточи гухар.
Сад хубоб ин чо зи бемагзї сари худро шикаст.
Мавчи хуни лола меояд саросар дар назар.
Ё дили девонае дар домани сахро шикаст?
Бе такаллуф аз губори поси дилхо нагзарї.
Ташнаи хун мешавад хар зарра, чун мино шикаст.
Бар фиреби нася накди хуррамихо бохтем.
Согари имрўзи мо бадмастии фардо шикаст.
То латофат аз табоеъ рафт, шеър аз рутба монд.
Муштарї гардад сангу кимати коло шикаст.
Бедил, аз бас шавки дил махмилкаши чавлони мост.
Хоби махмал мавч зад, хоре агар дар по шикаст.

Нотавонӣ гар чунин аъзои мо хоҳад шикаст,
Устухон дар якдигар чун бӯрё хоҳад шикаст.
Ҳосили дил чуз надомат нест аз таъмири чисм,
Бори ин киштӣ гурури ноxудо хоҳад шикаст.
Ҳар кучо сабри заифон пои тоқат афшурад,
Шишаҳо бар якдигар чаҳди садо хоҳад шикаст.
Дар қафас фарёди хомӯшист моро чун ҳубоб,
Шӯри ин оҳанг ҳам дар гӯши мо хоҳад шикаст.
То нагардад олам аз тӯфони гул як ҷоми май,
Чун хазон сафрои ранги мо кучо хоҳад шикаст.
Ботини ҳар гунча базми шабнамистони ҳаёст,
Аз шикасти як дил ин ҷо шишаҳо хоҳад шикаст.
Сахт дар темори чисм афтодаӣ, ҳушёр бош,
Оқибат аз саъйи таъмир ин бино хоҳад шикаст.
Шамъи ин маҳфил намебинад зи худ очизтаре,
Мӯи сар бишнос, агар хоре ба по хоҳад шикаст.
Гардиши сад сол дандонро ба сустӣ мекашад,
Донаи мо гарди чандин осиё хоҳад шикаст.
Ҳусни ваҳдатчилваи офоқро оинаем,
Ҳар кӣ аз худ чашм пӯшад, ранги мо хоҳад шикаст.
Беинёзиҳо муҳити обрӯи дигар аст,
Лаб ба ҳоҷат во макун, ранги гано хоҳад шикаст.
Нест ғайр аз худсариҳо санги минои ҳубоб,
Ин сари бемағзро, Бедил, ҳаво хоҳад шикаст.

Зулфи хубон хам харифи табъи вахшатпеша нест.
Тухми шабнам аз раги гул дар тилисми реша нест.
Пириям рохи фано бар зиндагй хамвор кард.
Бесутуни умро чуз комати хам теша нест.
Дастгохи маънии нозук суханро зевар аст.
Чавхари ин тег чуз печу хами андеша нест.
Пой дар доман кашидан нашъаи чамъият аст.
Бодаи моро чу шабнам эхтиёчи шиша нест.
Сози хастй яккалам омодаи барки фаност.
Мушти хошоке, ки натвон сӯхтан, дар беша нест.
Об гардидем бар хар гул, ки чашме дӯхтем.
Шабнами моро ба гайр аз худгудозй пеша нест.
Дил зи максад гофилу он гох лофи чустучӯ.
Шарм дор аз маънии лафзе, ки дар андеша нест.
Пайкари хамгашта иншо мекунад мӯйи сафед.
Мавчи чӯи шир беимдоди оби теша нест.
Аз сари афтода побарчост бунёдам чу шамъ.
Нахли таслими маро гайр аз тавозӯъ реша нест.
Бедил.аз хешон намебояд ионат хостан.
Мумиёй чорафармои шикасти шиша нест.

Шӯълаи бебол у пар сиҷдагари ахгар аст.
Саъй чу пастӣ гирифт, обилаи по сар аст.
Бонки лофи ғурур нест, ҷуз асбоби ҷох.
Даъвии парвозҳо даркури болу пар аст.
Арзи хунар медиҳад дил зи ҳаму печи оқ,
Оинаи доғ агар дуд кашад, ҷавҳар аст.
Хории девони даҳр иззати мо беш кард,
Фард чу ботил шавад, сарвараки дафтар аст.
Чанд занад ҳимматам фоли биноӣ амал?
Риштаи навмедие зориму маҳкамтар аст.
Нола зи ҳар ҷо дамад, бе халиши дард нест.
Захма раги созро тезтар аз ништар аст.
Аҳли дил оташдаманд, бин, ки ба рӯи муҳит
Обилаҳои ҳубоб аз нафаси гавҳар аст.
Ёр дар оғӯши туст, ҳарза ба ҳар сӯ матоз.
Дидани бино талаб, ҷилва нигаҳпарвар аст.
Нест бисоти ҷаҳон қобили дилбастагӣ.
Решаи мо чун нафас дар чамани дигар аст.
Шева тағофул хуш аст, варна ба ин барки хуси
То ту назар кардаӣ, оина хокистар аст.
Ғайри фано нагсилад банди ғурури нафас.
Риштаи ин шамъро уқдакушо саркар аст.
Бедил, аз ошӯби даҳр сар накашидӣ ба ҷайб.
Завраки тӯфониат бехабар аз лангар аст.

Зихӣ хумхонаи олам, гулә аз хасрати ҷомат.
Забонҳо то нигин соғаркаши ҳамёзаи номат.
Кӣ медонад, ҳарифи соғари васлат кӣ хоҳад шуд?
Ки мо паймона пур кардем аз сарҷӯши пайғомат.
Ба тӯфонхонаи хуршед зулмат раҳ намеёбад.
Зи ҳастӣ то гусастан нест, натвон баст эҳромат.
Кунун, к-аз пардаи рангам ба чандин ҷилва урёнӣ,
Чӣ миқдор он қабои ноз танг омад бар андомат.
Ба чашми кам кӣ мебинад сияҳрӯзони улфатро?
Ба сад хуршед менозад саҳарпарвардаи шомат.
Нигаҳро хонаи чашм аст занҷири гирифторӣ,
Намебошад бурун парвози мо аз ҳалқаи домат.
Гулоб аз мавҷи талхӣ дар канори ноз меғалтад,
Суханро зеби дигар медиҳад андози дашномат.
Ба тӯфони баҳори навхатиҳо ғӯта зад охир
Ҷаҳон аз сояи сарви ту то пушти лаби бомат.
Ба фикри чораи савдои мо, ё раб, кӣ пардозад?
Ду олам як ҷунунзор аст аз шӯри ду бодомат.
На аз кайфият огоҳист ин вазъи ту, эй зоҳид,
Ҳамон таълими бемағзист фарёди лаби ҷомат.
Нафасро доми роҳат хилвати оина мебошад,
Нагардӣ ғофил аз дил, эй ки матлуб аст оромат.
Мизоҷи ҳаразтозат он қадар ваҳшист, эй ғофил,
Ки аз ваҳшат рамӣ гар худ, ҳамон ваҳшат кунад ромат.
Хазонӣ кард чархи пухтакор аҷзои рангатро,
Ҳанӯз уммеди сарсабзист дар андешаи хомат.
Чӣ мепечӣ зи рӯйи ҷаҳл бар тӯли амал, Бедил,
Ки мавҳум аст чун тори назар оғозу анҷомат.

Субҳи ин бодия ошӯби тапишҳои дил аст,
Шом гарде зи чунунтозии савдои дил аст.
Мичмар ин чо хама гӯш аст бар овози сипанд,
Осмон хонаи занбӯр зи ғавғои дил аст.
Гах тапиш, гоҳ фиғон, гоҳ чунун механдад,
Барктозе, ки дар оинаи ихфои дил аст.
Нест харфе, ки аз ин нукта наёяд берун,
Шӯри сози ду чахон исми муаммои дил аст.
На хамин ашк ба тӯфони тапиш мегалтад,
Дог хам завраки тӯфонии дарёи дил аст.
Шиша бе хуни чигар кай гузарад аз сари чом?
Чашми хайратзадаам обилаи пои дил аст.
Ҳусн бепардаву ман сар ба гиребони хаёл,
Ин ки манғы нигахам мекунад, имои дил аст.
Навбахоре ачаб аз вахми хазон бохтаам,
Ғами имрӯзи ман андешаи фардои дил аст.
Зарфу мазруфи хаёл оинаи якдигаранд,
Ҳар кучо аз ту тихӣ нест, хамон чои дил аст.
Нест чуз бехабарӣ рохилаи реги равон,
Рафтан аз даст ба завки талабат пои дил аст.
Кас ба тасхири нафас сарфаи тадбир надид,
Ба хавас дом мачин, вахшии сахрои дил аст.
Бедил эҳёи маонӣ ба хомӯшӣ кардам,
Нафаси сӯхта эъчози Масехои дил аст.

Ишрати мавҳуми ҳастӣ кулфати дунё бас аст.
Ранги ин гулзор хуни гардидани дилҳо бас аст.
Инқилоби даҳр дидӣ, гӯша мебояд гирифт,
Ибрати аҳволи гавҳар шӯриши дарё бас аст.
Нашъаи хобе, ки мо дорем, ҳар ҷо мерасад,
Фарши махмал гар набошад, бистари хоро бас аст.
Офати дигар намехоҳад тилисми эътибор,
Чун шарар барқи нигоҳе хирмани моро бас аст.
Ҳусн бепарвост, варна косиде даркор нест,
Номаи аҳволи Маҷнун турраи Лайло бас аст.
Огаҳӣ мустағнӣ аст аз фикри савдои шуҳуд,
Дидаи бино агар набвад, дили доно бас аст.
Мутрибе дар базми мастон гар набошад, гӯ, мабош,
Найнавози маҷлиси май гардани мино бас аст.
Мешавад заррин бисоти шаб зи нури рӯи шамъ,
Равнақи бахти сиёҳ парвози ранги мо бас аст.
Печиши оҳе далели ваҳшати дил мешавад,
Гирдбоди чин тирози домани саҳро бас аст.
Салтанат ваҳм аст, Бедил, хоксори аҷз бош,
Афсари мо чун раҳи хобида нақши по бас аст.

Дог агар халка занад, согари сахбои дил аст.
Нола гар бол кашад, гардани минои дил аст.
Нест бе шўри чунун мушти губоре з-ин дашт,
Шаш чихат арзи парешонии ачзои дил аст.
Дахр, ку, тангтар аз катраи хунам гирад,
Гирахи обила майдони тапишхои дил аст.
Мистари сафхаи оина хамои чавхари ўст,
Нафаси сўхта хам чодаи сахрои дил аст.
Ишрати хонаи торик зи равзан бошад,
Захми пайкони туам чашми тамошои дил аст.
Реша тухм аст ба хар чо зи дамидан во монд,
Нафас аз забти ману мо гухаророи дил аст.
Рохати шиша дар огўши шикаст аст ин чо,
Садафи гавхари мо захми тарабзои дил аст.
Бех, ки чуз бар вараки гул нанишинад шабнам,
Бештар дасти нигорини бутон чои дил аст.
Чун талаб сўхт нафас, гиря равон мегардад,
Ашк аксар кадами обилафарсои дил аст.
Дард мушкил, ки аз ин доира берун тозад,
Он чй дар пои шикаст омада, минои дил аст.
Бахр бар мавчи гухар хукмравой мекард,
Гуфт: маъзур, ки дар домани ман пои дил аст.
Бедил, аз гарди хавас дар кафаси вас мабош,
Занги оинаат афсуни таманнои дил аст.

Бандагӣ ҳангомаи ишратпарастиҳо бас аст.
Тавқи гардан ҳамчу қумрӣ хатти ҷоми мо бас аст.
Ғайри доғ оромиши дил нест Маҷнуни маро.
Ҷавҳари оинаи ин дашт нақши по бас аст.
Гар бисоти роҳати ҷовид бояд чиданат.
Як нафас миқдор дар оинаи дил ҷо бас аст.
Майпарастон фориғанд аз арзи асбоби камол.
Мавҷи саҳбо ҷавҳари оинаи мино бас аст.
Ҳарза з-ин тӯфон ба рӯи об натвон омадан.
Гавҳари моро канори офият дарё бас аст.
Арзи ҳастӣ гар ба ин хиҷлат кушояд боли ноз.
Гарди парвозат ҳамон дар байзаи анқо бас аст.
Дар бисоти даҳри камфурсат чӣ пардозат касе?
Баҳри хиҷлат гар набошад, ҳоҷат истиғно бас аст.
Доғи найрангем, тоби оташи дигар кирост?
Дӯзахи имрӯзи мо андешаи фардо бас аст.
Ҳоҷати санги ҳаводис нест дар озори мо.
Мӯи сар чун косаи чинӣ шикасти мо бас аст.
Як шарар барқи ҷунун кори ду олам мекунад.
Бодбони киштии ман домани саҳро бас аст.

Аракфишонии шабнам дар ин хадика гувох аст.
Ки хар тараф нигарад дида, инфиоли нигох аст.
Ҳисоби сояву хуршед хеч рост наёяд.
Матои мунтазирон зангу хуси оинахох аст.
Ғубори дашти адамро кадом феълу чӣ тоат?
Зи мо агар хама оханги саҷдааст, гунох аст.
Ба хар кучо асари чилваат никоб кушояд,
Ҳакикати ду чахон мочарои барку гиёх аст.
Зи холи мардуми чашмам тавон муоина кардан,
Ки дар мухити ғамат хонаи хубоб сиёх аст.
Суроғи офияте нест дар каламрави имкон,
Барои шӯълаи мо дар гудози хеш панох аст.
Тарики олами ачзе сипардаем, ки он чо
Сари ғурур чу накши кадам гили сари рох аст.
Зи факр шефтаи чох ғайри марг чӣ фахмад?
Ки шамъро сару барги нафас ба банди кулох аст.
Катон наем, валекин зи бори миннати ишрат
Бар обгинаи мо санг бех зи партави мох аст.
Тавон зи гардиши рангам ба дарди ишк расидан,
Дили гудохта обе ба зери ин пари кох аст.
Чу субх дар кафаси захм орзуи ту дорим
Табассуме, ки ғубори хазор кофила ох аст.
Ба махфиле, ки дикад сурмаат садои хамӯшӣ,
Хурӯши сози киёмат садои тори нигох аст.
Ба хонумони накашад орзуи улфати Бедил,
Мисоли вахшии моро хаёли оина чох аст.

Ҳастӣ ба ранги субҳ далели фано бас аст.
Баҳри видои мо нафас оғӯши мо бас аст.
З-ин баҳр чун ҳубоб камоли намуди мо
Оинадории дили бемуддао бас аст.
Мо марди турктозии он ҷилва нестем,
Баҳри шикасти лашкари мо як адо бас аст.
Маҳруми пойбӯси туро баҳри сӯхтан
Гар шуъла нест, ғайрати ранги ҳино бас аст.
Муҳтоҷ нест ҳусн ба оройиши дигар,
Гулро зи ғунча тукмаи банди қабо бас аст.
Аз дил ба ҳар хаёл қаноат намудаем,
Оина рӯй гар нанамояд, қафо бас аст.
Гавҳарсифат зи миннати дарюзаи муҳит
Дар косаи ҷабини ту оби ҳаё бас аст.
Вомондагӣ ба ҳар қадам ин ҷо баҳонаҷӯст,
Гар хор нест, обила ҳам зери по бас аст.
Гар дарҳури кифояти ҳар кас насибаест,
Оина, гӯ, ба ҳар кӣ расад дил, ба мо бас аст.
Худбиние, ки оинаи ҳеҷ кас мабод,
Дар халқ шоҳиди нигаҳи норасо бас аст.
Моро чу риштае, ки ба сӯзан ватан кунад,
Чандон ки бингарем, дар ин кӯча ҷо бас аст.
Бедил, маро ба бӯсу канор эҳтиёҷ нест,
Бо андалеб ҷилваи гул ошно бас аст.

Вожгунӣ баски бо ваҳмам қарин гардидааст,
Сарнавиштам низ чун нақши нигин гардидааст.
Умрҳо шуд чун нигоҳи дидаи оинаам,
Ҳайрати дидор ҳусни оҳанин гардидааст.
Доштам чун субҳ гирудори шӯри маҳшаре,
К-аз ғами камфурсатӣ оҳи ҳазин гардидааст.
Ҳеч вазъе ҳамчу оромидагӣ мақбул нест,
Шӯъла ҳам аз доғ гаштан дилнишин гардидааст.
Гар ба нармӣ хӯ кунад табъат, халоват сайди туст,
Ҳар куҷо мӯмест, доми ангубин гардидааст.
Ҳамчу мавҷ аз тӯҳмати доми таалуқ фориғем,
Домани моро шикасти ранг чин гардидааст.
Фарши ҳамворист, ҳар гаҳ моҳ мегардад ҳилол,
Дар камол аксар раги гардан ҷабин гардидааст.
Бе муҳобо аз сари афтодагон натвон гузашт,
Хок аз як нақши по сад ҷабҳа чин гардидааст.
Ҷилваи ҳастӣ ғанимат дон, ки фурсат беш нест,
Ҳусн ин ҷо як нигаҳ оинабин гардидааст.
Бедил, аз бедастгоҳӣ сарнагуни хиҷлатем,
Дасти мо аз бас тиҳӣ шуд, остин гардидааст.

Нест эмин аз бало, ҳар кас ба фикри ҷустуҷӯст.
Рӯзу шаб гирдобро аз мавҷ ханҷар бар гулӯст.
Дар тамошое, ки моро бори ҷуръат додаанд,
Орзу дар сина хор асту нигаҳ дар дида мӯст.
Ҷодаи каҷ раҳравонро сархати ҷонкоҳӣ аст.
Боиси ошӯби дилҳо печу тоби орзуст.
Он чӣ натвон дод, ҷуз дар дасти маҳбубон, дил аст,
В-он чӣ натвон рехт, ҷуз дар пои хубон, оби рӯст.
Бар фиреби арзи ҷавҳар гирди пиргоре магард.
Оина бе хуси натвон ёфтан то содарӯст.
Ҳусни берангест дар ҳар ҷо ба ранге ҷилвагар.
Дар дили санг он чӣ мебинӣ шарар, дар ғунча бӯст.
Ғайри ҳайрат обёри мазраи ушшоқ нест.
Чун раги ёқут ин ҷо реша дар хуни нумӯст.
Бе фано натвон ба кунҳи маънии ашё расид.
Оина гар хок гардад, бо ду олам рӯ ба рӯст.
Дар ибодатгоҳи мо, к-он ҷо ҳавасро бор нест,
Нақши худ аз лавҳи ҳастӣ гар тавон шустан, накӯст.
Хору хасро эътиборе нест ғайр аз сӯхтан,
Обрӯи мазраи мо барқи истиғнои ӯст.
Ғафлати мо пардадори айби биноӣ хуш аст.
Чоки домони нигаҳро бастани мижгон руфӯст.
Чун забони хома Бедил дар кафи устоди ишқ
Бо камоли нуктасанҷӣ бехабар аз гуфтугӯст.

Аз миёнаш мӯ ба мӯйи нотавонон ҷустуҷӯст,
Аз даҳонаш то даҳони зарра маҳви гуфтугӯст.
Дар дилаш майли ҷафо нақшест бар лавҳи нигин,
Дар лабаш ҳарфи вафо беруни табъи ғунча бӯст.
Хоҳ доғи ҳайрати худ, хоҳ маҳви ранги ғайр,
Дидаи мо ҳар чӣ ҳаст, оинаи дидори ӯст.
Дар хароботи ҳақиқат ҳеҷкор афтодаем,
Пои мо пои хум асту дасти мо дасти сабӯст.
Баски нақши имтиёз аз сафҳаи мо шустаанд,
Сода чун зонуст, гар оина бо мо рӯ ба рӯст.
Зикри теғат дар миён омад, дили мо доғ шуд,
Ташнагонро ёди об оташфурӯзи орзуст.
Шӯхии ҷавҳар гиребон медарад оинаро,
Хор дар пероҳани ҳар гул, ки бинӣ, бӯи ӯст.
Бо қаноат соз, агар ҳасратпарасти роҳатӣ,
Болиши ороми гавҳар қатраворе обрӯст.
Ашк агар афсурд, ранги нолаи мо нашканад,
Сарви гулзори хаёлат бе ниёзи оби ҷӯст.
Шӯълаи доғе ба коми дил даме равшан нашуд,
Лолаи боғи ҷунуни мо чароғи чорсӯст.
Умрҳо дар ёди он гесӯ ба худ печидаем,
Гар ҳама аз пайкари мо соя болад, мушкбӯст.
Шиквай хубон макун, Бедил, ки дар иқлими ҳусн
Расму оини ҷафо хосияти рӯйи накӯст.

Дар тапишободи даҳр ҳайрати дил лангар аст.
Маркази даври муҳит оби рухи гавҳар аст.
Чарх зи саргаштагӣ гарди саҳар соз кард.
Судани сандал ҳамон шоҳиди дарди сар аст.
Лофи ҳунар беҳуда-ст, то нанамоӣ амал.
Тег нагардад чинор, гар ҳама тан ҷавҳар аст.
Нест ғубори асар маҳрами ҷавлони мо,
К-аз араки шарми аҷз роҳи фузулӣ тар аст.
Риштаи сози умед дар гиреҳи аҷз сӯхт,
Шавқ чӣ шӯхӣ кунад, нола нафаспарвар аст?
Раҳрави таслимро роҳила афтодагӣ,
Қофилаи аҷзро хок шудан раҳбар аст.
То ба қабулӣ расӣ, домани исор гир.
Шомаи офоқро ситти карам анбар аст.
Баҳси адӯро мадеҳ ҷуз ба тағофул ҷавоб.
З-он ки ҳадиси дурушт дархури гӯши кар аст.
Доми тапишхои дил ҳасрати сайри фаност.
Шӯълаи бетоби мо бисмили хокистар аст.
Рӯй, ки дорад арақ, дида сиришкошност.
Зулф, ки дар тоб рафт, нусхаи дил абтар аст.
Чоки гиребони мо сина ба саҳро кушуд.
Тангии хулқи ҷунун ин ҳама вусъатгар аст.
Бедил, аз ин анҷумани сархуши дурдему бас.
Базм чу бошад шароб, обилааш соғар аст.

Баски мастонро ба қадри майкашиҳо обрӯст.
Мезанад паҳлӯ ба гардун, ҳар кӣ бар дӯшаш сабӯст.
Ҳар диле, к-аз ғам нагардад об, пайкон асту бас.
Ҳар саре к-аз шӯри савдо нашъа напзирад, кадуст.
Барнамеояд ба ҷуз ҳеҷ аз муаммои ҳубоб.
Лафзи мо гар вокушой, маънии ҳарфи магӯст.
Дар дили ҳар зарра чун хуршед тӯфон кардаем.
Ҳар куҷо оинае ёбанд, бо мо рӯ ба рӯст.
Моҷарои арзи мо нашнида мебояд шунид.
Гуфтугӯи нотавонон нотавонигуфтугӯст.
Ҷайби ҳастӣ чун саҳар ғоратгари чок асту бас.
Риштаи омоли мо беҳуда дар банди руфӯст.
Баски дар роҳат арақрези хиҷолат мурдаем.
Гар зи хоки мо таяммум об бардорад, вузӯст.
Чун нигин аз маънии таҳқиқи худ огаҳ наям.
Ин қадар донам, ки нақши ҷабҳаи ман номи ӯст.
Барқ ҷӯшидаст, ҳар ҷо гирве сар кардаем.
Бо камоли хокбозӣ тифли ашкам шӯълахӯст.
То ба худ ҷунбад нафас, сад ранг ҳасрат мекашам.
Дар кафи андеша ҷисми нотавонам килки мӯст.
Чун гуҳар иззатфурӯши сахтҷониҳо наям.
Ҳамчу дарё дарҳури арзи гудозам обрӯст.
Фикри нозук гашт, Бедил, монеи осоишам.
Дар бисоти дида ҳар ҷо дурбоши хоб мӯст.

Фурқати назора то мижгон кушудан даргузашт.
Теғи барқе буд ҳастӣ, омаду аз сар гузашт.
Бар бинои мо фузули хишти тамкин начид.
Орзу чун фарбеҳӣ зин пахлуи лоғар гузашт.
Имтиҳон ҳар чо нёри кадри раъноӣ гирифт.
Сарнигунӣ сад сару гардан зи мо бартар гузашт.
Ёфтам оҷир зи мақсадкӯшини тавфиқи аҷз
Лағзиши пос, ки парвозаш ба зери пар гузашт.
Об оби гавҳар, оташ оташ[illegible]скут шуд.
Ҳар чӣ омад бар сари мо[illegible]гузаштан даргузашт.
Қадри баҳри раҳмат аз[illegible]ҳимматӣ нашнохтем,
Аз ғурури хушкии[illegible]мон чабинҳо тар гузашт.
Ибрате мехост махмури зулоли зиндагӣ,
Об шуд оинаву аз чашми Искандар гузашт.
Машқи асрори дабистони адаб пур нозук аст,
Номи лағзиш то навиштӣ, хома аз мистар гузашт.
Мечакад хуни ду олам аз нигоҳи вопасин,
Бехабар, аз худ магӯ, мебояд аз дилбар гузашт.
Сахт беранг аст шавқ, аз сози вахшатҳо мапурс,
Умри парвозам ба ҷустуҷӯи болу пар гузашт.
Меравам бе дасту по чун шамъ, дар ҳар узв ман
Обила гул мекунад, то арз дорад саргузашт.
Бо дили ҷамъам кунун маъюс бояд зистан,
Сайри дарё даври мавҷе дошт, аз гавҳар гузашт.
Заъфи бемори муҳаббат то куҷо дорад асар?
Нола ҳам имшаб ба пахлӯи ман аз бистар гузашт.
Бедил, аз ҷамъияти дил бениёзи оламам,
Гавҳар аз як қатра пул бастан зи дарё даргузашт.

Бо камоли бениқобӣ пардадорам шеван аст,
Ҳамчу дард аз дил буруи чўшиданам, пироҳан аст.
Сачдарезӣ донаро ороиши нашвунумост,
Дар тарики саркашиҳо хок гаштан ҳам фанаст.
Офият гум кардаӣ, то чанд хоҳӣ тохтан?
Ҳўш агар дорӣ, димоғи чустучўят раҳзан аст.
Раҳнаварди ачзро саъйи қадам даркор нест,
Шамъро сайри гиребон низ аз худ рафтан аст.
Лолазори дил саросар мавчи ибрат мезанад,
Ҳар гули доғе, ки мебинӣ, шикофи гулхан аст.
Эътиборе нест, гардаш аз назарҳо нагзарад,
Дар тамошогоҳи ибрат чашми мо парвезан аст.
Ваҳшате мебовад, асбоби чунун омода аст,
Сад гиребончокият мавқуфи чини доман аст.
Чашм бар ҳам нех, агар осуда хоҳӣ зистан,
Дар ҳалокатгоҳи имкон рафти мижгон чавшан аст.
Хўшапардозӣ намеарзад ба ташвиши дарав,
Зиндагӣ назри азизон, гар димоғи мурдан аст.
Бедил, аз бас дар шиканчи очизӣ фарсудаем,
Нолаву доғи дили хунгашта шавки гардан аст.

Ба маҳфиле, ки дил оинаи ризоталабист,
Нафасдарозии изҳор пойи беадабист.
Майе зи хум накашидем,узри ҳавсала чанд?
Тунукшаробии мо ҷурми шишаи ҳалабист.
Касе, ки бахти сияҳ соя бар сараш афканд,
Агар ба субҳ занад гӯта, оҳи нимишабист.
Ба оламе, ки нигоҳи ту нашъатӯфон аст,
Зи хеш рафтани мо мавҷи бодаи инабист.
Хаёли маҳмили тӯҳмат ба дӯши сурма мабанд,
Рами ғазоли ту ваҳшатғубори бесабабист.
Дилат муқобилу он гоҳ арзи яктойӣ,
Субути ваҳдат оинаҳои ҳулачабист.
Уруҷи ваҳм аз ин бештар чӣ мебошад,
Ки мурдаему нафас ғарраи саҳарлакабист?
Най ҳарифи маҳаллат, дил аз ҳавас пардоз,
Ки обрӯ араки шарми орзуталабист.
Далели ҷӯши ҳавасхост улфати дунё,
Аҷуз агар хушат ояд, зи иллати азабист.
Ба дарси дил аҷамидонишам, чӣ чора кунам?
Ки муддао зи нафас то баён шавад, арабист.
Зи дурбоши ғурури тағофулаш, Бедил,
Ману диле, ки умедаш хурӯши зерилабист.

Дилам чу ғунча дар оғӯши офият танг аст,
Зи хоби ноз сарам чун гуҳар таҳи санг аст.
Наметавон тарафи хубу зишти олам буд,
Хушо табиати оинае, ки дар занг аст.
Ба ҳастӣ аз асари нестӣ машав ғофил,
Баҳори ҳодиса яксар шикастани ранг аст.
Агар ту пой ба домон кашидаӣ, хуш бош,
Ки ғунчаро нафаси орамида дар чанг аст.
Ба ин дурӯза намуде, ки дар ҷаҳон дорем,
Нишони мо араќи шарму номи мо нанг аст.
Зи ғунчахуспии авроқи гул тавон донист,
Ки ҷои хоби фароғат дар ин чаман танг аст.
Баҳор кард хатат муфти ҷилвашӯхии ноз,
Тароватӣ раги гул доми ишрати ранг аст.
Ба водие, ки таҳайюр далели мақсади мост,
Зи ашк то ба чакидан ҳазор фарсанг аст.
Назокати хати шӯхи ту дар назар дорем,
Ба чашми мо раги гул як қалам раги санг аст.
Чу гуфтугӯ ба миён омад, оштӣ бархост,
Миёни кому забон низ дар сухан ҷанг аст.
Ғубори улфати асбоб доми ғафлати мост,
Тасаввури мижа бар софии нигаҳ занг аст.
Зи ҳарфи зӯҳд ба майхона дам мазан, Бедил,
Ки тори субҳа дар ин базм хориҷоҳанг аст.

Адаб на касби ибодат на саъйи ҳақталабист,
Ба ғайри хок шудан ҳар чӣ ҳаст, беадабист.
Зи беқарории набзи нафас тавон донист,
Ки умр оҳуи ваҳшаткаманди бесабабист.
Хумори ҷоми тасаллӣ шикастан осон нест,
Зи нола то ба ҳамӯшӣ ҳазор ташналабист.
Тағофул оинадори табассум аст имрӯз,
Ба арзи ҷин натавон гуфт: абруваш ғазабист.
Ба фаҳми матлаби мавҳуми мо кӣ пардозад?
Забони аҷзфурӯшони муддао арабист.
Дили гудохта барги нишоти имкон аст,
Кабобҳо ҷигарӣ кун, шароби мо инабист.
Асири шонаву ҳайрони сурмаӣ, зоҳид,
Куҷост исмату ку иффат? Ин ҳама ҷалабист.
Ҳанӯз мӯи сафедаш ба шир мешӯянд,
Фиреби ҷуббаву дастори шайх чанд сабист?
Зи пушту рӯи варақ ҳар чӣ ҳаст, бояд хонд,
Кадом айшу чӣ кулфат? Замона рӯзу шабист.
Чу субҳ беҳ, ки ба сад ранг шабнам об шавем,
Кафи ғубору ғурури нафас ҳаёталабист.
Чу мавҷ агар ҳама таслим гул кунӣ, Бедил,
Ҳанӯз гардани тамҳиди даъвият асабист.

Зери гардун табъи озодинавое барнахост.
Баски пастӣ дошт ин гунбад, садое барнахост.
Ҳар кӣ дидем, аз таалluқ дар тилисми санг буд.
Як шарар озодан аз худ ҷудое барнахост.
Умр рафту оҳи дарде аз дили мо сар назад.
Корвон бигзашту овози даройе барнахост.
Ин ки менолем, арзи шикваи бедардист.
Варна аз мо нолаи дардошное барнахост.
Киштии худ бо Худо биспор, к-аз тӯфони яъс
Оламе шуд ғарқу дасти нохудое барнахост.
Дар ҳуҷумободи зулмат соя пур беобрӯст.
Муфти худ фаҳмед, агар ин ҷо ҳумое барнахост.
Муфлисонро мояи шӯҳрат ҳамон дасти тиҳист.
То ба қайди барг буд, аз най садое барнахост.
Хуш нигунбахтам, ки дар меҳроби тоқи абруяш
Дидаамро як мижа дасти дуое барнахост.
Даҳр агар ғафлатривоҷи ҷаҳл бошад, бок нест.
Ҷилваҳо беранг буд, оинарое барнахост.
Хотири мо шиквае аз ҷаври гардун сар накард.
Борҳо бишкасту з-ин мино садое барнахост.
Гар замин бархезад аз ҷо, нақши по афтодааст.
З-ин тилисми аҷз чун ман бесое барнахост.
Дар ҳавои мақдамаш, Бедил, ба хоки интизор
Нақши по гаштем, лек овози пое барнахост.

Ҳар кучо гул кард доғе, бар дили вайрона сӯхт.
Ин чароғи бекасӣ то сӯхт, дар вайрона сӯхт.
Олам аз хокистари мо мавҷи соғар мезанад.
Чашми махмури кӣ моро ин қадар мастона сӯхт?
Ҳуси як мижгон нигаҳро рухсати шӯхӣ надод.
Шамъи ин маҳфил тапишҳо дар пари парвона сӯхт.
Муждаи васли ту шуд ғоратгари осоишам.
Хоб дар чашмам ҳамон ширинии афсона сӯхт.
Ваъзи дунё ҳеҷ бар девона таъсире накард.
Бештар ин барқи ибрат хирмани фарзона сӯхт.
Доғи дил шуд раҳнамои кӯҳу ҳомун лоларо.
Сар ба саҳро мезанад, ҳар кас матои хона сӯхт.
Барқи номуси муҳаббатро чу доғ оинаам.
Ман ба хокистар нишастам, гар дили бегона сӯхт.
Мастии чашми туро нозам, ки барқи ҳайраташ
Мавҷи майро чун нигаҳ дар дидаи паймона сӯхт.
Баски хубонро зи рашки ҷилваат доғ аст дил.
Метавон аз оташи санги санам бутхона сӯхт.
Дур чашми бад, зиёнкори замини улфатам,
Мазраъ дорам, ки бояд чун сипандам дона сӯхт.
Орзуҳо дар нафас хун кард истиғнои дил,
Нола дар занҷир аз тамкини ин девона сӯхт.
Бисмили он тоирам, Бедил, ки дар гулзори шавқ
Чун шарор аз гармии парвози бетобона сӯхт.

Бе шикаст аз пардаи созам навое барнахост.
Ноумедӣ доштам, дасти дуое барнахост.
Сахт беранг аст нақши ваҳшати анқоиям,
Ҷустуҷӯҳо хок шуд, гарде зи ҷое барнахост.
Ашки Маҷнунам, ки то язсам раҳи домон гирифт,
Ҷуз ҳамон ҷоки гиребон раҳнамое барнахост.
Ҳар кӣ аз худ меравад, маҳмилбадӯши ҳасрат аст,
Гарди мо, вомондагон, ҳам бе ҳавое барнахост.
Ҷуз нафас дар мотами дил ҳеҷ кас дасте насуд,
Бар чароғи кушта ғайр аз дуди оҳе барнахост.
Қатъи авқоми таалluқ он қадар мушкил набуд,
Оҳ, аз дил нолаи тегозмое барнахост.
Аҷзу тоқат ҷавҳари кайфияти якдигаранд,
Бар карам зулм аст, агар дасти гадое барнахост.
Дигар аз ёрони ин маҳфил чӣ бояд дошт чашм?
Сад ҷафо бурдему з-инҳо марҳабое барнахост.
Сози мо, очизнавоён, дасти бар ҳам суда буд,
Умр дар шуғли таассуф рафту вое барнахост.
Хок шуд уммед пеш аз нақш бастанҳои мо,
Шӯъла то наншаст, доғ аз ҳеҷ ҷое барнахост.
Ҷилва даркор аст, аммо ҷуръати наззора ку?
Аз бисоти аҷзи мо мижгонасое барнахост.
Дар замини орзу, Бедил, амалҳо коштем,
Лек, ғайр аз ҳасрати нашвунамое барнахост.

Ёди васле кардам, оғӯши мани девона сӯхт.
Лоласон аз гармии ин май дили паймона сӯхт.
Нолаҳо рафт аз дилу эҳроми озодӣ набаст.
Партави худро дар аввал шамъи ин кошона сӯхт.
Вақти ринде хуш, ки дар мотамсарои эътибор
Хирмани ҳастӣ чу барқ аз хандаи мастона сӯхт.
Дур дор аз зулфаш, эй машшотаи густох, даст,
Оташи ин дуд наздик аст, хоҳад шона сӯхт.
Ишқ ҳар ҷо дар хаёли маҷлисорой нишаст,
Ҳар ду олам дар чароғи кулбаи девона сӯхт.
Мо на танҳо дар шиканҷи ҷисм гардидем хок,
Эй басо ганҷе, ки нақди хеш дар вайрона сӯхт.
Изтироби ҳоли дил моро ба ҳайрат доғ кард,
Оташи ин хона рахти мо буруни хона сӯхт.
Дуд ҳам дасте ба домони шарори мо назад,
Охир аз берешагӣ дар мазраи мо дона сӯхт.
То саводи сатре аз рамзи вафо равшан шавад,
Сад нафас бояд ба таҳқиқи пари парвона сӯхт.
Оламе, Бедил, ба ҳарфи якдигар ором бохт,
Ғафлати мо ҳам димоғи хоб дар афсона сӯхт.

Моро ба роҳи ишқу талаб раҳнамо бас аст.
Ҷое, ки нест қибланамо, нақши по бас аст.
Ҷинси нигаҳ зи ҳар кӣ бувад ҷилвасуди мо.
Сармояи баҳри оина касби сафо бас аст.
Наншаст агар ба паҳлӯи мо тири ӯ зи ноз,
Нақше ба ҳасраташ зи найи бӯре бас аст.
Саргаштае, ки домани ҳиммат кашад зи даҳр,
Бар дӯши умр чун фалакаш як ридо бас аст.
Гӯ: сурма ибратоинаи дидаҳо мабош.
Моро хаёли хок шудан тӯтиё бас аст.
Як дам задан ба хок нишонад сипандро,
Ҳарчанд нола ҳеҷ надорад, маро бас аст.
Гар муддао зи ҷодаи авҳом ҷустан аст,
Як ашк лағзиши ту фано то бақо бас аст.
Миннаткаши насим нашуд ғунчаи ҳубоб,
Моро ҳамон шикастадилӣ дилкушо бас аст.
Охир саре ба манзили мақсуд мекашем,
Афтодагӣ чу ҷода дар ин раҳ асо бас аст.
Ё раб, макун ба бори дигар имтиҳони мо,
Бардоштем пеши ту дасти дуо, бас аст.
Арзи шикасти дил ба забон эҳтиёҷ нест,
Ранги шикаста оинаи ҳоли мо бас аст.
Бедил, димоғи дарди сари ину он кирост?
Бо хештан агар шудаем ошно, бас аст.

Боз аз нав гашт лаъли нахвати дилдор сурх.
Ғунчааш омад бурун аз пардаи зангор сурх.
Аз фиреби наргиси махмури ӯ ғофил мабош,
Бе балое нест ранги чеҳраи бемор сурх.
Он баҳори ноз дорад майли ҳасраткадаам,
Метавон кардан чу барги гул дару девор сурх.
З-ин гулистон дар камини лолазори дигарам,
Оламе маҳви гулу ман доғи он дастор сурх.
Бе гудози дард натвон дод арзи нашъае,
Бода ҳам мегардад аз хун хӯрдани бисёр сурх.
Қатли арбоби ҳавас бар аҳли дил макрӯҳ нест,
Гар ба хуни гов созад барҳаман зуннор сурх.
Саъйи золим дар газанди халқ дорад арзи ноз,
Неши пое то нагардад, нест рӯи хор сурх.
Рангҳо дорад фалак, мағрури ороиш мабош,
Ҷомаат з-ин хум намеояд бурун ҳар бор сурх.
Аз гудози ваҳми ҳастӣ ишқ соғар мезанад,
Оташ аз хошок хӯрдан мекунад рухсор сурх.
Ашк хун шуд, к-аз ҷигар ранге ба домон оварем,
Лек ку ашке, ки бошад як чакиданвор сурх.
Хуни ҳасраткуштагон дар пардаи ранги ҳиност,
Домани қотил бувад дасте, ки созад ёр сурх.
Пайкарам аз нотавонӣ як раги гул хун надошт,
То дами теғи ту мекардам ба он миқдор сурх.
Хома гар сатре зи рамзи улфаташ иншо кунад,
Гардад аз ғайрат ба ранги шӯълаам тӯмор сурх.
Ошиқонро мавҷи хун мебояд аз сар бигзарад,
Ҳамчу гул аз ранги бедардӣ макун дастор сурх.
Инчунин гар нола хуналуд хоҳад кард дил,
Андалеби мо чу тӯтӣ мекунад минқор сурх.
Ранги ваҳме ҳам агар ҷӯшад зи ҳастӣ, муфти мост,
К-ин либоси тира натвон сохтан бисёр сурх.
Офият ранге надорад дар баҳори эътибор,
Бедил, аз дард аст чашми аҳли ин гулзор сурх.

Оинаи дил доғчило монду нафас сӯхт.
Фарёд, ки равшан нашуд ин оташу хас сӯхт.
Во дошт зи озодиям улфаткадаи ҷисм.
Парвози ман аз гармии оғӯши қафас сӯхт.
Оҳанги раҳил аз ду ҷаҳон дуд баровард.
Ин қофиларо шӯълаи овози ҷарас сӯхт.
Сармоя дар андешаи асбоб талаф шуд.
Оҳ аз нафасе чанд, ки дар шуғли ҳавас сӯхт.
Аз пастии ҳиммат нарасидем ба анқо.
Парвози баландӣ ба таҳи боли магас сӯхт.
Гар хоби адам бар ду ҷаҳон шом ғуморад.
Дил нест чароғе, ки тавон бар сари кас сӯхт.
По обила кардем, дигар барги талаб ку?
Бедил, арақи саъй дар ин парда нафас сӯхт.

Баҳри розам, печу тоби фикр гирдоби ман аст,
Шӯхии табъи расо амвоҷи бетоби ман аст.
Софи маънӣ кард мустағнӣ зи дурди суратам,
Чун бати май ботини ман олами оби ман аст.
Шӯри шавқам пардаи оҳанги сози беҳудист,
Нолаи ман чун сипанд афсонаи хоби ман аст.
Дар сафои ҳайратам маҳв аст нақши коинот,
Ин катон гумгаштаи оғӯши маҳтоби ман аст.
То камони ваҳшатам дар қабзаи ворастагист,
Дургардиҳо зи мардум тири партоби ман аст.
Ҷабҳаам фарши суҷуди аҳли таслим асту бас,
Қомате дар ҳар кучо ҳам гашт, меҳроби ман аст.
Гӯшаи амне зи чашми баста дорам чун ҳубоб,
Гар назар во мекунам бар хеш, селоби ман аст.
Гашт изҳори ҳунар беобрӯиҳои ман,
Ҷавҳарам чун оина реги таҳи оби ман аст.
Ғафлатам, Бедил, нёри имтиҳони ҳуш хост,
Ҳамчу махмал доми хоби дигарон хоби ман аст.

Базми гардун субҳхез аз гарди бетоби ман аст.
Нури ин оинаи мино зи симоби ман аст.
Як ҷаҳон забти нафас дорад ба худ печиданам,
Риштаи мавҳуми ҳастӣ ташнаи тоби ман аст.
То тағофул дорам, аз вазъи ҷаҳон осудаам,
Чашм пӯшидан бисоторои хоби ман аст.
Дарҳури вобастагӣ маснадтарози иззатам,
Боли парвозам чу қумрӣ, фарш санҷоби ман аст.
Мӯ ба мӯям чашмаи барқи таҷаллиҳон ӯст,
Тур агар оташ фурӯзад, кирми шабтоби ман аст.
Аз мизоҷи гавҳарам шӯхӣ намеболад ба хеш,
Мавҷ умре шуд, ба тӯфонбурдаи оби ман аст.
Ҷӯши дарде ку, ки оҳанги асар пайдо кунам,
Риштаи қонуни оҳам, яъс мизроби ман аст.
Маҳви шавқам, аз ғами асбоби роҳат фориғам,
Софии оинаи ҳайрат шакархоби ман аст.
Мебарад ҷазби хиромат чун ғубор аз ҷо маро,
Ҷилвае аз чини домони ту қуллоби ман аст.
Умрҳо шуд з-ин шабистон интихобе мезанам,
Ҳар куҷо ҳайроние гул кард, маҳтоби ман аст.
Ҳар куҷо пар мезанад наззора, ҳайрат хуфтааст,
Олами оинаам ҳамворӣ асбоби ман аст.
Аз қумоши хомӯшӣ, Бедил, дукони чидаам,
Ҳар чӣ ғайр аз худфурӯшиҳо бувад, боби ман аст.

Зи ғусса чора надорад диле, ки огоҳ аст,
Фурӯғи гавҳари биниш чу шамъ ҷонкоҳ аст.
Куҷо барем зи роҳат шикастаболии аҷз?
Зи хеш низ агар рафтаем, афҳом аст.
Саботи ранг накардам захираи авҳом,
Чу ғунча дар гиреҳам гарди ваҳшати оҳ аст.
Қасам ба тоқи баланди камони бедодат,
Ки чун нафас ба дилам новаки туро роҳ аст.
Ба ҳастии ту умедест нестиҳоро,
Ки гуфтаанд, агар ҳеҷ нест, Аллоҳ аст.
Зи ранги зард ба сомони сӯхтан аламем,
Чароғи шӯълаи моро фатилаи коҳ аст.
Чӣ гуна умр иқомат кунад ба роҳи нафас,
Гиреҳ намехӯрад ин ришта, баски кӯтоҳ аст.
Фиреби соғари ҳастӣ махӯр, ки чун гирдоб
Ба ҷайби хеш агар сар фурӯ барӣ, чоҳ аст.
Ба ғайри забти нафас сози истиқомат ку?
Маро ки шамъсифат мағзи устухон оҳ аст.
Ба оламе, ки ту бошӣ, куҷост ҳастии мо?
Катон ғубори хаёли қаламрави моҳ аст.
Ба ноумедии мо раҳме, эй далели умед,
Ки ҳеҷ ҷо нарасидему рӯз бегоҳ аст.
Чӣ сон ба дӯши иҷобат расонамаш, Бедил?
Ки аз заифии ман дасти нола кӯтоҳ аст.

Огоҳиву афсурдагии дил чӣ хаёл аст?
То дона ба худ чашм кушудаст, ниҳол аст.
Оинаи гул аз бағали ғунча бурун нест,
Дил гар шиканад, сарбасар оғӯши висол аст.
Ҳайраткадаи даҳр ҷуз авҳом чӣ дорад?
Ободкунии хонаи оина хаёл аст.
Бар фикри баланд он ҳама мағрур мабошед.
Ин ҷомаи нар нохунаи чашми камол аст.
Кай фурсати айш аст дар ин боғ, ки гулро
Гар гардиши рангест, ҳамон гардиши сол аст.
Аз решаи наззора дамондем таҳайюр.
Болидагии доғи маҳ аз ҷисми ҳилол аст.
Дар хилвати дил аз ту тасаллӣ натавон шуд.
Чизе, ки дар оина тавон дид, мисол аст.
Он мушти ғуборам, ки ба оҳанги тапидан
Дар ҳасрати домони висолаш пару бол аст.
Эй зарра, нафарсой ба парвози таваҳҳум,
Хуршед ҳам аз оинадорони завол аст.
Бедил, ману он давлати бе дарди сари фақр,
К-аз нисбати ӯ чинии хомӯш сафол аст.

Чашми хирад оинаи чоми маи ноб аст.
Абрӯи сухан дар шикани мавчи шароб аст.
Огохии дил металабӣ, тарки хунар гир,
К-аз чавхари худ бар рухи оина никоб аст.
Бетоби фано ин хама кӯшиш написандад.
Шабгири шарархо хама як лахза шитоб аст.
Ориф ба худо мерасад аз гардиши чашме,
Дар ним нафас бахр хамогӯши хубоб аст.
Кайфияти тӯфонкадаи гиря мапурсед.
Дар хар нами ашкам ду чахон олами об аст.
Ин бахр гудози чигари сӯхта дорад.
Обе, ки ту дорӣ, ба назар ашки кабоб аст.
Чун сиккаи давлат ба касе нест мусаллам,
Пайдост, ки хар накши нигин накш бар об аст.
Хуш бош, ки дар майкадаи нашъаи тахкик
Миное агар хаст, хамон ранги шароб аст.
Бе чунбиши дил рох ба чое натавон бурд.
Яксар чараси кофилаи мавч хубоб аст.
Дар махфили конуни навосанчии ушшок,
Гӯше, ки адофахм нашуд, гӯши рубоб аст.
То сурма нагаштем, ба чашмаш нарасидем.
Дар базми хамӯшон нафаси сӯхта боб аст.
Дил чист, ки бо хок баробар натавон кард?
Бе рӯи ту то хонаи оина хароб аст.
Дониш хама гафлат шавад аз ачзи расоӣ.
Чун тори назар кӯтахӣ орад, раги хоб аст.
Бедил, агар афсурдадиле чамъи кутуб кард.
Дар мадрасаи дониши мо чилди китоб аст.

Сарнавишти рӯи чонон хатти мушкин будааст.
Корвони ҳусиро накши кадам ин будааст.
Мо, асирон, нав гирифтори муҳаббат нестем.
Ошёни тоири мо чанги шоҳин будааст.
Ғофил аз оворагардиҳои ашки мо мабош,
Рӯзгоре ин Бинотуннаъш Парвин будааст.
Рост н-ояд бо асои зӯҳд сайри роҳи ишқ,
Ин бисоти шӯъла хасми пои чӯбин будааст.
Шӯхии ашкам мабинод офати пажмурдагӣ,
Ин баҳори бекасӣ то буд, рангин будааст.
Укдаи сар аз танам бе теғи котил во нашуд,
Боди субҳи ғунчаи ман дасти гулчин будааст.
Дил мусаффо кардаму ғофил, ки дар базми ниёз
Соҳиби оина гаштан кори худбин будааст.
Пушти даст оина бо дандони чавҳар мегазад.
Сояи девори ҳайрат сахт сангин будааст.
Ғунча гардидему гулшан дар гиребон рехтем.
Ишрати сарбаста аз дилҳои ғамгин будааст.
Бедил, он ашкам, ки умре дар бисоти ҳайратам
Аз ҳарири пардаҳои дида болин будааст.

Чашми хирад оинаи чоми маи ноб аст,
Абрўи сухан дар шикани мавчи шароб аст.
Огохии дил металабй, тарки хунар гир,
К-аз чавхари худ бар рухи оина никоб аст.
Бетоби фано ин хама кўшиш напикандад,
Шабгири шарархо хама як лахза шитоб аст.
Ориф ба худо мерасад аз гардиши чашме,
Дар ним нафас бахр хамогўши хубоб аст.
Кайфияти тўфонкадаи гиря мапурсед,
Дар хар нами ашкам ду чахон олами об аст.
Ин бахр гудози чигари сўхта дорад,
Обе, ки ту дорй, ба назар ашки кабоб аст.
Чун сиккаи давлат ба касе нест мусаллам,
Пайдост, ки хар накши нигин накш бар об аст.
Хуш бош, ки дар майкадаи нашъаи тахкик
Миное агар хаст, хамон ранги шароб аст.
Бе чунбиши дил рох ба чое натавон бурд,
Яксар чараси кофилаи мавч хубоб аст.
Дар махфили конуни навосанчии ушшок,
Гўше, ки адофахм нашуд, гўши рубоб аст.
То сурма нагаштем, ба чашмаш нарасидем,
Дар базми хамўшон нафаси сўхта боб аст.
Дил чист, ки бо хок баробар натавон кард?
Бе рўи ту то хонаи оина хароб аст.
Дониш хама гафлат шавад аз ачзи расой,
Чун тори назар кўтахй орад, раги хоб аст.
Бедил, агар афсурдадиле чамъи кутуб кард,
Дар мадрасаи дониши мо чилди китоб аст.

Сарнавишти рӯи чонон хатти мушкин будааст.
Корвони хусиро накши кадам ин будааст.
Мо, асирон, нав гирифтори муҳаббат нестем.
Ошёни тоири мо чанги шоҳин будааст.
Ғофил аз оворагардиҳои ашки мо мабош,
Рӯзгоре ин Банотуннаъш Парвин будааст.
Рост н-ояд бо асои зӯҳд сайри роҳи ишк.
Ин бисоти шӯъла хасми пои чӯбин будааст.
Шӯхии ашкам мабинод офати пажмурдагӣ.
Ин баҳори бекасӣ то буд, рангин будааст.
Укдаи сар аз танам бе теги котил во нашуд.
Боди субҳи гунчаи ман дасти гулчин будааст.
Дил мусаффо кардаму гофил, ки дар базми ниёз
Соҳиби оина гаштан кори худбин будааст.
Пушти даст оина бо дандони чавҳар мегазад.
Сояи девори ҳайрат сахт сангин будааст.
Ғунча гардидему гулшан дар гиребон рехтем.
Ишрати сарбаста аз дилҳои гамгин будааст.
Бедил, он ашкам, ки умре дар бисоти ҳайратам
Аз ҳарири пардаҳои дида болин будааст.

Ҳар сӯ нигарам, дида ба дидори ҳиҷоб аст,
Эй тори назар пироҳанат, ин чӣ никоб аст?
Ҳамёзаи шавки ту ба май кам натвон кард,
Моро ба кадаҳ нисбати гирдобу ҳубоб аст.
Осон натавон чашм ба пои ту ниҳодан,
Ин гул самари дидаи бехоби рикоб аст.
Эй шамъи ҳаё, ранги итоб он ҳама мафрӯш,
Ҳар чо шарар оина шавад, чилва кабоб аст.
Ғофил зи шикасти дили ошик натавон буд,
Маъмурии имкон ба ҳамин хонахароб аст.
Гирам, нашудам кобили паймонаи раҳмат,
Оинаи яъсам чӣ кам аз олами об аст?
Парвоз наёяд зи парафшонии мижгон,
Эй ҳеч, ба коре, ки надорӣ, чӣ шитоб аст?
Мо, ҳечкасон беҳуда мағрури камолем,
Гар зарра бар афлок равад, дар чӣ ҳисоб аст?
Ин майкада кайфияти дидори кӣ дорад?
Ҳар чо мижа оғӯш кашад, чоми шароб аст.
Мунъим дилаш аз бистари маҳмал нашикебад,
Ин сабзаи хобида саропо раги хоб аст.
Сад обила паймонадиҳи реги равонам,
Пои талабам сокии мастони сароб аст.
Ё раб, ҳаваси шонаи гесӯи кӣ дорад?
Умрест, ки шамшод ба хун хуфтаи об аст.
Хомӯшии он лаб ба ҳаё дошт саволе,
Додем дил аз даст, нагуфтем, ҷавоб аст.
Бедил, зи дуӣ чора муҳол аст дар ин базм,
Пардоз ту ҳам оина чандон, ки никоб аст.

Ранги хуни гул зи захми теги гулчин будааст,
Боги таслими муҳаббат турфа рангин будааст.
Оламе аз наргисат имони мастӣ тоза кард,
Ин чунунпаймона кофар сахиби дин будааст.
Хок гашту файзи истикболи побӯсат наёфт,
Хоби пои маҳмил ин микдор сангин будааст.
Мо сафои вакт аз файзи хамӯшӣ ёфтем,
Бар рухи оинаи мо гуфтугӯ чин будааст.
Аз кашокашхои мавчи ин мухит осудаем,
Обрӯи гавҳари мо кӯҳи тамкин будааст.
Кӯҳкан дар талхкомӣ чӯи шир эчод кард,
Бар забони теша гӯё номи Ширин будааст.
Аз шарар дар оташ афтодаст нақли кӯҳсор,
Санг ҳам ин чо муқими хонаи зин будааст.
Васл чустам, рафтан аз худ шуд далели мақсадам,
Ин дуоро дар шикасти ранг омин будааст.
Бо ҳама шӯхӣ хаёлашро зи дил парвоз нест,
Хонаи оина ҳам бисёр рангин будааст.
Бар миёни ӯ начарбид аз заифӣ пайкарам,
Ишқи бедард ин қадарҳо нотавонбин будааст.
Ҳайрати маҳзем, Бедил, ҳар кучо афтодаем,
Саргаронихои мо оинаболин будааст.

Барқи офат ламъа дар безабтии асрор дошт,
Наъраи Мансур то гардан фарозад, дор дошт.
Нағмаи тори нафас бе муждаи васле набуд,
Набзи дил то метапид, овози пои ёр дошт.
Дурбоши маънӣ дидан пеш-пеши ҷилва аст,
Лангароне барқи чандин шӯълаи дидор дошт.
Гарди парвозе зи ҳастӣ то адам пайвастааст,
Корвони мо ҳамин шӯри ҷарас дар бор дошт.
Чашм пӯшидем, яксон шуд баланду пасти даҳр,
Оламеро шӯхии наззора ноҳамвор дошт.
Гар дили мо шуд тағофулкушта, ҷои шиква нест,
Ҷилваи яктоияш оинаҳо бисёр дошт.
Чун ҳубоб аз нестӣ чашме ба ҳам овардаем,
В-аз харобӣ хонаи мо сояи девор дошт.
Аз мурувват иззати гулро сабаб фаҳмидаанист,
Сар шуд он пое, ки поси обрӯи хор дошт.
То кушудам чашм гармэҳроми аз худ рафтанам,
Шамъ дар таҳрики мижгон шӯхии рафтор дошт.
Бо насими васли ӯ омехт гарди ҳастиям,
Бӯи пироҳан абири турфае дар кор дошт.
Дӯш, ҳайронам, хаёлат дар чӣ фикр афтода буд?
Аз тахайюр ҳар буни мӯям гиребонзор дошт.
Донаи токе ба чандин хатти соғар реша кард,
Дар гудози субҳи мо оламе зуннор дошт.
Чун гули шамъем, Бедил, булбули боғи адаб,
Шӯълаи овози мо ҷамъияти минқор дошт.

Роҳат куҷост? Гар дилат аз хеш раста нест,
Дар оташ аст наъли сипанде, ки ҷаста нест.
Ҷуз ваҳшат аз матои ҷаҳон барнадоштем,
Бар мо мабанд тӯҳмати боре, ки баста нест.
Девонаи тасарруфи дашти муҳаббатам,
Хоре наёфтам, ки ба пое шикаста нест.
Сад ранги ҷайби ғунчаву гул вошикофтам,
Рангиние ба улфати дилҳои хаста нест.
Афсуни ҳайратам зи ту қатъи назар накард,
Печидааст риштаи созам, гусаста нест.
Афсурдагӣ ба шуълаи ҳиммат чӣ мекунад?
Хуршед зери хок ҳам аз по нишаста нест.
Дил ҷамъ кун, ба ҳосили асбоб пур маноз,
Гулро ҳузури ғунча дар оғӯши даста нест.
Дар корхонае, ки шикаст обу ранги ӯст,
Коре дигар чу бастани дил дастбаста нест.
Бедил, ба табъи бехудият бӯи роҳат аст,
Ранге шикастаӣ, ки ба ранги шикаста нест.

Шаб,ки шўри булбули мо реша дар гулзор дошт,
Бўи гул дар гунча ранги нола дар минкор дошт.
Нагмачавлон сайди найранги кӣ з-ин сахро гузашт?
Тиркаши тири бутон фарёди мусиқор дошт.
Рухсати як чунбиши мижгон надод огохиям,
Ҳайрат ин чо хоби по аз дидан бедор дошт.
Укдаи махрумии кас фикри чамъият мабод,
То парешон буд дил, бўе зи зулфи ёр дошт.
Доги бедардӣ нишонд охир ба хоки тирам.
Буд зери чатри гул, то шамъ дар по хор дошт.
Гар хама куфр аст, натвон сар зи хамворӣ кашид,
Субхаро дидем, тавфи халкаи зуннор дошт.
Ачзи мо кофист, хар чо максад аз худрафтан аст,
Соядастӣ то адам як лагзиши хамвор дошт.
Сафхае оташ задем, оинахо пардохтем,
Сўхтан чандин чарогон чашмаки дидор дошт.
Бўи гул сад анчуман бепарда буд, аммо чӣ суд?
Илтифоти ранг моро дар паси девор дошт.
Норасоӣ сад хаёли харза иншо мекунад,
Тинати бекор моро бештар дар кор дошт.
Умрхо шуд чун гухар тўхматкаши бедардиим,
Ёди айёме, ки чашмам як-ду шабнамвор дошт.
Осмонӣ аз кафе хок? Ихтирои гафлат аст,
Бедил, аз фахре, ки мо дорем, бояд ор дошт.

Ҳар кӣ омад сайри яъсе з-ин гулистон карду рафт,
Гар ҳама гул буд, хуни худ ба домон карду рафт.
Ғунча будан ҳосили ҷамъияти ин боғ буд,
Нолаи булбул абас тухме парешон карду рафт.
Субҳ то огоҳ шуд аз расми ин мотамсаро,
Хандаи шодӣ ҳамон вақфи гиребон карду рафт.
Маҳмиле бар шӯъла, ашке тӯша, оҳе роҳбар,
Шамъ дар шабгири фурсат турфа сомон карду рафт.
Дар ҳавои зулфи мушкини ту ҳар ҷо дам задам,
Дуди оҳам оламеро сунбулистон карду рафт.
Ҳирс зиндонгоҳи як олам умедам карда буд,
Ибрати камфурсатиҳо сахт эҳсон карду рафт.
Дӯш селоби хаёлат мегузашт аз хотирам,
Хонаи дил бар сари раҳ буд, вайрон карду рафт.
Дошт аз ваҳшатгаҳи имкон нигоҳи ибратам
Он қадар фурсат, ки тавфи чашми ҳайрон карду рафт.
Ахгаре будам ниҳон дар пардаи хокистаре,
Худнамоӣ з-ин либосам низ урён карду рафт.
Фурсате ку, то касе файзе барад з-ин анҷуман,
Коғази оташзада боре чароғон карду рафт.
Ваҳм меболад, ки доди орзуҳо додаист,
Яъс меноладд, ки ин ҷо ҳеч натвон карду рафт.
Ин замон, Бедил, суроғи дил чӣ меҷӯӣ зи мо?
Қатраҳуне буд, чандин бор тӯфон карду рафт.

Вахшии саҳрои ҳусн наргиси фаттони кист?
Мавҷаи дареи ноз абрӯи чонони кист?
Сояи зулфи кӣ шуд сурмакаши чашми шом?
Хандаи файзи саҳар чоки гиребони кист?
Ҳусни бутон ин қадар нест фиреби назар.
Гар на туй ҷилвагар, оина ҳайрони кист?
Сад гули айшам ба дил ханда зад аз шавқи захм.
Тухмаи ҷайби умед ғунчаи пайкони кист?
Оташи дил шуд баланд аз кафи хокистарам.
Боди Масеҳон шавқ ҷунбиши домони кист?
Ранги баҳори хаёл мечакад аз дидаам.
Ин гули ҳайратнигаҳ шабнами бустони кист?
Ноз ба хун метапад дар сафи мижгони ёр.
Бар дари ин майкада ҳалқаи мастони кист?
Субҳаи дилро нашуд риштаи ҷамъияте.
Дар таку пӯи хаёл реги биёбони кист?
Дил зи паяш рафту ман меравам аз хештан.
Айби ҷунунам макун, нола ба фармони кист?
Аз мижа то доманам машқи зи худ рафтан аст.
Ашки ҷунунтози ман тифли дабистони кист?
Бедил, агар лаъли ӯ нест табассумфурӯш.
Шабнами гулҳои захм гарди намакдони кист?

Беадаббунёди ҳастӣ офиятдарбор нест.
Ғайри забти худ шикасти мавҷро меъмор нест.
Ҳар кас ин ҷо суди худ дар чашмпӯшӣ дидааст.
Худфурӯшон, ибрате, оина дар бозор нест.
Ҳирс халқеро дар ин маҳфил ба махмурӣ гудохт.
Ғайри чашми сер ҷоми ҳеҷ кас сардор нест.
Ҳусну ишқ оинаи шӯҳрат гирифт аз иттифоқ.
То набошад аз ду сар маҳкам, садо дар тор нест.
Сахтии дил ноларо санги раҳи озодагист.
Ришта то соҳибгиреҳ бошад, раҳаш ҳамвор нест.
То фано моро ҳамин доми нафас бояд гусехт.
Шамъ як дам фориғ аз во кардани зуннор нест.
Ғафлати олам фузуд аз саргузашти рафтагон.
Ҳар куҷо афсона бошад, ҳеҷ кас бедор нест.
То тавон аз сурати анҷоми худ воқиф шудан.
Бо вуҷуди нақши по оинае даркор нест.
Муфти чашми маст сайри ин чаман, аммо чӣ суд?
Ин қадар ранге, ки меборад кам аз девор нест.
Чун нафас яксар ватановарон навмедием.
Гар ҳама дил ҷои мо бошад, ки моро бор нест.
Ашки моро поси номуси заифӣ доғ кард.
Варна мижгон то ба ҷайбу домани он миқдор нест.
Кай тавон, Бедил, ҳарифи ҷоки расвой шудан?
Чун саҳар пироҳани мо як гиребонвор нест.

Хомушнафасам, шӯхии оханги ман ин аст,
Сарчӯши бахори адабам, ранги ман ин аст.
Умрест гирифтори хами пайкари ачзам,
То болу пари нагма шавам, чанги ман ин аст.
Бетобии хавосанчии умрам, чӣ тавон кард?
Мизони хаёли нафасам, санги ман ин аст.
Хамёзаам ороиши паймонаи хастист,
Чун субх хуморам машикан, ранги ман ин аст.
Мавчи маю ороиши гавхар чӣ хаёл аст?
Номуси чахони талишам, нанги ман ин аст.
Не завки хунар дораму не махви камолам,
Мачнуни туам, донишу фарханги ман ин аст.
Зулм аст, рафикон зи дили хаста гузаштан,
Гар обила дорад, кадами ланги ман ин аст.
Номахрами он чилваам аз Бедили хеш,
Оина надорам, чӣ кунам, занги ман ин аст?

Зи бас ба хилвати ҳусни ту бори оина аст,
Нигоҳи ҳар ду ҷаҳон дар ғубори оина аст.
Ҳуҷуми чоки гул оғӯши шабнам аст ин ҷо,
Баҳор ҳам чӣ қадар дилфигори оина аст.
Кадом ҷилва, ки муҳточи софии дил нест,
Ба ҳар чӣ менигарӣ, шармсори оина аст.
Чунон ба ишқи ту лабрези ҷилваи хешам,
Ки ҳар тараф равадам дил, дучори оина аст.
Ҳама ба шӯхии тимсол чашм бохтаем,
Вагарна ҳусни бурун аз канори оина аст.
Ту ҳам зи худ ғалате чанд нақш банду бинот,
Ки рӯи кори ҷаҳон пушти кори оина аст.
Мабош ғарраи ишрат дар ин тамошогоҳ,
Таҳайюр оинадори хумори оина аст.
Чӣ мумкин аст диҳад арзи ҳайратоинҳо?
Ҳамеша мавҷи нигоҳам савори оина аст.
Сухан зи ҷӯши ҳаё бар лабам гиреҳ гардид,
Нафас зи об ба банди ҳисори оина аст.
Накоштем сиришке, ки ҷилва бор надод,
Гудози дил чӣ қадар обёри оина аст.
Зи зиндагӣ ҳама гар ранги рафтае дорем,
Ба имтиҳони нафас дар фишори оина аст.
Зи бенишонии он ҷилва шарм кун, Бедил,
Ҳанӯз ранги ту сарфи баҳори оина аст.

Ин замон як толиби масте дар ин майхона нест.
Он ки гирди бода гардад, ҷуз хати паймона нест.
Аз нишоти дил чӣ мепурсӣ, ки монанди сипанд
Ғайри дуди оҳи ҳасрат решаи ин дона нест.
Изтироби дил чу мавҷ аз пайкари мо равшан аст,
Турраи ошуфтагиро эҳтиёҷи шона нест.
Ҳар қадар хоҳад дилат асбоби ҳасрат ҷамъ кун,
Чун камон ин ҷо ба ҷуз хамёза рахти хона нест.
Ҳуснаш аз ҷӯши назарҳо дорад эҷоди никоб.
Домани фонуси шамъаш ҷуз пари парвона нест.
Чун гул аз даври фиреби зиндагӣ ғофил мабош.
Ранг мегардад дар ин ҷо, соғару паймона нест.
Ҳар чӣ аз чашми бутон афтад, ғубори ошиқ аст,
Ашки гарми шамъ ҷуз хокистари парвона нест.
Баҳри нисён ғафлати зотӣ намехоҳад сабаб,
Аз барон хоби махмал ҳоҷати афсона нест.
Бар умеди улфат аз ваҳшат диле хуш мекунем,
Ошнои мо касе ҷуз маънии бегона нест.
Ҷони пок аз қайди тан, Бедил, надомат мекашад,
Ганҷро ҷуз хок бар сар кардан аз вайрона нест.

Бе туам ҷои нигаҳ ҷунбиши мижгоне хаст,
Яъне аз сози тараб дуди чарогоне хаст.
Куштаи нози туам, бисмили андози туам,
Гар хама хок шавам, хоки маро ҷоне хаст.
Аҷзи парвоз зи саъйи талабам монеъ нест,
Бол агар сӯхт нафас, шавқи парафшоне хаст.
Зиндагӣ бе аламе нест баҳори тарабаш,
Захм то хандафурӯш аст, намакдоне хаст.
То ба кай зери фалак доги туфайлӣ будан?
Набарӣ ранҷ дар он хона, ки меҳмоне хаст.
Маҳв гаштан ду ҷаҳон оина дар бар дорад,
Ҷилва кам нест, агар дидаи ҳайроне хаст.
Ғунчаи ин чаманӣ, кулфати дилтангӣ ҷанд,
Эй чаман махви гулат, сайри гирebоне хаст.
Ба тазаллум натавон доди фалак дод, аммо
Гар лаб аз нола бубандӣ, ба худ эҳсоне хаст.
Нахли парвоз шукуфа-ст, ту хастӣ самараш
Неъмат омода кунӣ, резиши дандоне хаст.
Узри бедардии мо ҳиҷлати мо хоҳад хост.
Ашк агар нест, арақ ҳам нами мижгоне хаст.
Ҷуръате ку, ки ба рӯят мижае боз кунем?
Чашми қурбониву наззораи пинҳоне хаст.
З-ин чаман хуни шаҳиди кӣ қиёмат ангехт?
Ки ба ҳар гул асари дастеву домоне хаст.
Гар тааммул қафаси байзаи товус шавад,
Дар шабистони адам низ чарогоне хаст.
Нашъаӣ мункири сомони ҷунунам, Бедил,
Ки агар ҳеҷ надорам, дили вайроне хаст.

Дилро зи нигаҳ доми ҳавас бар сари роҳ аст,
Дар мазраи ғам решаи ин дона нигоҳ аст.
Бе дард наҷӯшад нафас аз синаи ошиқ,
Мавҷе, ки аз ин баҳр дамад, шӯълаи оҳ аст.
Ин дашт зиёраткадаи манзараи кист?
То зарра ҳамин дидаи уммед ба роҳ аст.
Ғайр аз дили ошуфта ба олам натавон ёфт,
Ин базм магар ҳалқаи он зулфи сиёҳ аст?
Аз сафҳаи дил нақши кудурат натавон шуст,
Умрест, калаф ҷавҳари оинаи моҳ аст.
Бар аҳли ҳавас зулм бувад бодапарастӣ,
Ин бехабаронро лаби соғар лаби ҷоҳ аст.
Танг аст ба арбоби назар вусъати имкон,
Гардун ба ҳақиқат гиреҳи тори нигоҳ аст.
Ин ақл, ки зорад сари пурнихвати шоҳон,
Шамъест, ки афсурдаи фонуси кулоҳ аст.
Мушкил, ки шавад ваҳшии мо роми тааллуқ,
Дар хонаи дил низ нафас мурдаи роҳ аст.
Дар кеши ҳаёпешагиам шӯхии изҳор
Ҳарчанд дар оинаи хеш аст, гуноҳ аст.
Бе ишқ муҳол аст бувад равнақи ҳастӣ,
Бе ҷилваи хуршед ҷаҳон номасиёҳ аст.
Доғам агар аз дуд кашад шуълаи оҳе,
Чашмест, ки бар рӯи касе гарми нигоҳ аст.
Оинааму тоқати дидор надорам,
Ин бода, надонам, чӣ қадар ҳавсалакоҳ аст.
Бедил, накунад Каъбаи ҷон ҷилва ба чашмат,
То гарди ҷасад оинадори сари роҳ аст.

Чаман имрӯз фарши манзили кист?
Раги гул дуди шамъи махфили кист?
Тапиш оинадори хайрати мост,
Гули ин бог боли бисмили кист?
Дили мо гар на дашти чилваи ӯст,
Нафас охир губори маҳмили кист?
Хати он лаъл дуди хирмани мост,
Рами он чашм барки ҳосили кист?
Дили мо шуд сипанди оташи рашк,
Гули рӯят чароги махфили кист?
Ба ҳам оварда дидам он кафи даст,
Наям огах, ба чанги ӯ дили кист?
Ҳазар аз дастгоҳи ишрати даҳр,
Ҳавасоханги ракси бисмили кист?
Агар авҳом садди роҳи мо нест,
Нафас афсуни пои дар гили кист?
Қади пирӣ агар на душмани мост,
Хами ин тоқ теги котили кист?
Барад аз гӯш ранги токати ҳуш,
Ҷарас имшаб фигони Бедили кист?

Гарди андўхи дилам доми тамошои сафост.
Занг бар оинаам оби рухи оинахост.
Нест оханги дигар завки гирифтори гамат.
Улфати доми таманнои ту парвози расост.
Куштаи нози ту шуд оинаи умри абад.
Теги абрўи туро хосияти оби бакост.
Баски аз ачзи талаб доги таманнои туам.
Дар рахам накши кадам оинаи дасти дуост.
Мекунад нози ту бар ахли назар манъи нигох.
Чилваву оина махруми лико? Расми кучост?
Мутриби базми адабсози вафо шўри дил аст.
Бехудихо нафаси болу пари ачзавост.
Як чахон фазлу хунар хоки рахи огохист.
Чавхари оинахо фарши гулистони сафост.
Зохид аз сайри гулистони хакикат орист.
Кўрро тори назар сарфи сарангушти асост.
Касратободи чахон чўши гули якрангист.
Пардаи чашми галатбини кї махчуби хатост?
Нест монанди сахар гарди ман асбоби замин.
Як калам соли парешони нафас чузви хавост.
Зиндагї ранчи чафохои таманно будаст.
Арзи сангинии ин бори хавас кадди дутост.
Аз асархои гули айши чаманзори чахон.
Нест чуз доги чунун, Бедил, агар накши вафост.

Қонуни адаб пардадари савту садо нест.
З-ин соз магӯ, то нафасат сурманаво нест.
Аз ҳар чӣ асар вокашӣ, афсона далел аст.
Сармояи ин қофила ҷуз бонги даро нест.
Ҳар ҳарф, ки омад ба забон, мунфаилам кард.
Кам ҷаст аз ин кеш ҳаданге, ки хато нест.
Ҳиммат чи қадар зери фалак бол кушояд?
Паст аст ба кадде, ки дар ин хона ҳаво нест.
Умрест, ки аз сози баландомии офоқ
Гар риштаву тобест ба ҳам, тангқабо нест.
Моро тарии ҷабҳа ба ибрат нарасонид.
Ҷинси араки саъй зи дӯкони ҳаё нест.
Бе аҷзи расо қобили раҳмат натавон шуд.
Дасте, ки баландӣ расадаш, боби дуо нест.
Хуш дор, ки дар сояи девори қаноат
Хобест, ки дар хоби пару боли ҳумо нест.
Вомондаи аҷзем зи афсуни таалluқ.
Гар дил накашад ришта, нафас обилапо нест.
Аз ҷаҳлу хирад то ҳаваси ишқу муҳаббат
Ҷуз мо чи матоест, ки дар хонаи мо нест.
Моро карами оми ту муҳтоҷи гино кард.
Гар ҷилва тағофул занад, оина гадо нест.
Ҷуз маънӣ аз осори иборат натавон хонд.
Гар ғайри Худо фаҳм кунӣ, ғайри Худо нест.
Ҳар бебасареро накунад маҳрами таҳқиқ
Он дасти ҳинобаста, ки ҷуз ранги ҳино нест.
Бедил, рами фурсат ҷаманорост дар ин ҷо.
Гул фикри иқомат чи кунад, ранг ба ҷо нест?

Тавон ба сабр намудан дили шикаста дуруст.
Ки ҳеч нақш нагаштаст нонишаста дуруст.
Касе ба улфати сози нафас чи дил бандад?
Гиреҳ намекунад ин риштаи гусаста дуруст.
Чу ашки шамъ зиёнкори маҳфили рангем.
Шикасти мо нашавад ҷуз ба чашми баста дуруст.
Ба чораи дили маъюси мо кӣ пардозад?
Магар гудоз кунад шишаи шикаста дуруст.
Раво мадор, ки мастон шикаст бардоранд.
Мабар ба майкада ғайр аз сабӯи дастадуруст.
Дигар тазаллуми улфат куҷо барад, ё раб.
Дили шикаста, к-аз ӯ нола ҳам наҷаста дуруст?
Талоши аҷз ба ҷое намерасад, Бедил.
Магар чу шамъ кунам кори худ нишаста дуруст.

Ё раб, имшаб он ҷунуношӯби ҷону дил куҷост?
Он хироми ноз ку, он умри мустаъҷил куҷост?
Заврақе дорам ба ғоратрафтаи тӯфони яъс,
Ҷуз канори улфатоғӯшаш дигар соҳил куҷост?
Ҷинси осори кидам, он гаҳ ба бозори кудус?
Партави шамъе, ки ман дорам дар ин маҳфил куҷост?
Аз тапиданҳои дил умрест меояд ба гӯш,
К-эй ҳарифон, ошёни роҳати бисмил куҷост?
Ғайрҷӯ афтодаӣ, эй ғофил аз худ, шарм дор,
Ҷуз фузулиҳои ту дар мулки ҳақ ботил куҷост?
Обёриҳои ҳирс авҳом хирман мекунад,
Ҳар куҷо кише набошад ҷилвагар, ҳосил куҷост?
То ба кай тухматнасиби доғи хирмон зистан?
Он шарархӯе, ки мезад оташам дар дил, куҷост?
Чун нафас умрест дар лағзиш қадам афсурдаем,
Дил агар домон нагирад, дар раҳи мо гил куҷост?
Бениқобӣ барнамедорад адабгоҳи вафо,
Шарми Лайлӣ гар напӯшад чашми мо, маҳмил куҷост?
Эҳтиёҷи мо тамошохонаи икроми ӯст,
Рамзи истиғно табассум мекунад, соил куҷост?
Маъниэҷодем, аз найранги муштоқон мапурс,
Хуни мо ранги ҳино дорад, кафи қотил куҷост?
Шаб ба завқи ҷустуҷӯи худ дари дил мезадам,
Ишқ гуфт: «Ин ҷо ҳамин моему бас, Бедил куҷост?»

Хобро дар дидаи ҳайрони ошиқ бор нест,
Хонаи хуршедро бо фарши махмал кор нест.
Шуълаи овози мо дар сурма боле мезанад,
Шамъро аз заъф ранги нола дар минкор нест.
Ҳусни яктоиву огӯши дуӣ ваҳм аст, ваҳм,
То ту аз оина меёбӣ асар, дидор нест.
Чорсӯи даҳр аз шӯри зиёнкорон пур аст,
Он ки бо худ мове дорад, дар ин бозор нест.
Дар ҳусули ганчи дунё аз талош эман мабош,
Нақши рӯи дирҳамаш ҷуз печутоби мор нест.
Ибрати оина гир, эй ғофил, аз лофи камол,
Арзи ҷавҳар ҷуз харошн чеҳраи изҳор нест.
З-ин таъаллуқҳо, ки бар дӯши тахайюл бастаем,
Он чӣ аз сар метавон во кард, ҷуз дастор нест.
Омаду рафти нафас дорад ғубори ҳодисот,
Ҷуз шикастан корвони мавҷро дар бор нест.
Дил ба завқи ваъдаи фардост маъзури амал,
Ишқ гӯяд: чашм во кун, фурсат он миқдор нест.
Аз ҳаво барпост, Бедил, хонаи ваҳми ҳубоб,
Дар либоси ҳастии мо ҷуз нафас як тор нест.

Азбас қумоши домани дилдор нозук аст,
Дастам зи кор агар наравад, кор нозук аст.
Аз тавфи гулшанат адабам макъ мекунад,
Кайфияти дуруштии ин хор нозук аст.
То дам заній, чу оина гардондааст ранг,
Ин коргоҳи чилва чӣ миқдор нозук аст.
Арзи вафо мабод вуболи дигар шавад,-
Эй нола, ибрате, ки дили ёр нозук аст.
То гашт чунбиши мижа сели бинои ашк,
Бепарда шуд, ки тинати ҳамвор нозук аст.
Эй нозанин табиб, зи дардат гудохтам,
Пеш о, ки нолаи мани бемор нозук аст.
Фурсат кафили ин ҳама ғафлат намешавад,
Хобат гарону сояи девор нозук аст.
Мушкил ба нафйи худ кунам исботи муддао,
Оина ваҳму хотири зангор нозук аст.
Ваҳдат ба ҳеч чилва муқобил намешавад,
Беранг шав, ки оина бисёр нозук аст.
Изҳори мо зи ҳавсала охир ба аҷз сохт,
Чандон ки нола хун шуди, минкор нозук аст.
Андеша дар муомилаи ишқ доғ шуд,
Оина ӯст, ё манам? Асрор нозук аст.
Бедил, наметавон зи сари дил гузаштанам,
Ин мушти хун зи обила сад бор нозук аст.

Баски барқи яъс бунёди мани ноком сӯхт,
Метавон аз оташи санги нигинам ном сӯхт.
Улфати фақр аз ҳавасҳои ғаноям боздошт,
Хоки ин вайрона дар мағзам ҳавои бом сӯхт.
Шӯълаи ҷаввола нанголуди хокистар нашуд,
Гирди худ гардиданам сад ҷомаи эҳром сӯхт.
Доғи савдои гирифторӣ биҳиште дигар аст,
Оламе дар боли товусам ба завқи дом сӯхт.
Кош аввал маҳрами асрори матлаб мешудам,
Дар мизоҷи нолаам саъйи асар бадном сӯхт.
Чашми маҳрум аз нигоҳам миҷмари яъс асту бас,
Доғи бемағзӣ маро дар кисвати бодом сӯхт.
Ҳарзатозиҳои ҷавлони ҳавас аз худ гузашт,
Баъд аз ин ҳамчун нафас мебоядам ноком сӯхт.
Ваҳшати умр аз навоҳои азал ёдам надод,
Гармии рафтори қосид ҷавҳари пайғом сӯхт.
Сад таманно доғ шуд аз ачзи парвози нафас,
Оташи навмедии ин шӯъла моро хом сӯхт.
Эй шарори санг, чаҳде кун, зи афсурдан баро,
Беш аз ин натвон ба доғи миннати ором сӯхт.
Кард навмедӣ илоҷи чашмзахми ҳастиям,
Атсаи субҳам сипанде дар димоғи шом сӯхт.
Бедил, аз мушти шарори мо ба ибрат чашмакест,
Яъне оғозе, ки мо дорем, беанҷом сӯхт.

Сархати дарси камолат мунтахаб донӣ, бас аст.
Аз китоби мову ман сатри адам хонӣ, бас аст.
Чанд бояд чидан, эй гофил, бисоти эътибор?
Аз матон кору борат, он чи натвонӣ, бас аст.
То дар ин махфил чароги офият равшан кунӣ,
Пардаи фонуси розат чашми курбонӣ бас аст.
Рафтай аз худ, икоматорзуҳот чанд?
Накши пое гар дар ин вайрона биншонӣ, бас аст.
То тавон аз хичлати изхори ҳастӣ об шуд,
Аз либоси нестӣ як ашки урёнӣ бас аст.
Ачзи бунёдат гар аз инсоф дорад пояе,
Аз руунат ин ки худро хок медонӣ, бас аст.
Дар муҳити инкилоби эътибороти гано
Киштии дарвеши мо гар нест тӯфонӣ, бас аст.
Нест аз худ рафтани мо кобили бозомадан,
Гар инонхо барнагардад, ранггардонӣ, бас аст.
Имтиёзи маҳви ӯ бар обу гил мавкуф нест,
Унсури кайфияти оинаҳайронӣ бас аст.
Эй ҳубоб, ачзои мавчӣ, созат аз худ рафтан аст,
Як таammулвор агар бо худ фурӯ монӣ, бас аст.
Бар хати таслим рав, Бедил, ки монанди хилол
Пои сайри осмонат накши пешонӣ бас аст.

Базми пирӣ, к-аз қади хамгаштан мо ҷанги ӯст,
Барқи оҳи ноумедӣ шӯхии оҳанги ӯст.
Дил ба ваҳшат нех, ки чархи сифла фурсатдушман аст,
Рӯзу шаб як ҷунбиши мижгони чашми танги ӯст.
Водии аҷзе ба пои бехудӣ тай кардаам,
К-аз нафас то нола гаштан арзи сад фарсанги ӯст.
Бекарори шавқро чун мавҷ натвон дид садл,
Шӯриши дарёи имкон як шикасти ранги ӯст.
Мансаби хос аст маҳви шӯълаи дидорро,
Ҳайрате дорам, ки гар оина гардам, ҷанги ӯст.
Дил абас дар банди тамкин хуни тоқат мехӯрад,
Эй хуш он мино, ки ёди истиқомат санги ӯст.
Софдил ҳаргиз ғубори хеш нанмояд ба кас,
Он чӣ дар оинаи равшан набинӣ, занги ӯст.
Дуриву наздикӣ аз зеру бами сози дуист,
Ҳаҷру васле нест, инҳо пардаи найранги ӯст.
Узв-узвамро хаёлаш мурғи дастомӯз кард,
Гар кунад парвоз рангам, чун ҳино дар ҷанги ӯст.
Нест ҷои ишқ, Бедил, маснади фарзонагӣ,
Ин шаҳаншоҳест, к-аз доғи ҷунун авранги ӯст.

Баски аҷзоям чаманпарвардаи найранги ӯст,
Гар ҳама хунам ба ҷӯши шӯхӣ ояд, ранги ӯст.
Кӯҳи тамкинаш бувад ҳар ҷо бисоторои ноз,
Нолаи дилҳои бетоқат шарори санги ӯст.
Ҷавҳари оинаи ваҳдат бурун аст аз араз,
Ҳар қадар софӣ тасаввур карда бошӣ, занги ӯст.
Ишқ озод аст, аммо дар тилисми мову ман
Омаду рафти нафас тамҳиди узри ланги ӯст.
Бе муҳаббат зиндагонӣ нест ҷуз нанги адам,
Хок кун бар фарқи он созе, ки бе оҳанги ӯст.
Ҷазбаи ишқат шарор аз санг меорад бурун,
Ман ба ин ваҳшат гар аз худ барнаёям, нанги ӯст.
Умрҳо шуд ҳайрат аз хешам ба ҷое мебарад,
Оҳ аз он раҳрав, ки мижгон ҷодаю фарсанги ӯст.
Ҳусн аз нанги тараф бо ҷилва напсандид сулҳ,
Хилвати оинаи мо арсагоҳи ҷанги ӯст.
Бар дилам афсуни бедардӣ маҳон, эй офият,
Шишае дорам, ки ёди ношикастан санги ӯст.
Кист з-ин гулшан ба рангу бӯи маънӣ ворасад?
Ғунча ҳам, Бедил, намедонад, ки гул дар ҷанги ӯст.

То зи оғӯши видоат доғи ҳайрат чидааст,
Ҳамчу шамъи кушта дар чашмам нигаҳ хобидааст.
Бо камоли улфат аз саҳрои ваҳшат мерасам,
Чун саводи чашми оҳу соям рамидааст.
Ҷайбу домоне надорад кисвати урёниям,
Чун гуҳар ашкам ҳамон дар чашми худ ғалтидааст.
Не хазон донам дар ин гулшан, на найранги баҳор,
Ин қадар донам, ки ин ҷо рангҳо гардидааст.
Табъи озод аз гароши ҷисм дорад инбисот,
Захма то бар тор меояд, садо болидааст.
Ваҳшатам гул мекунад аз ҷайби ашки бекарор,
Субҳ дар оинаи шабнам нафас дуздидааст.
Бар рухи ахгар ниқобе нест ҷуз хокистараш,
Дидаи моро ғубори чашми мо пӯшидааст.
Каъбаи мақсуд берун нест аз оғӯши аҷз,
Остонаш буд ҳар ҷо, пои ман лағзидааст.
Аҷзи тоқат карда оҳамро чу шамъи кушта доғ,
Ҷодаам аз норасоӣ нақши по гардидааст.
Ғайри ваҳшат боғи имконро намебошад гуле,
Чарх ин ҷо ҳам зи ҷайби субҳ доман чидааст.
Нола дорад дар каманди ғам саропои маро,
Бесутуни дардаму бар ман садо печидааст.
Саргаронӣ лозими ҳастӣ бувад, Бедил, ки субҳ
То нафас боқист, сандал бар ҷабин молидааст.

Мумсик агар бар арзи сахо чӯшад аз шароб,
Дасте баланд мекунад, аммо ба зери об.
Табъи карам фусурдаи дасти тиҳӣ мабод,
Бар кишти олам аст ситам хушкии саҳоб.
Ин аст агар самочати арбоби эҳтиёч,
Раҳм аст бар мизочи дуоҳои мустачоб.
Ғоратнасиби ҳасрати дарди муҳаббатем,
Нагрист бедиле, ки зи чашмам набурд об.
Дил он кадар гудохт, ки ғам ҳам ба сел рафт,
Оташ дар об ғӯта зад аз ашки ин кабоб.
Афсонасозии шарару барқ то ба кай?
Гар марди ин раҳӣ, ту ҳам аз худ бурун шитоб.
Ёрон абас ба ваҳми таалluк фусурдаанд,
Ин чост чун нигаҳ кадам аз хона дар рикоб.
Субҳ аз нафас ду мисраи барчаста хонду рафт,
Девони эътибору ҳамин байташ интихоб.
Хоҳ нафас хаёл куну хоҳ гарди ваҳм,
Чизе намудаем дар оинаи ҳубоб.
Маҳвему боисе зи таҳайюр падид нест,
Эй фитрат, об гарду зи мо рафъ кун хичоб.
Маънӣ чӣ вонамояд аз ин лафзҳои пуч?
Пур ташна аст чилваю оинаҳо сароб.
Дар базми ишқ илм чиву маърифат кадом?
То акл гуфтаем, чунун медарад никоб.
Дар оламе, ки ёди ту бо мо муқобил аст,
Оина мекашад ба рухи соя офтоб.
Бедил, зи чӯши сабза дар ин раҳ фитодааст
Бе чашм як чаҳон мижа туҳматпарасти хоб.

То занад фоли гухар, бетоби оханг аст об,
Наъл дар оташ ба чустучўи ин ранг аст об.
Харфи арбоби насихат бар дили гарм офат аст,
Шиша чун дар оташ афтад, бар сараш санг аст об.
Пайкари таслими мо чанги бисоти айши мост,
Чун ба пастӣ мешавад моил, хушоханг аст об.
Доми андўх аст моро, хар чи чуз озодагист,
Мансаби гавхар агар бахшанд, дилтанг аст об.
Аз сароби эътибор ин чо диле хуш мекунам,
Варна аз оннаву гавхар ба фарсанг аст об.
Ачзи пирӣ чуръатамро дар арак хобондааст,
Нагма аз шарми занфихон ин чанг аст об.
Кист, аз кайфияти касби латофат бигзарад?
Дар макоми шишасозихо дили санг аст об.
Зиндагӣ аз вахму вахм аз зиндагӣ болидааст,
Олами об аст бангу олами банг аст об.
З-ин чаман як барг бе болу пари парвоз нест,
Бехабар шерозабанди нусхаи ранг аст об.
Чашмаи Хизрам ба ёд омад, арак кардам зи шарм,
Ташнаи теги фаноро ин кадар нанг аст об.
То нафас дорӣ, ба базми синасофон нагзарӣ,
Эй ба хайрат муттахам, оина дар чанг аст об.
Аз кучо ёбад касе, Бедил, суроги хуни ман?
Дар дами шамшери нозаш сахт беранг аст об.

Гар ба ин гармист охи шӯълазои андалеб,
Шамъ равшан метавон кард аз садои андалеб.
Офати хуши асирон барки дидор асту бас,
Мезанад ранги гул оташ дар бинои андалеб.
Пунбаи шабнам ба гӯши гунча доги лола шуд.
Беш аз ин натвон шуниддан мочарои андалеб.
Ишкро бе дастгоҳи ҳусн шӯҳрат мушкил аст,
Аз забони барги гул бишнав навои андалеб.
Дилбаронро танг дорад фикри сайди ошикон,
Ғунча сар то по кафас шуд аз барои андалеб.
Ҷон он дорад, ки чун сунбул, ба рагми богбон,
Реша дар гулшан давонад хори пои андалеб.
Матлаби ушшоқ аз изҳор ҳам маълум нест,
Кист, то фаҳмад забони муддаои андалеб?
Сози дилтангӣ ба ин оҳанг ҳам мебудааст,
Танг кардам аз лаби хомӯш ҷои андалеб.
Решаи дилбастагӣ дар хоки ин гулшан набуд,
Рафт гул ҳам дар кафои нолаҳои андалеб.
Монеи катли заифон ҷуз мурувват беш нест,
Варна аз гул кас нахоҳад хунбаҳои андалеб.
Дар чаман рафтему сози нола сайроҳанг шуд,
Ҷилваи гул кард моро ошнои андалеб.
Оҳи муштоқон насими навбаҳори ёди ӯст,
Рангҳо хуфтаст, Бедил, дар садои андалеб.

Эй чилваи ту саршикани шони офтоб,
Хандида матлаи ту ба девони офтоб.
Пайғоми аҷзи ман зи ғурурат шунидаӣ нест,
Мактуби соя дораму унвони офтоб.
Дар ҳар куҷо нигоҳ пар афшонд, рӯз буд,
Шавқи ту дошт ин ҳама сомони офтоб.
Шаб маҳви интизори ту будам, дамид субҳ,
Гаштам ба ёди рӯи ту қурбони офтоб.
Чун соя поймоли хасу хор бехтар аст
Он сар, ки нест гарм зи эҳсони офтоб.
Аз чархи сифла ком чи ҷӯем, к-ин хасис,
Ҳар шаб ниҳон кунад ба бағал нони офтоб.
Ҳиммат ба чаҳди шабнами мо ноз мекунад,
Бастем ашки хеш ба мижгони офтоб.
Эй лаъли ёр, забти табассум мурувват аст,
То нашканӣ ба ханда намакдони офтоб.
Чун моҳи нав зи шӯҳрати расвоям мапурс,
Чоке кашидаам зи гиребони офтоб.
Бедил, ба ҳусни матлаи нозаш чи сон расем?
Моро, ки зарра сохта ҳайрони офтоб.

Шаб, ки шуд ҷӯши фиғонам ҳамнавои андалеб,
Дар арақ гум гашт чун шабнам садои андалеб.
Хулки маъшукон каманди сайди муштоқон бас аст,
Нест ғайр аз бӯи гул занчири пои андалеб.
Зери нақши пои ӯ мо ҳам саре дуздидаем,
Сояи гул гар бувад боли ҳумои андалеб.
Ҷилваи гул гар чунин токатгудозиҳо кунад,
Баъд аз ин хокистаре ёбӣ ба ҷои андалеб.
Корвони рангу бӯро ҳеч ҷо ором нест,
Сад ҷарас яъс аст ин ҷо ҳой-ҳои андалеб.
Аҷз ҳам моро дар ин гулшан ба ҷое мебарад,
Нест кам аз нола боли норасои андалеб.
Бар ҷабини барги гул чин метирозад мавҷи ранг,
Пур басомон аст меҳроби дуои андалеб,
Эй ки хоҳӣ поси номуси муҳаббат доштан,
Шарм дор аз дидани гул бе ризои андалеб.
Ҳусн мустағнист аз шуҳратнавоиҳои ишқ,
Ҳеч кас гулро намехоҳад барои андалеб.
Як сари мӯям тиҳӣ аз санъати минкор нест,
Ноладуд аст аз сар то ба пои андалеб.
Бедил аз ғафлат талоши бистари гул мекунад,
Варна зери бол дорад гарм ҷои андалеб.

Субҳдам сайёра бол афшонд аз домони шаб,
Вақти пирӣ рехт аз ҳам оқибат дандони шаб.
Ашки ҳасрат лозими сози раҳил афтодааст,
Шабнами субҳ аст осори нами мижгони шаб.
Барнамеояд баёзи чашми оҳу аз савод,
Субҳи иқболи ҷунунам бишканад паймони шаб.
Дар ҳавои дуди савдо ҳушам аз сар рафт, рафт,
Ошён аз даст дод ин мург дар тайрони шаб.
Дар хами он зулф хуи шуд тоқати дилҳои чок,
Субҳи мо охир шафақ гардид дар зиндони шаб.
Бо ҷамолат баст ҳар чо аҳли байъат офтоб,
Турраи мушкинаш ҳам тоза кард имони шаб.
Аз ҳаводис файзи маънӣ мебаранд аҳли сафо,
Мефурӯзад шамъи субҳ аз ҷунбиши домони шаб.
Мужда, эй шавқи гирифторӣ, ки бозам мерасад
Накҳати зулфи касе аз дашти мушкафшони шаб.
Хатти ӯ бар субҳ, пиндорӣ, шабехунинома аст,
Рӯи ӯ фардест, гӯӣ дар шикасти шони шаб.
Ламъаи субҳе, ки метӯянд, дар олам куҷост?
Ин қадарҳо хоби ғафлат нест ҷуз бурҳони шаб.
Гӯшагири вусъатободи ғубори ҷаҳл бош,
Пардапӯши як ҷаҳон айб аст Ҳиндустони шаб.
Бедил, аз печу хами зулфаш раҳоӣ мушкил аст,
Бар каримон саҳл набвад рухсати меҳмони шаб.

Тоби зулфат соя овезад ба тарфи офтоб,
Хатти мушкинат шикаст орад ба харфи офтоб.
Дида дар идроки оғӯши хаёлат очиз аст,
Зарра кай ёбад канори бахри жарфи офтоб?
Бинният он мисраи олист, к-аз андози хуси
Дахли нозаш дорад ангуште ба харфи офтоб.
Зулмати моро фурӯғи нури вахдат чозиб аст,
Соя аз худ меравад охир ба тарфи офтоб.
Дар арақ эъчози ҳусни ӯ тамошо карданист,
Шабнами гул мечакад он чо зи зарфи офтоб.
Баски икболи ҷунуни мо баланд афтодааст,
Мставон урёнии мо кард сарфи офтоб.
Ҳар кучо бо меҳри рухсори ту лофи ҳусн зад,
Ҳам зи партав бар замин афтод харфи офтоб.
Мо, адамсармоягонро, лофи хастӣ нодир аст,
Зарра хайрон аст бар вазъи шигарфи офтоб.
Баски дар наззораи меҳри чамоли ӯ гудохт,
Мавчи шабнам мезанад имрӯз барфи офтоб.
Ҷонфишонихост, Бедил, дар тамошои рухаш,
Чун сахар кун нақди умри хеш сарфи офтоб.

Ҳар киро карданд роҳатмаҳрами эҳсони шаб,
Чун саҳар бар оҳ маҳмил баст дар ҳиҷрони шаб.
Тирабахтонро зи нодонӣ ба чашми кам мабин,
Субҳ бо он равшанӣ гардест аз домони шаб.
Осмон нашнохт мавқеъ, варна дар таҳрири файз
Бар баёзи субҳ боистӣ хати райҳони шаб.
Баҳри манъи шиква бахтам сурмасой мекунад,
Лек аз ин ғофил, ки менолад баланд афғони шаб.
Гар ҳузури субҳи иқболе набошад, гӯ, мабош,
Аз сияҳбахтӣ басомон кардаам сомони шаб.
Аз фалак то залла бардорӣ, шикам бар пушт банд,
Офтоб ин ҷост доғи орзӯи нони шаб.
Бо чунин хобе, ки бахтам мовдори нақди ӯст,
Метавон кардан адо аз рӯзи ман товони шаб.
Сатри оҳе норасо афтод, ранги субҳ рехт,
З-он ҳама машқе, ки кардам дар дабиристони шаб.
Улфати бахти сиёҳ чун соя доғам кардааст,
Шаш ҷиҳат рӯз асту ман дорам ҳамон домони шаб.
Бедил, аз ёдаш ба тарки хоб савдо кардаем,
Варна ҷуз маҳмал қумоше нест дар дӯкони шаб.

Баски шуд аз ташнакомиҳои мо ноёб об,
Даст аз нам шуста меояд ба рӯи об об.
Ҳеч кас аз гардиши гардун нами файзе набурд,
Кош тар гардад зи хушкиҳои ин дӯлоб об.
Дам мазан, гар поси номуси ҳаё манзури туст,
Мавҷ то гул кард, ҳам ҷанг асту ҳам мироб об.
Инфиол охир ба доди худсариҳо мерасад,
Мекашад аз ҷанги оташ домани симоб об.
Чун ҳаво, к-аз орамидан ҷайби шабнам медарад,
Мекунад Маҷнуни моро нисбати одоб об.
Як гуҳар дил дар гиреҳ банду муҳити ноз бош,
Ин қадар мехоҳад аз ҷамъияти асбоб об.
Ҳақ ҷудо аз халқу халқ аз ҳақ бурун? Авҳоми кист?
То абад гирдоб дар об асту дар гирдоб об.
Шабнами ин боғам, аз тамҳиди оромам мапурс,
Мефишорам чашму мерезам ба рӯи хоб об.
Мавҷҳо бояд задан, то соҳиле пайдо шавад,
Мекашад худро аз ин дарё ба сад қуллоб об.
Рафтани умр аз ҳами қомат намехоҳад мадад,
Ҳар қадам сайри пул аст он ҷо, ки шуд ноёб об.
Нест ҷои шиква, гар моро зи мо пардохт ишқ,
Дар катони мо ғаше будаст, дар маҳтоб об.
Умрҳо шуд, Бедил, аз худ меравему чора нест,
Гавҳари ғалтони моро дод сар дар об об.

Оламеро безабониҳои ман пӯшидааст,
Шамъи хомӯш анҷуманҳо дар нафас дуздидааст.
Баски аз шарми тамошоят ба худ печидааст,
Акс дар оина пинҳон чун нигаҳ дар дида аст.
Аз сипанди ман забони шиква натвон ёфтан,
Ин қадар ҳам сӯхтан бар аҷзи ман нолидааст.
Ҳалқаи занҷири тасвирам, мапурс аз ҳайратам,
Нолае дорам, ки ҷуз гӯшам касе нашнидааст.
Донаро нашвунумои реша расво мекунад,
Гар забон дар ком бошад, рози дил пӯшида аст.
То куҷо анҷомад охир моҷарои доғи дил?
Бар кабоби хомсӯзам ахгаре печидааст.
Зиндагӣ таъмираш аз сели харобӣ кардаанд,
Ин, ки мегӯӣ нафас, гарде зи ҳам пошидааст.
Нотавонӣ бас бувад болу пари озодиям,
Мавҷ сад ранг аз шикасти хеш доман чидааст.
Кори сахле нест дар ҳастӣ тамошои Адам,
Бар таҳайюр ноз дорад, ҳар ки моро дидааст.
Дину дунё чист, то аз улфаташ натвон гузашт,
Пеши ҳиммат ин ду манзил як раҳи хобида аст.
Кулфате аз имтиёзи зиндагонӣ мекашем,
Бар рухи оинаи мо ҳам нафас печидааст.
Умри мо, Бедил, ба тавфи Каъбаи дилҳо гузашт,
Гарди чандин нукта як паргори мо гардидааст.

Халкро бар сари хар лукма зи бас саршиканист,
Ношито гар шиканӣ, калъаи хайбаршиканист.
Магзар аз завки халоваткадаи махфили дард,
Нолапардози най олами шаккаршиканист.
Нафас аз забти тапиш маъни дил мебандад,
Гавхаророни ин мавч ба худ даршиканист.
Сад киёматкада дар пардаи хайрат дорем,
Мижа бар хам задани мо сафи махшаршиканист.
Сахт корест, ки бо кулфати дил сохтаем,
Занги оина шудан саддисикандаршиканист.
Мебарад саъи фано тангии огӯши хубоб,
Вусъати машраби мо тобеи сигаршиканист.
Орзӯ хасрати мижгони кӣ дорад, ё раб,
Ки нафас дар чигарам бехуди ништаршиканист.
Махв куи арзи камолу дили равшан дарёб,
Софии оина оинаи чавхаршиканист.
Тарки чамъияти дил сахт надомат дорад,
Бахр якsар араки хичлати чавхаршиканист.
Бедил, аз хеш ба чуз нафӣ, чӣ исбот кунем?
Рангро шӯхии парвоз хамон паршиканист.

Ҷинси мо бо ин касодӣ қимате фаҳмидааст
В-ин ҳубоби пуч худро бо гуҳар санҷидааст.
Ҳар кас аз сайри баҳори бехудӣ огоҳ нест,
Дида ҳар ҷо маҳви ҳайрат мешавад, гул чидааст.
Булҳавас набвад ҳарифи арсагоҳи ҷилваат,
Ҳусни ӯ аз чашми муштоқон зираҳ пӯшидааст.
Нолаам дар ваъдагоҳи васл хориҷнагма нест,
Медиҳам овоз, то бахтам куҷо хобидааст.
То ба рангаш ворасӣ, аз нақши по ғофил мабош,
Баҳр дар ҷайби ҳубоб ин ҷо нафас дуздидааст.
Нақди гардун нест ғайр аз эътибороти хаёл,
Чун ҳубоб ин косаи ваҳм аз ҳаво болидааст.
Дарди дуриро иloҷе ҷуз умеди васл нест,
Марҳаме дорад ба хотир, захм агар хандидааст.
Дуди дил охир ба чандин шуъла хоҳад мавҷ зад,
Шамъи ин базмам, ҳанӯзам як мижа ҷунбидааст.
Ҳамчу шабнам дар таманнои нисори навгуле
Доштам ашке, намедонам, куҷо ғалтидааст.
З-ин гузаргоҳи нazokat бе таammул нагзарӣ,
Оламе хӯрдаст барҳам, то мижа лағзидааст.
Орзӯ аз файзи оми бехудӣ навмед нест,
Ман агар гирдаш нагаштам, ранги ман гардидааст.
Нест, Бедил, вахшатам ҷуз поси номуси ҷунун,
Кисвати урёниҳо доман аз ман чидааст.

Кохиши табъи ман аз фитрати бебоки худ аст,
Шамъро барки фано шуълаи идроки худ аст.
Ғайр мушкил, ки шавад доми асирони вафо,
Қафаси ваҳшати субҳам чигари чоки худ аст.
Барнакардем сар аз доираи ҳайронӣ,
Шабнами мо нигаҳи дидаи намноки худ аст.
Ранги бетобии дил аз нафаси ман пайдост,
Гардани шишаи ин бода раги токи худ аст.
Тӯбӣ ин чо самараш кобили дил бастан нест,
Зоҳид аз бехабарӣ решаи мисвоки худ аст.
Гар дил аз шарми карам об шавад, исор аст,
Варна гавҳар ҳама чо укдаи имсоки худ аст.
Нест дилро чу шикаст анчумани офияте,
Садафи гавҳари мо синаи садчоки худ аст.
Гирдбод аз нафаси сӯхта доме дорад,
Сайди ин бодия дар ҳалкаи фитроки худ аст.
Зарару нафъи чаҳон аст ба нисбат, варна
Заҳр дар олами худ соҳиби тарёки худ аст.
Дил ба хун метапад аз шӯхии чавлони нафас,
Мавчи бетобии ин баҳр зи хошоки худ аст.
Шуъларо сачдагаҳе нест чу хокистари хеш,
Ҷабҳаи мо нукати доираи хоки худ аст.
Бедил, аз соддадилӣ оина лабрези сафост,
Оби ин чашма зи мавчи назари поки худ аст.

Боз бо тарзи такаллуф ошно мебинамат,
Ҷом бар даст аз араќхои хаё мебинамат.
Сурма дар юри забон кардй, зи мижгон шарм дор,
Чанд рӯзе шуд, ки ман пур бесадо мебинамат.
Ин қадар доми таammул хоксориҳои кист?
Бештар майли нигаҳ дар пеши по мебинамат.
Хуни муштоқон кадаҳпаймои наямедй мабод,
Гардише дар соғари ранги хино мебинамат.
Ҳамчу мижгон таври нозат яккалам баргаштааст,
Бе балое нестй, ҳарчанд во мебинамат.
Ашкҳоро бар сари мижгон чи фурсат чидан аст?
Як нафас биншин, даме дигар куҷо мебинамат?
Шамъро бе шӯъла сомони назар пайдост, чист?
Кӯр мегардам даме, к-аз худ ҷудо мебинамат.
Рафтаам аз хешу ҳасрат дидбони бехудист,
Ҳар куҷо бошам, ҳамон рӯ бар қафо мебинамат.
Бедил ашғоли хаторо мояи дониш магир,
Сарфи лағзиш чун қалам сар то ба по мебинамат.

Зиҳӣ чамансози субҳи фитрат табассуми лаъли меҳрҷӯят,
Зи бӯи гул то навои булбул фидои тамҳиди гуфтугӯят.
Саҳар насиме даромад аз дар паёми гулзори васл дар бар,
Чу ранг рафтам зи хеш, дигар чӣ ранг бошад нисори бӯят?
Ҳавони машқи интизорам, зи хок гаштан чӣ бок дорам?
Ҳанӯз дорад хати ғуборам шикастан килки орзӯят.
Ба ҷустуҷӯ ҳар тараф шитобам, ҳамон ҷунун дорад изтиробам,
Ба зери пояш магар биёбам диле, ки гум кардаам ба кӯят.
Зи гулшанат решае наханидад, ки чархаш афсурдагӣ писандад,
Чу моҳи нав нақши ҷом бандад лабе, ки тар шуд ба оби ҷӯят.
Ба ишқ нозад дили ҳавас ҳам, биболад аз шуъла хору хас ҳам,
Расост сарриштаи нафас ҳам ба қадри афсуни ҷустуҷӯят.
Ба ин заифӣ, ки бори дардам шикаста дар табъи ранги зардам,
Ба гирди наққоши шавқ гардам, ки мекашад ҳасратам ба сӯят.
Зи саҷдаи хиҷлатовари ман чӣ ноз хирман кунад сари ман?
Ки хоҳад аз чабҳаи тари ман чу гул арақ кард хоки кӯят.
Агар баҳорам, ту обёрӣ, агар чароғам, ту шӯълакорӣ,
Зи ҳайрати ман хабар надорӣ, биёрам оина рӯ ба рӯят.
Куҷост мазмуни эътиборе, ки Бедил иншо кунад нисоре,
Бизоатам пайкари низоре, биафканам пеши тори мӯят.

Бар камар то баҳла он турки назокатмаст баст,
Нозукӣ дар хидмати мӯи миёнаш даст баст.
Бигзар аз уммеди огоҳӣ, ки дар саҳрои ваҳм
Чашми мо гарде, ки хоҳад то абад нанишаст, баст.
Хок бар сар кард халқеро ғурури бому дар,
Нақши по боист тоқи ин бинои паст баст.
Ҳарза фикри ҳирси мазмунҳои чандин обила
То ба домони қаноат пои мо нашкаст, баст,
Шамъи хомӯшем, дигар нози раъноӣ кирост?
Аҳди мо бо нақши по ранге, ки аз рӯ част, баст.
Қатра воре то аз ин дарё кашӣ сар бар канор,
Боядат чун мавҷи гавҳар дил ба чандин шаст баст.
Безабон аз хиҷлати изҳори матлаб мурдаам,
Бояд аз хокам лаби захме, ки натвон баст, баст.
Ёди чашми ӯ хароботи ҷунуни дигар аст,
Шиша бишкан, то тавонӣ нақши он бадмаст баст.
Ҳеч кас, Бедил, ҳарифи тарфи домонаш нашуд,
Шарми он пои ҳиноӣ оламеро даст баст.

Дар чунунам мӯи сар сомони роҳат чидааст,
Соаи беде саропои маро пӯшидааст.
Сахт бедардист даст аз доманат бардоштан,
Хуни ман ранге ба рӯи барги гул хобидааст.
То маро ишқат чу шабнам дидаи бехоб дод,
Аз гудози дил гулобе бар рухам пошидааст.
Оқибат хоҳам ба он улфатсаро маҳмил кашид,
Бехуде аз ишқ роҳи хонаат пурсидааст.
Бистари доғе чу шамъи кушта сомон кардаам,
Эй ҳавас, хомӯш, имшаб оҳам оромидааст.
Барқи беранг аст ишқ, аммо дар ин саҳрои ваҳм
Дидаи халқ аз сиёҳиҳои худ тарсидааст.
Субҳи васлат бахти бад шояд фаромӯшам кунад,
Нестам навмед, ин золим ба хобам дидааст.
Хок шав, эй дил, ки дар номусгоҳи арзи ноз
Ҳуснро ранги дуй з-оина ранҷонидааст.
Бо ҳама аҷз аз талоши сӯхтан орӣ наям,
Шуъла ҳам бар ҷуръати хошоки по ларзидааст.
Бистари ороми дунё гарм натвон ёфтан,
Умрҳо шуд паҳлуи мо з-ин тараф гардидааст.
Рафт чун реги равон, Бедил, тарӣ аз обила,
Хоки ин саҳро лаби хушки киро лесидааст?

Сарви чамани дил алафи шӯълаи оҳест,
Сарсабзии ин мазрааро барқ гиёҳест.
Бе ҷуръати биниш натавон маҳви ту гаштан,
Сарриштаи ҳайронии мо мадди нигоҳест.
Кай садди раҳи ашк шавад домани рангам?
Гар кӯҳ бувад, дар дами селаш пари коҳест.
Ҷуз сайқалии оинаи об надорад,
Ҳарчанд ки сарви лаби ҷӯ мисраи оҳест.
Иззат талабӣ, ҷавҳари таслим ба даст ор,
Ин ҷо ҳама тоат шикани тарфи кулоҳест.
То чанд занад лофи баландӣ сари гардун?
Ин байза ба зери пари парвози нигоҳест.
Бар ҳосили дунё чи қадар ноз тавон кард?
Сар то сари ин мазраа як мушти гиёҳест.
Фарши дари дил шав, ки дар ин арса нафасро
Аз ҳарзадавӣ хонаи оина паноҳест.
З-ин ҳастии беҳуда савобе, ки ту дорӣ,
Гар ҷурм тасаввур накунӣ, сахт гуноҳест.
Фоли сари таслим заму сози қадам кун,
То манзили роҳат зи гиребони ту роҳест.
Бедил, пайи он ҷилва, ки ман рафтаам аз хеш,
Ҳар нақши қадам сурати ҳамёзаи оҳест.

Гар шавад он наргиси майгун мукобил бо шароб,
Мешавад чун оби гавҳар хушк дар мино шароб.
Ҷомро ҳамчашмии он наргиси махмур нест,
Аз ҳуҷуми мавҷ гар мижгон кунад иншо шароб.
Ишрате гар ҳаст, дилҳоро ба ҳам ҷӯшидан аст,
Кам шавад ангурро як донаи танҳо шароб.
Ғайри таqво нест асли кори риндиҳои мо,
Аз гудози субҳа пайдо кардаанд ин ҷо шароб.
Умрҳо шуд бехуд аз хоби гурури донишем,
Лек гоҳе мезанад обе ба рӯи мо шароб.
Баски гуфтугӯи мастон вакфи зикри бода аст,
То лаби согар надорад ҷуз хурӯши «ё шароб!»
Мо ба зӯри майпарастӣ зиндагонӣ мекунем,
Чун ҳубоби май бинои мост сар то по шароб.
То хаёли туст дар дил, айшҳо омода аст,
Нест хомуш шамъи мо, то ҳаст дар мино шароб.
Машраби мо, хоксорон, фориг аз олудагист,
Нест нуксон, гар расад бар домани саҳро шароб.
Оҳ аз он афсурдае, к-аз ҷӯши саҳбо нашкуфад,
Ҳамчу мино хомӯширо мекунад гӯё шароб.
Ҳусни ташрифи баҳор аст обро дар барги гул,
Мекунад дар согар андоме дигар пайдо шароб.
Дар саводи сурма кун наззораи чашми бутон,
Ишратафрӯз аст, Бедил, дар дили шабҳо шароб.

Ҳамеша сангдилонанд номдори тараб,
Зи ханда нақши нигинро ба ҳам наёяд лаб.
Забони ҳосиду тамҳиди ростӣ ғалат аст,
Каҷӣ бадар натавон бурд аз думи ақраб.
Саводи фақр асармояи сафои дил аст,
Чу субҳ пок намо чеҳраи ба домани шаб.
Ҳунар ба аҳли ҳасад медиҳад натиҷаи айб,
Зи ҷавҳар аст дар абрӯи тег чини ғазаб.
Ҳавас чи гуна кунад шӯхӣ аз дили қонеъ?
Ба домани гуҳар осуда аст мавҷи талаб.
Ба дашти аҷзи таҳайюр матои қофилаам,
Агар бар оина маҳмил кашем, нест аҷаб.
Чу чашма зиндагии мо ба ашк мавқуф аст,
Дигар зи гиряи мо, беҳудон, мапурс сабаб.
Бисоти зулф шавад чида дар дамидани хат,
Ба чоки синаи субҳ аст чини домани шаб.
Ҷаҳон қаламрави изҳори бениёзиҳост,
Кадом зарра, ки ӯ нест офтобнасаб?
Зи баски душмани осудагист тинати ман,
Чу шуъла мешиканад рангам аз шикастани таб.
Қадаҳпарастӣ аз асбоб фориғам дорад,
Китоби дарди сарe шустаам ба оби инаб.
Ба хомушӣ талаб аз лаъли ёр коми умед,
Ки бӯса рӯ надиҳад, то ба ҳам наёрӣ лаб.
Ба пеши ҷилваи тоқатгудози ӯ, Бедил,
Ғазид ҷавҳари оина пушти дасти адаб.

Базми моро нест гайр аз шӯхрати анко шароб,
К-аз садои чом натвон фарк кардан то шароб.
Зарфу мазруфи таваххумгохи хастӣ хайрат аст,
Кас чи бандад зарфи мастӣ з-ин пари мино шароб.
Максади хайратхироми ашки бетобам мапурс,
Нашъа берунтози идрок асту хунпаймо шароб.
Мо ба уммеди гудози дил ба худ болидаем,
Яъне ин ангур хам хохад шудан фардо шароб.
Дар рахи мо аз шикасти шишахои обила
Мефурӯшад хамчу чоми бода накши по шароб.
Дар сияхкорӣ саводи гиря равшан кардаем,
Соф меояд буруи аз пардаи шабхо шароб.
Печу тоби мавч зулфи чавхар иншо мекунад,
Гар намояд чехра дар оинаи мино шароб.
Хору хасро менишонад шуъла дар хоки сиёх,
Окибат ахли хавасро мекунад расво шароб.
Чун лаби сохил насиби мо хамон хамёза аст,
Гар хама дар коми мо резанд як дарё шароб.
Имтиёзе дар миён омад, дурангӣ накш баст,
Кард, Бедил, согари моро гули раъно шароб.

Аз сари мастӣ набуд имшаб хитобам бо шароб,
Бедимоғӣ шиша зад бар санг, гуфтам то шароб.
Базми имконро бувад ғавғои мастӣ то ба кай?
Чанд хоҳад буд, охир, ҷӯши як мино шароб?
Даври ваҳме метавон тай кард чун авроқи гул,
Соғари ин базм ранг асту шикастанҳо шароб.
Маст то махмури ин майхона мӯҳтоҷ асту бас,
Ваҳми банг аст ин, ки гӯй дорад истиғно шароб.
Умрҳо будем махмури самандармашрабӣ,
Нест аз инсоф, агар резӣ ба хоки мо шароб.
Бекаророни талаб сар то қадам кайфиятанд,
Мекунад эҷод аз ҳар узви худ дарё шароб.
Соғари базми хаёлам наргиси махмури кист?
Меравам мастона аз худ, хӯрдаам гӯё шароб.
Субҳ аз хамёза охир ҷоми шабнам мезанад,
Ҳасрати махмурам аз худ мекунад пайдо шароб.
Хуншудансарманзилем, аз ҷустуҷӯи мо мапурс,
Гоҳ медонад, чиҳо дар пеш дорад то шароб.
Бахри маънӣ майкашиҳо мӯҳтасиб даркор нест,
Бедил, охир раъша мебандад ба дасти мо шароб.

Белатофат нест, аз6ас вахшатоханг аст об,
Гар дари роҳат занад, ҳамчун гуҳар санг аст об.
Фитнатӯфон аст арзи рангу бӯи ин чаман,
Дар тилисми хок ҳайронам, чи найранг аст об?
Нашъаи равшандилӣ пур бехумор афтодааст,
Аз сафои табъ доим шишадарчанг аст об.
Чун гиребонгир шуд ёри мувофиқ, душман аст,
Гар бипечад дар гулӯ, бо тег ҳамсанг аст об.
Бо гудози яъс аз худ рафтанам дил мебарад,
Нағмаҳо дорад чакидан, ҳар куҷо чанг аст об.
Маҳмили мо, очизон, бар дӯши лағзиш бастаанд,
Сад қадам аз мавч агар пайдо кунад, ланг аст об.
Дурии марказ ҷаҳонероcт таклифи низоъ,
То чудо аз санг шуд, бо шуъла дар чанг аст об.
Бекудурат нест дар касрат сафои ваҳдатам,
То ба гулшан роҳ дорад, сарфи сад ранг аст об.
Обрӯ натвон ба пеши нокасон чун шамъ рехт,
Эй тамаъ, шарме, ки ин ҷо шӯъладарчанг аст об.
Хонадорӣ доғи кулфат мекунад вораставо,
Дар дили оина, Бедил, сарбасар занг аст об.

Баски аз тарзи хиромат чилваи мастона рехт,
Ранг аз рӯи чаман чун бода аз паймона рехт.
Ҳасрати васли ту бурд осоиш аз бунёди дил,
Партави шамъат шабехуне бар ин вайрона рехт.
Фикри зулфат синачоконро зи бас печидааст,
Метавон аз колаби ин кавм хишти шона рехт.
Хоки саҳро мавчи май шуд аз тапиданҳои ман,
Чашми мастат хуни ин бисмил ачаб мастона рехт.
То ғубори хотири шамъе набошад дар назар,
Метавон сад субҳ аз хокистари парвона рехт.
Оламеро саргузашти рафтагон аз кор бурд,
Ранги хоби маҳфили мо бештар афсона рехт.
Гарди ваҳшат з-ин биёбон муддате гум гашта буд,
Гирдбод имрӯз ранги сурати девона рехт.
Золим аз бедастгоҳӣ нест бе тамҳиди зулм,
Дар ҳақиқат арра шамшер аст, чун дандона рехт.
Сахт нобарчост даври нашъаи маҳмуриям,
Чун камонам бояд аз хамёза ранги хона рехт.
Ҳар кучо, Бедил, мукофоти амал гул мекунад,
Дидаи дом аз ҳучуми ашк хоҳад дона рехт.

Ба фикри дил лабам аз рафти қилу қол гузашт,
Чи сон нафас кашам, оина дар хаёл гузашт?
Кучост тоби зи худ рафтане, ки чун ёқут
Ба арзи гардиши рангам ҳазор сол гузашт.
Баҳори яъс зи сомони бениёзиҳо
Чи моя дошт, ки болидан аз ниҳол гузашт.
Ҳаме ба дӯши адаб банд, сайри иззат кун,
Зи осмон ба ҳамин нардбон ҳилол гузашт.
Тариқи фақр чунунтозии дигар дорад,
Далел ҳочату мебояд аз суол гузашт.
Арақ зи чабҳаи мо бе фано нашуд зоил,
Фиғон, ки умр чу шабнам ба инфиол гузашт.
Зи ҳеч ҷилва ба таҳқиқ чашм нақшудем,
Шуҳуди оина дар олами мисол гузашт.
Ҳамушнавоии мавчи таканнум аз лаби ёр
Ишоратест, ки натвон аз ин зулол гузашт.
Ба оламе, ки зи парвоз кор накшояд,
Тавон чу ранг ба саъйи шикасти бол гузашт.
Ба фикри насяи мавҳум нақд низ намонд,
Мапурс, дар ғами мустақбилам чи ҳол гузашт?
Дилам зи хичлати безарфӣ об шуд, Бедил,
Ба ёди бода тарихо бар ин сафол гузашт.

Шӯхи бебоке, ки ранги айши ҳар кошона рехт,
Хост шамъе барфурӯзад, оташам дар хона рехт.
Файзи маънӣ дархури таълими ҳар бемағз нест,
Нашъаро чун бода натвон дар дили паймона рехт.
Шуд нафас аз кор, аммо уқдаи дил во нашуд,
Ин калид аз печу тоби қуфли мо дандона рехт.
Эй хуш он ринде, ки дар хоки хароботи фано
Ранги осоиш чу ашк аз лағзиши мастона рехт.
Аввалин ҷӯши баҳори ишқ мебошад ҳавас,
Бе хасу хошок натвон ранги оташхона рехт.
Шаб хаёли партави ҳусни ту зад бар анҷуман,
Шамъ чандон об шуд, к-аз дидан парвона рехт.
Ваҳшате кардему ҷастем аз тилисми эътибор,
Парфишонӣ гарди мо беруни ин вайрона рехт.
Гиряи булбул паи тасхири гул беҳуда аст,
Баҳри сайди тоиронӣ ранг натвон дона рехт.
Бодаи дурде, ки номуси ду олам нашъа буд,
Шӯхчашмиҳои ашк аз бозии тифлона рехт.
Сарбасаҳрододаи найранги савдои туам,
Метавон аз мушти хокам оламе девона рехт.
Гарди ноз аз домани гесӯи ёр афшондаам,
Аз гудози ман тавон обе ба дасти шона рехт.
Аз дилам бардошт, Бедил, нола муҳри хомушӣ,
Изтироби реша оби хилвати ин дона рехт.

Ҷаҳон қаламрави тӯфони эътибори ту нест,
Зи ҳар чи ранг тавон ёфтан, баҳори ту нест.
Каманди ҳиммати ваҳшатсавори ишқ расост,
Ҳавас агар ҳама анқо шавад, шикори ту нест.
Зи лофи тарк маяфкан халал ба ҳиммати фақр,
Шикасти ҳар ду ҷаҳон як кулоҳвори ту нест.
Шарар ба чашми тағофул ишорате дорад,
Ки ин бисоти ҳавас ҷои интизори ту нест.
Саҳар чи кард дар ин боғ, то ту хоҳӣ кард?
Баҳуш бош, ки фурсат нафасшумори ту нест.
Куҷост оинае, к-аз ҳавас набохт сафо?
Ҳавои олами ҳастӣ ҳамин ғубори ту нест.
Кадом мавҷ дар ин баҳр бе тараддуд монд?
Ба худ маноз зи ҷаҳде, ки ихтиёри ту нест.
Ҳузури соғари ҳамёза медиҳад овоз,
Ки ҳеч нашъа ба гул кардани хумори ту нест.
Кадом рамзу чи асрор? Хешро дарёб,
Ки ҳар чи ҳаст ниҳон, ғайри ошкори ту нест.
Ба худ чи улфати бегонагист шавқи туро?
Ки маҳфи ғайриву оина дар канори ту нест.
Мисоли шахс дар оина гарди ваҳшати ӯст,
Ту гар зи худ наравӣ, ҳеч кас дучори ту нест.
Далели хеш пас аз марг ҳам туӣ, Бедил,
Чу шамъи кушта касе ҷуз ту бар мазори ту нест.

Ҳар кучо лаъли ту ранги хандаи мастона рехт,
Аз хичолат оби гавҳар чун май аз паймона рехт.
Дар губори хотири мо сад чаҳон ҳасрат гум аст,
Обрӯи ганчҳо дар хоки ин вайрона рехт.
Чархи ҳосид то ба бедардӣ кунад моро ҳалок,
Ҷоми заҳри бегамӣ дар коми мо ёрона рехт.
Дар тилисми зиндагӣ моему айши сӯхтан,
К-аз гудози мо муҳаббат шамъи ин кошон  рехт.
Ҳайрате будем, акнун хор-хори ҳасратем
Санъати ишқат зи мо оина бурду шона рехт.
Шаб, ки шуд зоҳид ба файзи гардиши ҷом ошно,
Субҳа чон чуръаи май бар замин риндона рехт.
Нақди торочи чаман дар резиши барги гул аст,
Ранги вайронист, чун хишт аз бинои хона рехт.
Дарди маъшуқон ба ошиқ бештар дорад асар,
Шамъ то ашке бифшонад, пари парвона рехт.
Дӯш савдои кӣ мезад шишаи ашкам ба санг,
К-аз мижа то доманам яксар дили девона рехт.
Зиндагонӣ дастгоҳи хоби ғафлат буду бас,
Чашм то бедор кардам, гӯш бар афсона рехт.
Илтифоти бегараз саррииштаи тасхири мост,
Сайди мо хоҳӣ, буруни дом бояд дона рехт.
Уқдаи дилро зи зулфаш боз кардан мушкил аст,
Бедил, ин чо нохун аз ангуштҳои шона рехт.

Ҷаҳон дар сурма хобид аз хаёли чашми фаттонат,
Чи сангин буд, ё раб, сояи девори мижгонат?
Таҳайюр бар саропои ту во кардаст огӯше,
Ки чун товус натвон дид беруни гулистонат.
Кудурат то начинад ҷавҳари шамшери истигно,
Ба ҷои хун арақ мерезад аз захми шаҳидонат.
Баҳоратро фусуни ихтирое буд мастурӣ,
Қабои ноз чун гул кард пеш аз ранг урёнат.
Магар пушти лабе хоҳад табассум сабз кард имшаб?
Қиёмат бар ҷигар механддад аз гарди намакдонат.
Ба шӯхиҳои истигно нигаҳворе тагофул зан,
Сиришкам лағзише дорад ниёзи тарзи мастонат.
Саводи ноз равшан кард ҳуси аз саъйи таъмирам,
Сафолӣ ёфт дар гил кардани ин хок райҳонат.
Чи найранг аст сомони тамошохонаи ҳастӣ?
Мижа бар хеш во кардам, ҷаҳоне гашт ҳайронат.
Шикасти дил ба он шӯхӣ зи хам пошид аъзоям,
Ки гул кард аз губорам гардаи тасвири паймонат.
Ба ранге гул накардам, к-аз ҳиҷобам барнаёвардам,
Мусаввар дошт дар нақшам кашиданҳои домонат.
Ҳарифи маънии таҳқиқ осон кас нашуд, Бедил,
Чу тори субҳа чандин нақб мехоҳад гиребонат.

Бе сози инфиол ҷаропои ман тиҳист,
Чун шабнам аз видои арақ ҷои ман тиҳист.
Найранги оламе ба хаёлам шумурда гир,
Сифри зи худ гузаштаам, аҷзои ман тиҳист.
Ранге надорад оинаи машраби фано,
Аз гарди хеш домани саҳрои ман тиҳист.
Дил маҳви мутлақ аст, чи ҳастӣ, куҷо адам?
Аз ҳар чи дорад исм, муаммои ман тиҳист.
Чун субҳ бол аз нафаси сард мезанам,
Умрест ошёнам анқои ман тиҳист.
Аз нақди дастгоҳи зиёнкори ман мапурс,
Имрӯзи ман чу кисаи фардои ман тиҳист.
Чун пайкари ҳубобам аз офат сириштаанд,
Аз мағзи офият сари бепои ман тиҳист.
Ё раб, никоби кас надарад эътиқоди пуч,
Аз як ҳубоб колаби дарёи ман тиҳист.
То кай фурӯшам аз араки шарм ҷоми узр?
Чашмам хумор дораду минои ман тиҳист.
Бедил, сари муҳит саломат чи мавҷу каф?
То ӯ баҷост, ҷои туву ҷои ман тиҳист.

Ғизоли ами, ки улфат хаёли мубҳами ӯст,
Ба ҳар куҷо нафасе гард мекунад, рами ӯст.
Амал куҷост, гар аз фурсат огаҳӣ бошад?
Қусури фитрати мо бешфаҳмии ками ӯст.
Ҳисоби мулки бақо бо фано наёяд рост,
Ба оламе, ки ғубори ту нест, олами ӯст.
Зи файзи зоҳири имкон суроғи ами маҳоҳ,
Ки субҳи офияти халқ руфтаи дами ӯст.
Дар ин бисот чунуншавкатони урёнӣ
Шикастаанд кулоҳе, ки осмон ҳами ӯст.
Ғурур рост наёяд ба қомати пирӣ,
Шикастагист нигине, ки боби хотами ӯст.
Илоҷи кӯрии дил кун, ки дар қаламрави ранг
Ба ҳар куҷо назаре ҳаст, ҷилва таваъами ӯст.
Суроғи Каъбаи берангии дилам хун кард,
Ки дар гудози ду олам баҳори олами ӯст.
Мурувват об шуд аз шарми чашми қурбонӣ,
Ки иди ишрати офоқ дар муҳаррами ӯст.
Касе ба сайди нигоҳат чи сеҳр пардозад?
Ки акси мавҷи хати сурма риштаи рами ӯст.
Ба сина ошиқи Бедил ҷароҳате дорад,
Ки ёди кови мижгони ёр марҳами ӯст.

Сафои холи мо магшуши рангест,
Адамро номи хастй сахт нангест.
Зи кайди-сахтчонихо мапурсед,
Царори мо кафасфарсуд сангест.
Ба хар чо боли ачзи мо кушуданд,
Пари парвоз накши пои лангест.
Навохое, ки дорад сози занчир,
Зи шасти шўхрати Мачнун хадангест.
Чахон гирди сувайдои кй дорад?
Зи доги лола ин сахро палангест.
Саропо боламу аз ачзи токат
Чу гул парвозам аз ранге ба рангест.
Чу шамъ аз фикри хастй мегудозам,
Багал во кардани чайбам нахангест.
Шикастан сожи базм аст, хуш дор,
Маю минову чом ин чо тарангест.
Чахон чинси баду некй надорад,
Туй сармоя, хар чо сулху чангест.
Ба яктой тараф гардиданат чанд?
Хаёландешии оина зангест.
Навопарвардаи ачзем, Бедил,
Дар ин дарё хами хар мавч чангест.

Шаҳиди хандаи захмам, ки теғ ҳамдами ӯст,
Кабоби гулшани доғам, ки шуъла шабнами ӯст.
Шикори нози ғизолест нотавон дили ман,
Ки ранги даҳр ба фитрок бастаи рами ӯст.
Туро ба мулки малоҳат сазад сулаймонӣ,
Аз он нигини табассум, ки ғунча хотами ӯст.
Ба барқи теғи ту нозам, ки дар баҳори хаёл
Ҳазор субҳи таҷаллӣ муқобили дами ӯст.
Чӣ мумкин аст зи зулфат бурун тапидани дил?
Ки ҳусн ҳам зи асирони ҳалқаи хами ӯст.
Зи тангии дилам андеша метапад дар хун,
Чӣ гуна маҳшари ғам дар фазои мубҳами ӯст?
Баҳори хок ба ин рангу бӯ чӣ имкон аст?
Нафас дар оинаи мо ҳавои оламӣ ӯст.
Шаҳиди теғи кӣ з-ин водии хароб гузашт
Ки шоми субҳ ҳуҷуми ғубори мотами ӯст.
Ҳавои улфати бегонамашрабе дорем,
Қарори мо талаби ӯ, нишоти мо ғами ӯст.
Биҳишти хуррамии мост маҷмаи имкон,
Вале чӣ суд, ки шахси мурувват одами ӯст.
Ба чашми кам манигар, Бедили ситамзадаро,
Ки обрӯи муҳаббат ба дидаи нами ӯст.

То ҳайрати хиромӣ ту сомони дидааст,
Чандин қиёмат аз мижаам сар кашидааст.
Озодам аз таваҳҳуми найранги рӯзгор,
Товуси ин чаман зи хаёлам паридааст.
Парвози накҳати чамани бенишониям,
Завқи шикасти бол ба рангам кашидааст.
Ку манзилу чӣ амн, ки дар корвони шавқ
Осудагӣ зи обилаи по рамидааст.
Печидааст бехудиам домани чиҳот,
Яъне димоғи гардиши рангам расидааст.
Ин анчуман чунункадаи интизори кист?
Оина то нафас шумурад, дил рамидааст.
Абрӯи ёр бори тавозӯъ намекашад,
Ҳам дар биное теги ғуруре хамидааст.
Мову умед дар гиреҳи бебизоатӣ
Як қатра хуни дил, ки ба сад ҷо чакидааст.
Ҳамчун шарар наёмада аз хеш рафтаем,
Сомони ин баҳор зи гулҳои чидааст.
Бедил, ба табъи обилаи по нуҳуфтаем
Лағзидане, ки бар ду ҷаҳон хат кашидааст.

Чӣ гӯяд оинаам шукри хушмаошии ҳайрат?
Зи ҷилва боҷ гирифтам ба беталошии ҳайрат.
Ба мактабе, ки адад вонигошт сарҳати нозат,
Нахонда ҷавҳари оина ҷуз хавошии ҳайрат.
Ҳазор оина товус мепарам ба хаёлат,
Биҳишт кард ҷаҳонро ҷамантарошии ҳайрат.
Шабе дар оина сайри шукӯҳи ҳусни ту кардам,
Намерасам ба худ акнун зи дурбошии ҳайрат.
Ба ғайри маҳв шудан қадрдони ҷилва чӣ дорад?
Гулоби базми туем аз ниёзпошии ҳайрат
Ба илму фазл манозед, к-ин сафокада дорад
Ба қадри ҷавҳари оина бадкумошии ҳайрат.
Дар он макон, ки ба сайқал расад ҳақиқати Бедил,
Тараҳҳум аст ба ҳоли ҷигаркарошии ҳайрат.

Бозам ба дил навиди сафое расидааст,
Аз пешгоҳи оина субҳе дамидааст.
Ин сайдгоҳи кист, ки аз ҷӯши куштагон
Бисмил чу ранг дар ҷигари хун тапидааст.
Гул ҷоми худ абас ба шикастан намедиҳад,
Софи тараб ба шишаи ранги паридааст.
Ҷуръат куҷову ман зи куҷо? Лек чора нест,
Наққош домани ту ба дастам кашидааст.
То ғунчаи ту банди қабо боз мекунад,
Оғӯшҳо чу субҳи гиребондаридааст.
Ғофил мабош аз дили яъсинтихоби ман,
Ин қатра аз гудози ду олам чакидааст.
Доғам зи ранги аҷз, ки бо он фусурдагӣ
Бе миннати қадам ба шикастан расидааст.
Лайлӣ ҳанӯз доми саранҷом медиҳад,
Ғофил, ки гарди водии Маҷнун рамидааст.
Суратнигори анҷумани бениёзием,
Дар шаш ҷиҳат тағофулам оина чидааст.
Ҳар дам чу гавҳар аз гиреҳи хеш меравем,
Парвози ҳайратанҷуманон орамидааст.
Бедил, таҷаррудам алами шаъни нестист,
Ин хома хат ба сафҳаи пастӣ кашидааст.

Онҳо, ки лофи афсару авранг мезананд,
Дар ном ҳам сарест, ки бар санг мезананд.
Ҷамъе, ки по ба манзилу фарсанг мезананд,
Дар ёди домани ту ба дил чанг мезананд.
Чун ман касе мабод намандуди инфиол,
К-аз акси номам оинаҳо занг мезананд.
Дар боғи эътибор, ки номуси рангу бӯст,
Риндон ба ханда гул ба сари наңг мезананд.
Гардун ҳарифи доғи муҳаббат намешавад,
Ин хайма дар фазои дили танг мезананд.
Ёрон чу гирдбод, ки ҷӯшад зи тарфи дашт,
Доман ба зери по ба ҳаво чанг мезананд.
З-ин раҳравон кирост сару барги ҷустуҷӯ,
Гоме ба заҳмати қадами ланг мезананд.
Товуси мо хиҷолати изҳор мекашад
З-ин ҳалқаҳо, ки бар дари найранг мезананд.
Моро ба гарди кулфат аз ин базм рафтан аст,
Оинаҳо қадам ба раҳи занг мезананд.
Бе парда нест сурати таҳқиқи кас ҳанӯз,
Осори ҳомаест, ки дар ранг мезананд.
Гоҳе ба Каъба медавам-у гаҳ ба сӯи дайр,
Девонаам, зи ҳар тарафам санг мезананд.
Бедил, ба токи абрӯи ваҳмест чоми халқ,
Чандон ки хуш кор кунад, банг мезананд.

Бути ҳиндй кай аз дарди сари туркон хабар дорад?
Дар ин кишвар миён ку, то димоғи баҳла бардорад?
Дар ин дарё, ки ҳар як қатра сад домани гуҳар дорад,
Ҳубоби мо ба дил печида оҳе беасар дорад.
Набошад гар талоши офият, нақд аст оромат,
Нафасро саъйи роҳат ин қадар зеру забар дорад.
Ба як ранг аз баҳори муддаои дил машав ғофил,
Ки ин оина ғайр аз хуи шудан чандин ҳунар дорад.
Ҳубобам дар канори мавҷ дорад сайри ҷамъият,
Бароҳат мепарад мурғе, ки зери бол сар дорад.
Ба рӯи ишратам натвон дари чоки ҷигар бастан,
Чу мижгон шоми ман оройиши субҳе дигар дорад.
Ба зоҳир гар замингирам, зи мақсад нестам ғофил,
Ки чашми нақши по аз ҷода бар манзил назар дорад.
Ба қадри эътиборот аст забти хеш мардумро,
Чу санге, к-обдор афтад, фусурдан бештар дорад.
Ба ин ҳастй ғарат номе ба даст афтад, ғанимат дон,
Ки бисёр аст, агар дӯши нафас овоз бардорад.
Наҳоҳад шуд сиёҳй аз ҷабини ахтарам зоил,
Шаби ошиқ ба мӯи косаи чинй саҳар дорад.
Сафо дар арзи сомони ҳунар гум кардаам, Бедил,
Зи ҷавҳар ҳайрати оинаи ман болу пар дорад.

Ин қадар ашк ба дидори кӣ ҳайрон гул кард,
Ки ҳазор оинаам бар сари мижгон гул кард?
Оламеро зи дили хаста ба шӯр овардам,
Нолае доштам, охир ба найстон гул кард.
Нест ҷуз барги гул оинаи кайфияти ранг,
Хуни ман хоҳад аз он гӯшаи домон гул кард.
Гар чунин мекунадам тарҳи нигоҳи ту халок,
Сабза хоҳад зи мазорам ҳама мижгон гул кард.
Решаи доги ҳаё ғунчабаҳор аст имрӯз,
З-он табассум, ки лабат кошт, намакдон гул кард.
Натавон доги ту пӯшид ба хокистари мо,
Ҷачаи фохта хоҳад зи гиребон гул кард.
Партави шамъ фароҳам нашавад ҷуз ба фано.
Ранги ҷамъияти мо сахт парешон гул кард.
Ҳайратам кушт, ки дирӯз ба саҳрои адам
Хок будам, нафас аз ман ба чи унвон гул кард?
Саъйи ашкем, давидан чи хаёл аст ин ҷо?
Лагзише буд, зи мо обилапоён гул кард.
Ғайри ваҳшат гуле аз вазъи саҳар натвон чид,
Ҳар кӣ бӯе зи нафас ёфт, парафшон гул кард.
Аввалу охири ҳар ҷилва тамошо дорад,
Нақши по гул кун, агар оина натвон гул кард.
Бедил, аз миннати домони касе тар нашудем,
Шамъи моро нафаси сӯхта осон гул кард.

Дил аз вусъат агар шоне надорад,
Биёбон хам биёбоне надорад.
Дар ин дарё надомат эътибор аст,
Гухар чуз ашки урёне надорад.
Ҷунун меболад аз бедастгохӣ,
Ки урёнӣ гиребоне надорад.
Ту хохе шиша бишкан, хох соғар,
Тараб чуз ранг сомоне надорад.
Ба худ мебол, лек аз ғусса хӯрдан,
Танӯри орзу ноне надорад.
Мухаббатпешаӣ бигзору хун шав,
Ки дарди ишк дармоне надорад.
Кашад чун гирдбод охир зи халкат
Гиребоне, ки домоне надорад.
Дари дил мезанӣ, озодият ку?
Магар оина зиндоне надорад?
Мухаббат дастгохи офият нест,
Тахайюр рафти мижгоне надорад.
Тазаллум дурӣ аз асл аст, варна
Нафас дар сина афғоне надорад.
Тахайюрбисмили ашки ниёзам,
Ба хун ғалтиданам чоне надорад.
Агар ишки бутон куфр аст, Бедил,
Касе чуз кофар имоне надорад.

То зи гарди интизорат мустафидам кардаанд,
Рӯсафеди улфат аз чашми сафедам кардаанд.
Навбаҳори гардиши ранги тамошо нестам,
Аз кидам оинаи шавқи ҷадидам кардаанд.
Нагмаам, аммо муқими сози мавҳуми нафас,
Дар хаёлободи пинҳонӣ падидам кардаанд.
То нафас боқист, аз гарди ману мо чора нест,
Ҳарзатози арсаи гуфтугӯ шунидам кардаанд.
Дидаи қурбониям, барги ништам ҳайрат аст,
Аз кафан хилъаттирозиҳои идам кардаанд.
Орзу, то нагзарад з-ин кӯча бе талқини дард,
Тифли ашке чанд дар пирӣ муридам кардаанд.
Ягъс ку, то ҳимматам сомони озодӣ кунад?
Оламеро доми тасхири умедам кардаанд.
Чун нафас аз заъф ҷуз қалби ҳаво нашкофтам,
Фатҳи боби бедарӣ вақфи калидам кардаанд.
Ҳасрати ман метапад ҳамдӯши набзи коинот,
Дар дили ҳар зарра сад бисмил шаҳидам кардаанд.
Бедил, аз пирӣ саропоям хуми таслим рехт,
Сарви ин гулзор будам, шохи бедам кардаанд.

Нишоти ин баҳорам бе гули рӯят чӣ кор ояд!
Ту гар ой, тараб ояд, биҳишт ояд, баҳор ояд.
Зи истиқболи нозат гар чаманро рухсате бошад,
Ба сад товус бандад наҳлу як оинавор ояд.
Пур аст ин дашт аз сомони наҳчири таманноят,
Ҷунунтозе, ки сайди лоғари мо ҳам ба кор ояд.
Ба сози мо набояд беш аз ин афсурдагӣ бастан,
Хироме, този ҳар гоми ту мизробе ба тор ояд.
Шукуфтан баски дорад ошён дар ҳар буни мӯят,
Табассум гар ба лаб дуздӣ, чаманҳо дар фишор ояд.
Надорад мавҷ бе васли гуҳар уммеди ҷамъият,
Ҳамоғӯшат баровам, то канорам дар канор ояд.
Ба барқи интизорам мегудозад шавқи дидоре,
Таҳайюр медиҳам об, эй Худо, дидан ба бор ояд.
Фалак ҳарчанд дар хоки адам резад ғуборамро,
Саҳар гул чинад аз ҷайбам, даме, к-он шаҳсавор ояд.
Чаман тамҳиди ҳайратрафта буд аз чашми муштоқон,
Кунун гулчини чандин наргисистон интизор ояд.
Шаб омад бар сари даврон, сияҳ шуд рӯзи маҳҷурон,
Худовандо, кай он хуршеди ғурбатихтиёр ояд!
Ҳазор оина аз дасти дуоям мекашад сайқал,
Ки, ё раб, он парирӯ бо мани Бедил дучор ояд!

Моро ба дари дил адаби ҳечкасӣ бурд.
Тимсол дар оина раҳ аз бенафасӣ бурд.
З-ин дашти ҳавас миннати селе накашидем,
Хору хаси моро араки шарми хасӣ бурд.
Бегонаи ишқем, зи шуғли ҳавасе чанд
Оби рухи анқони моро магасӣ бурд.
Фарёд, ки маҳмилкаши як нола нагаштем,
Дил хун шуду дар хок ғубори ҷарасӣ бурд.
Даври ҳама чун субҳа яке кард тасалсул,
З-ин қофилаҳо пешупасӣ пешупасӣ бурд.
Охир паи таҳқиқ ба ҷое нарасондам,
Берунам аз ин дашт иқоматҳавасӣ бурд.
Дил низ нашуд чун нафасам доми тасаллӣ,
Ҷамъияти болам аламӣ бекафасӣ бурд.
Бедил, самари боғи камолам, чӣ тавон кард?
Пеш аз ҳама дар хок маро пешрасӣ бурд.

Чу шамъ аз узв-узвам огаҳӣ саршор мегардад.
Ба ҳар ҷо по занам, оинае бедор мегардад.
Надорад нолаи ман эҳтиёҷи лаб кушудаҳо.
Ду ангуште, ки аз ҳам во кунам, минқор мегардад
Чу мавҷи гавҳар аз ҷамъияти ҳолам чӣ мепурсӣ?
Ҷунунҳо мекунам, то лағзише ҳамвор мегардад.
Ба ранги шӯълаи ҷаввола рабте бо вафо дорам.
Ки гар ранге ба гардиш оварам, зуннор мегардад.
Кафи пои ҳинобанди кӣ шӯронид хокамро,
Ки дасти қудрат аз таъмири ман бекор мегардад.
Гули ранге, ки ман мепарварам дар ҷайби уммедаш.
Чаман меболаду бар гирди он дастор мегардад.
Димоғи бода аз сайри чаман мустағнияш дорад.
Зи як соғар, ки дар сар мекашад, гулзор мегардад.
Зи иқболи ҷаҳон бигзар, мабод аз шавқ вомонӣ.
Дар ин ибратсаро пеш омадан девор мегардад.
Маҷин бар хеш ҷандоне, ки фитрат бо ҷунун ҷӯшад.
Бино чун пур баланд афтад, сари меъмор мегардад.
Фалак, к-аз норасоиҳо гум аст оғозу анҷомаш.
Ба як по гирди пои хуфта чун паргор мегардад.
Талоши ризқ дорӣ, дасти барҳамсуда сомон кун.
Дар ин вайрона з-ин даст осиё бисёр мегардад.
Ба арзи эҳтиёҷ озори табъи кас мадеҳ, Бедил.
Нафас чун бо ғараз ҷӯшид, гуфтан бор мегардад.

Ҳарчанд дил аз васл қадаҳнӯш набошад,
Раҳме, ки зи ёди ту фаромӯш набошад.
Ҳарфе, ки бувад бе асари сози дуоят,
Ё раб, ба забон н-ояду дар гӯш набошад.
Ҷое, ки ба гардиш занад андози нигоҳат,
Чандон ки назар кор кунад, ҳуш набошад.
Он ҷо, ки адаб қобили дидорпарастист,
Во кардани мижгон кам аз оғӯш набошад.
Дар дайри муҳаббат, ки адаб оинадор аст,
Хомӯш беҳ он шуъла, ки хомӯш набошад.
Гӯянд, ба саҳрои қиёмат саҳаре ҳаст,
Ё раб, ки ҷуз он субҳи баногӯш набошад.
Халқест хиҷолаткаши махмуриву мастӣ,
Ин хумкадаро ғайри арақ ҷӯш набошад.
Сар то қадами вазъи ҳубоб аст ҳамидан,
Ҳаммоли нафас ҷуз ба ҷунун дӯш набошад.
Бедил, чӣ хаёл аст камоли ту нуҳуфтан?
Оинаи хуршед намадпӯш набошад.

Пур муфлисам, ба ман чӣ наво метавон расонд?
Ҷое нарафтаам, ки дуо метавон расонд.
Дурам зи васли ёру ба худ ҳам намерасам,
Ёрон, маро дигар ба куҷо метавон расонд?
Пӯшида нест он ҳама гарди суроғи ман,
Чашме чу обила таҳи по метавон расонд.
Ёр аз назар чу мисраи барҷаста меравад,
Фурсат бадеҳаҷӯст, маро метавон расонд.
Эй соқинони майкада, ҷанги тараҳҳум аст,
Моро агар ба хонаи мо метавон расонд.
Нақши хаёли олами об аст хубу зишт,
К-аз як арақ димоғи ҳаё метавон расонд.
Шому саҳар камингаҳи ҳусни иҷобат аст,
Оинае ба дасти дуо метавон расонд.
Дар оламе, ки забти нафас роҳбар шавад,
Бе марг бандаро ба Худо метавон расонд.
Бемағзии ҳавас алами ҷоҳ мекашад,
Мактуби устухон ба ҳумо метавон расонд.
Пай кардааст гум ба чаман хуни бедилон,
Обе ба боғбони ҳино метавон расонд.
Гул дар бағал ба ёди ҷамоли ту хуфтаем,
Аз хоки мо чаман ба ҷило метавон расонд.
Мо булфузули масҷиду майхона нестем,
Ин як димоғ дар ҳама ҷо метавон расонд.
Аҳде набастаем ба фурсат дар ин чаман,
Аз мо саломи гул ба вафо метавон расонд.
Бедил, димоғи нози фалак пур баланд нест,
Гарди худ андаке ба ҳаво метавон расонд.

Эй субҳ, гарди нози ту аз корвони кист?
Бар хеш чидани ту матои дукони кист?
Он ҷо, ки фурсати ману мо тири ҷастаест,
Тарсам, нафас кашиву надонӣ камони кист?
Сар барнаёварӣ чу гуҳар аз суҷуди ҷайб,
Гар маҳрамат кунанд, ки дил остони кист?
Доғам зи дасти беасариҳои оҳи хеш,
Ин оташи фусурда, чӣ гӯям, ба ҷони кист?
Хун шуд баҳори ҳасрату ранге бурун надод,
Субҳи муроди мо нафаси нотавони кист?
Булбул ба нола бӯи чаманро муфассир аст,
Ё раб, забони накҳати гул тарҷумони кист?
Умрест гардише нагирифтаст доманам,
Ранги таҳайюр оиназабти инони кист?
Ҳар ҷо навои замзамаи ёр бишнавӣ,
Эй орзу, бинолу магӯ достони кист?
Гар ҳарфи ғунчаи ту уруҷи баҳор нест,
Чандин саҳар табассуми гул нардбони кист?
Он ҷо, ки ҷилва муштарии имтиҳон шавад,
Арзи матои ҳавсала ҷинси дукони кист?
Бедил, зи вазъи хомушии ғунча сӯхтам,
Ин бӯсасанҷ гулшани фикри даҳони кист?

Бори мо умрест дӯши чашми ҳайрон мекашад.
Маҳмили аҷзи мо чун шамъ мижгон мекашад.
Нотавонон, мугтанам дорад вазъи очизӣ,
К-аз ғурури тоқат осудан ба чавлон мекашад.
Мо, заифон, он қадарҳо заҳмати ёрон наем,
Соя боре дорад, аммо ҳар кас осон мекашад.
Ҳеч кас дар мазраи имкон қаноатпеша нест,
Гар ҳама гандум бувад, ҳамёзаи нон мекашад.
Сулҳу чанги арсаи ғафлат тамошокарданист.
Тир дар кеш асту халқ аз сина пайкон мекашад.
Дурии унс аст истеъдоди лаззатхои даҳр.
Тифл мебуррад зи шир он дам, ки дандон мекашад.
Илтифоти ранги имкон як қалам олудагист.
Муфти наққоше, к-аз ин тасвир домон мекашад.
Ваҳшатоҳангӣ, зи фикри хеш берун о, ки шамъ
То зи домани по кашад, сар аз гиребон мекашад.
Маҳви ӯро ҳар сари мӯ, як ҷаҳон болидан аст.
Гоҳи ҳайрат доғам аз кадде, ки мижгон мекашад.
Меравам аз хешу чуз ҳайрат далели чаҳд нест,
Ваҳшатам дар хонаи оина майдон мекашад.
Ҷисм агар шуд хок, Бедил, рафъи авҳоми дуист.
Шахс аз оина гум кардан чӣ нуқсон мекашад?

Биё, эй шуъла, то дил фоли васле аз ту бардорад,
Ки ин шамъи хамўш имшаб нигохе дар сафар дорад.
Тамошогоҳи маъдумӣ зи ман чидаст сомоне,
Ки ҳар кас чашм мепўшад зи худ, бар ман назар дорад.
Ба дўши ҳар нафас аз дилгаронӣ маҳмиле дорам,
Магар саъйи шарар ин кўҳро аз хок бардорад.
Ба бўи муждаи васлат дил аз худ рафтааст, аммо
Чунон номи ту мепурсад, ки пиндорам, хабар дорад.
Начўшад миннати ғайр аз адои муддаои ман,
Нигоҳи ноламактуби ман аз худ номабар дорад.
Ба навмедӣ ҳавасовораи сад гулшан уммедам,
Ману вомондапарвозе, ки дар ҳар ранг пар дорад.
Ба ҳам часпидани мижгон ба кунҷи фақр мегўяд,
Ки най ҳарчанд сарфи бўрё гардад, шакар дорад.
Ту аз кайфияти иқболи фақр огаҳ най, варна
Тилисми бедарӣ аз ҳар тараф оянд, дар дорад.
Баҳори чилва аз каф меравад, фурсат ғанимат дон,
Агар ранг асту гар бў, домани гул бар камар дорад.
Нигаҳ дар чашми оҳу нола шуд аз рашки қурбонӣ,
Ки теғаш гар кунад раҳме, шаби мо ҳам саҳар дорад.
Навои қумриву булбул мукаррар шуд дар ин гулшан,
Ту акнун нола кун, Бедил, ки оҳангат асар дорад.

Табъи доно аламӣ даҳр муқаддар накунад.
Гард бар рӯи гуҳар он ҳама лангар накунад.
Медиҳад оқибати кор ҳасад сина ба захм.
Бадрагӣ то ба куҷо такя ба ништар накунад?
Дар харобот шаётинимасабон бисёранд,
Духтари раз чалабе нест, ки шавҳар накунад.
Безарӣ мумтаҳани ҷавҳари инсонӣ нест,
Одам он аст, ки молу ҳашамаш хар накунад.
Шишаи ҳирс ба саҳбои қаноат пур кун,
К-аз тунукҳавсалагӣ нола ба соғар накунад.
Маҷлисорои ҳавас бо ту ҳисобе дорад,
То насӯзад дилат, оройиши миҷмар накунад.
Ба нигоҳе чу шарар кони пайдоӣ бош,
То туро дар назари халқ мукаррар накунад.
Шабнами гулшани эҷод хиҷолат дорад,
Субҳи тасвир баро, то нафасат тар накунад.
Ба хаёле натавон ғарраи таҳқиқ шудан,
Гар ҳама ҳусн дамад, оина бовар накунад.
Шавқи дил ҳасрати гулзори ҳузуре дорад,
Ҳамчу товус чаро оина дафтар накунад?
Хоки даргоҳи мазаллат зи чӣ иксир кам аст?
Кимиё, гӯ, миси беқадри маро зар накунад.
Ишваи улфати дунё нахарад Бедили мо,
Нақд дилбохта савдои муҳаққар накунад.

Нигаҳ дар шубҳаи таҳқиқи ман маъзур мебошад,
Саробоинаам, оинаи ман дур мебошад.
Ману сози дукони худфурӯшиҳо? Чӣ ҳарф аст ин?!
Ҷунуни ин фузулӣ дар сари Мансур мебошад.
Азобе нест, гар аз хонапардозӣ буруи ой,
Ҷаҳоне аз ғами тоқу саро дар гӯр мебошад.
Чӣ орад огаҳӣ ғайр аз қадаҳпаймоии ҳоҷат?
Ба қадри чашмвокардан нигаҳ махмур мебошад.
Маоши чоҳ бе очизкушӣ сурат намебандад,
Бароти ризқи шоҳон бар даҳони мӯр мебошад.
Илочи хор-хори хирс мумкин нест ҷуз мурдан,
Кафан ин захмҳоро марҳами кофур мебошад.
Ҳазар аз гӯшаи чашме, к-аз ин ёрон тамаъ дорӣ,
Нигоҳ ин ҷо чароғи хонаи занбӯр мебошад.
Суроғи як нигоҳи ошно аз кас намеёбам,
Ҷаҳон чун наргисистон бе ту шаҳри кӯр мебошад.
Дар он водӣ, ки ман дорам ҷунуни шӯълапарвозӣ,
Агар анқост, мӯҳтоҷи пари усфур мебошад.
Таранге нест, к-аз шавкат напечад дар димоғи ман,
Сари ушшоқ чиниконаи Фағфур мебошад.
Надорад сози ин кӯҳсор ҷуз хомӯшӣ оҳанге,
Зи Мӯсо пурс овозе, ки шамъи Тӯр мебошад.
Хароботи яқин фарқе надорад зарфу мазруфаш,
Маю мино ҳамон як донаи ангур мебошад.
Иборат чист ғайр аз иктизои шӯхии маънӣ,
Парӣ то нест пайдо, шиша ҳам мастур мебошад.
Сиёҳӣ рехт бар ойнаи идроки мо, Бедил,
Чароғи маҳфили таҳқиқро ин нур мебошад.

Зиндагонӣ дар ҷигар хор асту дар по сӯзан аст,
То нафас бокист, дар пироҳани мо сӯзан аст.
Сар ба сад кисват фурӯ бурдему урёнӣ бақост,
Ваъзи расвос, ки мо дорем, гӯё сӯзан аст.
Моҷарои ишқу мижгон то куҷо гирад карор?
Мо саросар обила, олам саропо сӯзан аст.
Мекашад сарриштаи хори гурур охир ба ачз,
Гар ҳама имрӯз шамшер аст, фардо сӯзан аст.
Заҳмати тадбир беш аз кулфати вомондагист,
Захми хори ин биёбонро мудово сӯзан аст.
Ҷомаи озодӣ осон нест бар худ дӯхтан,
Сарвро з-ин орзӯ дар ҷумла аъзо сӯзан аст.
Нотавонон ногузири улфати якдигаранд,
Бетакаллуф риштаро гар хаст ҳамто, сӯзан аст.
Табъи саркаш аз заифӣ сотири аҳволи мост,
Ҳанҷари котил ҳамон дар логариҳо сӯзан аст.
Халке аз ваъзи ҷунуни мо ба ибрат дӯхт чашм,
Ҳар куҷо гул мекунад урёнии мо, сӯзан аст.
Тарки ҳастӣ гиру беруи о зи ташвиши амал,
Варна яксар ришта бояд тофтан, то сӯзан аст.
Лофи озодист, Бедил, тӯҳмати воростагон,
Шӯхии номи таҷарруд бар Масеҳо сӯзан аст.

Ҳам дар эчод шикасте ба дилам по задааст,
Нафаси шишагарам санг ба мино задааст.
Роҳи хобида ба бедории ман мегирад,
Ҳар кӣ з-ин дашт гузаштаст, ба ман по задааст.
Ҳусни якто чӣ чунун дошт, ки аз нанги дуӣ
Хост бар санг занад оина, бар мо задааст,
Нест як катраи бе мавч саропои муҳит,
Чавҳари кул ҳама бар шӯхии ачзо задааст.
Эй саҳар, забти инонe, ки аз он тарзи хиром
Гарди мо ҳам кадаҳи ноз дуболо задааст.
Ҳар нигаҳ ранги хароботи дигар мерезад,
Кас надонист, ки он чашм чӣ саҳбо задааст?
Дил нашуд барги тараб, варна сари хулд кӣ дошт?
Бедимоғӣ пари товус ба сарҳо задааст.
З-ин бурудаткада ҳар нағма, ки бар гӯш хӯрад,
Шӯри дандони баҳамхӯрдаи сармозада аст.
Кас нарафтӣ ба адам, ҳастӣ агар чо медошт,
Халк аз тангии ин хона ба саҳро задааст.
Бигзар аз пешу паси кофилаи хомӯшӣ,
Ду лаби мо ду кадам буд, ки як чо задааст.
Бедил, аз чарғаҳи авҳом бадар зан, к-ин чо
Оламе лофи хирад дораду савдозада аст.

Иҷобате надамид аз дуои кас ба ду даст,
Магар сабӯ шиканад гардани асас ба ду даст.
Зи аҷз сохтаам бо ҳавои олами пуч,
Ману диле, ки чу дандон гирифт хас ба ду даст.
Зи рамзи ҳайрати оина ҳуси гофил нест,
Ситодаам зи дили сода мултамас ба ду даст.
Ду барги гул зи саропои ман чунин дорад,
Кашидаам суи худ доманат зибас ба ду даст.
Чу субҳ меравам аз домгоҳи улфати ваҳм
Зи гарди боли парешон ҳамон кафас ба ду даст.
Ба гӯши дил натавон зад навои сози раҳил,
Чу нока гар ҳама барбандияш ҷарас ба ду даст.
Ҳавас намебарад аз халқ нанги урёнӣ,
Ту ҳам бипӯш даме чанд пешу пас ба ду даст.
Ба дастгоҳи ҷаҳони ғурур поза гир,
Маҷасп ҳарза бар ин домани ҳавас ба ду даст.
Ишора мекунад аз нанги эҳтиёҷ ба гӯр
Ба гоҳи ҷӯй замин кандани фарас ба ду даст.
Мабод ҷайби қиёмат дарад тазаллуми дил,
Гирифтаем чу лаб домани нафас ба ду даст.
Маоли кӯшиши имкон надомат аст ин ҷо,
Набурд пеш ҷуз афсӯс ҳеч кас ба ду даст.
Дар ин ситамкада боли ҳавас мазан, Бедил,
Нигоҳ дор сари хеш чун магас ба ду даст.

Чӣ хуш аст, агар бувад он кадар ҳаваси баландии манзарат,
Ки бар он макон чу кадам ниҳӣ, ҳами гардише нахурад сар[illegible]
Ба дурӯза мӯҳлати ин кафас дилат ошёнаи сад ҳавас,
Най огаҳ аз тапиши нафас, ки чӣ байза мешиканад парат.
Чу гул аз табиати бенишон ба хаёл доштӣ ошён,
Ба бараҳнагӣ задӣ ин замон, ки дамид пираҳан аз барат.
Чу ҳубоб гайри либоси ту, чӣ таваккуву чӣ ҳароси ту?
На ту мониву на киёси ту, чу кашанд чома зи пайкарат.
На уручи нагмаи кудратӣ, на димоги нашъаи фитратӣ,
Чу губор вонзи ибративу ҳавост пояи минбарат.
Ҳама чост чодаи печише, ҳамарост хичлати гардише,
Ту чунон марав, ки зи лагзише ба качӣ занад хати мистарат.
Ба димоги афшураи инаб мапусанд ин ҳама тобу таб,
Ки зи сайри анчумани адаб фиканад ба олами дигарат.
Зи фусуни мутрибу чанги он макаш он кадар асари фигон,
Ки ба фаҳми нолаи очизон кунад илтифоти ҳавас карат.
Гами кадри беҳуда хӯрдане? Ҳама сакта дораду мурдане.
Ҳазар аз балои фусурдане, ки расад зи мансаби гавҳарат.
Талабе гар аз ту ба чо расад, ба сар ӯфтад, чу ба по расад.
Сари орзӯ ба кучо расад зи димоги обила соғарат?
Зи саводи нусхаи хушку тар ба каломи Бедили мо нигар,
Ки ба ҳайрати чамани асар шавад оби оина раҳбарат.

Дар тарики рафтан аз худ рахбаре даркор нест
Вахшати наззораро болу паре даркор нест.
Киштии тадбири мо тӯфонии ҳукми қазост,
Ҷуз дами таслим ин ҷо лангаре даркор нест.
Ҳар сари мӯ баҳри ғафлатпеша болини пар аст,
Аз барои хоби махмал бистаре даркор нест.
Мебарад чун гирдбод аз хеш саргардониям,
Сарҳуши дашти ҷунунро соғаре даркор нест.
Дар наёми ҳар нафас теғи дудам хобидааст,
Чун саҳар дар катьи ҳастӣ ханҷаре даркор нест.
Мушти хоки мо саропо фарши таъзим асту бас,
Саҷдаи моро ҷабиневу саре даркор нест.
Ҷӯши хун нозукдилонро пӯст бар тан медарад,
Аз заифӣ бар раги гул маштаре даркор нест.
Хешро аз дидан худбинӣ худ пӯшидан аст,
Эҳтиёти мо барои дигаре даркор нест.
Фикри марказ дар тарики факр сози гумраҳист,
Нафс дар фармон агар бошад, харе даркор нест.
Истиқомат бас бувад арбоби ҳимматро камол,
Баҳри теғи кӯҳ, Бедил, ҷавҳаре даркор нест.

Кунун, ки муждаи дидор шавқбунёд аст,
Ба ҳар тараф, ки равам, дил таҷаллиобод аст.
Макун ба оина таклифи номаву пайғом,
Ки дар ҳузурнависӣ таҳаюрустод аст.
Тааллуқе ба дили мо хаёли реша накард,
Ба новакат, ки дар ин боғ сарв озод аст.
Машав зи ҳасрати дидор беш аз ин ғофил,
Ки дидаҳо чу ҷарас бе ту шеванобод аст.
На дом донаму не дона, ин қадар донам,
Ки дил ба ҳар чӣ кашад, илтифоти сайёд аст.
Зи печу тоби хату зулфи гулрухон дарёб,
Ки ранги ҳусн ҳам ин ҷо шикастбунёд аст.
Сипанд сарфаи шӯхӣ надид аз ин маҳфил,
Ҳазар, ки ҷуръати фарёд сурмаэҷод аст.
Ҷунуни бесамарӣ чоки сина мехоҳад,
Зи нахлҳои дигар боби шона шамшод аст.
Зибаски ҳайратам аз шаш ҷиҳат гулӯ дорад,
Нигаҳ чу оинаам дар шиканҷи фӯлод аст.
Ба оламе, ки тазаллум василаи зуафост,
Агар ба нола наарзем, сахт бедод аст.
Ба қадри ҷонканӣ аз умр баҳрае дорем,
Шарори теша чароғи умеди Фарҳод аст.
Ба дарди ҳасрати дидор мурдаему ҳанӯз
Нафас дар оина дунболадори фарёд аст.
Ҳузури лолаву гул бе баҳор мумкин нест,
Ба ҷилваи ту ду олам фаромушӣ ёд аст.
Ҷунуни ранг мапаймо дар ин чаман, Бедил,
Шароби шишаи нуҳ ғунча як паризод аст!

Шабам оҳе зи дил дар ҳасрати қотил бурун омад.
Сиришк аз дида болафшонтар аз бисмил бурун омад.
Чӣ созад ақли мискин, гар напӯшад кисвати Маҷнун.
Ки Лайлӣ ҳар куҷо бепарда шуд, маҳмил бурун омад.
Надорад сарфаи иззат мақоми худ нафаҳмидан.
Сухан сад пешпо хӯрд аз забон, к-аз дил бурун омад.
Ба доғи фавти фурсат сӯхтан ҳам оламе дорад.
Чароғон кард он парвона, к-аз маҳфил бурун омад.
Суроғи офият гум буд дар ваҳшатгаҳи имкон.
Талаб аз обила фоле заду манзил бурун омад.
Раҳоӣ нест аз ҳастӣ ба ғайр аз хок гардидан.
Аз ин дарёи ибрат ҳар кӣ шуд соҳил, бурун омад.
Ба кӯшиш рабт натвон дод аҷзои ҳавоиро.
Дил аз худ ҷамъ кардан уқдаи мушкил бурун омад.
Надорад ҳусни яктой зи ҷайби ғайр ҷӯшидан.
Ҳақ аз ҳақ ҷилвагар шуд, ботил аз ботил бурун омад.
Димоғи хоксорӣ ҳам уруҷи нашъае дорад.
Ман умеде дамондам, то ниҳол аз гил бурун омад.
Кӣ дорад тоқати ҳамчашмии зарфи ҳубоби ман?
Муҳит аз худ тиҳӣ гардид, то Бедил бурун омад.

Саркашӣ мехостам, азпонишастан даррасид.
Шуълаҳо овоз медодам, ки хокистар расид.
Хешро як пар задан дарёбу муфти чаҳд гир.
Зиндагӣ барқ аст, натвонӣ ба худ дигар расид.
Бадр меболад маҳи нав аз камини костан.
Фарбеҳӣ моро зи роҳи паҳлуи лоғар расид.
Норасиданмаҳмили оворагисарманзилем,
Даргузашт аз олами мо, ҳар кӣ ҳар ҷо даррасид.
Дастгоҳи мову ман по дар рикоби барқ дошт.
То ба парвозе расам, оташ ба болу пар расид.
То нафас ҷунбид бар худ, эҳтиёҷ омад ба ҷӯш.
Як тапидан соз кард, ин раг ба сад ништар расид.
Бенасиб аз байъати мастони ин маҳфил наям,
Дасти ман бӯсид, пои ҳар кӣ то соғар расид.
Матлае сар зад зи фикрам дар камингоҳи хаёл,
Бехабар рафтам зи худ, пиндоштам, дилбар расид.
Кош ҳамчун соя дар зангор мекардам ватан,
Об бурд оинаамро, то ба равшангар расид.
Гиряи ман аз таназзулҳои осори ҳаёст,
Он арақ, к-аз ҷабҳаам гум шуд, ба чашми тар расид.
Безабониҳои Бедил оламеро доғ кард.
Аз хамӯшӣ барқи ин оташ ба хушку тар расид.

Мактуби ман ба ҳар кӣ барад, бод мебарад.
То ёди кас расиданам аз ёд мебарад.
Парвози ранги ман агар овад ба имтиҳон,
Мойи шикасти ҳомаи Беҳзод мебарад.
Дар дайр по бар оташам, аз Каъба сар ба санг,
Дигар кучоям ин дили ношод мебарад?
Аз ҳарфу савт чавҳари таҳқиқ рафта гир,
Онка, то нафас задай, бод мебарад.
Ин пайкаре, ки тешаи тадбири чонканист,
Моро ҳамон ба турбати Фарҳод мебарад.
То гардe аз хироми ту боғи тасаввур аст,
Шавқ аз худам ба сояи шамшод мебарад.
Як мавч агар инон гусилад сели гирям,
Аз хоки Ҳинд Дачла ба Бағдод мебарад.
Ҳарчанд дил зи шарми хаёлат арақ кунад,
Як шишахона арзи паризод мебарад.
Дар оташам фикан, ки сипанди фусурдаам,
То сурма нест, заҳмати фарёд мебарад.
Бедил, бинол, варна дар ин домгоҳи яъс
Хомӯшият зи хотири сайёд мебарад.

Ҳастӣ чу субҳ қобили забти нафас магир.
Парвоз паркушост, ту чоки қафас магир.
Таслим бош, бо ғами хайру шарат чӣ кор?
Худро ба кори ишқ фузули ҳавас магир.
Бе интизор дар ҳаќи неъмат ситам макун,
Яъне таматтӯъ аз самари зудрас магир.
Тамкинхироми қофилаи эътибор бош,
Дил бар ҳаво манеҳ, пайи садти ҷарас магир.
Тарсам, ба худ зи нанг гирифтан фурӯ равӣ,
Зинҳор, аз тамаъ чу нигин номи кас магир.
Дар паллаи тарозуи инсоф майл нест,
Эй навбаҳори адл, ками хору хас магир!
Оина поймоли тағофул қиёмат аст,
Тимсол аз ҳузури ту дорем, пас магир.
Анқо ҳазор ранг парафшони қудрат аст,
Гар маҳрамӣ, қалоғ ба боли магас магир.
Бедил, ба ин кудурат агар сози зиндагист,
Оина гар шавӣ, сари роҳи нафас магир.

Аввал дили ситамзада қатъи умед кард.
Охир шикасти чинии ман мӯ сафед кард.
Мелағзад аз нафас дами тақрирэҳтиёч.
Дасти тиҳӣ забони маро барги бед кард.
Бахти сиёҳ агар баладӣ эътиборхост.
Худро ба ҳеҷ оина натвон сафед кард.
Тадбири зуҳд мояи ташвиши кас мабод.
Собуни хушк ҷомаи моро палид кард.
То ашк рабти субҳаи анфос нагсилад.
Пирӣ маро ба ҳалқаи қомат мурид кард.
Чун ноли хома то дамад аз мағзи устухон.
Фикрам дар офтоби қиёмат қадид кард.
Аз қабзу басти ҳайрати оинаам мапурс.
Қуфле задам ба хона, ки нози калид кард.
Дорад расонии мижаи хун ба гарданаш
Баргаштане, ки он суи ҳашрам шаҳид кард.
Бедил, ту ҳам ба завқи хаташ сина чок зан.
К-ин шом нодамида маро субҳи ид кард.

Шӯхии андози чуръатхо заифонро балост,
Ҷунбиши хеш аз барои ашк селоби фаност.
Охир аз сарви ту шӯри кумрии мо шуд баланд,
Ҷилваи болобаландон хоксоронро асост.
Ин қадар, к-аз бекасӣ мамнуни эҳсони гамем,
Бар сари мо хок агар дасте кашад, боли ҳумост.
Арзи ҳоли бедилонро гуфтугӯ даркор нест,
Гардиши чашми таҳайюр ҳам адои муддаост.
Васл меҳоҳӣ, видои шӯхии наззора кун,
Ҷилва ин ҷо маҳви огӯши нигоҳи норасост.
Бе адаб натвон ба рӯи нозанинон тохтан,
Пои хатти анбаринаш сар ба домони ҳаёст.
Эътибори мо зи ранги чеҳраи мо равшан аст,
Сурхрӯ будан ба базми гулрухон кори ҳиност.
Аз варақгардонии вазъи ҷаҳон гофил мабош,
Субҳу шоми ин гулистон инқилоби рангҳост.
Ваҳми ҳастиро ривоҷ аз содагиҳои дил аст,
Акс аз оина ишратхонаи нашвунумост.
Баҳрае аз сози дарди беновой бурдаам,
Чун садои найи шикасти устухонам хушнавост.
Дар заифӣ гар ҳама аҷз аст, натвон пеш бурд,
Чун мижа дасти дуои нотавонон бар қафост.
Бедил, имшаб нест дасти оҳам аз афгон тиҳӣ,
Рӯзгоре шуд, ки ин тор аз заифӣ бесадост.

Субҳ аз дили чоки кӣ дар ин боғ сухан рафт?
К-аз ҷӯши гулу лола қиёмат ба чаман рафт.
Он матлаби ноёб, ки ҳаргиз натавон ёфт,
Домони гуле буд, ки дӯш аз кафи ман рафт.
Бо бахти сияҳ ёди шаби ид надорам,
Ё раб, чӣ ҳумо бар сари ман соябикан рафт?
Гулчинии фурсат чу саҳар зад ба димоғам,
То домани рангам ба шабехуни шикан рафт.
Ҷуз бар рухи ибрат дари фикрам накушуданд,
Ҳар ришта, ки во шуд зи гиребон, ба кафан рафт.
Пирист, ба ҷуз ҳасратам акнун чӣ тавон хӯрд?
Неъмат ҳама об аст, чу дандон зи даҳан рафт.
Эй шамъи саҳар, фурсати парвоз надорем,
Бояд мижа афшонд кунун, болзадан рафт.
Вомондагӣ аз мақсади гумгашта суроғест,
Лаб нақши қадам буд ба ҳар раҳ, ки сухан рафт.
Ҳастӣ аламӣ хиффати мансурии мо дошт,
Бигсехт нафас, кашмакаши дору расан рафт.
Сайқалгари оинаи таҷдид қадим аст,
Натвон ба навӣ ғофил аз ин сози куҳан рафт.
Чун сурати хоб аз ману мо ҳеч надидем,
К-омад ба чӣ ранг омаду рафтан ба чӣ фан рафт.
Бедил, пайи ҳастӣ ба адам мерасад охир,
Ғурбат тақутозест, ки ҳоҳад ба ватан рафт.

Танам зи банди либоси такаллуф озод аст,
Барахнагӣ ба барам хилъати худодод аст.
Накард зиндагиям як дам аз фано ғофил,
Зи худ фаромушии ман ҳамеша дар ёд аст.
Ҳуҷуми шавқ, надонам, чи муддао дорад,
Зи сина то сари кӯят ғубори фарёд аст.
Чӣ нақшаҳо, ки набаст орзӯ ба пардаи шавқ,
Хаёли мӯи миёни ту килки Беҳзод аст.
Машав зи нолаи най ғофил, эй нишотпараст,
Ки шамъи анҷумани умр равшан аз бод аст.
Ҳадиси зуҳд раҳо кун, қаландарӣ омӯз,
Чи ҷои донаи тасбеҳу доми авроą аст?
Сафои сина ғанимат шумору ишрат кун,
Ки кори тирадилон чун ғубор барбод аст.
Зи сояи мижаи ӯ канора гир, эй дил,
Ту хастаболиву ин сабза дасти сайёд аст.
Ғубори ҳастии ман нола медиҳад барбод,
Дигар чи мекунӣ, эй ишқ, вақти имдод аст.
Зи ҳасти хеш мазан дам, ки дар муҳити адаб
Ҳубобро нафаси сарди хеш ҷаллод аст.
Ба қайди ҷисм сабукрӯҳ муттаҳам нашавад,
Шарар агар ҳама дар санг бошад, озод аст.
Наҷот металабӣ, хомушӣ гузин, Бедил,
Ки дар тариқи саломат хамӯшӣ устод аст.

Сад ҳунар дар пардаи дил фарши иқболи сафост.
Бештар дар хонаи оина ҷавҳар бӯрёст.
Саҷдатаълим аст аҷзи норасиҳон шавқ,
Чини кулфат бар ҷабинам нақши меҳроби дуост.
Шамъ дидӣ,
ибрат аз ҳангомаи офоқ гир,
Гарди боли шӯълафарсуде фурӯғи базмҳост.
Давлати шоҳӣ надорад беш аз ин ранги сабот,
К-аз ҳавопарвардагони сояи боли ҳумост.
Марҳамэҷод аст,
гар табъ аз дуруштӣ бигзарад.
Санги ин кӯҳсор чун гардад мулоим, мӯмиёст.
Аз ҳуҷуми ашк дар гарди ситам хобидаам,
Ҷайбу домонам зи ҷӯши ин шаҳидон Карбалост.
Ноларо дар пардаи сози нигаҳ парвардаем,
Мардумак муҳри хамӯшӣ бар забони чашми мост.
Аз ҳаё набвад,
агар оинаат пӯшад намад,
Чашм пӯшидан
зи хубу зишт ташрифи ҳаёст.
Оқибат нақши ду олам пок хоҳад кард ишқ,
Шуъла баҳри хӯрдани хошок яксар иштиҳост.
Даҳр халқеро ба марги ағниё мепарварад,
Як наҳанги мурда ин ҷо баҳри сад моҳӣ ғизост.
Нағмаи мо дар ғубори аҷз тӯфон мекунад,
Мавҷҳоро дар шикасти хеш таҳрири садост.
Қомати пирӣ зи ҳирсат шуд камингоҳи амал,
Варна ҳам гардиданат бар ҳар ду олам пушти пост.
Шеваи хубон аҷаб нузукадо афтодааст,
Шӯхӣ он ҷо то дароколуд мегардад, ҳаёст.
Шоҳаҳо чун субҳ, Бедил, як ҷаҳон ҳамёзаанд,
Бо дили ҷоки кӣ имшаб турраи ӯ ошност?

Ку хилвату чӣ анҷуман? Осори ҷоҳи ӯст.
Ҳар ҷо мижа баланд кунӣ, боргоҳи ӯст.
Дилро бурун зи худ ҳама якгом рафтан аст,
Гар барқи нола нест, нигаҳ шамъи оҳи ӯст.
Иқболи хоксори муҳаббат зи бас расост,
Гарди шикаста низ дар ин раҳ кулоҳи ӯст.
Эй бехабар, зи софдилон эътироз чист?
Зангист, он ки оина рӯзи сиёҳи ӯст.
То роҳи офият сипарӣ, машқи аҷз кун,
Оташ ҳамон шикастани рангаш паноҳи ӯст.
Аз решакории дили ваҳшатсамар мапурс,
Ҳар ҷо зи худ баромадае хаст, оҳи ӯст.
З-ин дам, ки маҳ ба нисбати рӯят муқобил аст,
Борикии ҳилол лаби узрхоҳи ӯст.
Мушкил, ки дил шикебад аз оинадориаш,
Хуршед ҳам зи ҳолапарастони моҳи ӯст.
Ҳасратшаҳидиям ба ҳавас боғ кардааст,
Дар хоку хун сараме, ки надорам, ба роҳи ӯст.
Имшаб иёри ҳасрати Бедил гирифтаем,
Ҳар ашк бӯтае зи гудози нигоҳи ӯст.

Нолаи мо шиквахо имшаб ба бар овардааст.
Нахли мотамнавхае чанде самар овардааст.
Обери решаи хасрат хаёли лаъли кист?
Ҳар мижа сад хӯша сомони гухар овардааст.
Эй мухити ишқ, бар камзарфии дил рахмате,
Об шуд ин қатра, то як чашми тар овардааст.
Хуни моро дастагохи як раги гул хам кучост?
Теги котил ранги вахме дар назар овардааст.
Носехо, захмат макаш, к-аз дашти пуршӯри чунун
Ҳалкаи занчири Мачнун гӯши кар овардааст.
Саркашихо чун ҳилол ин чо ба чуз таслим нест,
То касе теге берун орад, сипар овардааст.
Дарди ишку муждаи рохат? Зиҳӣ фикри мухол!
Ин хабар, ё раб, кадомин бехабар овардааст?
Кист,то созад зи рохи расми хастӣ огахам?
Ишқ хокамро зи сахрои дигар овардааст.
Интизори чилвае доему аз худ меравем,
Норасоӣ зӯр бар мадди назар овардааст.
Тангнои байза, Бедил, гӯшаи ором буд,
Шуд парешон мурғи дил, то болу пар овардааст.

Гунча дар фикри даҳонат гӯшагири хастаест,
Гавҳар аз савдои лаълат сар ба доман бастаест.
Нисбати хосест аҳли ишқро бар чаври хуси,
Захми мову теги нозат абруи пайвастаест.
Чарбу нармӣ дар каломи ошиқон парвардаанд.
Нагмаи минкори мургони ту магзи пистаест.
Нахлбанди гулшанам, ё раб, хаёли рӯи кист?
Ҳар нигаҳ имшаб ба чашмам риштаи гулдастаест.
Баҳри мавзунӣ зи табъам боз тӯфон мекунад.
Ҳар нафас бар лаб чу мавчам мисраи барчастаест.
Бӯи гулро илтифоти гунча зиндон асту бас.
Хун хӯрад дар гӯшагирӣ, ҳар кучо ворастаест.
Саркашон аз кайди доми хоксорӣ фориганд.
Аз камони тавки кумрӣ сарв тири частаест.
Баски ваҳшат маҳмили айши баҳорон мекашад.
Ранг ҳам чун бӯ губори бар замин наншастаест.
Бе балос нест, аз ҳар чо тировад бӯи дард.
Дар никоби пардаи ин созҳо дилхастаест.
Мочарои дил ба изҳори дигар муҳточ нест.
Гӯш агар бошад, нафас ҳам нолаи оҳистаест.
Дардмандӣ лозими дасти тиҳӣ афтодааст.
Шиша то холӣ намегардад, дили нашкастаест.
Баски, Бедил, ваҳшатандуд аст гулзори чаҳон.
Бӯи гул дар дидаам дудӣ зи оташ частаест.

Нафасро улфати дил печу тоб аст,
Гирах дар риштаи мавч аз ҳубоб аст.
Дар ин мафил зи кахти нашъаи дард
Асар лабташнаи ашки кабоб аст.
Даранг аз фурсати хастӣ мачӯед,
Матои барқ дар рахни шитоб аст.
Сафо оинаи зангор дорад,
Фалак дуди чароги офтоб аст.
Ба рӯи хеш агар чашме кунӣ боз,
Замин то осмонат фатҳи боб аст.
Диле дорем назри маҳчабинон,
Диёри ҳуснро оина боб аст.
Зи чашми сурмаолудаш мапурсед,
Забон ин чо чу мижгон бе чавоб аст.
Ҳазор оина дар пардози зулфаш
Зи чавҳар шонаи мижгон дар об аст.
Тамошои чаман бе нашъае нест,
Зи гул то сабза як мавчи шароб аст.
Намедонам, чамоли муддао чист?
Зи хастӣ то адам арзи ниқоб аст.
Камоб аст он қадар дарёи хастӣ,
К-аз ӯ то даст мешӯӣ, сароб аст.
Биёбони талаб бахрест, Бедил,
Ки он чо обила чӯши ҳубоб аст.

Дар ҷаҳони аҷз токатпешагӣ гарданзан аст.
Шамъро аз интиқомат хуни худ дар гардан аст.
Завқи ишрат медиҳад аҷзои ҷамъият ба бод.
Гар ба дилтангӣ бисозад, ғунчаи мо гулшан аст.
Ҳар кӣ рафт аз худ, ба доғи тозаам мумтоз кард.
Оташи ин корвонҳо ҷумла бар ҷони ман аст.
Ҷунбишам аз ҷо барад мушкил, ки ҳамчун Бесутун
Пои хоболуди ман санге гарон дар доман аст.
Пеши пои хеш аз ғафлат намебинам чу шамъ.
Гарчи базми олам аз файзи нигоҳам равшан аст.
Бе риёзат раҳ ба чашми ҳалқ натвон ёфтан,
Дона баъд аз орд гаштан қобили парвезан аст.
Сӯхтам сад ранг, то як доғи роҳат дидаам,
Пайкари афсурдаам хокистари сад гулхан аст.
Ҳамчунон, к-аз шир бошад парвариш атфолро,
Шуълаҳо дар пунбаи доғи дилам парвардан аст.
Ашки Маҷнунам, забони дарди ман фаҳмиданист,
Дар чакиданҳо мижа то доманам як шеван аст.
Меҳри ишқ аз рӯи дилҳо гар барандозад ниқоб,
Ботини ҳар зарра аз чандин тапиш обистан аст.
Ҳар қадар урён шавам, фоли ниқобе мезанам,
Чун шикасти дил ҳуҷуми нолаам пироҳан аст.
Маънии сӯзест, Бедил, сурати осоишам,
Ҷомаи эҳроми оташ пунбаи доғи ман аст.

Ҳа кучо оташе аз ваҳшатам афрӯхтааст.
Барқ дар аввали парвоз нафас сӯхтааст.
Чи хаёл аст, дил аз доғ тасаллӣ гардад.
Ахгаре чашм ба хокистари худ дӯхтааст.
Лофро оинапардози муҳаббат макунед,
Ба нафас ҳеҷ кас ин шуъла наафрӯхтааст.
Натавон маҳрами таҳқиқ шуд аз илму амал,
Вазъҳо сохтаву мову ман омӯхтааст.
Поси асрори муҳаббат ба ҳавас н-ояд рост,
Шамъ бар кашкаву зуннор чиҳо сӯхтааст?
Эй нафасмоя, дукондории ғафлат то чанд?
Осмон ҷинси саломат ба ту нафрӯхтааст.
Аз қумоши баду неки ду ҷаҳон бехабарем,
Чун ҳаё пираҳани мо назари дӯхта аст.
Заррае нест, ки хуршеднамоӣ накунад,
Гарди роҳат чи қадар оина андӯхтааст.
Гар на Бедил сабақ аз мактаби Маҷнун дорад,
Ин қадар чоки гиребон зи кӣ омӯхтааст?

Хандаам субҳе ба сад чоки гиребон ошност,
Гиря селобе ба чандин дашту домон ошност.
Соамро метавон чун зулфи хубон шона кард,
Баски табъи ман ба сад фикри парешон ошност.
Дастам аз дил барнамедорад гудози орзу,
Сел умре шуд, ки бо ин хонавайрон ошност.
Аз фусуни носеҳон бар хеш меларзам чу об,
Як тани урёни ман бо сад зимистон ошност.
Ҷаври ҳусну сабри ошиқ тавъами якдигаранд,
Бо хаданги ӯ дили ман ҳамчу пайкон ошност.
Дургарди васлам, аммо дар тамошогоҳи шавқ
Бо дилам тири нигоҳаш то ба мижгон ошност.
Нестам огаҳ, чи гул мечинам аз боғи ҷунун,
Ин қадар донам, ки дастам бо гиребон ошност.
Ҳеҷ кас дар боргоҳи огаҳӣ мардуд нест,
Софии оина бо габру мусулмон ошност.
Ғарқи дил шав, то ба асрори ҳақиқат вораси,
Қаъри ин дарё ҳамин бо ғӯтахорон ошност.
Мо, ҷунункорон, зи тоқат як қалам бегонаем,
Сахтҷонӣ бо дили саброзмоён ошност.
Базми васлу ҳастии ошиқ хаёле беш нест,
Қатра, даст аз худ бишӯ, ҳарчанд тӯфон ошност.
Бедил, ин маҳфил ниҳон дар гиряи шамъ асту бас,
Доғи он захмам, ки бо лабҳои хандон ошност.

Сиришкам нусхаи девонаи кист?
Ҷигар оинадори шонаи кист?
Ҷунун меҷўшад аз тарзи каломам,
Забонам лағзиши мастонаи кист?
Дилам гар нест фонуси хаёлат,
Нафас болу пари парвонаи кист?
Зи худ рафтам, вале бўе набурдам;
Ки рангам гардиши паймонаи кист?
Хамўшӣ нола мегардад, мапурсед,
Ки он ноошно бегонаи кист?
Надорад мазраи имкон дамидан,
Табассум обёри донаи кист?
Шуурам ранг гардонд, аз кӣ пурсам?
Зи худ рафтан раҳи кошонаи кист?
Гудози дил, ки сели хонумонхост,
Аракпарвардаи девонаи кист?
Наёвардем мижгоне фароҳам,
Намакпоши ҷигар афсонаи кист?
Дили ошиқ ба истиғно наарзад,
Хамўшӣ вазъи густохонаи кист?
Ба пирӣ ҳам нафаҳмидем, афсўс,
Ки дунё бозии тифлонаи кист
Ба дайру каъба корат чист, Бедил?
Агар фаҳмидаӣ, дил хонаи кист?

**Абдулкодири Бедил**
**Осор**
**(Ғазалиёт, чилди 4)**

Рассом **В.Безушко**
Муҳаррири ороиш **А.Муҳаммадиев**
Муҳаррири саҳифабандӣ **М.Саидова**
Чопи компутерии **Ш.Мирзоева**
Мусаҳҳеҳ **Ш.Сангинмуродов**

Ба матбаа 07.07.2004 таҳвил гардид. Ба чопаш 30.09.2004 имзо шуд. Андозаи 70x108 1/32. Коғази офсетӣ. Ҳуруфи адабӣ. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 16,0. Адади нашр 1000 нусха. Супориши №24.

Нашриёти «Адиб», 734025, Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 37.

734018, ш.Душанбе, ҶММ «Азия-2003»